ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 892.7.09 (81.2 (2Т))

ҚАЛАНДАРЗОДА САРАБЕК ДАВЛАТЁР

НАҚШИ ВАО ДАР ИНЪИКОСИ РАВОБИТИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ВА МАМОЛИКИ АРАБЗАБОНИ ХАЛИҶИ ФОРС (ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ, ҚАТАР ВА АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ)

(Ҳимояи такрорӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои филологӣ, профессор

Муқимов Муҳамадӣ Аминович

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4

МУҚАДДИМА…….....5-16

БОБИ I. РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС.....17-75

1.1. Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир 19-44

1.2. Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб.....44-75

БОБИ II. ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОНУ КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР АГЕНТИҲОИ ИТТИЛООТИИ КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС.....76-151

2.1. Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ.....79-98

2.2. Баррасии масоили муносибатҳои дуҷониба дар Агентии иттилоотии Қатар.....99-122

2.3. Нақши Агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон.....121-151

БОБИ III. МАВҚЕИ ВАО-И ТОҶИКИСТОН ДАР БОЗТОБИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБА БО КИШВАРҲОИ АРАБ.....152-251

3.1. Таҳлили мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар».....153-196

3.2. Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс».....196-228

3.3. Таҳлили таносубии маводди сомонаи «Pressa.tj».....228-251

БОБИ IV. ВИЖАГИҲОИ ЖАНРИИ МАВОДДИ ВАО МАРБУТ БА МУНОСИБАТҲОИ ДУТАРАФАИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС.....252-303

4.1. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ.....254-283

4.2. Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо.....283-303

ХУЛОСА.....304-309

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....310-311

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....312-365

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АИ – Агентии иттилоотӣ

АИА – Агентии «иттилоотии Аморот

АИКАХФ – Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс

АИҚ – Агентии иттилоотии Қатар

АИС – Агентии иттилоотии Саудӣ

АМА – Амороти Муттаҳидаи Араб

БИР – Бонки исломии рушд

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Америка

КАХФ – Кишварҳои араби Халиҷи Форс

ЛДА – Лигаи давлатҳои араб

МҲТБО – Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё

ОМ – Осиёи Миёна

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СҲИ – Созмони ҳамкориҳои исломӣ

ФСР – Фонди саудии рушд

ШАС – Шоҳигарии Арабистони Саудӣ

ШҲКАХФ – Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар ҷаҳони муосир сарфи назар аз шакли давлатдорӣ ва низомҳои гуногуни сиёсӣ, дар таҳкими қудрат, ислоҳ, пешрафт ва ҳамчунин, муносибату ҳамкориҳои кишварҳои гуногун ВАО ба сифати пуртаъсиртарин василаи иттилоърасонӣ ва таҳкими равобити гуногунсатҳ боқӣ мемонад. Ба хусус, дар шароити муосир, ки саросари ҷаҳон, пур аз воқеаҳои ҳузнангез гардидааст, воситаҳои ахбори омма, ба хусус агентиҳои иттилоотӣ дар инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои гуногун нақши муҳим гузошта метавонад.

Воқеан, дар ҷомеаи иттилоотӣ ва фазои байналмилалӣ нақши ВАО дар масъалаи мустаҳкам намудани муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, инъикоси дурнамои муносибату ҳамкориҳо ва баррасии ҳаводису рӯйдодҳои кишварҳо хеле муассир аст. Ин таъсир бо паҳлӯҳои мусбату манфӣ сурат гирифта, дар раванди муносибатҳо гардишҳои куллиро ба вуҷуд оварда метавонад. Дар ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳони муосир ҳар як сухани гуфташудаи сиёсатмадор ва нодуруст фаҳмидани хабарнигор метавонад, чандсола кӯшишу заҳмат ва корҳои ташкилшударо оид ба наздикшавии халқҳо ва мустаҳкам кардани дӯстию ҳамкории миллатҳо тағйир диҳад.

Дар баробари ин ВАО метавонад, дар ташкил ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мухталиф замина ва шароит фароҳам орад ва дипломатияи расонаиро рушд бахшад. Таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) собит месозад, ки дар раванди оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо агентиҳои иттилоотӣ нақши бориз дорад.

Маҳз тавассути иттилоърасонии агентиҳо ифтитоҳи сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии арабии Миср, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб ва инчунин, консулгарӣ дар шаҳри Дубай, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои араб ва ҳузури бархе аз

мақомоти баландпояи давлатҳои араб аз Тоҷикистон хусусияти оммавӣ пайдо карда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дипломатии дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳоро муайян намудааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар муносибатҳои дипломатӣ бо аксарияти кишварҳои араб, ба хусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс рушд ва таҳким ёфтааст.

Сафарҳои расмӣ ва кории Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин давлатҳо на танҳо ба таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба муосидат намуд, балки барои ҳамкориҳои судманди оянда заминаҳо фароҳам овард. Дар ҳар як сафари Пешвои миллат ба кишварҳои араб барои таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкориҳои муфид созишномаҳои расмӣ ба имзо расида, ҳукми амал пайдо карданд. Ба хусус, ин сафарҳо барои таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс заминаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд оварданд.

Воқеан, кишварҳои араби Халиҷи Форс ба шарофати захираҳои нефт аз ҷиҳати иқтисодӣ доротарин давлатҳои ҷаҳон ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо дар яке аз зинаҳои аввали авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар қарор дорад, зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи ҳадафҳои гуногун, ки асоси муносибатҳои байнидавлатиро муайян мекунанд, ҳадафҳои иқтисодиро дар мадди аввал мегузорад. Ба ин манзур Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳои худ қайд намуданд, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳкими робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои аъзои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян намуда, ба ояндаи онҳо назари нек дорад. ... Мо умед дорем, ки кишварҳои арабии Халиҷ ва ниҳодҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ саҳм хоҳанд гузошт» [373].

Раванди муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса кишварҳои араби Халиҷи Форс, ҳамеша

дар агентиҳои иттилоотии ҳам Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои араб инъикос шуда, ба ин васила вазъи муносибатҳо миёни ин кишварҳо манзури аудитория мегардад. Таҳқиқҳо нишон медиҳад, ки муносибати ВАО-и кишварҳои ҳар ду ҷониб ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамдигар яксон набудааст. Дар баробари мавқеи гуногун ва диду назари мухталиф доштан, ВАО-и кишварҳо кӯшиш намудаанд, ки дар ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ холисона муносибат намоянд. Ба ин манзур, чигунагии мавқеъ, тарзи муносибат ва дараҷаи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ дараҷаи муҳиммияти таҳқиқи ин мавзуъро асоснок мегардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Робитаҳои Тоҷикистону кишварҳои араб дар замони шуравӣ дар контексти як давлати воҳид, яъне Иттиҳоди Шуравӣ баррасӣ гардида, танҳо пас аз ба истиқлолият расидани Тоҷикистон, ба ин масъала таваҷҷуҳи бевосита сурат гирифтааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ ба масъалаи муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ба хусус Халиҷи Форс таваҷҷуҳи коршиносон ва муҳаққиқони тоҷик бештар гардидааст. Аз ҷумла, ин масъала ба пажуҳишҳои илмии кори диссертатсионӣ кашида шудааст, ки корҳои Ш.А. Разоқов [191], А.З. Қамаров [124], Ф.Б. Умаров [246] ва З.Қ. Давлятов [78] намунае аз онҳост. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқон бо тариқи таърихнигорӣ сурат гирифта, дар онҳо, асосан, ҷанбаҳои гуногуни муносибату ҳамкории Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом ва кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳлилу баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти Ш.А. Разоқов масоили барқароршавии алоқаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форсро то соли 2011 фаро гирифта, дар он ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисод ва сиёсат махсус таваҷҷуҳ шудааст.

Монографияи З.Қ. Давлятов ба пайдоиши ҷуғрофии давлатҳои араби низоми сиёсиашон «Шоҳигарӣ», аз қабили Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Урдун, Марокаш, Уммон, Қатар, Кувайт ва Амороти Муттаҳидаи Араб бахшида шуда, дар он ҳолат ва дурнамои муносибатҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шоҳигариҳои араб таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ Умаров Ф. ба тамоюлҳои мусбат ва манфии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳони ислом (махсусан, бо созмонҳои исломӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории исломӣ) эътибор дода, таъсири ҳамкориҳоро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва амнияти он муайян намудааст.

Таҳқиқоти муаррих Қамаров А.З. таърих ва ташаккули робитаҳои илмию фарҳангии Тоҷикистон ва кишварҳои арабро аз давраи Иттиҳоди Шуравӣ то имрӯз фаро гирифта, андешаҳои гуногун дар таҳқиқоти мазкур баён шудааст.

Ҳамзамон, доир ба робитаҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон ба кишварҳои араб муҳаққиқони улуми иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намуда, мақолаҳои илмӣ ва илмиву оммавӣ навиштаанд. Ин ҷо метавон аз Ё.Б Ниёзӣ [355], З.Ш. Саидов (Сайидзода) [206; 208], С.Н. Зиёев [332; 333; 334], Б. Соҳибӣ [391], Ш. Муродалӣ [399; 400], У. Пудинаев [365], С.М. Болтуев [48], Ф. Усмонов [253], Ш. Каримова [106], З. Зубайдов [90] ва дигарон ёдовар шуд. Дар мақолаҳои илмӣ – таҳқиқии олимони зикршуда паҳлуҳои мухталифи ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб (Халиҷи Форс), инчунин, манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ ва геополитикии ин давлатҳо дар Осиёи Миёна ва уфуқҳои нави робитаҳои дуҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳарчанд доир ба мавқеъ ва нақши ВАО-и кишварҳои араб дар раванди ҷаҳонишавӣ, проблемаҳои озодии сухан ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқҳои васоити ахбори оммаи ин кишварҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик корҳои таҳқиқотӣ анҷом наёфта бошад ҳам, дар журналистикаи хориҷӣ, аз ҷумла рус дар ин самт таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом дода шудааст, ки аксарияташон хусусияти монографӣ доранд. Барои исботи фикр ин ҷо пажуҳишҳои Авад Ахмед Мохамед [15], Амар Ноха Ахмед [28], Аталлах Хумуд Ал Энези [33], Е.В. Ахмадулин [35], Э.К. Байрамова [40], Т.Т. Тройнина [244], Шараф Фарук Ради [276], О.В Чернышенко [273], Ю.С. Кинаш [111], В.В. Орлова [180], О. Кхадур [121], А.С. Пую [190], Адиб Хазур (أديب خضور) [288], Адиб Марва (أديب مروة) [289], Анвар ал-Ҷундӣ (أنور الجندى) [292], Холид ал-Ҷобир (خالد الجابر) [297], Росим Муҳаммад ал-Ҷамол (راسم محمد الجمال) [298], Муҳаммад Фарид Маҳмуд Иззат (محمد فريد محمود عزت) [312] метавон зикр кард.

Дар таҳқиқоти ин муҳаққиқон, аслан, масоили низоми журналистикаи араб (асри XIX-ибтидои асри XXI), хусусиятҳои хоси рушди ВАО-и кишварҳои араб дар шароити ҷаҳонишавӣ, равандҳои (тамоюл) таҳаввулоти онҳо ва фаъолияти агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб дар низомҳои гуногуни сиёсӣ таҳлил ва баррасӣ шудааст. Аз ин миён диссертатсияи Аталлаҳ Ҳумуд ал-Энези [32], хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти расонаҳои Шоҳигарии Арабистони Саудиро фаро гирифта, дар Тоҷикистон дифоъ шудааст.

Таъкид бояд кард, ки доир ба воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араб дар воситаҳои таълимии устодони ихтисосҳои журналистика А. Нуралиев [175; 177], М.А. Абдуллозода, Н.Н. Салихов, А.А. Рахимов, Ш.Б. Муллоев [10] маълумоти умумии таърихӣ оварда шуда бошад ҳам, дар хусуси инъикоси робитаҳои муосири Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса, нақши ВАО дар ин самт таваҷҷуҳ нашудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Ҳамчунин диссертатсия ба доираи муқаррароти Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451) ва Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №307), ки рақамикунонӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок тавсиф мекунад, мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии пажуҳишро омӯзиш ва баррасии омилҳои муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, муайян намудани нақши васоити ахбори оммаи ин кишварҳо дар инъикоси раванди ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба, бо назардошти мавқеву муносибати

расонаҳо, хусусиятҳои мавзуиву мундариҷавӣ ва шакливу жанрии матолиб ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонем:

– таҳқиқи мавқеи кишварҳои араб дар фазои ҷаҳони муосир;

– баррасии ҷанбаҳои таърихии робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабон;

– таҳлили вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс;

– баррасии таърихи мухтасари Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар);

– муайян намудани дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Агентиҳои иттилоотии араб;

– омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаъҳои мавзуӣ ва ҳунарии инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотӣ;

– баррасии вижагиҳои мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» марбут ба воқеаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс;

– ба таври муқоисавӣ муайян намудани маводди сомонаи иттилоотии «Pressa.tj«;

– муайян намудани вижагиҳои жанрии маводди ВАО доир ба воқеаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс.

Объекти таҳқиқро ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус, Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية), Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الانباء القطرية), Агентии иттилоотии Аморот **(**وكالة انباء الامارات) инчунин, АМИТ «Ховар», расонаҳои даврии АИ «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj« ташкил медиҳанд.

Предмети таҳқиқро дараҷаи инъикоси муносибат ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и мутақобилаи кишварҳо дар бар мегирад**.**

Асосҳои назарии таҳқиқ. Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба осори илмии муҳаққиқони тоҷик – Т.Н. Назаров [170], З.Ш. Сайидзода (Саидов) [204; 205; 207], А.Н. Шарипов [277; 278], Т. Мардонӣ [136], Р.Ш. Нуриддинов [178], И.К. Усмонов [249; 250; 251; 252], А. Нуралиев [174; 176], А. Саъдуллоев [223; 224; 225; 226], М.А. Муқимов [147; 148; 149; 150; 151; 152], М.Б. Муродӣ [156; 157; 158; 159; 160; 161], М.А. Абдуллозода [10; 11], М.С. Имомзода [91; 92; 93], А.Х. Азимов [17; 18], З. Муъминҷонов [167; 168], Р. Бобоҷонова [45], Ш.Б. Муллоев [153; 154; 155], С. Хоҷазод [266; 267], А.А. Афсаҳзод [34], рус – Е.М. Примаков [185], А.М. Василев [57; 58], А.В. Федорченко [254; 256], А.Б. Подтсероб [181; 182], Г.Г. Косач [117; 118], М.А. Сапронова [219; 220; 221], Е.С. Мелкумян [139; 140; 141; 142], Б.Г. Сейранян [228; 229; 230], Э.О. Касаев [108; 109], Е.П. Прохоров [187; 188], В.В. Ворошилов [66; 67], А. Тертичний [241; 242] ва араб – доктор Форуқ Абузайд (فاروق ابو زيد) [294], Муҳаммад Абдураззоқ ал-Қашъамӣ (محمد عبد الرزاق القشعمي) [308; 309], Фуод Асъад Камохӣ (فؤاد اسعد كماخي) [307], Солеҳ Шокир Ватут (صالح شاكر وتوت) [300], Абдулҷавод Саъид Рабиъ (عبد الجواد سعيد ربيع) [303], Иброҳим Исмоил (إبراهيم إسماعيل) [286] ва дигарон такя карда шуд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар диссертатсия бори аввал нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ шудааст. Дар ин робита:

- дар заминаи адабиёти илмиву сиёсӣ ва маводди ВАО мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир баррасӣ гардида, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форс муайян карда шуд;
- доир ба инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар) маълумоти зиёди иттилоотӣ ҷамъоварӣ гардида, мавриди таҳлили омориву мундариҷавӣ қарор гирифт;
- бо баррасиҳои илмӣ инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса муайян карда шуд;

– вижагиҳои жанрии маводди марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб дар ВАО-и мутақобила аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ гардид.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқ нишон дод, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати хориҷии худ ҳамкориҳои фаъолу созанда ва мутақобилан судмандро бо мамолики араб, махсусан Халиҷи Форс, дар шакли дуҷонибаву бисёрҷониба ба роҳ монда, баҳри таҳкими он ҳамеша талош менамояд ва дар инъикос ва таблиғи он ВАО нақши муҳим дорад.

2. Баррасӣ муайян кард, ки сафарҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин давлатҳо аз омодагии Тоҷикистон барои таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо ин кишварҳо шаҳодат дода, робитаю ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо давлатҳои Халиҷи Форс фаъол гардонидааст.

3. Пажуҳиш маълум намуд, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши ВАО дар масъалаи мустаҳкам намудани муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, инъикоси дурнамои муносибату ҳамкориҳо ва баррасии ҳаводису рӯйдодҳои кишварҳо хеле муассир аст. Ин таъсир ҷиҳатҳои мусбату манфиро дар бар гирифта, дар раванди муносибатҳо гардишҳои куллиро ба вуҷуд оварда метавонад.

4. Маълум карда шуд, ки роҳбарони давлатҳои араб (Халиҷи Форс) ВАО-ро ҳамчун василаи ташкилкунандаи афкори омма ва таъсир ба афкору рӯҳияи онҳо дар кишварҳояшон ҷиҳати нигоҳ доштани таҳкурсии сиёсати ҳокимият, дастгирии фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмӣ босамар истифода мебаранд. Дар корҳои иттилоотию таблиғотии низоми ҳукмрони кишварҳои араб ду навъи пахши иттилоот истифода мешавад: матбуоти расмиву нашриёти ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи дорои хосияти амиқи руҳонӣ.

5. Аз пажуҳиш ошкор гардид, ки воқеаҳои Тоҷикистон дар агентиҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, асосан таҳти рубрикаҳои «сиёсӣ» (**سياسي**),

«иқтисодӣ» (اقتصادي), «иҷтимоӣ» (**اجتماعي**), «фарҳангӣ» (ثقافي), «варзишӣ» (**رياضي**) ва «умумӣ» (عامٌّ) ба табъ расидаанд. Дар маҷмуъ, тули солҳои 2014-2024 дар ин агентиҳо 2219 мавод нашр гардидааст, ки 1132 (51 %) ба АИС , 734 (33 %) ба АИҚ ва 353 (16 %) ба АИА рост меояд.

6. Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон бештар ба робитаву ҳамкориҳои дипломативу сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва кумакҳои башардӯстона таваҷҷуҳ намудаанд. Дар инъикоси ин ва амсоли ин ҳаводис ҷанбаҳои мусбат ва манфии он ба назар гирифта шудааст. Маводди агентиҳои иттилоотӣ баёнгари он аст, ки ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс сол ба сол густариш ёфта истодааст.

7. Маълум гардид, ки дар ВАО-и Тоҷикистон инъикоси воқеиятҳои марбут ба кишварҳои араби Халиҷи Форс, асосан, дар ду типи он: агентиҳои расмӣ ва хусусӣ шакл гирифтааст. Агар агентиҳои расмӣ бештар ба инъикоси сафарҳои сарварон ва масъулони воломақоми кишварҳои мутақобила, суҳбату мулоқотҳо, қабули созишномаҳои ҳамкориҳо таваҷҷуҳ намуда бошанд, агентиҳои хусусӣ, аслан, ба рӯйдодҳои фарҳангӣ ва воқеаҳои дохилии кишварҳои араб эътибор додаанд.

8. Таҳлилу баррасиҳо муайян намуд, ки маводди Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон аз нигоҳи жанр ба ҳам умумият дошта бошанд ҳам, яксон нестанд. Тарзи инъикоси воқеаҳо, истифодаи имконияти жанрҳои гуногуни журналистӣ, ба хусус, жанрҳои хабарӣ дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб нисбатан муфассал буда, шарҳу тавзеҳ бартарӣ дорад. Инъикоси воқеиятҳои рӯз дар агентиҳои Тоҷикистон саривақт сурат нагирад ҳам, аз нигоҳи меъёри жанрӣ касбитар аст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсия донишҳои илмиву назариявиро дар самти шинохти касбии ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи кишварҳо, нақши ВАО дар инъикоси воқеиятҳои дуҷониба, таҳкими муносибатҳо, ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва амсоли ин вусъат мебахшад.

Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия, хусусан, ҳангоми тадриси таърихи журналистикаи хориҷӣ, хосса ВАО-и кишварҳои араб, ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба кор хоҳад омад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия – «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба шиносномаи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мутобиқат мекунад.

Дар доираи ихтисоси мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд, ки ба бандҳои 2, 4, 8, 9, 10 ва 11-и «Соҳаи таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ алоқамандӣ доранд:

– истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси рӯйдодҳои Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии хориҷӣ;
– инъикоси муносибатҳои байналмилалӣ ва муаррифии кишварҳо дар ВАО-и хориҷӣ;
– нақши агентиҳои иттилоотии байналмилалӣ дар бозтоби вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо;
– саҳми ВАО дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳо ва мустаҳкам намудани равобити байниҳамдигарии онҳо;
– инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо шарикони рушд дар агентиҳои иттилоотӣ ва тарғиби симои мусбати кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;
– вижагиҳои тарзи инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои хабарӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ;
– тарғибу ташвиқи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва амниятии Тоҷикистон дар расонаҳои хабарии байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳое бахшида шудааст, ки бевосита ба доираи ихтисоси илмии мазкур мансуб буда, ба талаботи шиносномаи он пурра ҷавобгӯ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми фардии муаллиф дар омӯзиши назарии мавзуъ ва баррасии нақши агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси ҳамкориҳои мутақобила, муайян намудани таносуби инъикоси воқеаҳо, вижагиҳои жанрии онҳо, омода намудани маърузаҳо доир ба мавзуъ ва суханронӣ дар ҳамоишҳои илмии сатҳи байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, таълифи монография, мақолаҳои илмӣ, илмиву оммавӣ зоҳир мешавад. Андешаҳои назарӣ, ҳамчунин, хулосаҳои илмӣ дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муҳаққиқ мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар маводди конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2010-2025) интишор ёфтаанд. Аз ҷумла, диссертант дар конференсияҳои байналхалқии илмию амалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан» (Душанбе, 29-30-юми ноябри 2010), «Арабистони Саудӣ ва кишварҳои Осиёи Миёна ва баҳри Каспий» (Риёз, 5-8-уми январи 2015), «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 22-23-юми октябри 2020) ва «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Душанбе, 2023) дар мавзуъҳои «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои интернетии кишварҳои араб», «Муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» (العلاقات الإقتصادية و الثقافية بين جمهورية طاجيكستان والمملكة العربية السعودية), «Мавқеи оҷонсиҳои иттилоотии араб дар фазои иттилоотии ҷаҳони араб», «Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон», «Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон» ва дар 12 конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ дар мавзуъҳои «Тоҷикистон аз нигоҳи агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» (Эъломияи СММ оид ба даҳсолаи

(солҳои 2013-2022) байналхалқии наздиксозии фарҳангҳо, Душанбе, 19.04.2013), «Инъикоси рӯйдодҳои Тоҷикистон дар сомонаи «Ал-Ҷазира»« (20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 25.04.2014), «Ҳақиқат ва таҳрифи воқеаҳои Тоҷикистон дар сомонаҳои «Ал-Ҷазира» ва «BBC»» (700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Душанбе, 25.04.2015), «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои Қатар» («20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», Душанбе, 25.04.2017), «Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Президенти кишвар» (Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Душанбе, 25.04.2018), «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои Кувайт» («Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ», Душанбе, 23.04.2019), «Нақши шабакаи «Ал-Ҷазира» дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир» («5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ», Душанбе, 21.04.2020), «Мавқеи кишварҳои Халиҷи Форс дар ҷаҳони муосир» («Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ», Душанбе, 21.04.2022), «Таҳрифи ахбор дар расонаҳои арабӣ» («75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», Душанбе, 25.04.2023) маъруза хондааст.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 27-уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси №7) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар 1 монография, 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, инъикос ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, 10 фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 366 саҳифаи чопи стандартии компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I
РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС

Дар муддати тулонии таърих кишварҳои исломӣ василаи муҳимтарини таъмини равобити байниминтақавии иқтисодиву сиёсӣ ва тиҷоративу фарҳангӣ будаанд ва дар ташаккули таърихи ҷаҳон ва низоми муосири равобити байналмилалӣ нақши муассир доштаанд. Тайи асрҳо тоҷикон дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ бо дигар халқу миллатҳо зиндагиву додугирифту муносибатҳои ҳасана доштанд. Яке аз намунаҳои ҳамкориҳои пурмаҳсул, ки аз даврони қадим то имрӯз идома дорад, равобити дӯстии мустаҳками тоҷикону кишварҳои араб мебошад, ки дар заминаи муштаракоти фарҳангӣ ва диниву таърихӣ асос ёфтааст.

Дар замони муосир василаи нисбатан муҳим ва имконпазири тарғиби муносибат ва ҳамкории гуногунсамтаи байни кишварҳо воситаҳои ахбори омма маҳсуб меёбад. Зеро ВАО ҳамчун оинаи инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир мавқеи муҳим касб кардааст. Аз ин рӯ, раванди муносибат ва ҳамкориҳо миёни кишварҳои гуногунро бидуни ВАО наметавон рушд бахшид. Дар шароити ҷаҳони муосир «медиадипломатия» ҳамчун равияи нави ҳамгироикунандаи ВАО ва дипломатия ба кишварҳо имконият медиҳад, ки доираи аудиторияи байналмилалӣ васеъ гардад, мавқеъ ва ташаббусҳои худро дар фазои байналмилалӣ муаррифӣ намоянд. Ба назари муҳаққиқ А.А. Макарова аввалин кӯшишҳо роҷеъ ба нақши нави ВАО дар муносибатҳои байналмилалӣ аз ҷониби В. Стовер (Stover W.) анҷом дода шудааст [130, с. 50]. Ӯ се роҳи тағйир додани нақш ва хусусияти дипломатияи анъанавиро тавассути ВАО муайян кардааст: «ҷамъоварии иттилоот; паҳн кардани иттилоот; таъсир расонидан ба муносибатҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба тағйироти сиёсӣ» [417].

Дар замони рақобати иттилоотӣ, афкори умум ба омили муҳимми муваффақияти сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ нақши воситаҳои ахбори оммаро дар низоми муносибатҳои

байналмилалӣ ба таври назаррас боло бурдааст. Агар дар гузашта ВАО, асосан ҳамчун воситаи пахши иттилоот баррасӣ мешуд, имрӯз он ба як субъекти фаъоли таъсиррасон табдил ёфта, дар ташаккули афкори умум, қабули қарорҳои сиёсӣ ва рушди равандҳои байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки имкониятҳои ВАО яке аз шартҳои асосии ҳузури фаъол ва муассир дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳи афзоянда ба нақши ВАО дар ҷаҳон, аз ҷумла, таҳқиқи медиадипломатия рӯз то рӯз аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Он аз иқтидори воситаҳои ахбори омма барои «расидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими муносибатҳои дипломатӣ миёни давлатҳо самаранок истифода мебарад» [128, с. 37].

Омӯзиши маводди ВАО собит месозад, ки Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамкориро бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ муайян кардааст. Дар маҷмуъ, Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз бо ҳамаи кишвари араб муносибатҳои дипломатӣ барқарор намудааст, ки барои рушду таҳкими онҳо пайваста талош меварзад [377].

Муҳаққиқон ва коршиносон нишасти аввалин дар қолаби «Осиёи Миёна – Халиҷ»-ро рӯйдоди муҳим дар таърихи муосири робитаҳои ду минтақа арзёбӣ карда, изҳори итминон намудаанд, ки натиҷаҳои он ба тақвияти ришташои дӯстӣ ва пешбурди ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо мусоидати муассир хоҳад кард. Ҳамчунин, аз роҳандозӣ ва тақвияти муколамаи стратегӣ миёни давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои аъзои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс ҷонибдорӣ намудаанд. Ба гуфтаи Президенти Тоҷикистон: «Итминони комил дорам, ки нишасти имрӯза дар таърихи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои мо саҳифаи навро боз карда, барои рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд заминаи мусоид хоҳад гардид» [373].

Ҳамзамон, солҳои охир сафарҳои расмии Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ба ин давлатҳо аз омодагии Тоҷикистон барои

таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо ин кишварҳо шаҳодат дода, робитаю ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо баъзе аз давлатҳои Халиҷи Форс фаъол гардонид.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бо кишварҳои ҷаҳони араб робитаҳои ҳасанаи дуҷонибаву бисёрҷонибаро барқарор намуд ва сатҳу муҳтавои онҳо қобили қаноатмандӣ аст. Ҳамкориҳо бо кишварҳои араб дар ҳоли рушду тавсеа қарор дошта, заминаи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба бо онҳо пайваста такмил меёбад. Байни кишварҳо муколамаи муназзами сиёсӣ ба роҳ монда шудааст ва мубодилаи сафарҳои расмӣ дар сатҳи олӣ ва баланд мунтазам сурат мегирад. То ба имрӯз ниҳодҳои молиявии кишварҳои арабӣ, ба монанди Фондҳои Саудии Рушд, Кувайт, Абу-Забӣ ва амсоли онҳо дар амалисозии як қатор лоиҳаҳои муҳимми бунёдӣ дар Тоҷикистон саҳм гузоштаанд.

Воқеан, густариши муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон бо ин давлатҳо боиси рушди иқтисодиёт мегардад, *з*еро Халиҷи Форс ҳамчун минтақаи стратегӣ бо иқтидори иқтисодӣ ва захираҳои нефту газ дар сиёсати байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан, кишварҳои абарқудрат, ба ин минтақа давра ба давра бештар мегардад. Мувофиқи пажуҳишҳои анҷомшуда дар зери замини минтақаи Халиҷи Форс захираҳои бузурги нефту газ ҷойгир аст. Сарзамини ин кишварҳо дар якҷоягӣ «40,3%-и захираи нефт ва 23%-и захираи гази табиии ҷаҳонро доро мебошад» [192, с. 131]. Аз тарафи дигар, аз нигоҳи ҷуғрофӣ Ховари Миёна яке аз муҳимтарин ва бузургтарин марказҳои иртиботӣ байни се минтақа ба шумор меравад. Минтақаи мазкур нуқтаи пайванд ва иртиботи байни Аврупо, Африқо, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ мебошад.

1.1. Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир

Ба таври анъанавӣ ҷаҳони араб гуфта кишварҳои арабии Шарқи Наздик ва баъзе кишварҳои Африқои Шимолиро (аз Халиҷи Форс тавассути Осиёи ҷанубу ғарбӣ ва Африқои Шимолӣ то уқёнуси Ором) меноманд, ки аъзои Лигаи

давлатҳои араб (22.03.1945) мебошанд. Шакли ихтисоршудаи Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ дар маводди муҳаққиқон бо англисӣ MENA (Middle East and North Africa) ва бо русӣ БВСА (Ближний Восток и Северная Африка) мустаъмал аст. Забони арабӣ ҳамчун забони давлатии ин кишварҳо ба шумор меравад. То ба имрӯз «ҷаҳони араб 23 кишварро дар бар мегирад, ки аз онҳо ду давлат – Ҷумҳурии демократӣ-арабии Саҳрои Кабир ва Фаластин аз ҷониби на ҳамаи давлатҳои ҷаҳон эътироф карда мешаванд. Масоҳати умумии олами араб 14 млн.км. ва шумораи аҳолиаш наздики 500 млн. нафарро ташкил медиҳад» [220, с. 7].

Давлатҳои араб хеле гуногунанд ва байни онҳо аз ҷиҳати масоҳат калон ва хурд, сарватманд ва камбизоат, монархияҳои мутлақ, конститутсионӣ ва ҷумҳуриҳои президентию парлумонӣ, сераҳолӣ ва камаҳолӣ ҳастанд. Ҳар яке аз ин минтақаҳо хусусиятҳои хоси худро дорад ва калонтарин кишвари араб аз ҷиҳати аҳолӣ – Миср 113 572 087 н. мувофиқи маълумоти соли 2023 [449] мебошад, ки ин минтақаҳоро пайваст ва муттаҳид месозад.

Ҷаҳони араб яке аз минтақаҳои муҳимтарини геостратегӣ ва геоиқтисодии ҷаҳон ба шумор меравад. Маҷмуи омилҳое, ки аҳаммияти фавқулоддаи геоиқтисодӣ ва геополитикии ин минтақаи нооромро муайян мекунанд, аз тарафи олимон ва мухаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифта, сарчашмаҳои муҳимтарини бесуботии дохилӣ ва низоъҳои байнидавлатӣ муайян карда шудаанд. Ҷаҳони араб бо мавқеи хеле мусоиди ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва низомӣ-стратегиаш аз охири асри XVIII инҷониб минтақаи муноқишаи манфиатҳо ва рақобати байни давлатҳои абардқудрати ҷаҳон қарор дорад. Махсусан дар миёнаҳои асри XX вақте дар ин минтақаҳои олами араб захираҳои бузурги нефту гази табиӣ кашф гардид, аҳаммияти он афзуда, ба майдони рақобати давлатҳои абардқудрат мубаддал гашт.

Низомҳои сиёсии кишварҳои араб дар айни замон дорои шакли ба ҳам пайвастани сохторҳои мураккаби давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо ва равияҳои ғайрирасмии дорои хусусияти иҷтимоию сиёсӣ буда, дар маҷмуъ онҳоро шаклҳои муосири ҳаёти сиёсии давлатҳои Шарқи Араб ҳисобидан

мумкин аст. Боиси тазаккур аст, ки анъана ва ниҳодҳое, ки мустақиман ба соҳаи сиёсӣ дохил намешаванд, ба мисли ҷамоатҳои динӣ ва қабилаҳо дар ҳаёти сиёсии кишварҳои араб нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, ҳаёти сиёсии кишварҳои араб бо гуногунии истисноӣ ва самтҳои худ фарқ мекунад, ки дар маҷмуъ тамоми низомҳои сиёсии ҳар як кишварро беназир месозад ва дар шаклу усулҳои фаъолияти ниҳодҳои давлатии қудратӣ таъсири мушаххас мегузорад. Қобили зикр аст, ки ҷузъи муҳимтарине, ки рушди сиёсати дохилии давлатҳои араби Халиҷро муайян мекунад, ислом ва муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва давлатию ҳуқуқии дар он асосёфта мебошанд. Ислом яке аз асосҳои сиёсӣ ва идеологии аксари давлатҳои араб мебошад, ки аз як тараф, барои ба эътидол омадани низомҳои сиёсӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар, дар бисёр соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ зиддиятҳои мушаххас низ ба вуҷуд меорад. Қуръон ва шариат меъёрҳои ҳуқуқиро муайян мекунанд, ки он то андозае қисми таркибии бисёр санадҳои меъёрии конститутсионии кишварҳои мазкурро ташкил медиҳад. Таҷриба ва амалияи рушди кишварҳои араб, хусусан, дар даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки омили динӣ ба яке аз ҷузъҳои муҳимми рушди сиёсати дохилӣ табдил ёфта, ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди сиёсӣ дар фаъолияти низомҳои сиёсӣ нуфузи бештар дорад.

Миёнаҳои асри XX дар муқоиса бо дигар кишварҳои араб, танҳо монархияҳои Халиҷи Форс низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии худро дар асоси истифодаи васеи қонунҳои исломӣ шуруъ карданд. Давлатҳои дигари араб дар низоми давлатдории худ ба қонунҳои Фаронса (кишварҳои Мағриб, Сурия, Лубнон, Миср) ё Англия (Ироқ) такя карданд, ки қонунҳои мусалмонӣ аҳаммияти худро ҳамчун як танзимкунандаи ҳуқуқӣ гум карда, асосан, дар муносибатҳои издивоҷ, оила ва мерос боқӣ мондаанд.

Дар кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) вобаста ба ваколатҳои сардори давлат – Подшоҳ (Шоҳ) навъҳои гуногуни шаклҳои монархиявӣ амал мекунад. Ҳар як монархияи араб роҳи таърихии инкишофи худро (вобаста ба хусусиятҳои ташаккули сулолаи ҳукмрон, шахсияти худи подшоҳ, вазъияти иқтисодӣ ва ғайра) тай кардааст, ки дар рафти он «масъалаҳои ташкили ҳокимияти олӣ ва

ҳамкории мутақобила байни оилаи ҳукмрон, ниҳодҳои гуногуни сиёсӣ ва анъанавӣ ҳал карда мешавад» [221, с. 227].

Дар кишварҳои монархиявии араб сулолаҳои ҳукмрон садсолаҳо боз қудрати ҳокимиятро дар даст доранд. Аз ҷумла, «сулолаи Оли Сауд (آل سعود, 1727) дар Арабистони Саудӣ» [256, с. 166], «сулолаи Оли Сонӣ (آل ثاني, 1878) дар Қатар, сулолаҳои Оли Наҳиён (آل نهيان) ва Оли Мактум (آل مكتوم, 1820) дар Амороти Муттаҳидаи Араб» [71, с. 35-36].

Конститутсияҳои монархияҳои араб ҳуқуқи таъйини вориси тахт (Валиаҳд)-ро ба сарвари давлат вогузор мекунад, ҳарчанд тартиби он дар ҳар кишвар фарқ мекунад.

Масалан, дар Арабистони Саудӣ тартиби таъйини Валиаҳд танҳо соли 1992 ба таври расмӣ таъсис ёфтааст. Вориси тахт аз ҷониби худи шоҳ бо ризоияти руҳониёни маъруф таъйин карда мешавад. Ба далели урфу одатҳои қабилавӣ, Арабистони Саудӣ низоми возеҳи вориси тахт надорад. Фақат дар моддаи 5-уми ҳуҷҷати конститутсионии «Асосҳои сохти ҳокимият» гуфта мешавад, ки «ҳокимият ба писарони асосгузори Арабистони Саудӣ шоҳ Абдулазиз бин Абдураҳмон ал-Файсал Оли Сауд (آل سعود) ва писарони писарони онҳо тааллуқ дорад» [435].

Дар Қатар «қудрат мероси насли мардонаи оилаи Оли Сонӣ (آل ثاني) аст. Он аз падар ба яке аз писарон мегузарад. Агар сарвари давлат писар надошта бошад, он гоҳ бо интихоби худи Амир ба яке аз аъзои оилаи ас-Сонӣ интиқол дода мешавад» (моддаи 8 конститутсияи соли 2003). Аммо моддаи 9 тақозо мекунад, ки Амир вориси тахтро «баъди машварат бо аъзои хонаводаи ҳоким ва «Шурои хирадмандон» (афроди бонуфузтарин) (أهل الحل والعقد)-и кишвар бо фармони худ таъйин мекунад» [437].

Монархияҳои меросӣ дар мамлакатхои араб аз рӯйи қиёс бо дигар давлатҳои монархиявӣ муҳлати ҳукмронии шоҳро муқаррар намекунанд. Аммо ин меъёр ба Амороти Муттаҳидаи Араб дахл надорад, зеро дар он ҷо сарвари давлат ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешавад. Тарзи интихоби сарвари давлат дар Аморот чунин аст: азбаски Амороти Муттаҳидаи Араб ҳафт аморатро дар бар

мегирад ва онҳоро амирони меросӣ сарварӣ мекунанд, якҷоя Шурои Олии Иттиҳод (المجلس الاعلى للاتحاد)-ро ташкил додаанд. Ҳар як аморат дар баррасии масоил як овоз дорад. Мувофиқи моддаи 52-и Конститутсияи АМА «Шурои Олии Иттиҳод Амири аморати Абу-Забиро ба муҳлати 5 сол ҳамчун ваколатдори Президенти Аморот интихоб мекунад» [436].

Хулоса, низомҳои давлатдории кишварҳои араби Халиҷи Форс нисбат ба сиёсати дигар кишварҳои ҷаҳон фарқ мекунад, зеро ташаккулдиҳандаи самти сиёсати ин давлатҳо низоми шоҳӣ ё амириву султонӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, «дар муайян кардани самти сиёсати давлат аз як гурӯҳи мушаххаси наздик ба шоҳ ё амир тасмим гирифта мешавад» [284, с. 166]. Бо вуҷуди ин, ҳар кадом аз ин кишварҳо кӯшиш менамояд, ки дар самти сиёсати хориҷии худ дар минтақа нақши муҳим ва ҳалкунанда дошта бошанд.

1) **Шоҳигарии Арабистони Саудӣ** (ШАС) (المملكة العربية السعودية) калонтарин давлат дар нимҷазираи Арабистон буда, дар шимол бо Урдун, Ироқ ва Кувайт, дар шарқ бо Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб, дар ҷанубу шарқ бо Уммон ва дар ҷануб бо Яман ҳамсарҳад аст. Дар шимолу шарқи кишвар Халиҷи Форс ва дар ғарб Баҳри Сурх ҷойгир аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ШАС аз бойтарин кишварҳо дар миқёси ҷаҳон шинохта шудааст. Дар сарзамини он чоряки захираҳои нефти ҷаҳон маҳфуз буда, он бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи нефт дар олам ба ҳисоб меравад. Арабистони Саудӣ, ки дорои захираҳои бузурги нефт аст, кишвари асосии Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) мебошад. Аз рӯйи истихроҷ ва содироти нефт дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Бояд қайд кард, ки 95 %-и содирот ва 75 %-и даромади кишвар содироти нефт аст. Маҷмуи маҳсулоти дохилии Арабистони Саудӣ дар соли 2022 ба ҳадди рекордӣ расида, «аз 1 триллион доллар гузашт» [380].

ШАС ҳамчун бузургтарин давлат дар Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва содиркунандаи асосии нефт дар минтақа нақши ҳалкунанда дорад. Ҳукумати Арабистони Саудӣ бо назардошти меъёрҳои ҳамбастагии исломӣ дар сиёсати хориҷии худ дар ҳалли ихтилофоти минтақавӣ ва ҳолатҳои буҳронӣ дар

кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик дар канор наемонад. ШАС бузургтарин, сарватмандтарин ва бонуфузтарин узви эътилофи монархияҳои араби Халиҷи Форс ба шумор меравад. Зикри ин нукта муҳим аст, ки қариб «ягон мушкилоти ҷиддии Шарқи Наздик бидуни иштироки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ намешавад» [216, с. 54].

Дар баробари ин Арабистони Саудӣ барои амалӣ кардани сиёсати худ ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар ҳоли рушд мунтазам чораҳо меандешад. Қудрати назарраси иқтисодии Шоҳигарӣ, ки бо захираҳои калонтарини нефт алоқаманд аст, имкон дод, ки «иштирокчии пешбари ташкилотҳои тиҷоратию иқтисодии ҷаҳонӣ гардад» [171, с. 149]. Ҷойгир будани ибодатгоҳҳои асосии мусулмонон (шаҳрҳои Макка ва Мадина) Арабистони Саудиро ба маркази ислом табдил дод, ки ин нақши муҳим ва баъзан ҳалкунандаи сиёсии онро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, нуфуз, эътибор ва таъсири Арабистони Саудӣ дар ҷаҳони ислом ба қудрати молиявие, ки барои дастгирии мусалмонони тамоми ҷаҳон истифода мешавад, асос ёфтааст. Дар доираи тартиботи кунунии ҷаҳон, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ мустақиман ба мустақилияти ин кишвар ҳамчун як воҳиди сиёсии исломӣ, ки ҷаҳони араб ва мусалмонро фаро мегирад, алоқаманд аст. Қобили қайд аст, ки олимони рус роҷеъ ба ғояҳои сиёсати хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар таъсиси Лигаи Давлатҳои Араб (ЛДА) ва Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ), мақом ва нақши ин созмонҳо дар ҷаҳони арабу ислом пажуҳишҳои зиёди илмӣ [ниг: 118; 119; 120] анҷом додаанд. Мутаассифона, ҳаводиси солҳои охири кишварҳои араб нишон дод, ки ташкилотҳои дар боло зикршуда дар ҳалли масоили мубрами давлатҳои мусулмоннишин таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд.

Дар баробари ин, муносибатҳо бо давлатҳои Аврупо ва махсусан бо ИМА, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Саудӣ аст. Гарчанде Арабистони Саудӣ узви «Ҳаракати ба блокҳо ҳамроҳнашаванда» бошад ҳам, коршиносон ин кишварро ҳамчун «роҳбари ғарбгарои кишварҳои исломӣ ва ҳампаймони асосии ИМА дар минтақа» муаррифӣ мекунанд [88, с. 21].

Таҷовузи низомии Ироқ ба Кувайт дар моҳи августи соли 1990 барои Арабистони Саудӣ оқибатҳои ҷиддии низомӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба бор овард. Дар натиҷа соли 1991 Арабистони Саудӣ шарики асосии минтақавии Вашингтон шуд ва ИМА-ро бо пойгоҳҳои низомӣ таъмин кард ва як қисми хароҷоти низомиро низ ба зимма гирифт. Ҳукумати Арабистони Саудӣ неруҳои эътилофро бо об, ғизо ва сӯзишворӣ таъмин мекард. Дар маҷмуъ, «хароҷоти кишвар дар давраи ҷанг 55 миллиард долларро ташкил дод» [216, с. 54]. Бояд тазаккур дод, ки ҷанги соли 2003 дар Ироқ боиси ихтилофоти зиёд дар ҷаҳони араб шуд. Дар ибтидо мавқеи Арабистони Саудӣ нисбат ба нақшаҳои ИМА барои сарнагун кардани низоми Саддом Ҳусейн оштинопазир буд. Мақомоти Арабистони Саудӣ хуб дарк мекарданд, ки дар сурати дастгирии Ар-Риёз аз амалиёти низомии Амрико алайҳи Ироқ таҳдиди паҳн шудани эҳсосоти зиддиамрикоӣ барои суботи дохилии кишвар дар муқоиса бо баъзе ихтилофҳо бо Вашингтон хатарноктар аст. Ғайр аз ин, ба гумон аст, ки ИМА ҳадди ақалл то пайдо кардани манбаъҳои алтернативии таъминоти нефт муносибаташро бо Ар-Риёз муташанниҷ созад. Ёдовар бояд шуд, ки «20 %-и воридоти нефти Америка ба Арабистони Саудӣ вобаста аст» [216, с. 58].

Соли 2013 равобити Америкаву Саудӣ дар робита ба беҳбуди муносибатҳои Амрико бо Эрон – рақиби ашаддии Шоҳигарӣ дар Халиҷи Форс то андозае сард шуд. Дар авохири моҳи марти соли 2014 дар авҷи буҳрони сиёсии Украина маъмурияти Амрико бо роҳбарии Барак Обама ба раҳбарияти Арабистони Саудӣ ва шариконаш дар Иттиҳоди кишварҳои араби Халиҷи Форс (Қатар, Кувайт) барои саҳм гузоштан дар лоиҳаи «ёрии таъҷилии иқтисодӣ» ба Киев ба «миқдори 15 миллиард доллар мурочиат кард, аммо ҷавоби рад гирифт» [341].

Дар айни ҳол ШАС яке аз бузургтарин воридкунандагони силоҳҳои ултрамуосир ва гаронбаҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Тақрибан 10 %-и тамоми содироти аслиҳаи ИМА ба ин кишвар рост меояд. Саудиён на танҳо системаҳои дифои зидди ҳавоии Patriot, балки системаҳои зиддимушакӣ ва зиддитанкии навтарини амрикоиро доранд. Солҳои охир Ар-Риёз барои маҷмааи саноатии низомии худ маблағи ҷиддӣ харҷ кардааст. Мувофиқи маълумоти Пажуҳишгоҳи

таҳқиқоти сулҳи Стокголм (SIPRI), соли 2018 саудиҳо ба маблағи беш аз 67 миллиард доллар таҷҳизоти низомӣ харидаанд, ки нисбат ба дигар кишварҳои Шарқи Наздик бештар аст. Хароҷоти мудофиа на «камтар аз 13 % ММД-и кишварро ташкил медиҳад» [316]. Тавре ки ВАО-и ҷаҳон хабар додаанд, Вашингтон мустақиман Эронро дар ҳамла ба иншооти нефти Саудӣ айбдор карда, онро амали террористӣ номид. Президенти ҳамонвақта Доналд Трамп гуфт, ки ИМА бо Ҷумҳурии Исломӣ «ҳамеша ба ҷанг омода аст». Дар ҳамин ҳол Майк Помпео, собиқ вазири умури хориҷӣ таъкид кард, ки ИМА рафтори таҳдидомези» Эронро таҳаммул нахоҳад кард. «Ман бо шоҳзодаи валиаҳди Арабистони Саудӣ Муҳаммад бин Салмон мулоқот кардам, то ҳамлаҳои бесобиқа ба зерсохтори нефтро баррасӣ кунам. ИМА аз Арабистони Саудӣ ҳимоят ва онро дастгирӣ мекунад. Рафтори таҳдидомези низоми Эрон қобили қабул нест» [411], – гуфт сарвари собиқ дипломатияи Амрико. Вобаста ба ин масъала давлатҳои араби Халиҷ низ бо мавқеи Арабистони Саудӣ ҳамраъй ҳастанд ва ҳамлаҳоро ба коркарди нефт бо Теҳрон мепайванданд. Аз ин рӯ, Саудиён дар минтақа на танҳо барои мубориза бо террористон ба чунин аслиҳаи навтарин ниёз доранд, балки масъалаи муқовимат бо Эрон дар мадди аввал меистад. ШАС ҳеҷ душмане ғайри Эрон надорад, ки бар зидди онҳо чунин силоҳҳои замонавии низомӣ истифода шаванд.

Моҳи октябри соли 2018 муносибатҳои байни кишварҳо ба далели марги рӯзноманигори саудинажоди рӯзномаи «Вашингтон-Пост» – Ҷамол Хошуқҷӣ дар консулгарии Арабистони Саудӣ дар Истанбул печида шуданд [381; 382].

Асосан, яке аз сабабҳои муҳимми хеле бад шудани муносибатҳо байни Иёлоти Муттаҳида ва Арабистони Саудӣ дар он аст, ки амрикоиҳо бар он назаранд, ки низоми худкомаи Саудӣ манбаи терроризми байналмилалӣ мебошад. Ин ақида ба он асос ёфтааст, ки аз 19 рабояндаи ҳавопаймоҳои ҳамлаҳои террористии рӯзи 9/11/2001 дар ИМА 15 нафарашон аз Арабистони Саудӣ омадаанд. Ҳамаи иттиҳомоти ҷониби Амрикоро мақомоти Арабистони Саудӣ рад кардаанд. Ҳатто бо нишони эътироз алайҳи таъқибот баъзе сармоягузорони Саудӣ таҳдид карданд, ки дороиҳои пулии худро аз ИМА бозпас

мегиранд. Дар моҳи ноябри соли 2002 Идораи марказии иктишофии ИМА дар байни бонкирҳои ҷаҳон рӯйхати 12 соҳибкори саудиро паҳн кард, ки Вашингтон онҳоро дар маблағгузории шабакаи байналмилалии террористии «ал-Қоида» гумонбар донистааст. Дар ҳамин ҳол, чунин ба назар мерасад, ки худи маъмурияти ИМА хостори фишор ба Арабистони Саудӣ нест. Ҳанӯз собиқ Котиби давлатии ИМА Колин Пауэл зимни суханронӣ дар Мехико таъкид кард, ки Иёлоти Муттаҳида бояд эҳтиёт кунад, ки ба «канда шудани муносибатҳо бо кишваре, ки солҳои зиёд ва то ҳол шарики хуби Иёлоти Муттаҳида буд, роҳ надиҳад» [452]. Ҳатто пас аз рӯйдодҳои 11-уми сентябри 2001 саудиён, ҳарчанд ҳамлаи террористиро расман маҳкум карданд аммо сиёсати амниятии Шоҳигариро тағйир надоданд.

Сабаби дигари бад шудани муносибат бо Амрико ба масъалаи нефти Ироқ рабт дорад. Мақомоти Арабистони Саудӣ метарсанд, ки Иёлоти Муттаҳида ният дорад бо кумаки ироқиҳо ОПЕК-ро нобуд кунад, зеро бо дарназардошти он ки Ироқ аз ҷиҳати захираҳои нефтӣ дар ҷаҳон мақоми дуввумро (11%) ишғол мекунад ва қодир аст, ки баробари ба миқдори Арабистони Саудӣ нефт истихроҷ кунад. Аз ин рӯ, чунин имконоти ироқиҳо Саудиро хеле нигарон кардааст. Ироқи нав метавонад, аз маҳдудиятҳои истихроҷи нефт даст кашида, ОПЕК-ро тарк кунад. Чунин рӯйдод нақши ин созмонро (ОПЕК) дар танзими нархи нефти ҷаҳонӣ метавонад, бесамар созад ва мақоми бартаридоштаи Арабистони Саудиро дар Халиҷи Форс суст гардонад.

Бо вуҷуди ин, равобити байни ҳар ду кишвар давоми чанд соли охири раёсати Ҷо Байден шадид гашт ва давраи таназзули ҷиддиро аз сар мегузаронад. Моҳи июли соли 2022 президенти Амрико Ҷо Байден ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сафар карда, кӯшиш намуд, ки Саудӣ дар масъалаи ҷанги Украина зидди Россия бошад ва ҳамчунин Байден пешниҳод кард, ки тавлиди нефтро афзоиш диҳад. Аммо, баръакс, пас аз мулоқот моҳи августи ҳамон сол Арабистони Саудӣ, Россия ва дигар аъзои ОПЕК+ (+ أوبك) истихроҷи нефтро ба 100 000 баррел дар як рӯз расонид, ки «камтарин афзоиш дар таърихи ОПЕК+ аст» [413]. Таҳлилгарони шабакаи телевизионии CNN (Cable News Network) ин гуна

Ҳамон гуна ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш пайваста ба пурра истифода нашудани зарфиятҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун байни Тоҷикистону Арабистони Саудӣ таъкид менамояд, бояд дар ин росто таҳким бахшидани муносибатҳо ба назар гирифта шавад. Аз маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон маълум мешавад, ки воқеан ҳам ҳаҷми гардиши савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба имконияту иқтидорҳои мавҷудаи ду давлат ҷавобгӯ буда наметавонад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни ду кишвар танҳо бо амалиёти содиротию воридотӣ маҳдуд мегарданд, ки ҳаҷми онҳо низ ҷавобгӯйи иқтидорҳои мавҷудаи ҳамкорӣ нест [388].

Зикри ин нукта муҳим аст, ки муносибатҳои мавҷуда миёни намояндагони доираҳои соҳибкории кишварҳои мо ҳанӯз такмил наёфтаанд. Ба мо то ҳол муяссар нагаштааст, ки таваҷҷуҳи сармоягузорони саудиро барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳо дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти Тоҷикистон ҷалб намоем. Ҳамчунин, месазад, ки ҳамкориҳои мустақими соҳибкорон, ширкатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ барои рушди минбаъдаи тиҷоратию иқтисодии ду кишвар ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардумони онҳо бештар ба роҳ монда шаванд. Бо мақсади ҷалби бештари сармояи ин кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, махсусан, истифодаи имкониятҳои сармоягузории ширкатҳои бонуфузи саудиро дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишварамон тавассути гузаронидани гуфтушуниду мулоқотҳо ва мубодилаи таҷриба дар ин соҳа ба мақсад мувофиқ аст.

Раванди муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ нишон медиҳад, ки ин муносибатҳо захираи кофӣ барои густариши минбаъдаи ҳамаҷониба доранд. Аз нигоҳи дурнамои манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти имкониятҳои васеи сармоягузории Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва аҳаммияти бузурги мақомоти ин кишвар ҳамчун нигаҳбонони амокини муқаддаси дини ислом, густариш ва инкишофи муносибатҳо бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба манофеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ҷалби сармоягузории мустақим аз муассисаҳои молиявӣ ва ширкатҳои бузурги Шоҳигарии Саудӣ барои рушди иқтидори истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, масолеҳи сохтмонӣ, нассоҷӣ, коркарди сангҳои қимматбаҳо, дорусозӣ, маводди хӯрокворӣ, сохтани маҷмааҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳои замонавӣ хеле муҳим аст.

Хулоса, солҳои охир ҳар ду давлат кӯшиш менамоянд, ки барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Аз ҷумла, ташкили форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, комиссияҳои байниҳукуматӣ ва дигар чорабиниҳои иқтисодию сиёсӣ ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҳарду давлат метавонанд мусоидат намоянд.

Дар маҷмуъ, омӯзиши раванди муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нишон медиҳад, ки мақом ва манзалати ШАС байни кишварҳои пешрафтаи ҷомеаи ҷаҳон, махсусан, олами мусалмон муассир аст. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз панҷ кишвари бойтарини дунё буда, имконияти хеле васеи сармоягузорӣ дорад. Ҷалби сармояи саудӣ барои рушди бахшҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон, ки дорои захираву имкониятҳои фарох аст, зарур мебошад. Истифода аз имконоти фаровони иқтисодӣ ва сармоягузориҳои ин кишвар ба рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон сабаб хоҳад шуд. Аз нигоҳи дурнамои манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба ҳузури таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави тамаддуни исломӣ ва густариши муносибатҳо бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба манофеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Б) Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва давлати Қатар

Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Қатар «13-уми декабри соли 1994 барқарор шудааст» [81, с. 96].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Қатар аввалин кишвари арабие аст, ки Амирони он се маротиба, аз ҷумла ду маротиба бо сафари расмӣ: Амири қаблӣ – марҳум Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ (الشيخ حمد بن خليفة آل الثاني, августи 2007) ва ҳозирааш – Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (الشيخ تميم بن حمد آل الثاني, 8-9-уми июни 2023), ҳамчунин, бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (14-15 июни соли 2019) ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Моҳи ноябри соли 2012 сафорати давлати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давҳа кушода шуд. Аз 6-уми майи 2024 Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қатар Маҳмадалӣ Нурмурод Муродалӣ ва аз январи соли 2023 Сафири Фавқулодда ва Мухтори Давлати Қатар дар Тоҷикистон Муборак ибни Абдураҳмон Муборак ан-Наср (مبارك بن عبدالرحمن النصر) фаъолият доранд [386].

Дар Тоҷикистон кишварҳои араби минтақаи Халиҷи Форс, аз ҷумла давлати Қатарро, ба ҳайси яке аз кишварҳои пешрафтаи минтақаи Ховари Миёна ва

умуман, ҷаҳони муосир мешиносанд. Ҳамин аст, ки «мо ба рушду таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоем ва аз ҷумлаи шарикони муҳимми худ дар арсаи байналмилалӣ медонем» [370].

Ҳамчунин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 22-юми январи 2024 бори дигар дар мулоқот бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар изҳори боварӣ намуданд, ки «натиҷаҳои вохӯрӣ ба рушди муносибатҳои ҳамкории ҷонибҳо такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид». Президенти кишвар аз он изҳори қаноатмандӣ кардааст, ки «Тоҷикистон ва Давлати Қатар бар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигар равобити дӯстӣ ва шарикии судманди гуногунҷанбаро роҳандозӣ намуда, пайваста пеш мебаранд. Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои мо ба шумор мераванд» [374]. Дидору мулоқотҳои пайвастаи сатҳи олии кишварҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷонибҳо ҷиҳати боз ҳам густариш додани робитаҳо дар ин соҳаҳо ҳавасманд мебошанд.

Дар таърихи муносибатҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чор маротиба (6-7-уми майи 2007, 5-7-уми феврали 2017, 21-22-юми январи 2024 ва 17-уми феврали 2024) ба Қатар сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додааст. Ҳамчунин рӯзҳои 2-3-юми октябри 2020 ҷиҳати иштирок дар Саммити сеюми Муколамаи Ҳамкории Осиё ба Давҳа сафар кардааст.

Муҳаққиқон таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Қатарро ба ду марҳила ҷудо кардаанд. Марҳилаи якуми он аз моҳи сентябри соли 1994 ибтидо мегирад, ки дар он «муносибатҳои ҳамкорӣ ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва масруфияти кишвар ба барқарор сохтани сохти конститутсионӣ, бартараф намудани оқибатҳои даргириҳои харобиовар ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ натавонистанд имконияти густариш пайдо кунанд» [400].

Марҳилаи дуюми муносибатҳо соли 2007 аз боздидҳои расмии мутақобилаи сарони давлатҳои ду кишвар шуруъ шуда, то имрӯз пайваста густариш меёбанд.

Сафари якуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар дар таърихи муносибатҳо саҳифаи нав боз кард ва ба рушди босуръати муносибатҳои гуногунҷабҳа замина гузошт. Лозим ба ёдоварист, ки

Қатар аввалин кишвари арабе мебошад, ки дар Тоҷикистон барои пешрафти иқтисодиёти кишвар сармоягузорӣ кардааст. Нахустин сафари расмии Амири собиқ Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ моҳи августи соли 2007 (аввалин сафари расмии роҳбари як давлати арабӣ) ба Тоҷикистон ба ин ҳамкорӣ асос гузошт. Натиҷаи сафари мазкур бо имзои татбиқи лоиҳаи сохтмони биноҳои хуштарҳи истиқоматӣ ва бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Миёна ба охир расид [81, с. 98]. Баъдан, 25-уми августи соли 2011 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ ба имзо расонида шуд, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми январи соли 2012, № 656 тасдиқ карда шуда, аз 24-уми январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шуд. Мувофиқи созишномаи мазкур дар шаҳри Душанбе бо маблағгузории Қатар ду лоиҳа: сохтмони шаҳраки «Диёри Душанбе» ва «Масҷиди калони замонавӣ дар шаҳри Душанбе» татбиқ карда шуд. 8-уми июни 2023 ҳангоми сафари Амири Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Тоҷикистон бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон калонтарин масҷидро дар Осиёи Миёна бо номи Имом Абуҳанифа ан-Нуъмон ибни Собит дар Душанбе ифтитоҳ шуд. Раиси Шурои директорони Ассотсиатсияи соҳибкорони Қатар ба АИҚ гуфтааст, ки «марҳилаи дуюми сохтмони шаҳраки «Диёри Душанбе» идома дорад» [2, 2023. – 8 июн].

Сафари дуюми расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (5-7-уми феврали 2017) ба Қатар, ки бо даъвати Амири Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (الشيخ تميم بن حمد آل الثاني) баргузор гашт ва музокироти сатҳи олӣ дар Давҳа ҷиҳати тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанбаи ду кишвар ба раванди дурнамои ҳамкориҳо такони ҷиддӣ дод. Сафари мазкур тариқи ВАО-и Қатар ба таври васеъ инъикос гардидааст [2, 2017. – 5-6 феврал]. Дар ин сафар самтҳои ҳамкориҳо дар арсаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, бонкдорӣ ва фарҳангию варзишӣ муайян шуд. Бо дастури роҳбарони олии ду кишвар байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ машваратҳои сиёсӣ дар сатҳҳои вазирон, муовинони вазир ва роҳбарони раёсатҳо таъйин шудааст.

Дар баробари ин сафари кории Амири Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба шаҳри Душанбе рӯзҳои 14-15-уми июни соли 2019 ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми «Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё» ва музокироти расмии ӯ бо Президенти Тоҷикистон муҳимтарин рӯйдод дар раванди таҳкиму тавсеаи робитаҳои дуҷонибаи сиёсӣ арзёбӣ мешавад. Дар ҷараёни мулоқот маҷмуи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Қатар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҷонибҳо ба масъалаи густариши муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, техникӣ ва сармоягузорӣ, бонкдорӣ, фарҳангӣ ва маорифу тандурустӣ, сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Рушди робитаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноати кӯҳӣ, коркарди амиқи маҳсулоти меваю сабзавот, металл ва сангҳои қиматбаҳо, аз мавзуъҳои муҳимми мулоқот буд, ки ҷонибҳо барои татбиқи амалии онҳо изҳори ҳавасмандӣ карданд. Дар рафти вохӯрӣ, ҳамчунин, масъалаҳои муҳимми таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон, муборизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳо ва дигар мавзуъҳои мубрам муҳокима карда шуд. Дар ҷараёни ин боздид бар иловаи баррасии робитаҳои дуҷониба ва роҳҳои пешбурди он, созишнома миёни ҳукумати давлати Қатар ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими шуғли аҳолӣ, инчунин, тафоҳумнома байни ду кишвар дар соҳаи прокуратура ба имзо расиданд. Аз Амири давлати Қатар даъват карда шуд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом диҳад ва ин даъват аз он ҷониб пазируфта шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҷониби Тоҷикистон барои ташкили сафари расмии Амири Қатар – Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба кишвар омодагии ҷиддӣ дида буд. Дар ин радиф ба мақсади пайгирии масъалаҳои вобаста ба сафари давлатии Амири Қатар ба Тоҷикистон 14-15-уми феврали 2020 гурӯҳи кории иборат аз намояндагони ташрифоти Девони Амирӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар вазорату идораҳои Қатар ба Тоҷикистон сафари корӣ анҷом доданд. Гурӯҳи кории мазкур зимни мулоқоту музокирот бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон ҷанбаҳои ташрифотии сафари давлатии Амир ва, инчунин, лоиҳаҳои санадҳои дуҷонибае, ки барои имзо дар рафти сафари мазкур пешниҳод мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дод. Қарор буд, ки сафари мазкури

Амири Қатар ба Тоҷикистон 11-12-уми марти 2020 баргузор гардад, аммо ба сабаби паҳншавии бемории коронавируси «КОВИД» дар аксари кишварҳои ҷаҳон сафар ба таъхир гузошта шуд. Ҷиҳати омодагӣ ба ин сафар 13-уми январи 2020 низ мулоқоти Сафири Тоҷикистон дар Қатар бо Сарвазир ва вазири корҳои дохилии Қатар Шайх Абдуллоҳ ибни Носир Оли Сонӣ баргузор гардида буд.

Робитаҳои мунтазам дар сатҳи олии ду кишвар, эътимоди мутақобил ва мавқеи ягона ва ё наздики ду кишвар нисбат ба ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавию ҷаҳонӣ ва инчунин, тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳошияи СММ ва созмонҳои дигари бисёрҷониба бар сатҳи баланди робитаҳои сиёсии ду кишвари дӯст далолат мекунанд. Тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию башарӣ миёни Тоҷикистон ва Қатар дар тақвияти ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва таъмини суботу амнияти пойдори минтақавию ҷаҳонӣ нақши созанда ва муассир дорад.

Дар таърихи муносибатҳои дуҷониба се нишасти машваратҳои сиёсӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар таҳти роҳбарии муовинони аввали вазирони корҳои хориҷии ду кишвар баргузор гардидааст:

- 24-уми октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе;
- 26-уми январи 2020 дар шаҳри Давҳа;
- 5-уми майи соли 2023 дар Душанбе.

Бояд ёдовар шуд, ки феълан заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатарро «42 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ташкил медиҳад» [386].

Машваратҳои сиёсӣ барои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешбурди ибтикороти созанда дар ҳошияи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва пайгирии дигар масъалаҳои мавриди эҳтимоми муштарак омили муҳим арзёбӣ мегардад.

Мавриди таъкид аст, ки роҷеъ ба сафари кории Президент Эмомалӣ Раҳмон ба давлати Қатар (21 ва 22-юми январи 2024) дар сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 хабару гузоришот ба табъ расидааст. Аз ҷумла, доир ба маросими

истиқболи расмии Президенти Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти Қатар, мулоқоту музокироти сатҳи олии ҳар ду кишвар ва маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ иттилоъ дода шудааст. Ҳамчунин оид ба суханронии Президент дар мулоқот бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои давлати Қатар, мулоқотҳои ӯ бо Раиси Маҷлиси Шурои давлати Қатар Ҳасан ибн Абдуллоҳ ал-Ғоним, Раиси анҷумани соҳибкорони Қатар ва раиси Шурои мудирони гурӯҳи ширкатҳои «Файсал Холдинг» Шайх Файсал бин Қосим Оли Сонӣ, Раиси Шурои мудирони ширкати энергетикии «Небрас» Муҳаммад Носир ал-Ҳоҷирӣ, Мудири иҷроияи Фонди Қатарии рушд Халифа бин Ҷосим ал-Куворӣ, Мудири бахши сармоягузории ширкати «Диёри Қатар» Аҳмад Муҳаммад Тайиб хабар пахш кардааст [385]. Ин мулоқоту вохӯриҳои дар ВАО-и Қатар низ мавриди инъикос қарор гирифта, иттилоъ додаанд, ки пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури саронидавлатҳо маросими «имзои 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расониданд» [2, 2024. – 21-22 январ].

Ҳамзамон бо мақсади густариши робитаҳои байнипарлумонӣ бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.01.2019 гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумонӣ бо Маҷлиси Шурои давлати Қатар таъсис дода шудааст. Ба ин мақсад дар парлумони Давлати Қатар (Маҷлиси Шуро) гурӯҳи ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиё фаъолият мекунад. Пас аз интихоботи Маҷлиси Шурои ин кишвар (моҳи октябри 2021) дар аввали соли 2022 гурӯҳи мазкурро дубора таъсис дод.

Вобаста ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бояд гуфт, ки танзимкунандаи асосии фаъолияти иқтисодию тиҷоратии кишварҳо асосан Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ (6-7 майи соли 2007), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, таҳти № 439 тасдиқ шудааст, ба ҳисоб меравад. Тибқи муқаррароти созишномаи мазкур Комиссияи байниҳукуматии муштараки Тоҷикистон ва Қатар оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ таъсис дода шудааст ва дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2014, таҳти № 124 ҳамраиси он Вазири

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст. Бояд зикр намуд, ки то имрӯз миёни Тоҷикистон ва Қатар чор ҷаласаи Комиссияи мазкур баргузор гардидааст:

«-ҷаласаи якум (18-19-уми октябри 2012, ш. Душанбе);

- ҷаласаи дуюм (1-2-юми феврали 2016, ш. Давҳа);

- ҷаласаи сеюм (30-31-уми августи 2018, ш. Душанбе);

- ҷаласаи чорум (27-28-уми сентябри 2023, ш. Давҳа)» [386].

Дар натиҷаи кори ҷаласаҳои Комиссияи муштарак самтҳои асосии ҳамкориҳои миёни идораву муассиса ва созмону ширкатҳои ду давлат мушаххас карда шудааст. Бо назардошти имкониятҳои васеи молиявии Қатар дар рафти ҷаласаи дуюми Комиссияи байниҳукуматӣ пешниҳод карда шуд, ки ҷониби Қатар имконияти таъсиси фонди қатариро (дар ҳаҷми 20 миллион доллари амрикоӣ) ҷиҳати дастгирии лоиҳаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Консепсияи лоиҳаи фонди мазкур қаблан аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳия гардида, ба ҷониби Қатар пешниҳод шудааст [365].

Дар умум, аз таҳлили натиҷаҳои даврaҳои гузаштаи ҷаласаҳои Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ бо Қатар ба хулоса расидан мумкин аст, ки аксари тавофуқоти дар ин замина ҳосилшуда, махсусан дар самти роҳандозии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ва тавсеаи гардиши савдо амалӣ нашудаанд. Бинобар ин, ҷониби Тоҷикистон ба даври чоруми ҷаласаи Комиссияи мазкур, ки бояд давоми нимаи якуми соли 2020-ум дар шаҳри Давҳа баргузор мегашт, вале бо сабаби паҳншавии бемории ҳамагири коронавируси «Ковид-19» ҷаласаи мазкур ба таъхир монд, омодагии ҷиддӣ дид. Ахиран, дар ҷаласаи чорум, ки рӯзҳои 27 ва 28-уми сентябри 2023 дар шаҳри Давҳа баргузор гашт, Тоҷикистон дар музокирот бо ҷониби Қатар бо лоиҳаҳои ҷалби сармоягузории мушаххас ва омӯхташуда ҷиҳати таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳо (махсусан бахшҳои хусусии ду кишвар) ворид шуд. Боварӣ дорем, ки Тоҷикистон дар оянда дар самти ҳамкориҳо бо Қатар муваффақ хоҳад гашт.

Айни ҳол татбиқи лоиҳаи «Диёри Душанбе» аз ҷониби ҶДММ «Қатари Диар Реал Истейт Инвестмент Компани Тоҷикистон» дар ҳаҷми умумии сармоягузории мустақим – 300 млн. доллар амалӣ шуда истодааст. Лоиҳа ба рӯйхати иншооти махсусан муҳим ворид карда шуда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2013, таҳти № 109 номгӯи молҳои барои татбиқи марҳилаи аввали лоиҳаи ба кишвар воридшаванда аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд. ҶДММ «Қатари Диар Реал Истейт Инвестмент Компани Тоҷикистон» дар масоҳати умумии 68 000 метри мураббаъ дар кӯчаи ба Нурулло Ҳувайдуллоев 11 бино аз ҷумла: 5 бинои истиқоматӣ иборат аз 400 утоқ бо марказҳои савдо ва истгоҳи зеризаминӣ, 1 бинои меҳмонхонаи 5 ситорадор иборат аз 65 утоқ, 1 бино барои хизматрасонӣ иборат аз 100 утоқ, 3 бинои офис ва маркази савдо бо истгоҳи зеризаминӣ ва 1 бинои кӯдакистон бояд сохта ба истифода диҳад. Давраи аввали лоиҳа, ки сохтмони 1 бинои истиқоматӣ ва 1 бинои маъмуриро дар бар мегирифт, бо сармоягузории 65 млн. доллар моҳи сентябри соли 2023 анҷом ёфт. Айни замон татбиқи марҳилаҳои минбаъдаи лоиҳа мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб қарор дорад.

Рӯзҳои 30 ва 31-уми августи соли 2018 тибқи розигии Президенти Тоҷикистон аз 3 августи соли 2018, таҳти № 29/10-465 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қатар якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор таҳти роҳбарии Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳайати ҷониби Қатарро собиқ Вазири тиҷорат ва савдои Қатар Шайх Аҳмад ибни Ҷосим Оли Сонӣ роҳбарӣ менамуд. Бояд таъкид кард, ки ҳаҷми мубодилаи тиҷоратӣ байни ду кишвар ночиз аст ва имкониятҳои мавҷуда дар ин самт самаранок мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Яке аз сабабҳои паст будани ҳаҷми табодули тиҷорат набудани хатсайри мустақими ҳавоӣ ва роҳҳои мусоиди интиқолу содироти молу маҳсулот байни Тоҷикистон ва Қатар мебошад. Аз ин рӯ, дар рафти ҷаласаи мазкур ҳангоми баррасии масъалаҳо собиқ Вазири тиҷорат ва савдои давлати Қатар оид ба масъалаи кушодани хатсайри мустақими ҳавоӣ байни шаҳрҳои Давҳа ва

Душанбе қайд кард, ки кушодашавии хатсайри мустақим заминаи асосии рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, энергетика, сайёҳӣ ва ғайраҳо хоҳад буд. Вобаста ба ин, ҷониби Қатар оид ба ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти парвозҳои мусофиркашониву боркашонӣ ва гирифтани имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла андоз аз ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ тибқи талаботҳои байналмилалӣ ва андоз аз арзиши иловашуда оид ба молҳо ва хизматрасониҳои марбут ба нақлиёти ҳавоӣ дархост пешниҳод кард. Доир ба масъалаи мазкур тарафҳо изҳор намуданд, ки мақомоти авиатсияи граждании ду кишвар ва инчунин ширкатҳои миллии ҳавопаймоии онҳо дар ростои манофеи ҳар ду ҷониб музокиротро идома дода, дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба мувофиқа мерасанд. Дар заминаи ин вохӯрӣ рӯзҳои 21-23-юми апрели соли 2019 ҳайати Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Директори Агентӣ Икром Субҳонзода ба Давлати Қатар сафари корӣ анҷом дод. Зимни сафари мазкур мулоқотҳои ҳайати авиатсияи граждании Тоҷикистон бо Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи давлати Қатар Ҷосим бин Сайф ал-Сулайтӣ, Раиси Кумитаи авиатсияи граждании давлати Қатар Абдулло Носир ал-Субейӣ ва Директори иҷроия оид ба амалиёти Ширкати ҳавопаймоии Қатар (Qatar Airways) Бадр ал-Мир баргузор гардиданд. Масъалаи роҳандозии хатсайри мустақим байни Душанбе ва Давҳа аз ҷониби Ширкати ҳавопаймоии Қатар бо истифода аз ҳаққи озоди панҷуми парвозҳо ва, инчунин, масъалаи дастгирии техникии ҷониби Қатар барои рушди соҳаи авиатсияи Тоҷикистон меҳвари гуфтушунидҳои дуҷонибаро ташкил дод. Айни замон ҳамаи заминаҳои ҳуқуқии роҳандозии хатсайри мустақими ҳавоӣ миёни ду кишвар фароҳам омадаанд ва масъалаи мазкур таҳти омӯзиш ва баррасии Ширкати ҳавопаймоии Қатар (Qatar Airways) қарор дорад [400].

Рӯзҳои 8-10-уми октябри соли 2018 дар шаҳри Давҳа ширкату корхонаҳои Тоҷикистон – ҶДММ «Ноқили Талко», ҶСП «Оби Зулол», корхонаи муштараки «Аввалин» ва ҶДММ «Реал» дар аввалин Намоишгоҳи байналмилалии маҳсулоти ватанӣ иштирок ва маҳсулоти Тоҷикистонро муаррифӣ карданд. Дар ҳошияи чорабинии мазкур Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Таъмини

рушди босуботи иқтисодӣ дар ҳамкорӣ бо Қатар» доир гашт, ки дар кори он ҳайати кишварамон бо роҳбарии Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода ширкат варзид. Ба ин восита ҷониби Тоҷикистон дастовардҳои гуногуни худро ба мардуми Қатар нишон дода, худ аз пешравиҳои қатариён дар соҳаи иқтисод, иҷтимоиёт, илму адаб ва ғайра иттилоъ пайдо намуд.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони Қатар ба масъалаҳои иҷораи заминҳои кишоварзӣ ва рушди боғпарварӣ таваҷҷуҳ доранд. Аз ин рӯ, рӯзҳои 8-12-уми июли соли 2019 сафари гурӯҳи кории ширкатҳои агросаноатии «ал-Сулайтин»-и Қатар ба мақсади таҳкими ҳамкориҳо байни бахшҳои хусусӣ дар арсаҳои саноатию кишоварзӣ ва роҳандозии лоиҳаҳои сармоягузории хурду миёна ба Тоҷикистон ташриф овард. Зимни сафар гурӯҳи кории ширкати Қатар бо вазирони кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, муовини якуми Раиси Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Раиси Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, роҳбарони корхонаҳои истеҳсолии «Сиёма», «Оби Зулол», «Сомонҷон», «Баракат», «Раҳмонҷон», «Агросаноат», «Ганҷ – 2013» ва ширкатҳои байналмилалии нақлиётии «ABBAT» ва «M&M Militzer & Munch» мулоқотҳо анҷом дод ва аз имкониятҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон низ аз наздик шинос шуд. Моҳи ноябри соли 2019 ёддоштҳои ҳамкорӣ байни Гурӯҳи ширкатҳои агросаноатии «ал-Сулайтин»-и Қатар бо Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶДММ «Авесто Гурӯҳ» ва ҶСП «Корпоратсияи Баракат» ба имзо расиданд. Феълан раванди мувофиқасозии пешнависҳои созишномаҳои ҳамкории Гурӯҳи ширкатҳои агросаноатии «ал-Сулайтин»-и Қатар бо Академия илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Ассосиатсияи боркашонони байналмилалии нақлиётии «ABBAT» идома дорад.

Соли 2016 гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо Қатар ҳамагӣ 1,4 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки қариб ҳамаи он ба содирот рост меояд. Аз он ҷумла: асал дар ҳаҷми умумии 30 кг бо арзиши 127 доллари ИМА, хушкмеваҳо

ва меваи тару тоза (чормағз, зардолуи коркардшуда, гелос, олу ва ангур) дар ҳаҷми 140 кг бо арзиши 340 доллари ИМА. Соли 2017 бошад 5,5 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки ҳамаи он ба воридот рост меояд. Аз он ҷумла: қоғаз ва картон (маҷаллаҳо, китобҳои ҳисобдорӣ, блокнотҳо ва дигар маводҳои канселярӣ). Соли 2018 ҳаҷми гардиши мол ба 3,1 ҳазор доллари ИМА расидааст. Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «гардиши савдои Тоҷикистон бо Қатар дар соли 2019 ҳамагӣ 1,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки 0,009 ҳазор доллари ИМА он ба содирот рост меояд. Аз он ҷумла: мармар дар ҳаҷми умумии 19 тонн бо арзиши 0,009 ҳазор доллари ИМА. Боқимонда 1056,2 ҳазор долларро воридоти (фторидҳо ва фторосликатҳо) ташкил медиҳад» [390]. Мувофиқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло «3 корхона бо иштироки сармоягузориҳои Қатар дар соҳаи сохтмон фаъолият доранд» [389]. Инчунин, 4 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ байни ду кишвар ба имзо расидааст.

Ҳамкории Тоҷикистону Қатар дар самти амният ва мубориза бо терроризму ифротгароӣ низ тибқи Созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният мавриди амал қарор дорад. Чунончи, рӯзҳои 14 ва 15-уми июни соли 2015 воситаҳои ахбори хориҷӣ ва ватанӣ дар такя ба Вазорати корҳои хориҷии Қатар хабар доданд, ки бо миёнаравии дипломатҳои ин кишвар 4 сарбози тоҷик аз асорати гурӯҳи Толибон (мамнуъ дар Тоҷикистон) раҳо шуда, аллакай сарбозонро ба мақомоти Тоҷикистон супурдаанд. Дар ахбор, ба хусус, «аз талоши миёнаравии амири Қатар Шайх Тамим бин Ҳаммад оли Сонӣ» [364] зикр мешавад.

Ҳамчунин, Қатар дар танзими ду конфронси сатҳи баланди байналмилалӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, ки моҳи майи солҳои 2018 ва 2019 дар шаҳри Душанбе баргузор шуданд, саҳми шоиста гузошт. Дар робита ба ин масъала муносибати ниҳодҳои қудратии ду кишвар барқарор шудаанд. Дар ин замина масоили тақвияти робитаҳои мустақими корӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ду кишвар густариш ёфт. Чунончи, дар ҳошияи сафари

Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба Қатар дар рӯзҳои 16-18-уми феврали соли 2019 суҳбату музокироти дуҷониба бо Сарвазир – Вазири корҳои дохилии Қатар, Прокурори генералӣ ва Намояндаи махсуси Давлати Қатар оид ба масъалаҳои мубориза алайҳи терроризм ва ҳалли низоъҳо баргузор шуд. Ҳайати Тоҷикистон аз Академияи политсияи Қатар, Маркази мудирият ва вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ ва Кумитаи олии тадорукот ва таъмини амнияти Ҷоми ҷаҳонии футбол-2022 дар Қатар боздид намуд. Дар рафти суҳбатҳо масъалаҳои мубрами ҳамкориҳо дар соҳаи амният ва татбиқи амалии созишномаи байниҳукуматӣ дар ин самт, «тақвияти робитаҳои байни вазоратҳои корҳои дохилӣ, табодули таҷриба ва маълумоти соҳавӣ, роҳандозии иқдомҳои муштарак дар ҷиҳати мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароӣ ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ба таҳкими иқтидори фаннӣ ва зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварамон равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд» [2, 2019. – 17 феврал]. Бо мақсади расонидани кумакҳои молию моддӣ ба ВКД-и Тоҷикистон ҷониби Қатар моҳи июли соли 2019 лоиҳаи бозсозии тамрингоҳи Гурӯҳи зудамали Сарраёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро маблағгузорӣ кард. Моҳи апрели соли 2019 се нафар афсарони ВКД-и Тоҷикистон дар ду семинари махсусе, ки Коллеҷи политсияи ВКД-и Қатар дар мавзуъҳои марбут ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил ва маблағгузории терроризм ташкил кард, ширкат варзиданд. Робитаҳои мустақими корӣ байни мақомоти амнияти ду кишвар густариш меёбанд. Аз ҷумла, моҳи феврали соли 2019 ҳайати Идораи амнияти давлатии Қатар ба шаҳри Душанбе ташриф овард. Рӯзҳои 17-18-уми сентябри соли 2019 бошад, Раиси Кумитаи амнияти давлатии Қатар сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дод.

Дар доираи ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳо моҳи октябри соли 2019 ҳайати Маркази миллии мудирият ва вокуниш ба ҳолатҳои изтирории ВКД-и Қатар ва моҳи ноябри соли 2019 ҳайати Коллеҷи политсияи ин кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари корӣ анҷом доданд.

Рӯзҳои 8-10-уми октябри соли 2019 Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод дар ҳошияи сафари расмии худ ба Давҳа масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳамкориҳо дар самти амният ва мубориза алайҳи таҳдидҳои муосири байналмилалиро бо Сарвазир ва Вазири корҳои дохилӣ Шайх Абдуллоҳ ибни Носир Оли Сонӣ, Прокурори генералӣ Алӣ бин Фетаис ал-Маррӣ, Вазири адлия ва вазири давлатӣ оид ба корҳои Шурои вазирон Исо ибни Саъд ан-Наимӣ ва Раиси Шурои олии судӣ ва Раиси Суди касатсионии давлати Қатар Ҳасан ибни Лаҳдон ал-Муҳаннадӣ баррасӣ намуд. Ҳамчунин, зимни вохӯрии Прокурори генералии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзода бо Прокурори генералии Қатар Исо бин Саъд ан-Наимӣ (عيسى بن سعد النعيمي) дар Душанбе як қатор созишномаҳо дар бораи «кумаки мутақобилаи ҳуқуқӣ ва судӣ дар парвандаҳои ҷиноӣ, истирдоди ҷиноятқорон ва интиқоли маҳкумшудагон байни ду кишвар ба имзо расониданд» [2, 2023. – 23 октябр].

Рӯзҳои 21-24-уми январи соли 2020 сафари кории ҳайати ВКД таҳти роҳбарии Сардори Академияи ВКД-и Тоҷикистон генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо даъвати ҷониби Қатар ҷиҳати иштирок дар маросими хатми курсантҳои Коллеҷи политсияи ВКД-и Қатар ба шаҳри Давҳа ташриф оварданд. Ҳангоми сафари корӣ бо Сардори Коллеҷи политсияи ВКД-и Қатар генерал-майор, доктор Муҳаммад Абдулло ал-Муҳанно ал-Маррӣ мулоқот намуд. Масъалаҳои мубрами ҳамкориҳо дар соҳаи амният, тақвияти робитаҳои байни академияҳои политсия, табодули таҷриба ва маълумоти соҳавӣ, роҳандозии иқдомҳои муштарак дар ҷиҳати мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароӣ ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ба таҳкими иқтидори фаннӣ ва зарфиятҳои мақомоти ҳифзи кишварамон равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷонибҳо ба муборизаи муштарак бо таҳдиду чолишҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм ва ифротгароӣ, зарурати таҳкими ҳамкории ду кишвар дар соҳаи амният ва мубориза бо ҷиноятҳои созмонёфтаро таъкид намуданд.

24-уми майи соли 2022 дар шаҳри Давҳа дар ҳошияи 14-умин Намоишгоҳи байналмилалии бехатарӣ ва амният «Милипол Қатар-2022» Сарвазир, Вазири корҳои дохилии Қатар Шайх Холид бин Халифа бин Абдулазиз Оли Сонӣ

Муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода Саид Ҳакимро ба ҳузур пазируфт. Дар рафти суҳбат атрофи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳо дар соҳаҳои амният, ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, табодули таҷриба байни вазоратҳо, тақвияти робитаҳои байни вазоратҳои корҳои дохилӣ ва дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн табодули назар сурат гирифт.

Ҳамзамон соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» фиристодаи вижаи давлати Қатар оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм ва миёнҷигарӣ дар ҳалли низоъҳо Моҷид ал-Қаҳтониро ба ҳузур пазируфтанд. Дар мулоқот маҷмуи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Давлати Қатар мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз «сатҳи муносибатҳои ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Давлати Қатар, ки раванди устувор касб намудааст, изҳори қаноатмандӣ карданд» [2, 2022. – 18 октябр].

Дар маҷмуъ, Қатар дар ҳамаи сатҳҳо изҳор менамояд, ки ба арзишҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва тадбирҳое, ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти миллӣ ва рушди босуботи ҷомеа амалӣ менамояд, эҳтиром мегузорад ва дар самти муқовимат бо терроризму ифротгароӣ шарики боэътимоди Тоҷикистон аст. Айни ҳол ниҳодҳои амниятӣ ва қудратии Тоҷикистон ва Қатар тамос ва мукотибаҳои худро тавассути роҳҳои дипломатӣ идома медиҳанд.

Таҳқиқ собит месозад, ки дар муносибатҳои гуногунсамтаи мутақобила сарони давлатҳои Тоҷикистону Қатар ба рушди бештари ҳамкориҳои иқтисодӣ, ба хусус робитаи доимии доираи соҳибкорон ва сармоягузорон таваҷҷуҳи (ҳавасмандӣ) зиёд доранд.

Сарфи назар аз ин, бояд таъкид кард, ки муносибатҳои мавҷуда миёни намояндагони доираҳои кории ҳар ду кишвар ҳанӯз такмил наёфтаанд. Бо вуҷуди

ин ҳама кӯшишу талошҳо аз ҳар ду ҷониб “гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Қатар ночиз боқӣ мемонад” [48, 298]. Ба мо то ҳол муяссар нагаштааст, ки таваҷҷуҳи сармоягузорони қатариро ҷиҳати амалӣ гардонидани лоиҳаҳо дар Тоҷикистон ҷалб намоем. Мавҷудияти иқтидори кофии молиявии Қатар, захираҳои табиӣ ва меҳнатии Тоҷикистон шароити мусоидро барои барқарор намудани муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодию тиҷоратӣ фароҳам овардааст.

Дар умум, Тоҷикистону Қатар имкониятҳои зиёде барои ҳамкорӣ кардан доранд. Қатар метавонад, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ кунад. Аз ин рӯ, бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва ҷалби сармояи ин давлати бойи араб «дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги Тоҷикистон аз қабили бунёди неругоҳҳои обӣ ва хатҳои интиқоли барқ, таъсиси ширкатҳои муштарак дар истихроҷ ва коркарди маъдан ва сангҳои қиматбаҳо, таъсиси лоиҳаҳои саноатии хурду миёна бо сармоягузории Қатар хеле бамаврид аст» [332]. Бо назардошти сатҳи баланди робитаҳо ва азму иродаи роҳбарони сиёсии ду кишвар, мутмаинем, ки дар ояндаи наздик беш аз пеш ҳамкориҳо дар дигар бахшҳои илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодӣ ба вуқуъ хоҳанд пайваст. Тамосҳои мунтазам дар сатҳи олии ду кишвар, эътимоди мутақобил ва мавқеи ягона ва ё наздики ду кишвар нисбат ба ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавию ҷаҳонӣ ва инчунин тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба сатҳи баланди робитаҳои сиёсии ду кишвари дӯст далолат мекунанд. Тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию башарӣ миёни Тоҷикистон ва Қатар дар тақвияти ҳамкориҳои байниминтақавӣ, таъмини суботу амнияти минтақа ва рушди муносибатҳои бемайлони ҳар ду ҷониб нақши созанда ва муассир хоҳад дошт.

В) Равобити Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) 19-уми декабри соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст [81, с. 82].

17-уми марти 2007 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Дубайи АМА таъсис дода шуд. 20-

уми апрели 2010 АМА аввалин Сафири ғайримуқимии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқоматгоҳ дар шаҳри Остона таъйин намуд. 8-уми октябри 2010 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб таъсис дода шуд ва фаъолияти худро аз аввали соли 2011 оғоз намуд.

Президенти Тоҷикистон дар давоми соҳибистиқлолӣ чор маротиба, аз ҷумла се маротиба сафари расмӣ (16-18-уми декабри соли 1995; 9-13-уми апрели соли 2007 ва 16-17-уми марти соли 2016) ва як маротиба (30-юми ноябр то 2-юми декабри 2023) ҷиҳати иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба АМА сафари корӣ анҷом додааст [385].

16-уми августи 2024 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 852 Гулов Ашрафҷон Шералиевич Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб таъйин гардида, фаъолият дорад. Дар айни замон Сафири Фавқулодда ва Мухтори Амороти Муттаҳидаи Араб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо иқоматгоҳ дар Остона) Муҳаммад Саид Муҳаммад ал-Ариқӣ мебошад.

Президенти Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон сафари расмии аввалини худро 16-18-уми декабри соли 1995 бо даъвати асосгузори Амороти Муттаҳидаи Араб ва Президенти ҳамон вақтаи АМА – Шайх Зойид ибни Султон Оли Наҳён ба Абу-Забӣ анҷом дод. Дар ҷараёни сафар Президенти Тоҷикистон бо Президенти АМА (асосгузори ин давлат) ва Сарвазири он – ҳокими аморати Дубай-Шайх Рошид бин Муҳаммад Оли Мактум ва дигар шахсони баландпояи кишвар мулоқоту суҳбатҳо доир намуданд. Дар фароварди бозdид ду созишномаи байниҳукуматӣ ва як ёддошти тафоҳум, аз ҷумла, Созишномаи ташвиқ ва ҳимояи сармоягузорҳои хориҷӣ, Созишномаи канорагирӣ аз ситонидани андози дуланда ва Ёддошти тафоҳум оид ба алоқаи ҳавоӣ ба имзо расиданд ва Баёнияи муштараки матбуотӣ қабул гардид.

Бори дуюм 9-13-уми апрели соли 2007 боздиди расмии Президенти кишвар – Эмомалӣ Раҳмон ба давлати АМА баргузор гардид, ки зимни он 5 санад оид ба ҳамкориҳо ба имзо расид.

Ахиран Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 16-17-уми марти 2016 бори сеюм бо сафари расмӣ аз АМА боздид ба амал оварданд.

Дар ин сафар масоили дурнамои ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Аморот ва рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкории ҳар ду кишвар баррасӣ гардид. Аз ҷумла, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот таъкид кард: «Мулоқоту вохӯриҳои имрӯзаро фурсати муносибе барои баррасии ҳолати кунуниву дурнамои муносибатҳои байни кишварҳоямон медонем ва умедворем, ки натиҷаҳои онҳо ба муносибатҳои судманду хайрхоҳонаи байни Тоҷикистон ва давлати Амороти Муттаҳидаи Араб тобишу такони тоза хоҳанд бахшид» [4, 2016. – 17 март].

Мавриди зикр аст, ки қаблан заминаи қарордодӣ-ҳуқуқии муносиботи кишварҳо аз 12 санади муҳим иборат буд ва дар ин сафар маҷмуи нави ҳуҷҷатҳои ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ба имзо расонида шудааст. Дар маҷмуъ, айни ҳол «заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Арабро 27 санади байнидавлатию байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ» [348] ташкил медиҳад.

Санадҳои нави ҳамкории зимни ин сафар имзошуда заминаи ҳуқуқии муносиботи моро мукаммал мегардонанд. Ҳамчунин, дар ҷараёни вохӯриҳо масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати бунёди силсилаи иншооти гуногунҳаҷми гидроэнергетикӣ, такмили инфрасохтори нақлиёт бо сохтмони роҳҳои хушкигард, пулҳо, туннелҳо ва рушди истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсоливу тиҷоратӣ дар соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳою ороишӣ баррасӣ гардид. Ҳамчунин, дар ин сафар Президенти Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон «дар вазъияти тантанавӣ бинои нави Сафорати Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Арабро ифтитоҳ кард ва суханронӣ намуд» [369].

Маҳз аз соли 2016 ба ин сӯ ҳайатҳои баландпояи АМА дар сатҳи Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии АМА Шайх Абдулло бин Зойид Оли Наҳён, Вазири энергетика ва саноати АМА Суҳайл ал-Мазрӯӣ, Вазири иқтисоди АМА Султон ал-Мансурӣ ба Тоҷикистон сафарҳои расмию корӣ анҷом доданд.

Мавриди таъкид аст, ки аз 1-уми январи 2022 шаҳрвандони Амороти Муттаҳидаи Араб бидуни раводид метавонанд, ба Тоҷикистон ба муҳлати 30 рӯз сафар намоянд ва, ҳамчунин, «аз 29-уми январи соли 2023 низоми рафтуомади бераводид миёни ду кишвар барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ, хизматӣ ва махсус ба иҷро даромад» [386].

Ҳамкориҳои байнипарлумонӣ низ дар ҳоли рушд қарор дошта, санаи 25 феврали соли 2021 нахустин машваратҳои байнипарлумонӣ дар шакли маҷозӣ миёни аъзоёни Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Арабӣ баргузор гардид. Дар Амороти Муттаҳидаи Араб гурӯҳи дӯстии Тоҷикистону Аморот фаъолият менамояд, ки ҳамасола аъзои гурӯҳи мазкур ба Тоҷикистон сафар карда, дар чорабиниҳои гуногуни байналмилалии фарҳангӣ иштирок менамоянд. Мавқеи ду кишвар нисбат ба масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ ва минтақавӣ наздик ва ё яксон буда, дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ байни ду кишвар ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст. Чунончи, Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон (أحمد بن محمد الجروان) бо Муҳаммадтоҳир Зокирзода – Раиси Маҷлиси Намояндагони Тоҷикистон бо ҳадафи таҳким ва ба роҳ мондани корҳои муштарак дар бахшҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар Осиё ва ҷаҳон дар шаҳри Душанбе созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расониданд. Дар тавофуқнома шомил шудани вакили Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ба Парлумони байнулмилалии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ, таҳкими ҳамкорӣ дар арсаи порлумонӣ дар масоили таҳаммулпазирӣ ва сулҳ ва баргузории нишасту конфронсҳои муштараки порлумонӣ пешбинӣ шудааст [3, 2023. – 2 октябр].

Яке аз ниҳоди муассир ва муҳим дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб Комиссияи муштараки байниҳукуматии

Тоҷикистону АМА оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ маҳсуб меёбад. Бо мақсади наздикшавии иқтисодиёти ду кишвар беҳгардонии робитаҳои иқтисодӣ ва ташкили заминаи мусоид барои густариши ҳамкориҳои минбаъда тибқи муқаррароти моддаи 5-и Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Амороти Муттаҳидаи Араб оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ аз 9 апрели соли 2007, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, № 438 тасдиқ шудааст ва дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2014, №124 Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Аморот таъсис дода шуд, ки раисии он ба уҳдаи Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст. Дар робита ба ин аз соли 2014 то имрӯз байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб чаҳор ҷаласаи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ баргузор гардидааст:

«- ҷаласаи якуми Комиссия 11-12 майи соли 2014 дар шаҳри Абу-Забӣ;

- ҷаласаи дуюми Комиссия20-23 апрели соли 2016 дар шаҳри Душанбе;

- ҷаласаи сеюми Комиссия 9-15 декабри соли 2017 дар шаҳри Абу-Забӣ;

- ҷаласаи чоруми Комиссия 29-уми июли соли 2021 дар шакли маҷозӣ» [386].

Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистон ва АМА Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор – собиқ раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва ҳайати АМА-ро Саид Муҳаммад Шариф – муовини Вазири корҳои хориҷии Амороти Муттаҳидаи Араб роҳбарӣ намуданд. Дар фароварди чорабинӣ Протоколи ҷаласаи сеюми Комиссияи муштарак ба имзо расид, ки дар он самтҳои асосии ҳамкориҳои миёни сохторҳои дахлдори кишварҳо, идораву муассиса ва созмону ширкатҳои ду кишвар дар соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат, сармоягузорӣ, молия, бонкдорӣ, энергетика, нафту газ, башардӯстӣ, варзиш, адлия, гумрук, захираҳои об, тандурустӣ, маориф ва илм, меҳнат, фарҳанг, стандартизатсия ва метрология, авиатсияи граждани ва сайёҳӣ мушаххас карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА дар соҳаҳои иқтисод, тиҷоратӣ ва ҷалби сармоя дар сатҳи хуб қарор дорад, аммо иқтидору имкониятҳои бузург то ҳол истифода нагардидаанд. Табодули мол миёни ду кишвар дар соли 2017 ба 50,8 млн. доллар, соли 2018 ба 70,2 млн. доллар, соли 2019 ба 61,5 млн. доллар ва соли 2020 ба 92.2 млн. доллар баробар аст.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2020 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо АМА 18,3 млн. долларро ташкил дод, ки вазни хоси он дар ҳаҷми умумии тиҷорати берунаи кишвар 0,4 фоиз мебошад. Дар тиҷорати дуҷониба ба содирот 3,5 млн. доллари ИМА ва воридот 14,8 млн. доллари ИМА рост меояд [390]. Воқеан ҳам, аз омор маълум мешавад, ки ҳаҷми гардиши савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва АМА ба имконияту иқтидорҳои мавҷудаи ду давлат ҷавобгӯ буда наметавонад. Дар Феҳристи ягонаи давлатии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар «38 корхона бо иштироки сармоягузориҳои АМА фаъолияти худро дар соҳаҳои мухталифи иқтисод, асосан, дар соҳаҳои саноати хӯрока ва тандурустӣ амалӣ менамоянд» [389]. Мавриди зикр аст, ки то ҳол ба ҷониби Тоҷикистон муяссар нагаштааст, ки таваҷҷуҳи сармоягузорони АМА-ро барои иқдомҳои ҳадафманд дар самти истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи обӣ-барқӣ ва такмили инфрасохтори нақлиётӣ ҷалб намояд. Ҳарчанд гардиши савдои хориҷӣ байни ҳар ду кишвар дар давоми се соли охир қариб 2,8 баробар зиёд гардида бошад ҳам, вале имкониятҳои истифоданашуда зиёд аст.

Яке аз қадамҳои ҷиддӣ вобаста ба таҳким ва густариши ҳамкориҳо байни ду кишвар дар соҳаи электроэнергетика сохта ва ба истифода додани неругоҳи барқӣ-обии хурди «Ориён» дар ноҳияи Ванҷ ба ҳисоб меравад. Неругоҳи мазкур бо иқтидори 800 кВт дар дарёи Ванҷоб ҳанӯз соли 2013 бо маблағгузории фонди Шайх Зоид бин Султон Оли Наҳён сохта ба истифода дода шудааст. Дар натиҷаи фаъолияти неругоҳи «Ориён» ҳаҷми истеҳсоли солонаи неруи барқ дар ноҳияи Ванҷ 2,4 млн. кВт/соат афзоиш ёфта, таъминоти неруи барқ ба муштариёни ноҳия ба таври назаррас беҳ гардидааст.

Ҳамчунин, 14-уми ноябри соли 2019 баъд аз сафари Муовини якуми Сарвазири Тоҷикистон ба шаҳри Абу-Забии АМА аз ҷониби Фонди Халифа бин Зойид Оли Наҳён маводди доруворӣ ва таҷҳизоти техникии тиббӣ ба маблағи тақрибан 3 млн. доллари ИМА бо ҳавопаймои хос ба Тоҷикистон интиқол дода шуд. Мавриди тазаккур аст, ки дар самти расонидани кумакҳои башардӯстона аз ҷониби Муассисаи хайриявии Халифа бин Зойид ба зарардидагони офати табиӣ дар Тоҷикистон 12 млн. доллар ҷудо гардид. Инчунин, дар соли 2018 аз ҷониби Муассисаи хайриявии Муҳаммад бин Рошид маблағи нақдии 272 ҳазор доллари ИМА барои харидории мошинҳои боркаш ба Агентии захираҳои моддии давлатӣ ва ба Муассисаи давлатии Гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидории таҷҳизоти муосири тиббӣ 54,380 доллар кумаки башардӯстонаи молиявӣ расонида шуд.

Мавриди таъкид аст, ки ҳайати баландпояи АМА дар ҳамаи Конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд вобаста ба масоили об, ки солҳои охир дар Тоҷикистон баргузор гардидааст, иштирок карда, тариқи ВАО-и хеш ба мардуми кишварашон хабар додаанд.

Тоҷикистон ва АМА ҳамкории густурдаро дар самти илму маориф низ ба роҳ монда, донишҷӯёни тоҷик дар асоси бурсияҳои ҷудошуда ва мустақиман дар муассисаҳои таҳсилоти олии Аморoти Муттаҳидаи Араб таҳсил менамоянд. Тоҷикистон ҷиҳати муаррифии фарҳанги мардуми тамаддунофари тоҷик ҳамасола шуруъ аз соли 2016 бо даъвати ҷониби аморотӣ дар фестивалу намоишҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Фестивали мероси Шайх Зойид ва Фестивали мероси Шориқа иштирок менамояд. Илова бар ин, Протоколи ҳамкории фарҳангӣ байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази фарҳангӣ ва мероси хаттии «Ҷумъа ал-Моҷид»-и АМА ба имзо расидааст.

Ҳамкориҳои миёни ду кишвар дар самти тандурустӣ-башардӯстона низ дар сатҳи олӣ қарор дошта, пайваста мутахассисони фонду муассисаҳои хайриявии Аморoти Муттаҳидаи Араб ба Тоҷикистон сафар намуда, ба ниёзмандон ва беморон кумаки тиббии ройгон (ҷароҳат ва таъминот бо маводди доруворӣ) мерасонанд. Чунончи, аз 5-ум то 14-уми ноябри соли 2022 намояндагони Бунёди хайриявӣ ва башардӯстонаи Муҳаммад бин Рошид ал-Мактум дар ҳайати

сардори Департаменти лоиҳаҳои Бунёди мазкур ва табибон ҷиҳати анҷом додани амали хайриявӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд ва бо дастгирии молиявии худ амалиётҳои ҷарроҳии қалби кӯдакону наврасон ташкил шуда буд.

Пажуҳиш ва таҳқиқ тасдиқ мекунад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлол ба эҳё ва густариши равобиту ҳамкориҳои васеъ бо Амороти Муттаҳидаи Араб, ки аз зумраи пешсафони олами араб аст, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар доираи сиёсати «дарҳои боз» тамоми заминаҳои меъёрию ҳуқуқиро бо афзалиятҳо фароҳам овардааст. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳамкориҳо байни Тоҷикистону АМА аз ҳар ду ҷониб ба имзо расидааст. Ин имкон медиҳад, ки ширкатҳои АМА, аз ҷумла муассисаҳои молиявию кумакрасони Аморот ҳар чи бештар бо сармояи хеш дар амалӣ кардани лоиҳа ва барномаҳо дар самти истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи обӣ-барқӣ, такмили инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмон, кишоварзӣ, бонкдорӣ, рушди сайёҳӣ ва баҳрабардорӣ аз татбиқи онҳо иштироки фаъол дошта бошанд.

Хулоса, бояд таъкид кард, ки муносибатҳои мавҷуда миёни намояндагони доираҳои кории кишварҳо ҳанӯз такмил наёфтаанд. Дар сурати хуб ба роҳ мондани раванди муносибатҳо ва ҷалби сармояҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон метавон гуфт, ки дурнамои ҳамкориҳо умедбахш аст. Заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра бо кишварҳои зикршуда фароҳам гашта, ҳамзамон Ҳукумати Тоҷикистон дар амалӣ намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ қадамҳои ҷиддӣ мегузорад, ки аз дурнамои манфиатбори равобит бо кишварҳои араби аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, минҷумла, Арабистони Саудӣ, Қатар ва АМА дарак медиҳад. Акнун вақти он расидааст, ки сатҳи равобити гуногунсамти Тоҷикистону кишварҳои мазкур низ ба таври ҷиддӣ тағйир дода шуда, сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии ҷавобгӯйи манфиатҳои муштараки дарозмуддат ва имкониятҳои ғании мавҷуда баланд бардошта шавад. Истифода бурдани ҳамаи василаҳои дастрас – суханрониву

суҳбатҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, тавсеа бахшидани робитаҳо тавассути созмонҳои ҷамъиятӣ ва тарғиби дастовардҳои илму навовариҳои якдигар зарур аст.

Ҳамчунин, имконоти васеи таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳо дар бахшҳои ояндадори барои тарафҳо манфиатбахш, аз қабили таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, содироти хушкмева ва сабзавоти тару тоза мавҷуд аст. Ҷалби сармояи ин давлатҳои бойи араб ҷиҳати пешрафти иқтисодиёти кишвар, истифодаи захираҳои бузурги табиӣ ва татбиқи барномаҳои стратегии иқтисодии Тоҷикистон хеле муфид аст.

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ вусъати ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо бар манфиати Тоҷикистон аст ва боиси рушди иқтисодии он мегардад. Дар ҳоле ки раванди муносибатҳо нишон медиҳад, захираи кофӣ барои густариши минбаъдаи ҳамаҷониба доранд. Дар ин роҳ бояд дипломатҳо ва ниҳодҳои дахлдори рушди иқтисодии кишвар фаъолияти бештар намуда, ҷиҳати ба сатҳи баланд расонидани ҳамкориҳо талоши бештар намоянд.

Гарчанде дар марҳилаи кунунӣ вазъи иқтисодии кишвар дар муқоиса ба солҳои пеш рӯ беҳбудӣ аст, боз ҳам ба сармояи хориҷӣ ҷиҳати амалӣ кардани лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ зарурат боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо дар яке аз зинаҳои аввали авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар қарор дорад, зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи ҳадафҳои гуногун, ки асоси муносибатҳои байнидавлатиро муайян мекунанд, ҳадафҳои иқтисодиро дар мадди аввал мегузорад. Чунончи, Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳояш иброз кард: «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳкими робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои аъзои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян намуда, ба ояндаи онҳо назари нек дорад. ... Мо умед дорем, ки кишварҳои араби Халиҷ ва ниҳодҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ саҳм хоҳанд гузошт» [373]. Тоҷикистон бо ҳама меъёрҳои муносиб заминаҳои ҳуқуқӣ-шартномавӣ барои ҳамкорӣ ва имкониятҳои васеи ҷалби сармояи ин кишварҳоро дорад.

БОБИ II
ИНЪИКОСИ МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОНУ КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР АГЕНТИҲОИ ИТТИЛООТИИ КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС

Дар замони муосир ВАО на танҳо воситаи пахши иттилоот, балки омили муҳимми таъсир ба сиёсат, муносибатҳои байналмилалӣ ва иртиботи оммавӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мазмун, агентиҳои иттилоотӣ низ дар таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва иртиботи байникишварӣ нақши муҳим доранд. Дар баробари ин, чунончи муҳаққиқ А.А. Клюев навиштааст: «Воситаҳои ахбори оммаи муосир унсури асосии сиёсат буда, вазифаи имиҷсозиро иҷро мекунанд» [338].

Воқеан, дар ҷаҳони муосир сарфи назар аз шакли давлатдорӣ ва низомҳои гуногун ВАО пуртаъсиртарин восита барои таҳкими қудрат, ислоҳ, пешрафт ва имиҷсозии кишварҳо эътироф шудааст. Ба хусус, дар шароити рақобати иттилоотӣ, тамоми давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ фаъол ва устувор бошанд, зеро «иттилоъ дар ҳамаи давраҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва он объекти мубориза буд» [151, с. 5].

Дар доираи авзои пешомадаи феълӣ ВАО-и агентиҳои иттилоотии давлатҳои араб талош мекунанд, ки сарфи назар аз таъсири амиқи сиёсатҳои таҳмилӣ манфиатҳои миллии худро ҳимоя намоянд. Ба андешаи муҳаққиқ Сухова Е.Ф. «роҳбарони давлатҳои араб ВАО-ро ҳамчун олати ташкилкунандаи афкори омма ва таъсир ба ҳолати идеологӣ дар кишварҳояшон ҷиҳати нигоҳ доштани таҳкурсии (бунёд) сиёсати ҳокимият, дастгирии фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмӣ хеле босамар истифода кардан мехоҳанд» [236, с. 193]. Дар таблиғоти низоми ҳукмрони кишварҳои араб ду навъи пахши иттилоот: матбуоти расмиву ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи дорои хосияти амиқи руҳонӣ-динӣ истифода мешавад. Ҳамчунин, «доираҳои динӣ дорои дастгоҳи пурзӯри ташвиқотӣ буда, дар татбиқи сиёсатҳои ҳадафмандона нақши чашмрас доранд» [56, с. 180].

Бо таъсири раванди сиёсатҳои геополитикӣ дар ВАО-и мамолики араб дар охирҳои асри XX ва аввалҳои асри XXI таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Ин равандро баъди ба фаъолият шуруъ кардани шабакаҳои иттилоотии арабӣ, ба мисли «Ал-Ҷазира» (1996, Қатар), «Ал-Арабия» (2003, Аморот) ва «Ал-Ихбория» (2004, Саудӣ) мушоҳида намудан мумкин аст, ки матбуоти Ғарб аз ахбори онҳо ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода мебурдагӣ шуд. Қаблан дар соҳаи иттилоот васоити ахбори оммаи ғарбии англисизабон бартарият дошт, ки воқеан, сиёсати иттилоотии ҷаҳонро муайян мекард. Махсусан, баъди инқилобҳои таҳмилӣ дар баъзе аз кишварҳои араб дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳон тамоюли пайдо шудани тарафи муқобили тавоно (ВАО-и араб) возеҳ мушоҳида мешавад. Хусусан, солҳои охир бо пайдо шудани шабакаҳои нави иттилоотии дар боло зикршуда авзои иттилоотӣ дар давлатҳои мусулмонӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Падидаи инкишофи ВАО-и араб ҳангоми оғози ҷанги қувваҳои ҳарбии НАТО дар Афғонистон (2001), Ироқ (2003), Яман (2011), ноором гаштани вазъи Шарқи Наздик (2011) (махсусан Сурия) ва кишварҳои араби Африқои шимолӣ (Тунис, Миср, Алҷазоир, Либия, Судон) бештар мушоҳида мешавад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки ВАО-и кишварҳои араб (махсусан Халиҷи Форс) бо истифода аз сармоя ва таҷрибаву дастовардҳои технологии иттилоотии журналистикаи Ғарб ба зудӣ таҳаввул ёфт ва феълан дар ҳоли рушд қарор дорад.

Афзоиши доимии «нақши воситаҳои ахбори омма дар саросари ҷаҳон, аллакай, зиёда аз ним аср боз мушоҳида мешавад, ки ин ним аср бевосита ба пешрафти илмию техникии имрӯз вобаста аст» [93, с.305]. Имрӯз шабакаҳои машҳури иттилоотии арабӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон бо шабакаҳои бонуфузи ҷаҳони муосир дар рақобатанд. ВАО-и араб бо шароите, ки дорад, ҳам «аз ҷиҳати сармоягузорӣ, иқтидори иқтисодӣ ва ҳам манфиатҳои сиёсӣ аз ҳама бештар соҳаи тараққикардаистода ба шумор меравад ва имрӯз воситаҳои ахбори оммаи арабиро метавон бо итминон рақибони воқеии расонаҳои амрикоӣ номид» [56, с.179].

Ҳамзамон, фазои иттилоотӣ дар ин минтақа ҳассосият ва нозукиҳои зиёд дорад ва муҳаққиқон аз «мавриди лату кӯб ва зӯроварӣ қарор гирифтан»-и кормандони шабакаҳои телевизионии мамолики араб ва ҳатто кушташавии кормандон ишора кардаанд. Мувофиқи раддабандии Созмони байналмилалии ҳуқуқи башар «Freedom House» (2021) «Қатар бо 25 хол дар ҷои 163-юм, АМА – бо 17 хол дар ҷои 179-ум ва ШАС – бо 7 хол дар ҷои 199-ум қарор дошта, ба унвони кишварҳои дорои матбуоти ғайриозод тавсиф мешаванд» [375]. Тирагиҳои фазои иттилоотии араб падидаи тоза нест ва дар замони салтанати ҳокимиятҳои диктаторӣ низ назоратҳои амиқе ба назар мерасид. Қариб дар ҳамаи ин кишварҳо васоити ахбори оммаро ҳамчун воситаи муассири ташаккули афкори ҷомеа истифода мебаранд, ки ин дар навбати худ ба вазъи дохилии идеологӣ ва сиёсии онҳо таъсир мерасонад ва фазои садоқат ва ҳамбастагиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ Т.Б. Вара «дар Шарқи Наздик ду омиле, ки барои рушди васоити ахбори оммаи муосир заруранд, мавҷуд аст. Аввалан, ин мавҷудияти иқтидори иқтисодӣ, яъне қобилияти бозор барои сармоягузорӣ ба ВАО ва дуюм, мавҷудияти иродаи сиёсӣ ва таваҷҷуҳи иҷтимоӣ барои фаъолсозии матбуот ва расонаҳои электронӣ» [55, с. 164].

Тибқи хулосаҳои пажуҳишгарон, аз ҷумла, Е.Ф. Сухова нашри ҳамаи муассисаҳои чопӣ дар кишварҳои араб ба бисёр маҳдудиятҳои маъмурӣ, молӣ ва касбӣ рӯ ба рӯанд. Аз ҷумла, бе гирифтани иҷозатномаи аз тарафи ҳокимияти ҳукмрон тасдиқшуда ҳуқуқи чоп кардани нашрия надоранд. Инчунин, барои нашри рӯзнома ва маҷалла пеш аз гирифтани иҷозатнома пардохти маблағи суғуртавӣ лозим аст. Дар кишварҳои араб давлат қонунан озодии матбуотро танзим ва маҳдуд месозад, новобаста аз он ки тибқи қоида ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ «озодии сухан яке аз ҳуқуқи асосии инсон аст» [236, с. 190].

Новобаста аз ин, дар ин робита нақши ВАО дар инъикос ва муаррифии Тоҷикистон ба олами араб хеле муассир аст. Аз омӯзиши маводди агентиҳои кишварҳои ШАС, Қатар ва АМА маълум мегардад, ки расонаҳои иттилоотии ин кишварҳо ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд ва ба раванди инкишофи муносибат миёни кишварҳо ва муаррифии Тоҷикистон дар

ҷаҳони араб мусоидат мекунад. Агентиҳои иттилоотӣ дар ин замина ҳамчун абзори дипломатияи ҷомеашиносӣ кор мекунанд, ки воситаи таъсир ба афкори ҷомеа ва эҷоди симои мусбат дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд.

Чунончи, номи Тоҷикистон давоми солҳои 2014-2024 дар 2219 маводди агентиҳои кишварҳои мавриди таҳқиқ чунин зикр шудааст [Расми №1], аз ҷумла АИС – 1132, АИҚ – 734 ва АИА – 353 мавод:

Расми №1



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Теъдоди зиёди мавод (2219) гувоҳӣ медиҳад, ки таваҷҷуҳи агентиҳои иттилоотии араби Халиҷи Форс ба Тоҷикистон тадриҷан бештар гардида, дар муаррифии имиҷи Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳони араб нақши муассир доранд.

2.1. Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ

Чун ишора шуд, асоси низоми ВАО-и Саудиро сохти давлатдории монархиявӣ ташкил медиҳад. ВАО самти сиёсати шоҳаншоҳиро тарғиб намуда, аз тарафи давлат (шоҳ) ва бо қарорҳои шоҳ назорат карда мешавад. ВАО бо розигии шоҳ таъсис ёфта, моли ӯ ба ҳисоб меравад ва манфиату мавқеи онро

ҳимоя мекунад. Соҳибони матбуот ва дигар ВАО-и ғайридавлатӣ низ шахсони наздики шоҳанд.

Дар замони муосир вазъи озодии сухан дар ВАО-и Саудӣ мураккаб боқӣ мемонад. Ҳокимият рӯзноманигоронеро, ки нисбати роҳбарони шоҳигарӣ ва сулолаи ҳукмрон маводди танқидӣ менависанд, бездошт мекунад. Асарҳои нависандагон мавриди сензураи сахт қарор дошта, дар баъзе ҳолатҳо мушкилии берун рафтани рӯзноманигорони оппозитсионӣ аз қаламрави кишвар ба назар мерасад. Солҳои охир барои ибрози андеша дар шабакаи интернет низ муаллифон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Махсусан, барои танқиди намояндагони оилаи шоҳ ва табақаи руҳониён ҷазои сахти ҷиноятӣ муайян шудааст. Даъват барои гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ ҳамчун маънои даъват ба дигаргун кардани низоми феълӣ дар ШАС дорад, ки метавонад асоси ҳабс гардад. Аз соли 2018 инҷониб дар Арабистони Саудӣ корбарони интернет тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои «интишор ва паҳн кардани ахбор, ки ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ оварда мерасонад ва ё ба меъёрҳои ислом мухолифат дорад ё таҳқиромез аст, аз ҷумла истинод ба гӯшти хук, масеҳият, динҳои дигар, машрубот ва алоқаи ҷинсӣ» ҷиноияти кибернетикӣ ҳисобида мешавад. «Муҷозот барои чунин ҷиноят то панҷ соли зиндон ва ё ҷаримаи се млн. риёл (ҳудуди 800 ҳазор доллар) аст» [320; 321]. Яке аз нишондиҳандаи муҳимми хусусияти низоми ВАО-и Саудӣ тамоюли динии (исломӣ) тамоми фаъолияти ВАО, яъне эҳтиром ва риояи ҳатмии қонунҳои шариати исломӣ мебошад. Мувофиқи қонуни асосии ШАС ВАО-ро лозим аст, ки ваҳдати миллиро дастгирӣ кунад. Дар низоми васоити ахбори оммаи Арабистони Саудӣ мафҳуми ахлоқи касбӣ мавқеи калидиро ишғол мекунад, ки он дар кодексҳои журналистӣ ва оинномаҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда ба таври мушаххас инъикос меёбад. Онҳо ба рушди кишвар, раванди сулҳ дар миқёси ҷаҳонӣ ва паҳн гардидани арзишҳои маънавӣ, инчунин, ба пешниҳоди маълумоти ҳарчи пурра ва мукаммал, масъулият барои тарзи баёни он ва худдорӣ аз таҳқири эҳсосот ва ақидаҳои дигарон равона шудаанд.

Дар маҷмуъ, ҳадаф ва вазифаи асосии расонаҳои минтақавӣ дар Арабистони Саудӣ, асосан, таблиғи ғояҳои дахлнопазирии низоми сиёсии мавҷуда, ҳамбастагии исломӣ, «таҳкими нақши стратегии шоҳигарӣ ва ҷойгоҳи он дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад» [32, с. 21].

Агентии иттилоотии Саудӣ (шакли ихтисоршудааш: АИС, бо англисӣ SPA, бо арабӣ واس) 23-юми январи соли 1971 таъсис ёфта, «аввалин ва ягона агентии иттилоотии миллии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба шумор меравад» [307, с. 21]. Ҳадаф аз таъсисёбиаш дастгоҳи мутамаркази миллӣ ҷамъ ва пахш намудани хабарҳои маҳаллӣ ва ҷаҳон аст. АИС тибқи имконоти мавҷуда дар чаҳорчӯбаи манофеъ ва арзишҳои миллӣ, расму оин ва суннатҳо кор карда, зерсохтори вазорати фарҳанг ва иттилои саудӣ мебошад, ки дар он қариб 500 нафар мутахассис фаъолият дошта, аз се шуъбаи асосӣ иборат аст: шуъбаи ахбор ва таҳрир (арабӣ, англисӣ, форонсавӣ); шуъбаи техникӣ ва шуъбаи маъмурӣ. Сомонаи АИС шабонарӯзӣ хабарҳоро бо шаш забон: арабӣ, форсӣ, англисӣ, русӣ, хитоӣ ва форонсавӣ пахш мекунад [1]. АИС узви Иттиҳоди агентиҳои арабӣ (اتحاد الوكالات العربية), Агентии иттилоотии Халиҷ (وكالة الأنباء الخليجية) ва Агентии иттилоотии исломӣ (وكالة الأنباء الإسلامية) мебошад. Қароргоҳи асосиаш дар шаҳри Ар-Риёз воқеъ аст. Ҳамчунин дар шаҳрҳои Бейрут (1390ҳ) зиёда аз 20 нафар, Қоҳира (1392ҳ) 30 нафар, Санъо (1393ҳ), Лондон (1397ҳ) тақрибан 10 нафар, Вашингтон (1399ҳ) зиёда аз 10 нафар, Тунис (1401ҳ), Теҳрон (1401ҳ) зиёда аз 10 нафар фаъолият мекунад. Илова бар ин хабарнигоронаш дар шаҳрҳои Исломобод, Урдун, Ню-Йорк, Димишқ, Мағриб, Мавритониё, Фаластин, Берлин, Бруюсел, Париж, Москва, Пекин, Мадрид, Сидней, Алҷазоир ва Кувайт ба ҷамъоварӣ ва пахши ахбор машғуланд [312, с. 188].

Агентии иттилоотии Саудӣ маводди роҷеъ ба Тоҷикистонро асосан зери рубрикаҳои «сиёсӣ» (سياسي), «умумӣ» (عامٌ), «иқтисодӣ» (اقتصادي), «иҷтимоӣ» (اجتماعي), «фарҳангӣ» (ثقافي), «варзишӣ» (رياضي), «ҳаҷ (حج), «рӯзи таъсис» (يوم التأسيس), «рӯзи миллӣ» (اليوم الوطني), «ҳисобот» (تقرير), «рамазон» (رمضان), «сайёҳат ва фароғат» (سياحة وترفيه), «муҳити зист» (بيئي) ва «рӯзномаҳои саудӣ» (الصحف

السعودية) ба табъ расонидааст [Ҷадвали №1]. Ин таснифотро дар ҷадвал ба чунин шакл метавон пешниҳод намуд:

Ҷадвали №1

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсӣ (سياسي)	15	12	14	11	3	16	11	49	38	39	37	245	21,6 %
Ом (عام)	43	47	100	56	61	19	10	36	44	55	29	500	44,1 %
Иқтисодӣ (اقتصادي)	20	5	4	6	6	3	1	1	7	11	16	80	7,1 %
Иҷтимоӣ (اجتماعي)	1	-	-	1	4	4	2	3	1	7	8	31	2,7 %
Фарҳангӣ (ثقافي)	-	-	-	2	9	6	2	2	-	5	5	31	2,7 %
Варзишӣ (رياضي)	13	8	2	2	28	13	6	9	26	25	54	186	16,4 %
Ҳаҷ (حج)	1	1	5	1	1	1	-	-	3	2	2	17	1,5 %
Рӯзи таъсис (يوم التأسيس)	-	-	-	-	-	-	-	-	-	1	1	2	0,1 %

Идомаи ҷадвали №1

Рӯзи миллӣ (اليوم الوطني)	**1**	**-**	**5**	**-**	**-**	**-**	**-**	**1**	**-**	**1**	**1**	**9**	**0,8 %**
Ҳисобот (تقرير)	**1**	**-**	**2**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**3**	**0,2 %**
Рамазон (رمضان)	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**8**	**-**	**5**	**13**	**1,1 %**
Сайёҳат ва фароғат (سياحة وترفيه)	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**2**	**2**	**0,1 %**
Муҳити зист (بيئي)	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**3**	**3**	**0,2 %**
Рӯзномаҳои саудӣ (الصحف السعودية)	**-**	**1**	**4**	**4**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**-**	**1**	**10**	**0,9 %**
Ҳамагӣ:	**95**	**74**	**136**	**83**	**112**	**62**	**32**	**101**	**127**	**146**	**164**	**1132**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Таносуби матолиби марбут ба воқеаҳои Тоҷикистонро, ки дар АИС давоми солҳои 2014-2024 интишор гардидааст [Расми №2], чунин аст:

Расми №2



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Таҳлили вусъатноки (динамикӣ) ҷараёни инъикоси воқеиёти Тоҷикистон дар АИС нишон медиҳад, ки дар тули ёздаҳ сол як хел набуда, балки ба таври спиралӣ сурат гирифтааст.

Дар ин пажуҳиш мо танҳо ба маводде таваҷҷуҳ кардем, ки бевосита ба рӯйдодҳои Тоҷикистон тааллуқ доранд. Ин гуна маводро аз нигоҳи муҳтаво ба чунин бахшҳо метавон ҷудо намуд:

А) робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон (сафарҳои расмӣ аз ду ҷониб, имзои қарордодҳо ва ғ.);

Б) ҳамкориву робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;

В) кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон.

Ба се бахш ҷудо кардани мавод замина фароҳам меорад, ки ба кадом паҳлуҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон бештар афзалият додани агентии иттилоотии АИС-ро муайян намоем.

А) **Робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон.** АИС ба инъикоси робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон (сафарҳои расмӣ аз ду ҷониб, имзои қарордодҳо ва ғ.) таваҷҷуҳи бештар дорад. Чунин мавод таҳти рубрикаи «сиёсӣ»

(سياسي) ба табъ мерасад. Маводди ин рубрика бештар ба самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон марбут буда, ҷараёни сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои хориҷӣ (ШАС, АМА, Урдун, Қатар, Миср, Баҳрайн, Покистон, Эрон, Чин, Россия), мулоқоти ҳайатҳои ҳукуматии ҷонибҳо ва музокироти онҳоро дар бар мегирад. Махсусан инъикоси сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (... 2016, 2017, 2023, 2024) Тоҷикистонро ба олами араб муаррифӣ кардааст. Ин бахш одатан дар расонаҳои давлатӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад ва ба ташаккули образи мусбати муносибатҳои байнидавлатӣ мусоидат мекунад. Чунончи, роҷеъ ба сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ШАС (аз 2-юм то 5-уми январи соли 2016) ҳафт матлаб [1, 2016. 2-5 январ], дар бораи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар ҳамоиши нахустини саронии давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои араби Халиҷ дар рӯзҳои 18 ва 19-уми июли соли 2023 4 мавод ба нашр расонидааст. Ин матолиб аксарият дар шакли хабар буда, аз ташриф, мулоқот ва суханрониҳои Президенти Тоҷикистон дар ҳамоишҳои гуногун иттилоъ медиҳанд. Масалан, дар хабарҳои сафари охир аз ташриф ва мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо Валиаҳд, Раиси Шурои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд ва суханронӣ дар нишасти саронии давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои араби Халиҷ иттилоъ додааст [1, 2023. 18-19 декабр].

АИС дар рубрикаи «Сиёсӣ» ба сафарҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Аморати Муттаҳидаи Араб (2016, 2023), Баҳрайн (2014), Кувайт (2016), Шоҳигарии Урдун (2017) ва Покистон (2022) низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хабарҳо нашр кардааст. Дар чунин мавод доир ба ташрифи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишварҳо, мулоқот бо сарварони онҳо, имзои созишномаву ёддоштҳои тафоҳум ва амсоли ин иттилоъ дода шудааст.

АИС ба сафарҳои расмии мутақобилаи Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ намуда, доир ба аввалин сафари расмии Амири Қатар Шайх Ҳамад ибн Халифа Оли Сонӣ (**الشيخ حمد بن خليفة ال ثانى**) ба Тоҷикистон ду хабар, сафари вазири корҳои хориҷӣ

Сироҷиддин Муҳриддин ба Арабистони Саудӣ ва вохӯриҳои ӯ бо воломақомони Саудӣ, оғози ҳамоиши сармоягузории СҲИ оид ба Осиёи Миёна дар Душанбе, иштирок ва суханронии Котиби генералии СҲИ дар ҳамоиш ва мулоқотҳои ӯ бо Президенти Тоҷикистон, вазирони корҳои хориҷӣ, молия ва раиси Кумитаи ҷавонон ва сайёҳӣ 4 хабар, нашр кардааст [1].

Дар ин ва дигар маводди иттилоотӣ сафарҳои Сарварони кишварҳои араби Халиҷи Форс ба Тоҷикистон, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба Қатар (2017), Амири Қатар ба Тоҷикистон (2019, 2023), Сарвазири Тоҷикистон ба Қатар (2015), бастани Созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи амният, фарҳанг, маориф, маълумоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ, нақлиёти ҳавоӣ, тандурустӣ, байни вазоратҳои адлия ва амсоли ин инъикос гардидааст.

Омӯзиши маводди сомонаи агентӣ далолат мекунад, ки он доиман ба робитаҳои Тоҷикистону Миср таваҷҷуҳ кардааст. Аз ҷумла, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии арабии Миср (2022) ва вохӯриву мулоқотҳои ӯ бо Президенти Миср Ҳуснӣ Муборак дар мавзуи таҳкими равобити дуҷониба ва масоили Ховари Миёна ва Осиёи Миёна, созишномаи ҳамкорӣ дар самтҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, маориф, илмию техникӣ, қувваи барқ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ ва ҳамчунин Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Иттиҳоди палатаҳои тиҷоратӣ ва Палатаи савдои Тоҷикистон. Чунончи, дар хабари «Президент ас-Сисӣ Президенти Тоҷикистонро ба ҳузур мепазирад» зикр гардидааст, ки Президент Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ дар қароргоҳи худ дар шаҳри Ар-Риёз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳузур пазируфт. Ҷонибҳо дар баробари баррасии як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, инчунин роҳҳои густариши ҳамкориҳои ду кишварро баррасӣ карданд [1, 2017. – 20 май]. Ба ин монанд дар матлаби «Президенти Миср бо ҳамтои тоҷикаш вомехӯрад» хабар дода шудааст, ки дар ин дидор ҷонибҳо роҳҳои густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳар ду кишвар дар бахшҳои мухталиф, илова бар ин, як қатор масоили минтақавӣ ва байналмилалиро, ки мавриди таваҷҷуҳи муштараканд, ба хусус таҳаввулоти вазъи Украинаву Афғонистон ва мубориза бо терроризмро баррасӣ карданд [1, 2022. – 10 март].

АИС ҳамчунин ба сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба Баҳрайн, Кувайт, Покистон, Чин низ таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, танҳо дар соли 2014 дар сомона таҳти рубрикаи «сиёсӣ» оид ба сафари Президенти Тоҷикистон ба Баҳрайн 5 хабар - «Президенти Тоҷикистон пагоҳ аз Баҳрайн дидан мекунад», «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Баҳрайн мерасад», «Шоҳи Баҳрайн Президенти Тоҷикистонро ба ҳузур мепазирад», «Имзои 8 шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Баҳрайн» ва «Валиаҳди Баҳрайн бо Президенти Тоҷикистон вомехӯрад» ба мушоҳида расид [1, 2014. – 26-28 май].

АИС ҳамасола роҷеъ ба мулоқоту вохӯриҳои сафирони ҳар ду ҷониб низ таваҷҷуҳ карда, ахбор ба табъ расонидааст. Танҳо дар соли 2022 оид ба фаъолияти сафири ШАС дар Тоҷикистон ҳафт мавод ба табъ расондааст, ки аз вохӯриҳои ӯ бо Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон, мулоқотҳо бо вазирони корҳои дохила, адлия, кишоварзӣ, энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, Раиси кумитаи дин ва Муфтии Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд [1, 2023. – 15 март, 20 июн, 2 июл, 22-24 август].

Таҳлили маводди АИС ошкор месозад, ки нақши он дар муаррифии Тоҷикистон ва густариши равобитаҳои дипломатӣ байни кишварҳо бориз аст. Маҳз ба фаъолияти ин агентӣ Тоҷикистон ба олами араб муаррифӣ гардида, иштироки кишвар дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ (ШАС, СҲИ ва ғайра) фаъол гардидааст. Маводди АИС дар таҳкиму тавсеаи равобити сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва дигар шарикон судманд аст. Фаъолияти агентии иттилоотӣ чун ниҳоди дипломатияи иттилоотӣ ва расонаӣ барои таҳкими муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ хизмат мекунад. Тавассути АИС сафарҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, имиҷи мусбати Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон таҳким мебахшад.

Умуман, баррасии раванд ва ҷараёни музокироти сатҳи олӣ байни ҳарду кишвар ва мулоқоту вохӯриҳои масъулони ҳукуматӣ тариқи ВАО-и саудӣ, аз ҷумла, сомонаи АИС ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ва густариши муносибатҳои дипломатӣ муҳим ва муфид аст.

Б) Ҳамкориву робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ. Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби сомонаи АИС аз он шаҳодат медиҳад, ки ВАО воқеан ҳам ба сатҳ ва раванди ҳамкориҳои ҳар ду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хос гузоштааст. Маводди сомонаи Агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо ШАС сол ба сол густариш ёфта, таҳти рубрикаҳои «Иқтисодӣ» ва «Умумӣ» (عام) ба табъ расидааст. Чунончи, дар хабари «Фонди Саудии Рушд созишномаи қарзи рушдро ба маблағи 100 млн. доллар барои дастгирии неругоҳи барқии обӣ дар Тоҷикистон имзо мекунад» зикр гардидааст, ки Директори иҷроияи Фонди Саудии Рушд – Султон бин Абдураҳмон ал-Муршид бо Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода созишномаи қарз ба маблағи 100 миллион долларро барои саҳмгузорӣ дар лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳузури Сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон (وليد بن عبدالرحمن الرشيدان), сафири Тоҷикистон дар ШАС Акрам Каримӣ ва дигар шахсони расмӣ имзо карданд. Аз муҳтавои ин матлаб маълум мешавад, ки аз соли 2002 то имрӯз аз ҷониби Фонди мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории 13 лоиҳа ва барномаҳои рушд бо арзиши зиёда аз 293 миллион доллар ҷиҳати дастгирии рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла, тандурустӣ, маориф ва об саҳм гузошта шудааст [1, 2023. – 4 декабр].

Дар АИС роҷеъ ба имзои ёддошти тафоҳум ва шартномаҳои иқтисодӣ байни бахшҳои тиҷоратии Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон дар ҳошияи нишасти ғайринавбатии сарони кишварҳои араб [1, 2022. – 29 май], вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Бонки исломии рушд (БИР) доктор Муҳаммад ал-Ҷосир (الدكتور محمد الجاسر [1, 2023. – 12 ноябр], мулоқоти Директори иҷроияи муассисаи исломии молияи тиҷорат Ҳонӣ Санбал (هاني سنبل) бо Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, 2023. – 12 май], ёддошти тафоҳум байни девони умумии мусоҳибот бо Палатаи ҳисоби Тоҷикистон дар бораи таҳкими кори назоратӣ [1, 2023. – 8 март] ва амсоли ин матолиб интишор намудааст, ки аз равнақи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Саудӣ

дарак медиҳанд. Чунончи, АИС иттилоъ додааст, ки Маҷлиси Шуро (مجلس الشورى) дар ҷаласаи 24-уми навбатии худ қарор дар бораи тасдиқи лоиҳаи Созишномаи байни Ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориро қабул кард [1, 2023. – 17 март]. Ҳамзамон, дар бораи тасдиқи Ёддошти тафоҳум аз ҷониби Шурои вазирони ШАС дар соҳаи мубориза бо терроризм ва маблағгузории он, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда байни Прокуратураи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хабар нашр шудааст [1, 2023. – 21 март].

Маводди «Палатаи савдои Макка панҷ Ёддошти тафоҳум ва шартномаҳои иқтисодӣ байни бахшҳои тиҷоратии Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон ба имзо расонид» [1, 2022. – 29 май], «Сафир ар-Рашайдан: Шоҳигарӣ шарики рушди Тоҷикистон аст» [1, 2022. – 30 ноябр], «Созишнома байни Шоҳигарӣ ва Тоҷикистон оид ба таъсиси Шурои муштараки соҳибкорон» [1, 2024. – 25 ноябр], «Баргузории ҷаласаи чоруми Кумитаи муштараки байниҳукуматии Саудӣ ва Тоҷикистон» [1, 2024. – 28 ноябр], «Бонки исломии рушд созишномаи маблағгузорӣ ба маблағи 150 миллион доллар барои Неругои барқи обии «Роғун» дар Тоҷикистон имзо кард» [1, 2024. – 10 июн] роҷеъ ба ҳамкориҳои Тоҷикистону ШАС иттилоъ медиҳанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ШАС дар масъалаи рафъи буҳрони ҷаҳонии об ҳамеша аз иқдоми Ҳукумати Тоҷикистон дар сатҳи олӣ пуштибонӣ намуда, дар ҳамаи конфронс ва ҳамоишҳои байналмилалӣ роҷеъ ба ин масъала иштирок ва суханронӣ кардааст. ШАС ин самти сиёсати худро дар ВАО, аз ҷумла АИС низ фаъолона инъикос кардааст. Чунончи, солҳои охир дар АИС ахбор роҷеъ ба мавзуи об таҳти сарлавҳаҳои «Шоҳигарӣ дар Конференсияи дуюми байналмилалии «Даҳсолаи байналмилалии амал барои об» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» [1, 2022. – 17 июн], «Шоҳигарӣ дар Конференсияи СММ роҷеъ ба об дар Ню-Йорк иштирок мекунад» [1, 2023. – 22 март] ва ««Рӯзи ҷаҳонии об» … Тақвият ва баланд бардоштани роҳҳои (усул) огоҳӣ барои ҳифзи

устувории муҳити зист» [1, 2023. – 23 март] ба мушоҳида расид. Чунончи аз унвони матолиб бар меояд, ҳамоишҳои сатҳи баланд ба сифати воқеаҳои хабарсоз истифода шудаанд.

АИС роҷеъ ба сафарҳои мутақобилаи Прокуророни генералии ҳар ду кишвар низ таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, рӯзи 27-уми августи соли 2022 дар сомона таҳти сарлавҳаи «Прокурори генералӣ (النائب العام) бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот мекунад» хабари васеъ ба табъ расидааст. Мувофиқи иттилои агентӣ дар ин мулоқот ҷонибҳо равобити дуҷонибаи ду ниҳоди адлия ва роҳҳои густариши онро бо назардошти манфиатҳои муштарак баррасӣ карданд. Ёддошти тафоҳум байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва маблағгузории он, қонунӣ кардани даромадҳои пулӣ ва ҷиноятҳои фаромарзӣ, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба имзо расонида шудааст. Инчунин, ҷонибҳо ба табодули таҷриба оид ба қонун ва қоидаҳои амалкунандаи ҳар ду кишвар дар соҳаҳое, ки ба салоҳияти ҳар ду ҷониб дахл доранд, таваҷҷуҳ кардаанд [1, 2022. – 27 август]. Ҳамин гуна хабар дар сомонаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба табъ расидааст, аммо дар он роҷеъ ба муаррифии (презентатсия) визуалии муқаддимавии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзода маълумот дода нашудааст [389].

Рӯйдоди муҳимми дигаре, ки Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи АИС қарор гирифтааст, сафари Вазири сармоягузории Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Холид ибн Абдулазиз ал-Фолиҳ ба Душанбе мебошад. Доир ба ин сафар ду мавод бо сарлавҳаҳои «Ифтитоҳи Анҷумани сармоягузории Саудӣ ва Тоҷикистон пагоҳ дар Душанбе» ва «Ифтитоҳи Анҷумани сармоягузории Саудӣ ва Тоҷикистон дар Душанбе» [1, 2022. – 24 декабр] ба табъ расонидааст. Аз ҷумла, дар маводди якум омадааст, ки фардо дар пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе ифтитоҳи Анҷумани сармоягузории Саудӣ ва Тоҷикистон таҳти раёсати вазири сармоягузории ШАС Холид бин Абдулазиз ал-Фолиҳ дар ҳузури Ҷаноби Олӣ ва

раҳбарони бахши хусусӣ ва ширкатҳои манфиатдори ҳар ду ҷониб бо мақсади равшанӣ андохтан ба шарикии сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталиф ва имконоте, ки шарикии Арабистони Саудӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад, баргузор мегардад. Доираи фаъолияти анҷуманро муаррифии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои бузург дар ҳар ду кишвар, таҳкими муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун ташкил додааст. Дар хотимаи матлаб зикр гардидааст, ки даъвати анҷуман (ҳамоиш, форум) дар чаҳорчӯби таҳкими равобити иқтисодӣ ва сармоягузории Шоҳигарӣ бо тамоми кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон ва нақши Вазорати сармоягузорӣ дар рушди онҳо барои ноил шудан ба орзуҳои дилхоҳ сурат мегирад [1, 2022. – 23 декабр].

Мавзуи дигаре, ки АИС солҳои охир ба он таваҷҷуҳ кардааст, самт ва раванди таҳкими муносибатҳои ду минтақаи ниҳоят муҳимми стратегӣ – Осиёи Миёна ва Халиҷи Форс мебошад. Роҷеъ ба густариши робитаҳои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс (ШҲКАХФ) бо кишварҳои Осиёи Миёна маводди зиёд ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, доир ба баргузоршавии ҷаласаи якуми муштараки вазирони корҳои хориҷии кишварҳои араби Халиҷ ва Осиёи Миёна [1, 2022. – 7 сентябр], мулоқоти машваратии дуюми роҳбарияти ШҲКАХФ бо сафирони кишварҳои Осиёи Миёна [1, 2023. – 16 январ] ва нахустин Саммити сарони давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои араби Халиҷ [1, 2023. – 18 июл] хабару гузоришот ба мушоҳида мерасад.

АИС рӯзи 19-уми июли соли 2023 дар партави Нишасти нахустини сарони давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои араби Халиҷ дар рубрикаи «Сиёсӣ» таҳти унвони «Шурои ҳамкорӣ ва давлатҳои Осиёи Миёна ... Манфиатҳои муштарак ва робитаҳои таърихӣ» мақола нашр кардааст. Сомона натиҷаи нишастро муҳим арзёбӣ карда, иттилоъ медиҳад, ки кишварҳои узви ШҲКАХФ ва Осиёи Миёна (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон) равобит ва арзишҳои муштараки таърихӣ доранд. Онҳо кишварҳои исломӣ буда, аъзои Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) мебошанд. Инчунин, иттилоъ додааст, ки давлатҳои Осиёи Миёна (ОМ) дорои захираҳои бузурги нефту газ ва об буда, дар натиҷаи ҳамкорӣ ва мувофиқат метавонанд, дар амнияти энергетикии ҷаҳон

нақши муассир бозанд. Даъвати нишасти ШҲКАХФ бо кишварҳои ОМ (С5) дар Шоҳигарӣ аз ташаббуси мавқеи Арабистони Саудӣ ҷиҳати таъсиси шарикии стратегии оянда байни кишварҳо тавассути иҷрои нақшаи амалиёти муштарак дар бахшҳои муколамаи сиёсӣ ва амниятӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ арзёбӣ гардидааст. Дар мақола гуфта мешавад, ки Дабири кулли Шурои ҳамкорӣ барои амалӣ сохтани густариши равобит бо кишварҳои Осиёи Миёна нахустин мулоқоти сатҳи баландро бо вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Миёна ҳанӯз 12-уми октябри соли 2021 дар Остона – пойтахти Қазоқистон баргузор кард. Дар ҷараёни вохӯрӣ аҳаммияти минтақа барои кишварҳои узви ШҲКАХФ ва хоҳиши оғози муколамаи стратегӣ бо онҳо равшан карда шуд.

Дар матн оид ба сатҳи ҳаҷми муомилоти молӣ миёни кишварҳои узви ШҲКАХФ ва ОМ маълумот овардааст, ки дар соли 2021 ҳудуди 3,1 миллиард доллар ё тақрибан 0,27 % ҳаҷми умумии тиҷорати Шурои ҳамкориҳоро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷаҳон хело кам аст. Арзиши содироти кишварҳои узви ШҲКАХФ ба давлатҳои ОМ соли 2021 тақрибан 2,06 миллиард доллар ва воридот наздики 1,03 миллиард долларро ташкил додааст. Аз ҷумла, соли 2021 маҳсулот аз кишварҳои ОМ ба минтақаи ШҲКАХФ ба маблағи 0,45 миллиард доллар содир шудааст. «Муҳимтарин амволи воридотӣ аз кишварҳои ОМ ба минтақаи Халиҷ тилло, металл (филизот) ва сангҳои қиматбаҳо, ки 43,7%-и ҳаҷми умумии воридотро ташкил медиҳад. Баъдан, оҳану пӯлод тақрибан бо 24,3% дар ҷойи дуюм қарор доранд» [1, 2023. – 19 июл].

Бояд зикр кард, ки сареъияти ахбор дар АИС ба мушоҳида мерасад. Чунончи, 27-уми феврали соли 2023 АИС дар такя ба вохӯрии Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ШАС Акрам Каримӣ бо Дабири кулли ШҲКАХФ дар шаҳри Ар-Риёз таҳти сарлавҳаи «Шурои ҳамкорӣ таҳкими равобит бо Тоҷикистонро таъкид мекунад» матлаб ба табъ расонида, аҳаммияти таҳкими дурнамои муносибатҳои шарикии Шурои ҳамкорӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи сатҳҳо, ки ба манфиатҳои муштарак хидмат мекунад, бозгӯ намудааст. Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон ва Шурои мазкур дар бахшҳои мавриди

таваҷҷуҳи муштарак баррасӣ шуданд. Ҷонибҳо инчунин атрофи қазияҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули назар карданд. Ҳамин хабар дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 29 феврал нашр шудааст [386].

АИС дар хабари дигар таҳти сарлавҳаи «Сарвазири Тоҷикистон Дабири кулли Шурои ҳамкориҳоро ба ҳузур пазируфт» иттилоъ додааст, ки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода Дабири кулли ШҲДАХФ Ноиф Фалоҳ Муборак ал-Ҳиҷраф (نايف فلاح مبارك الحجرف)-ро, дар ҷараёни сафараш ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба ҳузур пазируфт. Зимни мулоқот самтҳои ҳамкорӣ, имконоти фаровону гуногун барои густариши ҳамкориҳои фоидаовари мавриди таваҷҷуҳи манфиатҳои муштарак, инчунин, як қатор масъалаҳои байналмилалию минтақавӣ ва талошҳои дар ин самт андешидашуда баррасӣ шуданд. Ҳамчунин, дар матлаб хабар дода мешавад, ки ҷаласаи расмии гуфтушунидҳо баргузор гашта, дар фарҷоми мулоқот Ёддошти тафоҳум доир ба таҳкими равобити ҳамкориҳои кишварҳои узви ШҲДАХФ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳо ва самтҳои ҳамкориҳои муштарак ба имзо расид [1, 2022. – 3 август].

Яке аз сабабҳои дигари мавриди таваҷҷуҳи АИС қарор гирифтани Тоҷикистон равобит ва вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо роҳбарони Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) [1, 2014. – 26 октябр], Бонки исломии рушд (БИР) [1, 2016. – 5 январ; 2023. – 12 ноябр] ва баргузории конфронс ва нишастҳои ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон мебошад. Инъикоси вохӯриҳо ва чорабиниҳои мазкур ба ҷалби таваҷҷуҳи аудиторияи васеъ ва таъкид намудани нақши Тоҷикистон дар ҳалли масоили байналмилалӣ мусоидат мекунад. Мувофиқи ахбори АИС ҳаҷми маблағгузории аз ҷониби Бонки Исломии Рушд ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ҳудуди 405 млн. долларро ташкил медиҳад, ки 335 миллиони он маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки стратегии ҳукумати Тоҷикистонро дар бар мегирад. Аз қабили «рушди роҳҳои автомобилгарди минтақавӣ, лоиҳаҳои тавлид ва таъмини нерӯи барқ, мубориза бо камбизоатӣ, рушди деҳот, барқарорсозии лоиҳаҳои

ирригатсионӣ, таъмин бо оби нӯшокӣ, инчунин, лоиҳаҳои тандурустӣ ва маориф» [1, 2024. – 8 феврал].

Дар умум, ин бахш дар чаҳорчӯбаи (фрейминг) «ҳамкории фарогир» ишора мекунад, ки гуногунҷанба будани робитаҳоро нишон медиҳад. Таҳлили матолиби пешниҳодгардида собит менамояд, ки АИС на танҳо сиёсати хориҷии Тоҷикистон, балки ҳамкориҳои мухталифи иқтисодию тиҷоратӣ, амниятӣ ва фарҳангиро низ фаъолона инъикос карда, дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб нақши ниҳоят арзанда дорад. АИС ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад. Ин раванд барои Тоҷикистон дар сатҳи стратегӣ ва имиҷсозӣ аҳаммияти муҳим дорад. Чунин мавод ба шиносонидани симои Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод дар Осиёи Миёна ва Халиҷи Форс мусоидат мекунад. Ҳамчунин, агентӣ дар афзун гардидани эътимод ба ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ, сармоягузорӣ, имзои ёддошту созишномаҳо нақши муассир мегузорад.

В) Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамасола яке аз мавзуъҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи сомонаи АИС қарор гирифтааст, ин кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон тавассути Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон мебошад. Чунончи, танҳо дар соли 2023 дар сомона роҷеъ ба ин мавзуъ зери рубрикаҳои «иҷтимоӣ» ва «умумӣ» 11 мавод ба табъ расидааст, ки 8 хабар дар бораи тақсими кумакҳои мухталиф аз ҷониби Маркази мазкур ба ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин [1, 2023. – 29 апрел], Муминобод [1, 2023. – 28 апрел], Темурмалик [1, 2023. – 27 апрел], Балҷувон [1, 2023. – 26 апрел], Тоҷикобод [1, 2023. – 20 апрел], Лахш [1, 2023. – 19 апрел] ва Ғарм [1, 2023. – 18 апрел] мебошад. Кумакҳо аз кӯрпаҳо, ангиштсанг ва обгармкунакҳо иборат буда, дар ноҳияҳои мазкур ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа тақсим карда шудааст. Сомона аз сиёсати башардӯстонаи ШАС дар манотиқи мухталифи ҷаҳон ситоиш кардааст. Ба ҳамин монанд дар матнҳои «Гурӯҳи кории Маркази имдод ва кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон Салмон ҷараёни лоиҳаи нигоҳубини ятимон ва оилаҳои онҳоро дар Тоҷикистон тафтиш мекунад» доир ба тафтиши гурӯҳи кории Маркази мазкур ва раванди марҳилаи дуюми лоиҳаи нигоҳубини ятимон

ва оилаҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дода шудааст. Дар хабар, аз ҷумла зикр шуда, ки дар доираи ин лоиҳа Марказ дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Бадахшон хароҷоти зиндагии шашсад ятим ва панҷсад оилаи сарпарасти онҳоро, ки дар таъмини ниёзҳои аввалияи рӯзгор мушкилӣ мекашанд, пардохт мекунад. Лоиҳа дар чаҳорчӯбаи талошҳои башардӯстонаи ШАС барои дастгирии кӯдакони ятим дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва расонидани кӯмаки равонӣ ва иҷтимоӣ ба онҳо амалӣ карда мешавад [1, 2023. – 5 апрел]. Лозим ба ёдоварист, ки дар бораи оғози марҳилаи дуюми ин лоиҳа дар сомонаи АИС низ хабар ба табъ расидааст [1, 2022. – 3 апрел].

Ба ҳамин монанд агентии АИС доир ба кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон дар моҳи рамазон [1, 2022. – 6-7 май], тақсими кумакҳои фаврии паноҳандагиро ба осебдидагони тарма дар Тоҷикистон [1, 2023. – 31 март], интиқоли 25 тонна хурморо ҳамчун туҳфаи Шоҳигарӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, 2023. – 8 июн], роҳандозӣ кардани лоиҳаи тақсими сабади ғизоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, 2023. – 30 март] ... мавод интишор намудааст.

Аз иттилооти агентӣ бар меояд, ки ҳамасола сафорати ШАС дар арафаи моҳи Рамазон тавассути Маркази имдоди шоҳ Салмон ба ниёзмандон сабадҳои ғизо тақсим мекунад. Чунончи, дар хабари «Маркази имдод ва кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон Салмон лоиҳаи тақсими сабади ғизоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз (роҳандозӣ) мекунад» омадааст, ки Марказ бо ҳузури Сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон (وليد بن عبدالرحمن الرشيدان) тарҳи тақсими сабади ғизоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ифтитоҳ кард. Ҳадафи ин тарҳ тақсими 2760 сабади маводди ғизоӣ бо вазни 191 т. 820 кг мебошад [1, 2023. – 30 март].

АИС пайваста ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, доимо матлабҳо интишор намудааст. Ин кумакҳо дар ифтитоҳи бахшҳои тиббии сайёр, кумаки тиббӣ барои мубориза бо вируси «КОВИД-19», дастгирии хадамоти саломатии модару кӯдак ва амсоли ин сурат гирифтааст. Аз ҷумла, иттилоъ дода шудааст, ки Маркази имдод ва кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон дар доираи саҳми худ дар лоиҳаҳои Бонки Исломии Рушд (БИР) ҷиҳати дастгирии хидматрасонии беҳдоштӣ барои

модарон, навзодон ва кӯдакон дар чаҳор ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок кард. Ҳадафи лоиҳа аз нав барқарор кардан ва бо таҷҳизот таъмин намудани 4 беморхонаи марказӣ дар ноҳияҳои мавриди ҳадаф, бо таҷҳизоти асосӣ таъмин намудани 87 ҳуҷраи кумаки тиббии аввалия, 42 маркази саломатӣ дар деҳот ва шаҳрҳо, таъмин намудани 9 адад мошинҳои ёрии таъҷилии пурра муҷаҳҳаз ва гузаронидани 24 маъракаи огоҳонидан мебошад. Аз лоиҳа 300 000 (сесад ҳазор) нафар, аз ҷумла, 62 238 занҳои синну соли таваллуд, 10 118 занҳои ҳомиладор, 9 903 навзод ва 45 264 кӯдаки зери синни томактабӣ истифода мебаранд. Сомонаи АИС ин лоиҳаро ҳамчун ғамхории ШАС барои дастгирии модар, коҳиш додани сатҳи марги кӯдакон ва расонидани кумак ба одамони осебдидаи ҷаҳон муаррифӣ кардааст [1, 2022. – 16 сентябр].

Лозим ба ёдоварист, ки АИС солҳои пеш низ ба мавзуи кумакҳои башардӯстонаи олами араб ба Тоҷикистон таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, соли 2011 роҷеъ ба тариқи ройгон кандани чоҳҳо аз ҷониби Форуми байналмилалии ҷавонони мусалмон дар Тоҷикистон 2 мавод ба табъ расонидааст. Маводди якум «Кандани 3 чоҳи нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6-уми июл) ном дошта, аз кандани се чоҳи нав аз ҷониби Форуми байналмилалии ҷавонони мусалмон (Шуъбаи минтақаи Макка **(فرع منطقة مكة المكرمة)** дар чаҳорчӯбаи талошҳои пайвастаи худ ҷиҳати таъмини ниёзмандони ҷаҳони ислом бо оби ошомиданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад. Сомона дар такя ба суханони Муовини директори генералӣ оид ба корҳои иҷроияи Форум Солим ал-Ҳарбӣ дар симпозиум изҳор доштааст, ки ин чоҳҳо дар вилояти Суғд, ки оби ошомиданӣ надоранд ва сокинонаш дар дарёфти он азият мекашанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар хотимаи хабар иттилои бардурӯғ (ғалат) пешниҳод шудааст. Чунончи, минтақаи Термизро, ки қаламрави Узбекистон мебошад, дар баробари Душанбе ва Хуҷанд яке аз шаҳрҳои муҳимтарини Тоҷикистон муаррифӣ кардааст. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистонро «дорои аҳолии 6 млн. нафар ва 90 %-и онро мусулмонон» муаррифӣ кардааст [1, 2011. – 6 июл]. Дар ҳоле ки мувофиқи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилӣ соли 2010-ум аҳолии Тоҷикистон «7 млн.

522,9 ҳазор нафар ва 99,4 фоизи аҳолии ҷумҳуриро мусулмонон (41,6 ҳазор нафар ё 0,6 фоиз намояндагони дигар динҳо)» [402] ташкил медиҳад.

Дар такя ба суханони Муовини директори генералӣ оид ба корҳои равобити байналмилалӣ, доктор Муҳаммад Саид ал-Ғомидӣ бо сарлавҳаи «Форуми байналмилалии ҷавонони мусалмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 чоҳи нав меканад» ба табъ расидааст. Иттилоъ додааст, ки бо дастгирии молиявии Форум дар минтақаҳое (вилояти Суғд), ки сокинонаш аз норасоии оби ошомиданӣ азият мекашанд, дар маҷмуъ 10 чоҳ ба кор андохта шуд, ки «беш аз 30 ҳазор нафар шаҳрвандон истифода мебаранд» [1, 2011. – 25 сентябр]. Ҳамчунин, АИС роҷеъ ба расонидани кумакҳои башардӯстона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рафъи оқибатҳои сармои шадид таҳти рубрикаҳои «Иҷтимоӣ» ва «Умумӣ» 12 мавод ба табъ расидааст [1, 2008. – 17-уми феврал то 24-уми март]. Дар ахбор иттилоъ додааст, ки ҳукумати ШАС бо дастури подшоҳ Абдуллоҳ ибни Абдулазиз Оли Сауд дар баробари расонидани кумакҳои башардӯстона ҷиҳати рафъи оқибатҳои сармо, инчунин, бурсия ба маблағи 10 (даҳ) млн. доллар барои таъмини ниёзҳои фаврии башардӯстона ҷудо кард. Дар хабар омадааст, ки нахустин ҳавопаймои имдодии Арабистони Саудӣ «субҳи имрӯз ҳомили 10 ҳазору 500 кг. аз қабили кӯрпа, лавозимоти пизишкӣ, таноб (ресмон) ва маводди ғизоии мухталиф аз фурудгоҳи Ар-Риёз ба самти Тоҷикистон парвоз кард» [1, 2008. – 17 феврал].

Аз маводди таҳқиқ маълум мешавад, ки ШАС тавассути Агентии иттилоотии саудӣ доиман ба ҳама гуна кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таваҷҷуҳ дошта, мавриди инъикос ва тарғиб қарор додааст. Чунин ҳолат далели он аст, ки кумакҳои башардӯстона аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз аносири дипломатияи нарм бархӯрдор аст. Ин навъи таъкид аслан ба ташаккули ҷозиба, тақвияти имиҷи мусбат ва нуфузи байналмилалии Саудӣ нигаронида шудааст. Дар чунин ҳолат агентӣ на танҳо вазифаи иттилоотиро ба ҷо меорад, балки дар ташаккули симои (имиҷ) мусбати шарики хориҷӣ низ саҳм мегузорад. Аз таҳқиқ равшан мегардад, ки фаъолияти Маркази имдод ва кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон ҳамчун василаи муаррифии корҳои башардӯстонаи Саудӣ ба Тоҷикистон буруз мекунад,

ки боиси тақвият ёфтани нуфузи агентии мазкур дар самтҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ мегардад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиши маводди АИС маълум мешавад, ки солҳои охир густариш ва тавсеаи робитаҳои дипломатию иқтисодии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба назар мерасад, ки заминаи ин иродаи сиёсии роҳбарони ду кишвар мебошад. Тақвияти ҳамкорӣ дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ ва як қатор чорабиниҳои муҳимме, ки дар ин муддат баргузор шуданд, аз ҷумла, сафарҳои сатҳи олӣ ва форумҳои сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ, заминаи мусоидро барои муколамаи созанда ва барқарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ байни соҳибкорони ду кишвар фароҳам меовард. Кушода шудани сафорат, сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони воломақом ба ШАС ва инъикоси он дар васоити ахбори омма ба раванди инкишофи муносибат миёни кишварҳо ва муаррифии кишварамон дар олами араб мусоидат мекунад. Фазои иттилоотии арабӣ солҳои охир торафт доманаи васеъ пайдо намуда, дар баъзе ҳолатҳо дар рақобатҳои иттилоотӣ бо расонаҳои ғарб дар як сатҳ қарор гирифта истодааст.

Бо ҳамин метавон хулоса кард, ки АИС Тоҷикистонро асосан дар фреймингҳои мусбат, аз қабили дипломатияи сиёсӣ, таъкид ба ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ, зикри лоиҳаҳои рушд ва кумакҳои башардӯстона инъикос кардааст. Аз нигоҳи медиашиносӣ, чунин сохтор ба мубоҳисаҳои (дискурс) мусбат, ҳамкориҳои меҳварӣ (ҳамгиро) ва дипломатияи нарм (фарҳангӣ, нуфузӣ) мутобиқат карда метавонад. Ин раванд бо стратегияи дипломатияи иттилоотӣ мувофиқ аст, ки ҳадафи он таъсир расондан ба афкори ҷомеаи араб ва фароҳам овардани имиҷи мусбат барои Тоҷикистон мебошад.

Дар мавод ба мавзуъҳои интиқодӣ (масалан, мушкилоти сиёсӣ, баҳсҳои иқтисодӣ, танқидҳои байналмилалӣ), ишораҳо ба назар намерасанд. Ин гувоҳи он аст ки маводди мавриди таҳқиқ дорои фрейминги мусбат ва ҳамкоримеҳвар мебошад. Аз ин рӯ, муаррифӣ гаштани Тоҷикистон дар олами араб ҳамчун давлати амну осуда ва демократӣ нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ба шумор меравад.

2.2. Баррасии масоили муносибатҳои дуҷониба дар Агентии иттилоотии Қатар

Ҳарчанд ВАО-и давлати Қатар дар муқоиса бо дигар кишварҳои араб дертар ба вуҷуд омадааст (аввалин рӯзнома соли 1972 бо номи «Ал-Араб» нашр шудааст), аммо нашри рӯзномаву маҷаллаҳо, хусусан, агентиҳои иттилоотӣ дар ин кишвар босуръат афзоиш ёфтааст. ВАО дар Қатар таҳти идора ва назорати шадиди давлат қарор дорад. Иҷозатномаи нашр ва пахши ахбор аз ҷониби Раёсати генералии радио ва телевизиони Қатар дода мешавад. Фурӯши нашрияҳо дар Қатар бидуни иҷозати шуъбаи матбуот имконнопазир аст. Ҳатто шабакаи «Ал-Ҷазира» бо вуҷуди маъруфияташ аз интиқоди Қатар ва муттаҳидонаш худдорӣ мекунад.

Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الأنباء القطرية) (шакли ихтисоршудааш бо арабӣ – قنا, англисӣ – QNA, тоҷикӣ – АИҚ) – муассисаи давлатии ахборӣ, ки аз манбаъҳои асосии иттилоот дар Давлати Қатар ба ҳисоб меравад, 25-уми майи соли 1975 бо фармони Амир таҳти № 94 таъсис ёфтааст. Дар моддаи аввали ин фармон қайд шудааст: «Агентӣ ба Вазорати иттилоот тобеъ аст ва директори агентӣ бевосита ба Вазири иттилоот итоат мекунад» [457]. Вазифаҳои асосии агентӣ – ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳн кардани хабарҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, таъмин намудани иттилооти дақиқ, бетараф ва саривақтӣ, инъикоси рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ва ҷаҳон мебошад.

АИҚ соли 1980 бо агентиҳои иттилоотии Уммон, Амороти Муттаҳидаи Араб, Фаронса ва Тунис созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонд ва дар Тунис бюрои агентӣ кушод, ки он вақт маркази маъмурии Лигаи кишварҳои араб буд. Агентӣ шабонарӯзӣ хабарҳоро бо истифода аз технологияҳои муосир бо 5 забон: арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва испанӣ пешкаши хонандагон мекунад. АИҚ узви Федератсияи агентиҳои хабарии арабӣ (فانا, FANA), Ассотсиатсияи агентиҳои иттилоотии давлатҳои ҳамроҳнашуда (مجمع وكالات أنباء دول عدم الانحياز, англисӣ: NANAP), Созмони агентиҳои иттилоотии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва

Уқёнуси Ором (англисӣ: OANA), Иттиҳодияи агентиҳои иттилоотӣ (OIC), Иттиҳодияи агентиҳои иттилоотии исломӣ ва Ассотсиатсияи байналмилалии журналистон (англисӣ: IFJ) мебошад [2]. Дар умум, агентии иттилоотии Қатар манбаи расмии ахбори давлатӣ буда, дар ташаккули фазои иттилоотии он нақши муҳим дорад ва симои Қатарро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ мекунад.

АИҚ маводди худро роҷеъ ба Тоҷикистон асосан дар сомонааш таҳти рубрикаҳои «Қатар» (قطر), «Ахбор мунавваъат (гуногун)» (أخبار منوعة), «Иқтисод» (اقتصاد), «Тақорир ва диросот» (تقارير ودراسات), «Варзиш» (رياضة) ва «Ом» (عام) нашр мекунад [Нигаред ба ҷадвали №2]:

Ҷадвали №2

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳа-магӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Қатар (قطر)	3	4	2	5	4	3	6	17	20	42	50	156	21,2 %
Ом (عام)	3	9	3	1	5	1	-	12	36	14	13	97	13,2 %
Иқтисод (اقتصاد)	3	-	1	1	-	1	-	1	7	18	11	43	5,9 %
Ҳисобот ва омӯзишҳо (تقارير ودراسات)	-	-	-	-	-	-	-	2	1	4	3	10	1,3 %
Варзиш (رياضة)	-	10	5	9	5	-	2	18	55	87	202	393	53,5 %
Ахбори гуногун	-	2	1	-	1	-	2	9	2	11	7	35	4,7 %
Ҳамагӣ:	9	25	12	16	15	5	10	59	121	176	286	734	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Таҳқиқи маводди солҳои 2014-2024-и сомонаи АИҚ маълум намуд, ки дар 734 маводди он номи Тоҷикистон зикр шудааст, ки онро дар тасвир [Расми №3] ба чунин сурат метавон нишон дод:

Расми №3



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз ин ҷадвали оморӣ аён мегардад, ки таваҷҷуҳи сомонаи АИҚ ба Тоҷикистон ба таври мунтазам сурат гирифта, сол ба сол рушд кардааст. Чунончи, агар дар маводди солҳои 2014-2019 Тоҷикистон ҳар сол дар 15-20 матлаб ёд шуда бошад, дар солҳои 2021-2024, ба ҳисоби миёна, дар як сол дар 90-100 мавод нашр шудааст. Бештари маводди интишорнамудаи ин сомона бахшҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва варзиширо фаро мегирад.

А) Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби сомонаи АИҚ аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир ба сатҳ ва раванди муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон таваҷҷуҳи густурда зоҳир карда, оид ба муносибату ҳамкориҳо ва мулоқоту вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон ва масъулони тоҷик бо олами араб хабару гузоришоти зиёде нашр намудааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон мавқеи хос дорад. Сафарҳои расмӣ ва имзои созишномаҳо ба таври ҷузъӣ инъикос шудаанд.

Таҳлилу баррасии матолиби марбут ба Тоҷикистон нишон медиҳад, ки АИҚ ба ҷараён ва раванди муносибатҳои Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳи бештар кардааст. Чунончи, соли 2024 фақат дар бораи сафарҳои расмӣ ва кории

Президенти Тоҷикистон ба Қатар ва мулоқоту вохӯриҳои ӯ бо роҳбарияти ин кишвар 15 мавод ба табъ расонидааст [2, 2024. – 22 январ; 17 феврал; 3 октябр]. Соли 2023 дар бораи Тоҷикистон дар маҷмуъ 176 мавод дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, доир ба равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба 74 матлаб бахшида шудааст. Агентӣ бештар ба натиҷаи сафарҳои расмии ҷонибҳо таваҷҷуҳ мекунад. Чунончи, дар ҳошияи сафари расмии Амири Қатар ба Тоҷикистон 23 мавод ба табъ расонидааст, ки аз таваҷҷуҳи махсуси расона ба омодагии сафарҳои расмии Амир далолат мекунад. Дар хабарҳои расмии «Маросими истиқболи расмии аълоҳазрат амир дар пойтахт, шаҳри Душанбе», «Аълоҳазрат амир бо Президенти Тоҷикистон гуфтушунидҳои расмӣ мегузаронад», «Аълоҳазрат амир ва Президенти Тоҷикистон масҷиди Имом Абӯҳанифа ан-Нуъмон ибни Собитро дар Душанбе ифтитоҳ мекунанд» ва «Аълоҳазрат Амир ва Президенти Тоҷикистон шоҳиди имзои як қатор созишнома ва ёддоштҳои ҳусни тафоҳум гардиданд» [2, 2023. – 8 июн] раванди сафари Амир ба Душанбе муфассал инъикос карда шудааст. Дар баробари ин, дар АИҚ дар ҳамин рӯз дар такя ба вохурӣ ва мулоқотҳои Амир бо Президенти Тоҷикистон, вазирон, сафирон ва дигар масъулони ҳар ду ҷониб 13 мавод ба нашр расонидааст.

АИҚ на танҳо ҷараёни сафари Амири Қатарро дар Душанбе инъикос намудааст, балки дар ҳошияи ин сафар таҳти унвони «ВАО-и Тоҷикистон аз сафари аълоҳазрат амир ба Душанбе ситоиш мекунад» [2, 2023. – 9 июн] матлабе интишор намудааст, ки дар асоси ахбори АМИТ «Ховар», Агентиҳои иттилоотии «Азия-Плюс» ва «АВЕСТА» таҳия шуда як навъ хулосаи матбуотӣ аст. Аз таҳлилу баррасиҳо бар меояд, ки дар ВАО-и Тоҷикистон ба ин сафар баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, АИҚ дар асоси хабари АМИТ «Ховар» иттилоъ додааст, ки ҷонибҳо дар баробари баррасии муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, фарҳангӣ ва гуманитарии байни ҳар ду кишвар, инчунин як қатор масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои рушду таҳкими онҳоро мавриди муҳокима қарор доданд. Омадааст, ки дар мулоқот роҳҳои густариши муколамаи созандаи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, зарурати тавсеаи ҳамкориҳои парлумонӣ ҳамчун замина барои

густариши ин раванд таъкид гардидааст. Ҷонибҳо аз сатҳи муносибатҳои ду кишвар ва роҳҳои рушди онҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, имкони ҳамкориҳои дарозмуддат ва таъсиси лоиҳаҳои муштаракро оид ба истеҳсоли саноати рақобатпазири содиротӣ, ба хусус, оби ошомиданӣ, меваю сабзавот зарур донистанд. Ҳамчунин, ба гуфтаи Агентии иттилоотии «Ховар» тарафҳо роҳҳои тавсеаи ҳамкорӣ дар самти сайёҳӣ, ифтитоҳи хатсайрҳои мустақим миёни ду кишвар ва имкони таҳкими равобити фарҳангиву гуманитарӣ, хоссатан дар бахшҳои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар хотимаи гузориш хабаргузории Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар пайи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ маросими имзои 15 созишнома ва ёддоштҳои тафоҳум миёни ҳукуматҳои ду кишвар баргузор шуд.

Аз АИ «Азия-Плюс» матлаби «Ифтитоҳи бузургтарин масҷид дар Тоҷикистон» [2, 2023. – 8 июн] таваҷҷуҳи АИҚ-ро ба худ кашидааст, ки иттилоъ медиҳад: «Масҷид 12 гектар масоҳат, 3 гектар бино ва 3 даромадгоҳи калон дорад. Дар як вақт 133 ҳазор, аз ҷумла, 43000 нафар дар дохил ва боқимонда дар канори берунаи масҷид, метавонад намоз хонанд».

Дар сомона пайваста доир ба мулоқоту вохӯриҳои вазирону сафирони ҳар ду ҷониб мавод ба мушоҳида мерасад, ки «Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо сафири давлати Қатар мулоқот кард» [2, 2022. – 23 октябр], «Дабири кулли Вазорати корҳои хориҷӣ бо сафири Тоҷикистон мулоқот мекунад» [2, 2022. – 22 сентябр], «Президенти Тоҷикистон фиристодаи вижаи вазири умури хориҷиро ба ҳузур пазируфт» [2, 2022. – 18 октябр], «Муовини Сарвазир ва Вазири корҳои хориҷӣ паёми хаттии Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистонро гирифт» [2, 2022. – 16 август], «Сарвазири Тоҷикистон бо Дабири кулли Шурои ҳамкории Халиҷ вомехӯрад» [2, 2022. – 3 август] ва «Вазири муҳити зист ва тағирёбии иқлим бо вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон мулоқот мекунад» [2, 2022. 7 июн] аз ҷумлаи онҳост. Дар ҳамаи ахбор иттилоъ додааст, ки зимни мулоқотҳо равобити дуҷонибаи ҳамкориҳои гуногунсамт байни ду кишвар баррасӣ шуд.

Ҳамин тавр, соли 2021 дар бораи ду мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо Вазири корҳои хориҷии Қатар Султон

бин Саъд ал-Мурайхӣ [2, 2021. – 30 март; 16 июл], вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо Президенти Эрон [2, 2022. – 30 май], Сарвазири Покистон [2, 2022. – 14 декабр], ҳамоиши соҳибкорони Тоҷикистону Туркия дар Душанбе [2, 2022. 1- ноябр], нишасти СҲШ дар Узбекистон [2, 2022. – 14 декабр], иштироки Қатар дар нахустин нишасти муштараки вазирони муколамаи стратегӣ байни ШҲКАХФ ва кишварҳои Осиёи Миёна [2, 2022. – 7 сентябр] хабарҳо ба мушоҳида мерасад.

Дар АИҚ ба муносибати Рӯзи миллии давлати Қатар дар такя ба суханронии сафири Тоҷикистон дар Қатар Хусрав Соҳибзода таҳти унвони «Сафири Тоҷикистон: Қатар устуворона ба сӯйи ояндаи пур аз дастовардҳои бузург пеш меравад» гузорише интишор гардидааст, ки дар он Сафири Тоҷикистон ба дастовардҳои бузурги давлати Қатар таҳти роҳбарии Амири Қатар-Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ баҳои баланд дода, пешрафтҳои давлати Қатар дар бахшҳои иқтисод, сармоягузорӣ, саноат, нақлиёт, сайёҳӣ ва илму фанновариро шоёни таҳсин гуфтааст. Сафир дар робита ба густариши равобити Қатар ва Тоҷикистон таъкид кардааст, ки таҳкиму густариши ҳамкорӣ бо давлати Қатар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвараш аст. Аз замони имзои барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ (1994) равобити дуҷонибаи ҳар ду кишвар хеле рушд кардааст. Тоҷикистон Қатарро ҳамчун кишвари пешрафта ва тараққикарда на танҳо дар Шарқи Миёна, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мекунад. Сафир доир ба тавсеаи равобити иқтисодиву тиҷоритӣ ва сармоягузорӣ миёни Қатар ва Тоҷикистон иброз доштааст, ки имконот ва зарфиятҳои бузурги иқтисодӣ вуҷуд доранд, ки метавон ба онҳо такя кард. Ҳар ду ҷониб кӯшиш мекунанд, ки имкониятҳои мавҷударо барои фаъол гардондани муносибат ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд истифода баранд. Мавсуф дар партави афзудани мақом ва нақши Қатар дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ таъкид кардааст, ки барои ноил шудан ба густариши ҳамкориҳо тавсеаи бахши хусусӣ, аз ҷумла, ҷалби тоҷирон ва сармоягузорон нақши барҷаста ва муҳим дорад. Ҳамчунин, сафир роҷеъ ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз 1-уми январи соли 2022 озод кардани шаҳрвандони

Давлати Қатар аз раводиди вуруд иттилоъ дода, зикр намудааст, ки тибқи ин қарор шаҳрванди Қатар ҳангоми сафар ба Тоҷикистон метавонад бе раводиди вуруд муддати 30 рӯз дар Тоҷикистон истиқомат кунад. Инчунин, вай аз иқдомоти Давлати Қатар дар муқовимат барои рафъи оқибатҳои пандемияи «Ковид-19» тавассути ҳамоҳангӣ бо созмонҳои дахлдори байналмилалӣ ва дастгирии пайваста аз кишварҳое, ки бештар осебпазиранд, ситоиш кардааст. Сафир роҷеъ ба омодагии Қатар ба мизбонии Ҷоми ҷаҳонии футбол -2022 низ ибрози андеша кардааст [2, 2021. – 16 декабр].

Дар ин матолиб Тоҷикистон аз тарафи агентӣ ҳамчун кишвари фаъол дар муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ гардидааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи мавод нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Қатар сол ба сол густариш ёфта, ба сатҳи баланд расидааст. Аз ҷумла, аз раводиди вуруд озод кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ва Қатар далели рушди ҳамкориҳо буда метавонад [2, 2021. – 22 ноябр]. Ҳамзамон, ҳар сол дар агентӣ ба муносибати рӯзи Истиқлолияти Тоҷикистон таҳти рубрикаи «Қатар» се хабари табрикотӣ аз номи роҳбарияти Қатар ба Президенти Тоҷикистон чоп мешавад [2, 2024. – 9 сентябр; 2023. – 9 сентябр; 2022. – 9 сентябр; 2021. – 9 сентябр].

Мавриди тазаккур аст, ки солҳои пеш низ тамоми сафарҳои расмии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва намояндагони воломақоми Ҳукумати Тоҷикистон ба кишварҳои араб дар ВАО-и Қатар мавриди инъикосу баррасӣ қарор гирифтааст. Ахбору гузоришҳо дар АИҚ имконияти муаррифии бештарро ҷиҳати шинохти Тоҷикистон дар ҷаҳони араб фароҳам меоварад.

Сомонаи АИҚ ҳамеша ба раванди равобити Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ кардааст. Аз ҷумла, доир ба мулоқоту вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарони кишварҳои Россия, Арабистони Саудӣ, Эрон, Туркия ва Покистон хабарҳо ба мушоҳида расид. Махсусан, ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Чунончи, соли 2023 доир ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ таҳти сарлавҳаҳои «Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон даври дуввуми

машваратҳои сиёсӣ байни ҳар ду кишварро баргузор мекунанд», «Гуфтушуниҳои Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими равобити дуҷониба», «Фонди Саудии Рушд барои маблағгузории лоиҳа дар бахши маорифи Тоҷикистон созишнома ба имзо расонд» матолиб ба мушоҳида расид.

Дар маводди якум доир ба баргузории машваратҳои сиёсии Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе [2, 2023. – 2 октябр], дар матлаби дуюм роҷеъ ба вохӯрии муовини вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ Валид бин Абдулкарим ал-Хурайҷӣ бо муовини Сарвазири Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода [2, 2023. – 3 октябр] ва дар маводди доир ба имзо расидани созишномаи қарзии рушд ба маблағи умумии 20 млн. доллар барои маблағгузории яке аз лоиҳаҳои бахши маорифи Тоҷикистон, ки дар шаҳри Ар-Риёз Фонди Саудии Рушд бо Вазорати молияи Тоҷикистон амалӣ гардидааст, иттилоот пайдо мекунем. Маблағи умумии саҳми ФСР барои дастгирии соҳаи маориф дар панҷ марҳила 95 млн. долларро ташкил медиҳад, ки барои бунёд ва муҷаҳҳаз сохтани 76 мактаб нигаронида шудааст. Дар хотимаи хабар иттилоъ медиҳад, ки Фонди Саудии Рушд аз соли 2002 инҷониб ба Тоҷикистон илова ба дастгирии бахши нақлиёт дар маблағгузорӣ ва татбиқи 12 лоиҳа ва барномаҳои рушд барои мусоидат дар бахшҳои зерсохтори иҷтимоӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф ва об ба маблағи беш аз 193 млн. доллар саҳм гузоштааст [2, 2023. – 6 октябр]. Солҳои пешин низ чунин таваҷҷуҳи АИҚ роҷеъ ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба мушоҳида мерасад [2, 2016. – 3 январ].

Ҳамчунин, АИҚ ба равобити Тоҷикистон бо Эрон ва Туркия низ таваҷҷуҳ кардааст. Маводди ин агентӣ таҳти сарлавҳаи «Эрон ва Тоҷикистон 18 ёддошти ҳамкории муштарак имзо карданд» (8-уми ноябри соли 2023) ва «Туркия ва Тоҷикистон созишномаи ҳамкориҳои низомӣ имзо карданд» (26-уми июли 2023) ин ҷо метавон ба сифати намуна зикр намуд. Дар матни аввал доир ба таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба, ба хусус, тасвиби барномаи ҳамкориҳои дарозмуддати тиҷоративу иқтисодӣ барои солҳои 2023-2030, лағви раводидҳои вуруд миёни ду кишвар, мубориза бо маводди мухаддир, ҳамкорӣ дар бахшҳои нақлиёт ва транзит, таъсиси минтақаи муштараки озод, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва техникӣ

дар бахшҳои таҳсилоти олӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамчунин роҷеъ ба имзои созишномаи бародаршаҳрӣ байни шаҳрҳои Язд (یزد)-и Эрон ва Хуҷанди Тоҷикистон [2, 2023. – 8 ноябр] ва дар маводди дуюм доир ба имзо расидани тавофуқномаи ҳамкориҳои низомӣ ва протоколи иҷрои кумакҳои молӣ миёни Туркия ва Тоҷикистон иттилоъ дода шудааст.

АИҚ роҷеъ ба нишаст ва мулоқоту вохӯриҳои сарони кишварҳои Шурои ҳамкориҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс (ШҲКАХФ) ва Осиёи Миёна, ки 19-уми июли соли 2023 дар Ҷидда баргузор шудааст, низ таваҷҷуҳ намуда, ду мавод ба табъ расонидааст. Дар матлаби якум «Нишасти машваратии роҳбарони Шурои ҳамкории Халиҷ ва давлатҳои Осиёи Миёна имрӯз дар Ҷидда» дар бораи баргузории нишасти машваратии роҳбарони кишварҳои узви Шурои ҳамкориҳои Халиҷ бо давлатҳои Осиёи Миёна дар ҳузури намояндагони шаш кишвари Шурои ҳамкориҳо ва Президентони панҷ кишвари Осиёи Миёна: Узбекистон Туркманистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷиҳати густариши ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои муштарак, аҳаммияти баргузории ин ҳамоиш шарҳу тавзеҳ ёфтааст [2, 2023. – 19 июл]. Аҳаммияти ин ҳамоиш дар он аст, ки он аввалин бор аст ва баёнгари ҳавасмандии кишварҳои ШҲКАХФ барои ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Миёна бо мақсади таҳкими мавқеи Шуро дар арсаи ҷаҳон мебошад.

Дар маводди дигар, ки дар такя ба суханрониҳои роҳбарони кишварҳои Осиёи Миёна бо сарлавҳаи «Президентони Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон аз натоиҷи нахустин нишасти Халиҷи Форс бо кишварҳои Осиёи Миёна қадрдонӣ карданд» таҳия шудааст, таваҷҷуҳи кишварҳои араби Халиҷ бо кишварҳои Осиёи Миёна, фароҳам овардани имкониятҳо барои ҳамкориҳои ҷиддии минтақавӣ, афзоиши муассир ва фаъоли тиҷорат миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва ШҲКАХФ, афзоиши феҳристи тиҷорати мутақобила ва фаъол кардани ҳамкориҳои сармоягузорӣ, афзоиш додани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварҳои Осиёи Миёна ба кишварҳои араби Халиҷ, рушди сайёҳӣ, ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва амсоли ин инъикос гардидааст.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷалби сармояи кишварҳои Халиҷ ба Тоҷикистонро ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои авзалиятноки соҳаҳои энергетика ва саноат таъкид карда, аз ҷумла, изҳор доштааст: «Тоҷикистон, ки дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошад ва саъй дорад, тавассути бунёди як силсила неругоҳҳои дорои иқтидорҳои гуногун бахши энергияи сабзро ба нафъи тамоми минтақа рушд диҳад. Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва лоиҳаҳои нақлиёту коммуникатсияи дорои аҳаммияти минтақавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад» [2, 2023. 19 июл].

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон диққати иштирокчиёни нишастро ба масъалаи ҳалли мушкилоти Афғонистон мутаваҷҷеҳ сохта, изҳор кардааст, ки Тоҷикистон ҳама талошҳои сиёсиву дипломатиро, ки барои ба эътидол овардани вазъи Афғонистон равона гардидаанд, аз ҷумла, ташаббусҳои расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми ин кишварро истиқбол мекунад ва барои ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои Халиҷ дар ин самт ва идомаи ҳамкориҳои судманд барои ҳалли масъалаҳои об дар оянда омода аст.

АИҚ ба Саммити «Чин ва Осиёи Миёна», ки рӯзҳои 18-ум ва 19-уми майи соли 2023 таҳти раёсати Раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпин дар шаҳри Сиан баргузор гаштааст, мутаваҷҷеҳ шудааст. Чунончи, дар матни «Саммити Чин ва Осиёи Миёна давраи нави шарикӣ ва ҳамкориро оғоз мекунад» дар бораи баргузории Саммити «Чин+Осиёи Миёна» бо иштироки роҳбарони панҷ кишвар: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон иттилоъ пайдо мекунем. Аз муҳтавои ин нигошта бар меояд, ки ин Саммит оғози давраи нави ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии он миёни шаш кишвар будааст. Чин аз ин нишаст бо кишварҳои минтақаи дорои аҳаммияти геостратегӣ ситоиш карда, онро дар таърихи равобити ду ҷониб як марҳилаи муҳимме арзёбӣ кардааст. Пекин ва панҷ кишвари мазкур дар масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ назар ва мавқеъҳои наздик доранд, аммо ҳанӯз ҳам зарурати ҳамоҳангсозии бештар вуҷуд дорад. Чин, ки дуюмин масрафкунандаи неруи барқ дар ҷаҳон ба шумор меравад ва миллиардҳо доллар барои баҳрабардорӣ аз захоири газ дар Осиёи Миёна сармоягузорӣ кардааст, ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

Дар мақола ҳамчунин аз сафарҳои роҳбари Чин ба кишварҳои ОМ, иштирок дар ҷаласаи 22-юми Шурои сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай (2022), таҳлили даҳумин солгарди ташаббуси «Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим» (2023), чаҳорумин нишасти вазирони корҳои хориҷии Чин ва Осиёи Миёна (2023), нишасти маҷозӣ ба муносибати 30-умин солгарди равобити дипломатии Чин ва кишварҳои ОМ ва иштироки сарони кишварҳои ОМ дар маросими ифтитоҳи Бозиҳои зимистонаи олимпӣ дар Пекин ёдоварӣ шудааст.

Дар хотимаи мақола дар бораи густариши равобити иқтисодии ҳар ду ҷониб чунин маълумотро мехонем: «наздикии ҷуғрофӣ бо кишварҳои ОМ ба Чин бартарияти табиӣ ҷиҳати ҳамкории гуногунҷабҳа медиҳад. Солҳои ахир густариши табодули иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ба назар мерасад. Аз замони барқароршавии равобити дипломатӣ бо кишварҳои ОМ (1992) Чин яке аз шарикони муҳимми иқтисодӣ ва тиҷоратии ин кишварҳо гашт. Мувофиқи маълумоти расмӣ ҳаҷми муомилоти мол миёни Чин ва давлатҳои ОМ соли 2022 ба 70 (ҳафтод) млрд. доллар расидааст. Воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, энергетикӣ ва маъдании Чин аз давлатҳои ОМ дар як сол беш аз 50 % ва содироти маҳсулоти механикӣ ва электротехникии Чин ба кишварҳои ОМ 42 % афзоиш ёфтааст. Тиҷорати электронӣ тавассути марзҳо байни ҳар ду ҷониб 95 % афзуда, то охири марти 2023 тавозуни сармоягузории мустақими Чин дар панҷ кишвар беш аз 15 млрд. ва ҳаҷми умумии муомилоти лоиҳаҳои анҷомдодашуда байни ду тараф наздики 63 млрд. долларро ташкил медиҳад [2, 2023. – 17 май].

Дар матлаби дигар, ки рӯзи оғози Саммит таҳти рубрикаи «Иқтисод» бо сарлавҳаи «Саммити Чин ва Осиёи Миёна: Пекин интизори густариши лоиҳаи Роҳи Абрешим аст» чоп шудааст, доир ба ифтитоҳи Саммити «Чин+Осиёи Миёна» аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпин, масъалаҳои дар саммит баррасишуда, амсоли лоиҳаи тавсеаи лӯлаи газ, ки Осиёи Миёна ва Чинро мепайвандад, бунёди шабакаҳои ҳамлу нақл ва қубурҳои бузурги энергетикӣ, лоиҳаи роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Узбекистон бо арзиши 6 млрд. доллар, маълумот оварда шудааст. Пекин таъкид кардааст, ки ҳаҷми муомилоти тиҷоратӣ бо кишварҳои ОМ соли 2022 ба 70 млрд. доллар расида, семоҳаи аввали

соли 2023 дар муқоиса бо семоҳаи соли гузашта 22 % афзоиш сабт шудааст. Дар хотимаи хабар иттилоъ додааст, ки ОМ дар ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ»-и Чин, ки триллион доллар арзиш дорад ва барҷастатарин лоиҳаи геополитикӣ дар давраи раисиҷумҳур Си Ҷинпин (شي جين بينغ) ба шумор меравад, нақши асосӣ дорад. Дар ин хабар низ чун маводди пешина иттилоъ додааст, ки Чин дуюмин масрафкунандаи бузурги нерӯи барқ дар ҷаҳон барои истифода аз захоири гази табиии ОМ ва хатҳои роҳи оҳан, ки Чинро бо Аврупо мепайванданд, миллиардҳо доллар сармоягузорӣ кардааст [2, 2023. 18 май].

Таваҷҷуҳ ба инъикоси муносибатҳои Тоҷикистон бо Қатар, Эрон, Туркия, Арабистони Саудӣ, кишварҳои узви ШҲКАХФ ва МҲТБО барои нишон додани симои кишвари мо ҳамчун шарики боэътимоди минтақавӣ мусоидат мекунад.

Аз таҳқиқи маводди сомона маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои дигари бештар муаррифӣ гаштани Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои араб баргузории конфронс ва ҳамоишҳои байналмилаливу минтақавӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Намояндагони давлати Қатар дар ҳама ҳамоиш ва конференсияҳои минтақавию байналмилалӣ мунтазам ва фаъолона ширкат варзида, барои таблиғи сиёсати худ дар расонаҳо мавод ба табъ расонидаанд. Чунончи АИҚ роҷеъ ба иштироки Қатар дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо», ки 18-19-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе доир шуд, таҳти унвони «Қатар дар конфронс оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва идоракунии сарҳадҳои байналмилалӣ ба мубориза алайҳи терроризм иштирок мекунад» гузориш интишор намуда, аз ҷумла афзудааст, ки ҳайати давлати Қатарро дар ин конфронс намояндаи вижаи вазири корҳои хориҷӣ оид ба мубориза бо терроризм ва миёнаравӣ дар ҳалли низоъҳо доктор Мутлақ бин Маҷид ал-Қаҳтонӣ роҳбарӣ мекунад. Қатар аз талошҳо барои аз байн бурдани хатари терроризм, тақвияти амният ва идоракунии сарҳад пуштибонӣ карда, аз тарҳи (модел) муваффақи ҳамоҳангсозии талошҳо барои мубориза бо терроризм аз Тоҷикистон ситоиш кардааст. Сомона ёдовар шудааст, ки Қатар баргузории ду конфронси қаблии

солҳои 2018 ва 2019 дар сатҳи байналмиллалӣ ва минтақавиро дастгирӣ карда, ҳалли ин масоилро хеле муҳим медонад. Намояндаи вижаи Вазири корҳои хориҷӣ оид ба мубориза бо терроризм ва миёнаравӣ дар ҳалли низоъҳо гуфтааст: «Таъмин ва идоракунии самараноки сарҳадҳо ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавиро мутобиқи ҳуқуқҳои байналмилалӣ тақозо мекунад. Баҳс ва ҷангу низоъҳои сарҳадии солҳои охир, аз ҷумла, масъалаҳои аломатгузорӣ ва муайян кардани сарҳадҳо байни кишварҳо ин ҳолатро шадидтар карда, ба амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳдид мекунад» [2, 2022. – 18 октябр]. Ӯ ҳамчунин, изҳор доштааст, ки фасоди молӣ дар сохторҳои сарҳадӣ як чолишҳои ҷиддиест, ки барои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромарзӣ халал мерасонад ва бо назардошти манфиатҳои дастаҷамъӣ ва амнияти сарҳадҳои байналмилалӣ бояд ҳамкории байналмилалиро ҷиҳати баланд бардоштани иқтидор, пеш аз ҳама, дар самти мубодилаи иттилоот ва истифодаи таҷрибаи пешқадам пурзӯр намоем. Баргузории чунин ҳамоишҳо бори дигар саҳми муассири Тоҷикистонро дар муборизаи муштарак бо ин унсурҳои зиддибашарӣ собит мекунад.

Ҳамчунин, омӯзиши мавод нишон дод, ки Қатар ҳамеша иқдоми созанда ва умумибашарии Тоҷикистонро оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» тарафдорӣ намуда, дар ҳамаи чорабиниҳо фаъолона иштирок мекунад. Чунончи, роҷеъ ба иштироки Қатар дар Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд, ки рӯзҳои 6-9 июни соли 2022 дар Душанбе баргузор гашт, таҳти сарлавҳаи «Давлати Қатар дар конфронси «Об барои рушди устувор» дар Тоҷикистон ширкат мекунад» (قطر تشارك في مؤتمر حول التعاون في أمن وإدارة الحدود الدولية لمكافحة الإرهاب) иттилоъ додааст, ки ҳайати намояндагии Қатарро дар конфронс вазири муҳити зист ва тағйирёбии иқлим Фолеҳ бин Носир бин Аҳмад бин Алӣ Оли Сонӣ сарварӣ намудааст. Сомона дар такя ба суханони ифтитоҳии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хабар додааст, ки соли оянда шоҳиди бистумин солгарди оғози талошҳои муштарак ҷиҳати фаъолгардонии рӯзномаи СММ оид ба масъалаҳои об ва ташаббуси даҳсолаи «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хоҳем гардид. Сомона аз баргузории конфронс ситоиш намуда, таъкид кардааст, ки дар конфронс

муҳимтарин масъалаҳои марбут ба об, захираҳои он ва таъсири тағйирёбии иқлим ба онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иштирокчиён кӯшиш ба харҷ доданд, ки роҳҳои ҳалли масъалаи обро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ пайдо кунанд. Дар конфронс аҳаммияти ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рӯзномаи ҷаҳонии об, роҳҳои ҳамкориҳои муштарак ва дурнамои рушди муносибатҳои кишварҳо дар бахшҳои дахлдор тарафдорӣ шудааст [2, 2022. – 18 июн].

Давлати Қатар дар нишастҳои сарони кишварҳои узви Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (минбаъд МҲТБО)[1] фаъолона иштирок ва суханронӣ мекунад. Дар сомона доир ба иштирок, вохӯрӣ ва суханрониҳои амир дар ҳошияи МҲТБО мавод зиёд ба мушоҳида расидааст. Чунончи, аз иштироки аълоҳазрат амири Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ дар нишасти панҷуми МҲТБО, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардидааст, иттилоъ додааст, ки Амири Қатар дар ҳошияи ҳамоиши мазкур бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот карда, маҷмуи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистону Қатар дар самтҳои гуногун мавриди баррасӣ гирифтааст. Сомонаи Президенти Тоҷикистон низ роҷеъ ба ин мулоқот хабари васеъ ба табъ расонидааст [2, 2019. – 15 июн].

Таҳлили мавзуи мазкур чунин собит месозад, ки таваҷҷуҳи агентӣ ба иқдомҳои созанда ва дастовардҳо, аз ҷумла, ба роҳ мондани озодии раводид миёни Тоҷикистон ва Қатар, иштироки Тоҷикистон ва Қатар дар конференсияҳои сатҳи баланд оид ба об, амният ва мубориза бо терроризм, таъсиси лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои саноат ва нақлиёт, саҳмгузории Қатар

[1] Идеяи ташкили Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО, SICA, سيكا) бори аввал аз ҷониби аввалин Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев 5-уми октябри соли 1992 дар иҷлосияи 47-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба миён омад. МҲТБО расман фаъолияти худро моҳи марти соли 1993 оғоз карда, Тоҷикистон аз соли 1999 узви ин машварат мебошад. МҲТБО аз 27 кишвари узви доимӣ (тақрибан 90 %), ҳамчунин 8 давлат ва 5 созмони нозирро иборат аст. Ҳадафи асосии МҲТБО густариши ҳамкорӣ тавассути тадбирҳои бисёрҷонибаи таҳкими эътимод ба хотири ҳифзи сулҳу субот ва амният дар қитъа мебошад. Ҷаласаҳои сарони давлатҳо дар чор сол як маротиба ва вазирони корҳои хориҷӣ дар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Ҳамаи қарорҳо дар доираи МҲТБО якдилона қабул карда мешаванд. Роҳбарии ин созмонро то моҳи июни соли 2010 Қазоқистон, Туркия 2010-2014, Чин 2014-2018, Тоҷикистон 2018-20 ва аз соли 2020 Қазоқистон ба ӯҳда дорад. Саммити 5-уми МҲТБО 15-уми июни соли 2019 дар шаҳри Душанбе ва Саммити 6-ум 12-уми октябри 2022 дар шаҳри Остана баргузор гардид.

барои рушду таҳкими соҳаҳои иҷтимоӣ ва энергетикии кишвар Тоҷикистонро дар минтақа ҳамчун давлате, ки сиёсати фаъол ва ҳамкориҳои судмандро пеша намудааст, муаррифӣ мекунад. Ин гувоҳи дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор пайдо кардани Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо Қатар барои аудиторияи араб ҷиҳати эътимод ва нуфузи байналмилалии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад. Агентӣ симо ва мақоми Тоҷикистонро ҳамчун давлати амну осуда, дӯст бо кишварҳои араб ва ҳамкор дар бахшҳои мухталиф муаррифӣ намудааст.

Б) АИҚ ҳамасола ба масоили ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ карда, матолиби зиёд ба нашр расонидааст. Мавод баёнгари он аст, ки сатҳи ҳамкориҳои ду кишвар сол ба сол дар ҳоли афзоиш аст. Чунончи, АИҚ дар ҳошияи сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қатар оид ба мулоқоту вохӯриҳо ӯ бо Раиси Маҷлиси Шурои (مجلس الشورى) Давлати Қатар – Ҳасан бин Абдуллоҳ ал-Ғоним [2, 2024. – 21 январ] ва Мудири Фонди рушди Қатар – Халифа бин Ҷосим ал-Каворӣ (خليفة بن جاسم الكواري) [2, 2024. – 22 январ] мавод чоп кардааст. Дар хабари якум хабар додааст, ки ҷонибҳо ҳолати феълӣ ва дурнамои равобити дуҷонибаи кишварҳои дӯст – Тоҷикистон ва Қатарро дар заминаи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, баррасӣ намуданд. Дар маводди дуюм бошад, масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, махсусан роҳҳои тақвият ва густариши ҳамкориҳоро мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд.

Ҳамчунин, роҷеъ ба мулоқоти Прокурори генералии Қатар – Исо бин Саъд ал-Ҷафолӣ ан-Нуаймӣ бо Прокурори генералии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзода хабар дода, иттилоъ медиҳад, ки дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо андешаҳои худро доир ба як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, роҳҳои таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳуқуқӣ ва додгоҳӣ, инчунин, мубодилаи таҷрибаҳо иброз доштанд. АИҚ менависад, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати ҳамроҳи ӯ бо ҷараёни гузариш ба рақамисозии низоми додгоҳӣ, барномаҳои техникӣ, дастовардҳои технологӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар суръатбахшии раванди судӣ ва татбиқи адолати ҷиноятӣ шинос гардиданд [2, 2024. – 22 январ]. Соли 2024 доир ба мавзуи ҳамкориҳо маводди

зеринро зикр кардан ба маврид аст: «Кумитаи муштараки Қатару Тоҷикистон оид ба масъалаҳои меҳнат ҷаласаи худро дар Давҳа баргузор менамояд» [2, 2024. – 25 ноябр], «Давлати Қатар дар конфронси марбут ба даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» иштирок мекунад» [2, 2024. – 12 июн], «Форуми соҳибкорони Қатару Тоҷикистон роҳҳои таҳкими ҳамкориҳоро байни ду кишвар баррасӣ менамояд», «ЭКСПО 2023 Доҳа Рӯзи Тоҷикистонро таҷлил кард» [2, 2024. – 22 январ], «Қатар ва Тоҷикистон: шарикии стратегӣ ва дурнамои ҳамкориҳои густарда» [2, 2024. – 21 январ].

Соли 2023 дар сомона роҷеъ ба мулоқоту вохӯриҳои масъулони ҳар ду ҷониб ҷиҳати густариш ва дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф 7 хабари расмӣ ба мушоҳида расид, ки муҳтавояшонро Вазири меҳнати Қатарро ба ҳузур пазируфтани Сарвазири Тоҷикистон, муҳокимаи роҳҳои густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои таъмин бо кор байни Қатар ва Тоҷикистон, баррасии тарҳҳои мухталиф назди соҳибкорони Қатар аз ҷониби Вазири иқтисоди Тоҷикистон, баррасии роҳҳои ҳамкорӣ ва ҷалби сармоя миёни Раиси иҷроияи минтақаҳои озод бо Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Қатар бо Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, ба имзо расонидани созишнома дар бораи таъсиси Шурои муштараки тиҷоратӣ байни Палатаҳои Қатар ва Тоҷикистон ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар хабари аввал омадааст, ки «6-уми феврали соли 2023 Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода вазири меҳнати Қатар Алӣ бин Самих ал-Марриро ба ҳузур пазируфт. Зимни мусоҳиба равобити ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғл, роҳҳои густариш ва ҳамоҳангии муштарак ва пайваста дар соҳаҳои мазкур баррасӣ шуд [2, 2023. – 6 феврал].

Вобаста ба дурнамои ҳамкориҳои байни ин ду кишвар дар такя ба мусоҳибаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзномаи «аш-Шарқ» дар сомонаи АИҚ бо номи «Президенти Тоҷикистон: «Ҳамкории ояндадор миёни давлати Қатару Тоҷикистон ва имконоти сармоягузорӣ барои тоҷирони қатарӣ» равобити бисёрҷанбаи Қатар ва Тоҷикистон дар асоси арзишҳои муштараки таърихию тамаддунӣ ва меъёри бародарию ҳамдигарфаҳмӣ бо

назардошти манофеъ ва эҳтироми мутақобила асос ёфтааст. Президенти Тоҷикистон ба сатҳи равобити ҳар ду кишвар баҳои баланд дода, ба таъсиси Кумитаи муштараки ҳукуматии Тоҷикистону Қатар оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва илмӣ ва ташкили ҳамоиши соҳибкорон ишора карда, барои рушду тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба дар заминаи шарикии дарозмуддат байни ду кишвар изҳори назар карда, аз ҷумла, чунин изҳор кардааст: «Давлати Қатар аз аввалин кишварҳои арабиест, ки ба Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунад ва он беш аз 62 млн. доллярро ташкил медиҳад». Президенти Тоҷикистон аз мизбонии Ҷоми ҷаҳон оид ба футбол-2022 дар Қатар ситоиш карда, гуфтааст, ки ин рӯйдоди таърихӣ (баргузории Ҷоми ҷаҳон) «таҷассумгари эътибор ва нақши созандаи Қатар дар арсаи байналмилалӣ аст ва мояи ифтихори тамоми кишварҳои исломӣ мебошад» [2, 2021. – 5 январ]. Сардори давлат аз талошҳои давлати Қатар дар пешбурди раванди сулҳ дар Афғонистон қадрдонӣ карда, роҷеъ ба Афғонистон низ бо мамнуният назар андохтааст.

АИҚ дар такя ба баёнияи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон (8-уми январи соли 2021) иттилоъ додааст, ки Тоҷикистон имзои Эъломияи Ал-Ула-ро аз ҷониби аъзои Шуро истиқбол карда, онро дар роҳи танзими муносибатҳо, таҳкими амният ва суботу пешравии минтақа қадами дуруст ҳисобидааст [2, 2021. – 8 январ]. Эъломияи мазкур муносибатҳои кишварҳои Халиҷро бо Қатар, ки соли 2017 қатъ шуда буд, аз нав барқарор кард.

Воқеиятҳои дигаре, ки дар АИҚ ба инъикоси онҳо таваҷҷуҳ шудааст, ин хабари ба имзо расидани созишномаи ҳамкории Федератсияҳои футболи Қатар ва Тоҷикистон аст. Дар хабар зикр шудааст, ки ин воқеа дар пойтахти Тоҷикистон-Душанбе сурат гирифтааст. «Созишномаро аз ҷониби Қатар раиси Федератсияи футболи Қатар (ФФҚ) Шайх Ҳамад ибни Халифа ибни Аҳмад Оли Сонӣ ва аз ҷониби Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ – Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон (ФФТ), ки ҳамзамон раиси шаҳри Душанбе мебошад, имзо карданд. Созишнома бисёр самтҳои асосии марбут ба футбол, аз қабили табодули техникӣ ва касбӣ, дастаҳои миллӣ, табодули таҷриба, таълими

мураббиён, рушди бозӣ (бозингарон, доварон) ва ғайраро дар бар мегирад. Муддати созишнома панҷ сол буда, мақсади он табодули дониш ва таҷриба, барномаҳои мониторингӣ ва қарзӣ, таҳкими иқтидори бошишгоҳҳои таълимӣ ва гузаронидани бозиҳои дӯстона мебошад. Дар матлаб раисони Федератсияҳои футболи ҳар ду ҷониб изҳори қаноатмандӣ намудаанд. Аз ҷумла, Раиси ФФҚ гуфтааст: «Имзои расмии созишнома бо ФФТ як қадами хеле мусбат дар роҳи рушди футбол аст. Созишнома барои таҳкими минбаъдаи равобити федератсияҳои мо замина боз мекунад ва дар рушди футболи ҳар ду кишвар нақши бузург хоҳад дошт». Раиси ФФТ дар навбати худ давлати Қатарро ситоиш карда, аз мизбонии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2022 ва пирӯзии тими футболи Қатар дар Ҷоми Осиё-2019 ёдовар шуда, аз ҷумла, гуфтааст: «Ман умедворам, ки ин тавофуқнома амалӣ мешавад ва барои ҳар ду ҷониб фоидабахш хохад буд». Дар маҷмуъ, сомона аз имзои ин созишнома ситоиш карда, онро ҳосили муваффақияти равобити дарозмуддати ҳамкориҳои муштараки ду ҷониб арзёбӣ кардааст [2, 2021. – 21 июн].

Сомонаи АИҚ ба масоили фарҳангӣ низ таваҷҷуҳ намуда, доир ба рӯйдодҳои фарҳангӣ мавод интишор кардааст. Чунончи, «Вазири фарҳанг баргузории Ҳафтаи фарҳангии Қатар дар Тоҷикистонро ифтитоҳ кард» [2, 2024. – 16 октябр], «Вазорати фарҳанг чорабиниҳои Ҳафтаи фарҳангии Қатар дар Тоҷикистонро ҷамъбаст намуд» [2, 2024. – 18 октябр], «ЮНЕСКО мавзеъҳои навро ба рӯйхати мероси ҷаҳонӣ дохил мекунад» [2, 2023. – 17 сентябр], «ЮНЕСКО 47 мавқеи навро ба феҳристи мероси ҷаҳонӣ дохил мекунад» [2, 2023. – 22 сентябр] ва амсоли ин. Дар хабари дуюм, роҷеъ ба дарҷ гардидани ҷангалҳои Туғайи бешаи «Палангон»-и Тоҷикистон ҳамчун ёдгории табиӣ-фарҳангӣ дар Феҳристи мероси фарҳанги умумиҷаҳонии ЮНЕСКО иттилоъ додааст.

Дар матлаби «Кашфиёти бошишгоҳи қадима дар кӯҳҳои Помир, ки 14 ҳазор сола аст» омадааст, ки олимони Пажуҳишгоҳи бостоншиносӣ ва этнографияи Новосибирскии Академияи илмҳои Россия дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбони худ аз 8 кишвар-Австрия, Олмон, ИМА, Италия, Лаҳистон, Дания, Тоҷикистон ва

Фаронса дар шарқи кӯҳҳои Помир як шаҳраки бостониеро пайдо карданд. Олимон ҳангоми омӯзиши паноҳгоҳи сангӣ бо истифода аз технологияи ҳозиразамон исбот карданд, ки тақрибан 14 ҳазор сол пеш дар ин ҷо одамон зиндагӣ мекарданд. Сомона дар такя ба суханони роҳбари гурӯҳи байналмиллалӣ – Светлана Шнайдер чунин иттилоъ додааст: «Мо боқимондаҳои оташдон, пораҳои санги қадима ва дар наздикии онҳо як пораи хурди устухони ҳайвонотро ёфтем, ки онро одам аниқ буридааст, зеро устухон дар муҳити табиӣ ин тавр шикаста намешавад. Мо порчаро барои таҳлили дақиқ фиристодем ва ба мо маълум шуд, ки он тахминан 14 ҳазор сол дорад». Илова кардааст, ки корҳои кофтукобӣ дар баландии 3,98 ҳазор метр идома дорад ва ҳадаф аз он муайян кардани он аст, ки чӣ инсонҳои қадимаро маҷбур кардааст, то дар чунин шароити сахт (ҳарорати ҳаво дар зимистон то 40 дараҷа хунук) зиндагӣ кунанд. Олимони бостоншиносони гурӯҳи мазкур тасмим гирифтаанд, ки «бо истифода аз усулҳои муосир, аз қабили равиши палеоэкологӣ, санаи мутлақ, таҳлили осори ҳайвоноту набототи археологӣ, таҳлили карпологӣ (омӯзиши тухмиҳои қадимӣ) ва таҳлили КДН (ДНК) аз дандонҳои ҳайвоноти ёфтшуда таҳқиқоти худро давом диҳанд» [2, 2023. – 8 июл].

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки АИҚ нақши Қатарро ҳамчун шарики стратегӣ, ки ҳамкориҳои бисёрҷонибаро бо Тоҷикистон рушду инкишоф медиҳад, таъкид мекунад. Маводди ин агентӣ баёнгари манфиатдор будани ҳам Тоҷикистон ва ҳам Қатар дар баробари сиёсати расмӣ, инчунин, ба густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст. Мақсади агентӣ иттилоъ додан ба аудитория ва ҷалби таваҷҷуҳи таҳлилгарон ба рушди ҳамкориҳо, ташвиқ ва арзёбӣ кардани таъсири онҳо мебошад.

В) АИҚ дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳо, инчунин, ба воқеаву ҳодисаҳои рӯзмараи сиёсию амниятии марбут ба Тоҷикистон низ, ки сабаби дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон, аз ҷумла арабӣ, қарор гирифтани кишварамон гардидааст, таваҷҷуҳ кардааст.

Чунончи солҳои 2021 ва 2022 яке аз ҳаводисе, ки Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и хориҷӣ, аз ҷумла, АИҚ қарор гирифтааст, муноқишаи марзӣ

байни Тоҷикистону Қирғизистон мебошад. Дар давоми аз 14-ум то 21-уми сентябри 2022 оид ба муноқишаи сарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон ҳафт мавод ба назар расид, ки доир ба сар задани задухӯрд миёни марзбонони Тоҷикистону Қирғизистон, теъдоди кушташудагон дар ин задухӯрд, эътибор пайдо кардани оташбас миёни Қирғизистон ва Тоҷикистон, даъвати Дабири кулли СММ аз Қирғизистону Тоҷикистон барои ҳалли баҳси марзӣ бо роҳи муколама, омодагии ҷонибҳо барои музокирот дар ҳалли баҳси марзии ду кишвар ва амсоли ин иттилоъ медиҳад.

Баъзе мавод дар такя ба таҳлилгарони Россия навишта шудааст. Чунончи, «Қирғизистону Тоҷикистон барои рафъи авзоъ дар қисмати баҳсбарангези марз ва ҷилавгирӣ аз густариши низоъ талош хоҳанд кард, зеро роҳбарони ду кишвар намехоҳанд вазъиятро тезутунд гардонанд». Аммо таҳлилгарон мегӯянд «ҳалли зуд ва ҳамаҷонибаи баҳси сарҳадро ба далели печида будани заминҳои наздисарҳадӣ, мушкили гузашт кардани ҳар ду ҷониб ба фоидаи тарафи дигар ва мавҷуд набудани марзҳои ниҳоии мувофиқашуда ба дарозо мекашад». Душвории ҳалли масъала аз он иборат аст, ки деҳаҳо ва баъзан маҳаллаҳо ва хонаҳо ба дараҷае печидаанд, ки бегонагонро комилан ба иштибоҳ меорад. Дар бисёр ҷойҳо роҳ ва ҷӯйборҳо сарҳадро ҷудо мекунанд.

Дар мақола роҷеъ ба минтақаи Фарғона маълумоти муфид оварда шудааст: «Водии Фарғона (минтақаи кишоварзӣ) омили аслии баҳсҳои марзӣ байни Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон маҳсуб мешавад. Мардуми манотиқи наздисарҳадӣ ба чорвопарварӣ ва кишоварзӣ машғуланд. Бинобар ин, замину об сабаби аслии қариб ҳама муноқишаҳои сарҳадӣ дар он ҷо шудааст. Хусусан, аломатгузории сарҳад, ки дар даврони Шуравӣ анҷом шуда буд, бисёре аз ҷамоатҳои маҳаллиро таҳти маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ қарор дод, ки барои дастрасӣ ба кишварҳои аслии онҳо монеъ мешуд. Ҳар се кишвар даъвоҳои таърихӣ ба заминҳо ва манфиатҳои иқтисодӣ тавассути роҳҳои нақлиётӣ, дарёҳо ва обанборҳо доранд. Анклавҳои мутааллиқ ба як давлат ва дар ҳудуди давлати дигар ҷойгиршуда сабабҳои асосии баҳсҳои марзӣ дар минтақа мебошанд, ки дар давоми 30 соли охир боиси ҳалокати садҳо одамон гардиданд. Бино ба иттилои

сомона дар минтақаи сераҳолӣ 8 анклав мавҷуд аст: чор анклави Узбекистон ва ду анклави Тоҷикистон дохили қаламрави Қирғизистон, инчунин як анклави Қирғизистон ва як анклави дигари тоҷикон дар дохили Узбекистон. Водӣ 460 метр аз сатҳи баҳр баланд буда, аз се тараф бо кӯҳҳо иҳота карда шудааст. 300 км. дарозӣ ва 150 км. паҳнӣ дорад. Водӣ манбаи фаровони зироатҳои гуногуни кишоварзӣ ва замини беҳтарин барои чарогоҳ маҳсуб мешавад. Дар замони Шуравӣ ҳамчун маркази кишоварзии давлат маълум буд. Заминҳои ҳосилхези пахта ва дарахтони мевадиҳанда зиёд дорад». Дар хулосаи мақола қайд шуда, ки бархӯрди манфиатҳои иқтисодӣ метавонад се тарафро дар музокироти ояндаи марзӣ ба созиш бештар омода созад. Давоми тақрибан 30 соли истиқлолияти се кишвар дар нахустин форуми соҳибкорони водии Фарғона, ки моҳи апрели соли 2020 баргузор шуда буд, роҳбарони вилоятҳои ҳамсояи Тоҷикистону Қирғизистон ҷиҳати музокирот оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ иштирок доштанд. Ҳарчанд форуми соҳибкорон танҳо ба равобити тиҷоратӣ ва фарҳангӣ рабт дорад, аммо дастоварди бузург ба ҳисоб меравад, зеро он метавонад дар роҳи ҳалли ҳамаҷониба ва устувори баҳсҳои сарҳадии се кишвар қадами аввалин бошад» [2, 2021. – 2 май].

Матлабе дар асоси изҳороти Сергей Шойгу дар нишасти вазирони мудофиаи кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар Душанбе таҳия шудааст. Аз ҷумла, ӯ гуфтааст: «Албатта, мо ҳама ҳодисаҳои дар марз рухдода ва талошҳои интиқоли ҷангҷӯён ба қаламрави Тоҷикистонро нодида намегирем. Аз ин рӯ, бегуфтугӯ метавонам бигӯям: «Агар ба иттифоқчии мо (Тоҷикистон – Қ.С.) таҳдид шавад, Россия пеш аз ҳама тавассути пойгоҳи низомии 201-ум посух хоҳад дод» [2, 2021. – 28 июл].

Дар матлаби дигар аз кори нишасти сарони СПАД, ки дар шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон бо мақсади баррасии чолишҳо ва таҳдидҳои амниятие, ки минтақаи Осиёи Миёна пас аз ба сари қудрат баргаштани “Толибон” (мамнуъ дар Тоҷикистон) рӯ ба рӯ мешавад, ба кори худ шуруъ кардааст, огоҳ мешавем.

Дар умум, дар инъикоси таҳаввулоти Афғонистон ва бозгашти ҳаракати ба сари қудрат, Тоҷикистон ба ҳайси давлати ҳаммарз, шарики амниятии Россия ва

аз иштирокчии фаъоли нишастҳои минтақавӣ нишон дода шудааст. Дар ин замина нақши Созмонҳои паймони амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамкории Шанхай таъкид гардида, ҳамчунин, ба дастгириҳои ҳарбии Россия ишора мешавад, ки симои Тоҷикистонро аз ҷиҳати қолаби амниятӣ таҳким мебахшад.

Инчунин, номи Тоҷикистон дар 20 маводде, ки масоили вобаста ба Афғонистон, Созмони ҳамкории Шанхай ва ҳамкориҳои Россияро дар бар мегирад, ҳамчун «узв ва ё кишвари ҳамсояи Афғонистон» [2] зикр шудааст.

Аз омӯзишу таҳлили хабару гузоришҳои АИҚ маълум мегардад, ки он дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон асосан ба ду самт пайгирӣ намудааст: якум – муаррифии робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар ҳамчун шарикии дар ҳолати рушд ва стратегӣ; дуюм – бозтоби рӯйдодҳои амниятӣ ва сиёсии марбут ба минтақа бо нишон додани нақши мустақим ва ғайримустақими Тоҷикистон дар онҳо.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки фаъолияти иттилоотии агентӣ дар қиболи Тоҷикистон бештар хусусияти муқаррароти расмӣ касб кардааст. Маводди интишоршуда дар асоси натиҷаҳои сафарҳои расмӣ, мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ва изҳороти мақомоти давлатӣ омода гардидааст. Дар баробари ин, бозтоби сафарҳои расмӣ, тасвиби созишномаҳо ва нишон додани ташаббусҳои муштарак ба таҳкими имиҷи мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳони араб мусоидат мекунад. Ин равиш баёнгари он аст, ки агентӣ дар инъикоси равобити дуҷониба бештар ба сарчашмаҳои иттилоотии ҳукуматӣ такя менамояд. Аз ҷониби АИҚ дар самти ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар, робитаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фарҳангию варзишӣ мусбат ва таҳкими онҳо намунаи шарикии судманд арзёбӣ гардидааст.

Аксари матолиб дорои хусусияти хабарӣ ва ташреҳӣ буда, бо услуби муҷази иттилоотрасонӣ ва дар такя ба манбаъҳои расмӣ таҳия гардидаанд. Аз ҷиҳати таҳлили медиавӣ, чунин шеваи кор гувоҳи он аст, ки АИҚ на ҳамчун минбари таҳлилу баррасии сиёсии воқеаҳо, балки ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти расмӣ нақш дорад. Ин тарзи кор ба тарҳи фаъолияти аксарияти агентиҳои

иттилоотии давлатӣ, ки ҳадафи асосиашон пахши ахбори мавқеи расмӣ ва ҳамоҳангсози сиёсати иттилоотии давлат мебошад, мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи мундариҷаи мавод ва шеваю усули пешниҳоди он собит месозад, ки АИҚ аз маводди расонаҳои хориҷӣ низ барои ғанӣ гардондани муҳтавои сомонаи худ ба таври фаровон истифода мекунад, яъне қисме аз иттилоот дорои хусусияти бознашр буда, на ҳамеша мавқеи мустақили агентиро нишон дода метавонад.

Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки дар сомонаи АИҚ Тоҷикистон ҳамчун шарики муҳим дар Осиёи Миёна ва минтақаи Халиҷи Форс дар матолиб ва рубрикаҳои гуногун тарғибу муаррифӣ шудааст, ки барои таҳкими нуфуз ва эътибори байналмилалии симои кишвар аҳаммияти муҳим дошта метавонад, аммо барои тавозуни бештари тасвири байналмилалӣ, зарурати фаъол намудани дипломатияи иттилоотӣ ва ҳузури фаъолтари расонаҳои миллии Тоҷикистон дар фазои давлатҳои араб вуҷуд дорад. Ин ба ташаккули имиҷи мукаммалтар ва мусбати кишвар дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат карда метавонад.

2.3. Нақши Агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон

Пайдоиши ВАО-и миллии Аморот ба таъсис ва ташаккули давлати Амороти Муттаҳидаи Араб зич алоқаманд аст. Бояд қайд кард, ки дар ин кишвар ҳеҷ гуна ҳизбҳои сиёсӣ, ки мавқеъҳои гуногун дошта бошанд ва бо ҳам рақобат кунанд, вуҷуд надоштанд ва надоранд. Аз ин рӯ, ВАО-и ҳам хусусӣ ва ҳам давлатӣ амалан як хатти ягонаи сиёсиро пеш мебаранд, ба як самти муайяни сиёсӣ пайравӣ мекунанд ва афкори умумро ба тавре ташаккул медиҳанд, ки он ба иҷрои вазифаҳои сиёсӣ ва дигар ҳадафҳое, ки роҳбарияти кишвар дар назди ҷомеа мегузорад, равона шавад.

ВАО-и АМА аз ин нуқтаи назари муҳаққиқон ба баъзе кишварҳои араби минтақаи Халиҷи Форс, аз ҷумла ШАС ва Қатар монанд аст. ВАО дар Амороти Мутаҳҳидаи Араб аз ибтидо таҳти таваҷҷуҳ ва назорати қатъии ҳукумат қарор

дорад, ки «барои тақвияти ин таъсир ҳам аз усулҳои маъмурӣ ва ҳам аз фишангҳои иқтисодӣ истифода мебарад» [243, с. 126]. Дастгирии молиявии давлатӣ то имрӯз яке аз манбаъҳои муҳимтарини маблағгузорӣ барои ВАО боқӣ мемонанд. Ягон барнома, мусоҳиба ва интишорот бе мувофиқати ҳукумат пахш ва ё нашр намешавад. Барнома ё мусоҳибае, ки дар он таҳдиди иғвоангезӣ мушоҳида шавад, фавран аз эфир (пахш) гирифта мешавад ва хавфи аз кор рондани рӯзноманигор низ вуҷуд дорад. Танқиди ҳокимияти давлатӣ қатъиян манъ аст. Саркашӣ комилан истисност. Яъне, ВАО дар Аморот муҳимтарин воситаи расонидани таъсири сиёсиест, ки самти муайяннамудаи роҳбарони давлатро дастгирӣ мекунад. Қонунгузории АМА ВАО-ро вазифадор мекунад, ки "ҳокимони кишвар ва сиёсати пешгирифтаи онҳоро ҳурмат кунанд" [276, с. 8]. Аз ин рӯ, васоити ахбори омма дар ҷомеа афкореро ба вуҷуд меоранд, ки махсус ба манфиати доираҳои ҳукмрон бошад.

Мувофиқи хулосаҳои пажуҳишгарон нашри ҳамаи муассисаҳои чопӣ дар кишварҳои араб ба бисёр маҳдудиятҳои маъмурӣ, молӣ ва касбӣ рӯ ба рӯанд. Аз ҷумла, бе гирифтани иҷозатномаи аз тарафи мақомоти ҳокимият тасдиқшуда ҳуқуқи чоп кардани нашрия надоранд. Инчунин, барои нашри рӯзнома ва маҷалла пеш аз гирифтани иҷозатнома пардохти маблағи суғуртавӣ лозим аст. Аз ҷумла, дар АМА давлат қонунан озодии матбуотро танзим ва маҳдуд месозад, новобаста аз он ки тибқи қоида ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ки гуфта мешавад: «озодии сухан яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон аст». Ҳамчунин, соҳиби нашрия бояд шаҳрванди Аморат бошад ва дар он ҷо зиндагӣ кунад. Соҳибони ҳамаи васоити ахбори омма дар Амороти Муттаҳидаи Араб ҳуқуқ надоранд, ки «муаллиф ё муҳаррирро бе гирифтани иҷозатнома аз шуъбаи иттилоотии вазорати иттилоот ба кор қабул кунанд» [236, с. 192].

Агентии иттилоотии Аморот (шакли мухтасараш бо арабӣ وام, бо англисӣ – WAM, бо тоҷикӣ – АИА) ягона агентии иттилоотии расмии давлатии Аморот ба ҳисоб рафта, моҳи ноябри соли 1976 бо қарори Ҳукумат таъсис ёфта, аз 18-уми июни 1977 инҷониб фаъолият дорад. Идораи марказии он дар аморати Абу-Забӣ ҷойгир аст. Ҳамчунин, дар Қоҳира, Бейрут, Вашингтон, Санъо, Брюссел ва

Исломобод намояндагиҳои байналмилалӣ дорад. АИА қариб 90%-и хабарҳои расмӣ ва хориҷиро таъмин мекунад ва яке аз сарчашмаҳои асосии матбуоти миллӣ ба шумор меравад. Агентии мазкур бо аксари агентиҳои арабӣ ва байналмилалӣ барои ҳамкорӣ ва табодули хабарҳо созишномаҳо дорад. Аз ҷумла, АИА узви оҷонсиҳои иттилоотии Шурои ҳамкории Халиҷи Форс, Федератсияи агентиҳои хабарии араб (FANA), Оҷонсии байналмилалии хабарии исломӣ, Ҳавзаи агентиҳои иттилоотии ғайридавлатӣ ва Созмони хабарҳои Осиё ва Уқёнуси Ором мебошад. Ҳамчунин, бо агентиҳои иттилоотии кишварҳои гуногун, аз ҷумла, Агентии иттилоотии Судон, Малайзия, Синхуа (Чин), Агентии иттилоотии Кувайт, Петра (Иордания), Агентии иттилоотии Индонезия ва Агентии иттилоотии Яман (Саба) созишномаҳои ҳамкорӣ ва мубодилаи хабарҳо дорад. АИА илова бар интишори фаъолияти ҳайатҳои расмии давлат дар конфронсҳо ва нишастҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки Аморот дар онҳо иштирок мекунад, инчунин, инъикоси ахбори аксбардорӣ ва телевизиониро ба уҳда гирифта, онро ҳамчун як қисми хидматрасонии худ ба рӯзномаҳо, радио ва телевизионҳо паҳн мекунад. Бо 50 Агентии иттилоотии давлатҳои ҷаҳон ҳамкориҳои мутақобила дорад. Дар сомонаи интернетии АИА ахбор бо 19 (нуздаҳ) забон шабонарӯзӣ (24 соат) нашр мешавад. Инчунин, «агентӣ аз моҳи апрели соли 2021 хидмати забони ибриро оғоз кард» [3].

Агентии мазкур дар фазои иттилоотии Аморот мавқеи муҳим дошта, дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб фаъол аст. АИА номи Тоҷикистонро муддати солҳои охир (2014-2024) дар 353 мавод [Ҷадвали №3] зикр кардааст, ки ин баёнгари фаъол будани агентии иттилоотӣ дар инъикоси рӯйдодҳои як кишвари Осиёи Миёна мебошад.

Мундариҷаи матолиб чунин мавзуъҳоро дар бар мегирад:

- муносибатҳои дипломатӣ;
- ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ;
- варзиш;
- кумакҳои башардӯстона;
- ахбори гуногун.

Ҷадвали №3

Мавзуъҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Муносибатҳои дипломатӣ	**3**	**3**	**7**	**12**	**1**	**6**	**4**	**5**	**5**	**2**	**7**	**55**	**15,8 %**
Ҳамкориҳо (иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ)	**10**	**7**	**6**	**10**	**9**	**9**	**1**	**4**	**10**	**2**	**14**	**82**	**23,2 %**
Варзиш	**-**	**-**	**-**	**12**	**8**	**18**	**18**	**9**	**31**	**13**	**32**	**141**	**40 %**
Кумакҳои башардӯстона	**-**	**-**	**1**	**3**	**1**	**2**	**2**	**3**	**-**	**2**	**3**	**17**	**5 %**
Рӯйдодҳо	**-**	**-**	**1**	**-**	**-**	**1**	**-**	**-**	**-**	**2**	**-**	**4**	**1 %**
Ахбори гуногун	**-**	**-**	**-**	**4**	**7**	**3**	**3**	**15**	**12**	**10**	**-**	**54**	**15 %**
Ҳамагӣ:	**13**	**10**	**15**	**41**	**26**	**39**	**28**	**36**	**58**	**31**	**56**	**353**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Чунончи, аз ҷадвал бармеояд, аз 353 хабару гузоришоте, ки бевосита ба Тоҷикистон рабт дорад, ки 137 мавод (38,8%) бевосита ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳо бахшида шудааст. Мавод ба он далолат мекунад, ки дар АИА Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва равобити давлатӣ муаррифӣ гардидааст.

Матолиби аз ҳама бештар ба варзиш (40%) рост меояд, ки онро ба чанд омил вобаста донистан мумкин аст:

- нуфуз ва сиёсати «дипломатияи варзишӣ» дар АМА;
- мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ширкати варзишгарони тоҷик;
- таваҷҷуҳи зиёди аудиторияи араб ба ахбори варзишӣ.

Ин омил ба ташаккули имиҷи Тоҷикистон ҳамчун кишвари иштирокчии фаъоли мусобиқоти байналмилалии варзишӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, чунин шеваи инъикос хусусияти ғайрисиёсӣ дошта, имиҷи мусбат ва дӯстонаро ба вуҷуд меорад.

Омӯзиши муҳтавои мундариҷаи матолиб ба он далолат мекунад, ки АИА бештар ба хабарҳои расмӣ ва изҳороти давлатӣ такя мекунад. Ба хусус агентӣ натиҷаи сафарҳои расмӣ ва мулоқотҳои сатҳи олиро инъикос намуда, мавқеи расмӣ ва таҳкими сиёсати хориҷии кишвари худро ҳадафи асосӣ қарор додааст.

Маводди интишоршуда дар солҳои гуногун таносубан чунин аст [Расми №4]:

Расми №4



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Таҳлили динамикӣ нишон медиҳад, ки афзоиши назарраси мавод дар солҳои 2022 (58) ва 2024 (56) ба назар мерасад. Ин аз фаъол гардидани равобити дуҷониба ё афзоиши рӯйдодҳои муштарак дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Маводди солҳои 2017-2019 баёнгари тағйирёбии динамикаи инъикоси Тоҷикистон дар АИА дар сатҳи робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ аст. Дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии араб гуфтан мумкин аст, ки АИА мавқеи беғаразона ва ҳамзамон нисбатан бетафовутро ихтиёр кардааст.

А) Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби Агентӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам, ба сатҳ ва раванди муносибатҳои ҳар ду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибатҳо бо Тоҷикистон хабару гузоришот нашр намудааст, ки ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳони араб нақши махсус дорад. Аксари маводди ин бахш сафарҳои расмии сарварони давлатҳо, ҷаласаҳои кумитаҳои муштараки сиёсӣ, мулоқоти вазирону сафирон, табодули паёмҳои расмӣ ва имзои созишномаҳоро фаро мегирад. Инъикоси мунтазами сафарҳо, мулоқотҳо ва машваратҳои сиёсӣ ба ташаккули симои Тоҷикистон ҳамчун давлати дорои пояҳои устувори сиёсӣ, ҷонибдори сулҳу таҳаммулпазирӣ ва дорои имкониятҳои сармоягузорӣ фазои мусоид фароҳам меорад.

Чунончи, «Абу-Забӣ кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Аморот ва Тоҷикистонро мизбонӣ мекунад» [3, 2019. – 5 март], «Сафири Тоҷикистон: муносибатҳои олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморот» [3, 2020. – 17 декабр], «Тоҷикистон шаҳрвандони Аморотро аз раводиди вуруд ба қаламрави худ озод мекунад» [3, 2021. – 28 декабр], «Сафири Тоҷикистон: Муносибатҳои мо бо Аморот шоҳиди рушди афзоянда дар ҳама соҳаҳо мебошанд» [3, 2022. – 13 июн], «Президенти давлат аз Президенти Тоҷикистон паёми (нома) хаттӣ гирифт, ки аз ҷониби Мансур бин Зоид супорида шуд» [3, 2022. – 21 сентябр], «Ал-Ҷарвон бо масъулони Тоҷикистон арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳро муҳокима мекунад» [3, 2023. – 20 октябр], «Торик Ҳамид ат-Тойир (**طارق حميد الطاير يلتقي**) дар Боку бо Раиси Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон вохӯрӣ анҷом медиҳад» [3, 2024. – 21 феврал] ва амсоли ин.

Дар Агентии иттилоотии Аморот дар бораи сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони Арабистони Саудӣ (5 мавод) [3, 2016. – 3-5 январ] ва АМА (6 мавод) [3, 2016. – 16-17 март] ба табъ расонидааст. Дар мусоҳибаҳо ва изҳороти расмӣ, аз ҷумла, дар суханрониҳои Президенти Тоҷикистон ва сафири он бар асоси эҳтироми мутақобила, манфиатҳои муштарак, рушди устувор, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва ба роҳ монда шудани муносибатхо таъкид гардидааст.

Чунончи, аз сарлавҳаҳои ин мавод бар меояд, дар матни онҳо робитаҳо ва ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон бо АМА инъикос ёфтааст. Ба тақвияти фикр баъзе аз матолибро мавриди баррасии илмӣ қарор медиҳем. Дар матни аввал «Абу-Забӣ кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Аморот ва Тоҷикистонро мизбонӣ мекунад» дар бораи баргузории кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Амороту Тоҷикистон дар девони Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар Абу-Забӣ маълумоти дода шудааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки ҷониби АМА-ро Халифа Шоҳин ал-Марар (خليفة شاهين المرر) – ёвари вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҷониби Тоҷикистонро Низомуддин Зоҳидӣ – муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон роҳбарӣ карданд. Ҳамчунин, дар мулоқот Муҳаммад Аҳмад бин Султон ал-Ҷобир (محمد أحمد بن سلطان الجابر) – сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон, Аҳмад ал-Ҳай ал-Ҳомилӣ (أحمد الحاي الهاملي) – сардори раёсати Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмиллалии АМА, Шарифӣ Баҳодур – сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА иштирок доштанд. Зимни машваратҳо ҷонибҳо равобити муштараки ҳамкориҳои ду кишвар, роҳҳои таҳкиму густариши онҳо ва таҳаввулоти кунуниро муҳокима намуда, як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, аз ҷумла, ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва мубориза бо терроризмро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ҷараёни мулоқот ба мувофиқа расиданд, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамкориро дар муносибатҳои ду ҷониба ва дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ идома диҳанд [3, 2019. – 5 март].

Дар матлаби «Сафири Тоҷикистон: муносибатҳои олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморот», ки дар арафаи 25-умин солгарди барқароршавии муносибатҳои дуҷониба дар такя ба изҳороти Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА – Шарифӣ Баҳодур, дар шакли хабари васеъ интишор шудааст, дар бораи таърих, ташаккул ва раванди муносибатҳои ду кишвар маълумоти муфид медиҳад. Аз ҷумла, хонанда воқиф мегардад, ки 18-уми декабри соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб барқарор шуда, соли 2007 Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай ба фаъолият шуруъ кардааст, соли 2011 Сафорати Тоҷикистон дар Абу-Забӣ ифтитоҳ ёфтааст. Равобити ҳамкориҳои ду кишвар сол ба сол дар тамоми соҳаҳо таҳким меёбад ва сафири Тоҷикистон АМА-ро яке аз шарикони стратегӣ ва асосӣ дар Ховари Миёна медонад. Бино ба иттилооти сафир ҳаҷми табодули тиҷорат ду баробар афзоиш ёфта, соли 2019 ба 61,5 миллион доллар расидааст ва тамоюли пайвастаи афзоиши он ба назар мерасад. Сафири Тоҷикистон дар мавриди гардишгарӣ (сайёҳӣ) таъкид кардааст, ки ҳамасола теъдоди зиёди сайёҳони тоҷик аз АМА дидан мекунанд ва аз ин кишвар низ теъдоди сайёҳон ба Тоҷикистон афзоиш меёбад. Тоҷиконе, ки ҳоло дар Амороти Муттаҳидаи Араб ба сар мебаранд, беш аз 2500 нафар будаанд [3, 2020. – 17 декабр].

Ҳамчунин, АИА соли 2020 номаи табрикотии Президенти АМА – шайх Халифа бин Зоид Оли Наҳён (الشيخ خليفة بن زايد آل نهيان), ноиби Президент, сарвазир ва ҳокими Дубай – шайх Муҳаммад бин Рашид ал-Мактум (الشيخ محمد بن راشد آل مكتوم) ва Валиаҳди Абу-Забӣ-шайх Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳён (الشيخ محمد بن زايد آل نهيان) ба муносибати аз нав интихоб шудани Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муҳлати нав ба табъ расонидааст [3, 2020. – 16 октябр].

Дар соли 2021 барои АИА аз раводиди вуруд ба қаламрави худ озод кардани шаҳрвандони Аморат аз ҷониби Тоҷикистон [3, 2021. – 28 декабр] аз воқеаи нисбатан муҳим будааст. Аз байн бурдани раводиди сафар барои шаҳрвандони АМА баёнгари фаъолияти пурсамари ниҳодҳои дипломатӣ буда, ба ташаккули имиҷи Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод таъсири мусбат мегузорад.

Ҳамчунин, дар ин сол дар бораи баргузории ҷаласаи чоруми Кумитаи муштараки Аморот ва Тоҷикистон, [3, 2021. – 1 август], вохӯрии Ал-Бавордӣ (البواردي) бо сафири Тоҷикистон [3, 2021. – 26 июл], гуфтушуниду мулоқотҳо ҷиҳати густариши равобит байни Шурои миллии федералӣ ва парлумони Тоҷикистон [3, 2021. – 17 декабр] мавод ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, агентӣ дар такя ба суханони Вазорати корҳои хориҷии Аморот иттилоъ додааст: «Шаҳрвандони АМА, ки дорои шиносномаҳои дипломатӣ, махсус ва оддӣ ҳастанд, акнун метавонанд аз 1-уми январи соли 2022 бидуни раводид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар кунанд ва то 30 рӯз дар он ҷо бимонанд». АИА аз ин иқдом ҷонибдорӣ намуда, дар такя ба суханони корманди вазорати корҳои хориҷии Аморот – Холид Абдуллоҳ Ҳамид Болҳул (خالد عبدالله حميد بالهول) таъкид кардааст, ки тасмим дар бораи озод кардани шаҳрвандони кишвар аз раводиди вуруд баёнгари муносибатҳои қавии ду кишвар аст, ки дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва хоҳиши рушди муносибатҳои дуҷониба асос ёфта, ҳадафҳо ва самтҳои роҳбарияти ду кишварро инъикос менамояд [3, 2021. – 28 декабр]. Дар матлаби «Президенти давлат аз Президенти Тоҷикистон паёми (нома) хаттӣ гирифт, ки аз ҷониби Мансур бин Зоид супорида шуд» зикр шудааст, ки Аълоҳазрат Шайх Мансур бин Зоид Оли Наҳён – муовини Сарвазир ва Вазири дастгоҳи Президенти АМА муовини аввали сарвазири Тоҷикистон Давлаталӣ Саидро ба ҳузур пазируфт. Дар вохӯрӣ як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак ва роҳҳои рушди муносибатҳои ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо, ки ба рушду шукуфоӣ ва пешрафти ду кишвари дӯст мусоидат мекунанд, баррасӣ шуданд. Дар хотимаи хабар зикр шудааст, ки дар мулоқот шахсони воломақоми АМА аз қабили Раиси Бонки марказии АМА – Холид Муҳаммад Солим Балъамӣ ат-Тамимӣ, Дабири кулли Фонди рушди Абу-Забӣ Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ ва вазири энергетика ва инфрасохтор Суҳайл бин Муҳаммад Фарач Форис ал Мазруъӣ ширкат доштанд [3, 2022. – 21 сентябр].

«Ал-Ҷарвон бо масъулони Тоҷикистон арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳро муҳокима мекунад» яке аз матолиби АИА дар соли 2023 мебошад, ки арзиши баланди сиёсӣ дорад. Дар ин мавод чанд рӯйдод инъикос шудааст:

Аввалан, дар он ба имзо расидани созишномаи ҳамкорӣ миёни Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ – Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо Муҳаммадтоҳир Зокирзода – Раиси палатаи Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ҷиҳати таҳким ва ба роҳ мондани корҳои муштарак дар бахшҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар Осиё ва ҷаҳон. АИА шомил шудани вакили Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ба Шурои мазкурро мусбат арзёбӣ карда, онро густариш ва таҳкими ҳамкориҳо муаррифӣ намудааст. Мувофиқи тавофуқнома баргузории нишасту конфронсҳои муштарак пешбинӣ шудааст.

Баъдан, вохӯрии Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин, ки дар суҳбати онҳо роҳҳои густариши ҳамкорӣ дар заминаҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар минтақа ва ҷаҳон баррасӣ шудааст.

Ахиран, мулоқоти Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ – Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо Ректори ДМТ Хушвахтзода Қобилҷон ҷиҳати густариши ҳамкориҳои муштарак бо донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ. Ҷонибҳо роҳҳои густариши ҳамкорӣ ва кори муштаракро ҷиҳати тарғиби арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар арсаи таълим баррасӣ намудаанд [3, 2023. – 20 октябр]. Ин матлаб далолат медиҳад, ки АИА на танҳо ба дипломатияи давлатӣ, балки ба дипломатияи парлумонӣ ва ҷамъиятӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ин амал барои муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷонибдори арзишҳои сулҳ ва ҳамкории байналмилалӣ муаррифгари муҳим мебошад.

Дар таҳкими робитаҳо ва муаррифии муносибатҳо нақши сафир ва фаъолияти он муҳим аст. АИА вобаста ба рӯзи муносибатҳои Тоҷикистон ва АМА дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар нишасти хабарие, ки доир ба натоиҷи Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (6-8-уми июни соли 2022. ш. Душанбе) баргузор гардидааст, таҳти унвони «Сафири Тоҷикистон: Муносибатҳои мо бо Аморот шоҳиди рушди афзоянда дар ҳама соҳаҳо мебошанд» гузорише интишор намуда, иттилоъ додааст, ки Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА Шарифӣ Баҳодур Маҳмудзода дар нишаст тасдиқ

кардааст, ки муносибатҳои дуҷонибаи кишвараш ва АМА аз замони таъсисаш (1995) шоҳиди рушди афзоянда дар ҳамаи соҳаҳо мебошанд. Ӯ зикр кардааст, ки дурнамо ва дастурҳои роҳбарияти ду кишвари дӯст ба таҳкиму густариши он муносибатҳое, ки дар заминаи эҳтироми ҳамдигар ва манфиатҳои умумӣ бунёд шудаанд, мусоидат кардаанд. Сафири Тоҷикистон таъкид кардааст, ки Баёнияи ниҳоии конференсия аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушд, нақши муҳимми об дар ноил шудан ба рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, таҳкими саломатӣ ва мубориза бо биёбоншавиро дар бар мегирад. Илова кардааст, ки мушкилоти тағйири иқлим яке аз қазияи муҳимми минтақаи Осиёи Миёна буда, паёмадҳои иҷтимоӣ ва экологии ин масъала хеле нигаронкунанда аст. Сафир азми Тоҷикистонро барои ноил шудан ба ҳадафҳои Даҳсолаи амал дар соҳаи об тавассути таъмини дастрасии ҳамаҷониба ва одилона ба оби ошомиданӣ, идоракунии оқилона ва устувори гардиши об, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар сарҳад, таҳияи стратегияи (дурнамо) дарозмуддат барои баланд бардоштани сатҳи пешгирӣ, омодагӣ ва вокуниш ба хатарҳои офатҳои табииро изҳор кардааст. Дар гузориш тамоюли афзоиши талафот дар натиҷаи офатҳои марбут ба об, аз қабили хушксолӣ, обхезӣ, тӯфон, болоравии сатҳи баҳр ва тармафароӣ таъкид шуда, тағйирёбии иқлим ва зуҳуроти шадиди обу ҳаво таваҷҷуҳи ҷиддии ҷаҳониро тақозо мекунад.

Дар хотимаи нишаст Сафири Тоҷикистон аҳаммияти таҳкими ҳамкориҳои байнисоҳавӣ (бахшҳо), такмили дониш ва таҷриба, таҳияи воситаҳо ва технологияҳо, дастгирии шарикӣ байни ҷонибҳои манфиатдорро дар ҳама сатҳҳо барои фароҳам овардани муҳити мусоид изҳор доштааст [3, 2022. – 13 июн].

Ҳамин тавр, АИА дар соли 2018 аз мулоқоти Сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон Муҳаммад Аҳмад ибн Султон ал-Ҷобир бо вазирони корҳои хориҷӣ [3, 2018. – 31 октябр], мудофиа [3, 2018. – 30 октябр], Раиси кумитаи амнияти миллӣ [3, 2018. – 2 ноябр], ҷонишини аввали вазири энергетикаи Тоҷикистон [3, 2018. – 2 ноябр], кишоварзӣ [3, 2018. – 3 ноябр], Раиси Агентии захираҳои моддӣ [3, 2022. – 3 ноябр] ва инчунин аз вохӯрии Прокурори

Генералии АМА бо ҳамтои тоҷикаш [3, 2018. – 10 декабр] низ хабарҳои расмӣ нашр кардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки АИА ҳар сол рӯзи 9-уми сентябр таҳти сарлавҳаи «Президенти давлат ва муовинаш Президенти Тоҷикистонро бо солгарди истиқлолияти кишвараш табрик мекунанд» номаҳои табрикотии Президент ва Сарвазири АМА-ро дар як хабар ба Президенти Тоҷикистон ба муносибати истиқлолияти кишвар ба табъ мерасонад [3, 2024. – 9 сентябр].

Ҳамчунин, инъикоси пайвастаи табрикоти расмӣ ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон (9 сентябр) ба анъанаи иттилоотӣ табдил ёфта, як навъ рамзи эҳтиром ва пойдории робитаҳои сиёсии ҷонибҳо ҳисобида мешавад.

Дар маҷмуъ, маводди марбут ба сафарҳои расмӣ, мулоқотҳои сатҳи олӣ, имзои созишномаҳо ва форумҳои сармоягузорӣ қисми муҳимми маводро ташкил медиҳанд, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои муносибатҳои устувор ва дурнамои мусбати ҳамкориҳо муаррифӣ намудааст. Тоҷикистон бештар ҳамчун шарики боэътимоди дорои имкониятҳои сармоягузорӣ ва иштирокчии фаъол дар ташаббусҳои байналмилалӣ пешниҳод мегардад. Ин раванд ба шеваи фаъолияти агентии давлатии иттилоотӣ мувофиқ мебошад, ки ҳадафи асосии он инъикоси сиёсати хориҷӣ ва эътибор додан ба нуфузи байналмилалии давлат аст.

Б) Инъикоси ҳамкориҳои иқтисодӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ, энергетикӣ, гуманитарӣ ва амниятӣ байни Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб аз самтҳои меҳварии фаъолияти Агентии иттилоотии Аморот ба ҳисоб меравад. Аз таҳлили матолиб равшан мегардад, ки агентӣ на танҳо рӯйдодҳоро инъикос мекунад, балки Тоҷикистонро ҳамчун намунаи шарики фаъоли рӯ ба рушд муаррифӣ менамояд. Инъикоси саҳмгузории ниҳодҳои молиявии АМА дар амалӣ гардидани лоиҳаҳои иқтисодӣ кишвари моро ҳамчун давлати қобили ҷалби сармоя, дорои афзалиятҳои транзитӣ ва шарики фаъоли ҳамгироии минтақавӣ манзур медорад.

Матолиби «Бонки рушди Абу-Забӣ» дар кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб бо саҳмгузории 55 млн. дирҳам иштирок мекунад» [3, 2017. – 17 сентябр], «Тоҷикистон раводиди шаҳрвандони Аморотро ҳангоми расидан ба сарзаминаш

иҷозат медиҳад» [3, 2017. – 14 ноябр], «АМА аҳаммияти густариши ҳамкории байналмилалиро барои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ таъкид мекунад» [3, 2018. – 22 июн], «Созишномаи ҳамкорӣ байни палатаҳои Раъсу-л-Хайма ва Тоҷикистон» [3, 2019. – 29 октябр], «Палатаи Абу – Забӣ ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 15 сентябр], «Палатаи Шарҷа имконоти ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 14 сентябр], «Ҳайати миллии идораи ҳолатҳои изтирорӣ ва буҳронӣ масоили ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 22 май], «Шурои занони соҳибкори Аҷман бо як ҳайати Тоҷикистон ҳамкориҳоро баррасӣ мекунад» [3, 2024. – 9 сентябр] (19-уми феврали соли 2019), «Палатаи Абу-Забӣ имконоти ҳамкорӣ бо ширкатҳо ва муассисаҳои Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2024. – 9 сентябр] (1-уми майи соли 2019), «Форуми соҳибкорони Шарҷа-Тоҷикистон имконоти шарикӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузориро мавриди баррасӣ қарор дод» [3, 2021. – 3 август], «Федератсияи палатаҳо бо Тоҷикистон имконоти сармоягузориро муҳокима мекунад» [3, 2021. – 11 октябр], «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА: ҳамкории Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон барои наҷоти пиряхҳо» [3, 2022. – 19 май], «Ширкати «Dubai Electricity» бо бахши энергетика ва оби Тоҷикистон ҳамкориро баррасӣ мекунад» [3, 2022. – феврал], «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА гуфт: ҳамкорӣ байни Аморот ва Тоҷикистон барои наҷот додани пиряхҳо» [3, 2022. – 19 май], «Ҳолатҳои фавқулодда ва бӯҳронӣ» бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо кард» [3, 2022. – 28 ноябр], «Аморот дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи амнияти марзҳо ва мубориза бо терроризм дар Душанбе ширкат меварзад» [3, 2022. – 20 октябр], «Аморот дар конфронси байналмилалии «Об барои рушд» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» [3, 2022. – 7 июн], «Аморот ва Тоҷикистон созишномаи хизматрасонии нақлиёти ҳавоиро имзо мекунанд» [3, 2023. – 9 май], ««Коғазҳои қиматнок» бо Агентии коғазҳои қиматноки Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо мекунад» [3, 2024. – 28 июн], «Бонки марказии Амороти Муттаҳидаи Араб ва Бонки Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо карданд» [3,

2024. – 13 декабр] ва ғайра намунае аз онҳост. Ағлаби ин мавод ифодагари ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, табодули мол ва амсоли ин миёни Тоҷикистон ва АМА мебошанд. Чунончи, аз сарлавҳаи мавод бармеояд, предмети инъикоси аксарияти онҳоро чорабиниҳое ташкил медиҳанд, ки тули солҳои гуногун бо иштироки намояндагони расмии ҷониби Тоҷикистон ва АМА сурат гирифтаанд. Барои тақвияти фикр баъзе аз онҳоро ба таври мухтасар баррасӣ менамоем.

Дар матни «Тоҷикистон раводиди шаҳрвандони Аморотро ҳангоми расидан ба сарзаминаш иҷозат медиҳад» тавзеҳ дода шудааст, ки шаҳрвандони АМА – дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ, махсус ва одӣ метавонанд ҳангоми омаданашон ба Тоҷикистон раводиди худро дар фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе дастрас намоянд. Намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Аморот Аҳмад Саид Илҳом аз-Зоҳирӣ афзудааст, ки ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи мақоми байналмилалии давлати Аморот мебошад [3, 2017. – 14 ноябр]. Ин ташаббус барои шаҳрвандони Аморот ҷиҳати сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои наверо фароҳам меорад ва дар густариши муносибатҳо ва унсурҳои шарикӣ байни ҳарду кишвар саҳми худро мегузорад. Матлаби мазкур далолат бар он мекунад, ки чунин иқдомҳо ҳамчун нишондиҳандаи эътимод ва сатҳи баланди муносибатҳо арзёбӣ мешаванд. Ин гуна хабарҳо дар истинод ба изҳороти расмии мақомоти Аморот таҳия шуда, густариши робитаҳоро дар соҳаҳои сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат бозтоб менамоянд.

Муҳтавои асосии гузориши ««Бонки рушди Абу-Забӣ» дар кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб бо саҳмгузории 55 млн. дирҳам иштирок мекунад» [3, 2017. – 17 сентябр]-ро иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бо намояндагӣ аз вазири энергетикаи АМА Суҳайл ал-Мазруқӣ ва Директори генералии Бонки рушди Абу-Забӣ Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ дар маросими ҷашни кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб ташкил медиҳад. Дар пасманзараи ин рӯйдод тавзеҳ шудааст, ки бонки мазкур дар сармоягузории роҳ (39 км) ба маблағи 55 млн. дирҳам саҳм гузоштааст, ки 16 % -и арзиши умумиро

ташкил медиҳад. Агентӣ дар такя ба суханони вазири энергетика афзудааст, ки давлати АМА барои густариши муносибатҳои муштарак бо Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳо саъю кӯшиш мекунад. Аз ҷумла, дар матн аз номи вазири АМА омадааст: «Лоиҳае, ки Бонки рушди Абу-Забӣ дар сармоягузориаш саҳм гирифт аз таваҷҷуҳи давлати АМА ба кумаки айёнии Ҳукумати Тоҷикистон дар густариши зерсохтори кишвар далолат мекунад». Ҳамчунин, агентӣ дар такя ба суханони Директори генералии Бонки рушди Абу-Забӣ – Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ оид ба аҳаммияти ин роҳ навиштааст, ки давлати Аморот дар пешрафт ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкориҳои муштарак бо давлатҳои Осиёи Миёна ҳавасманд аст. Роҳе, ки кушодашавиаш анҷом ёфт, аз лоиҳаҳои стратегие ба ҳисоб меравад, ки дар бахшҳои нақлиёту алоқа дар Тоҷикистон барои осон кардани кашондани мусофирон ва амвол саҳми худро хоҳад гузошт. Илова бар ин, роҳ шаҳрҳои асосии Тоҷикистонро бо роҳҳои дигари байналмилалӣ мепайвандад. Лоиҳае, ки ҳадаф дорад якчанд қишлоқҳои кӯҳии байни Шӯробод ва қишлоқи Шоҳонро бо роҳҳои байналмилалӣ бипайвандад ва ҳаракати кашондани амволи дохилию беруниро тақвият диҳад. Ҳамчунин, дар мавод омада аст, ки дар сармоягузории лоиҳа ғайр аз Бонки рушди Абу-Забӣ, инчунин, Бонки исломии рушд, Фонди Саудӣ, Фонди Кувайт ва Фонди рушди байналмилалии ОПЕК низ саҳм мегузоранд. Роҳ барои пайваст шудани Тоҷикистон бо ҳамсояҳояш – Афғонистон, Узбекистон Покистон, Чин ва Қирғизистон мусоидат мекунад». Агентии иттилоотӣ аз кушодашавии ин лоиҳа ва аҳаммияти он ҷонибдорӣ кардааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар матолиби АИА мавзуи обу тағйирёбии иқлим мақоми вижа дорад. Давлати АМА дар масоили байналмилалӣ роҷеъ ба самаранок истифода бурдани захираҳои оби ошомиданӣ ҳамеша аз Тоҷикистон ҷонибдорӣ кардааст. Матлаби «АМА аҳаммияти густариши ҳамкории байналмилалиро барои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ таъкид мекунад», ки дар шакли ҳисобот интишор гардидааст, ба ҷонибдории АМА аз Тоҷикистон дарак дода метавонад. Дар ин мавод доир ба дар сатҳи баланд баргузор шудани Конфронси байналмилалии «Об барои рушди устувор – 2018-

2028», ки дар шаҳри Душанбе доир гаштааст, иттилоъ дода шудааст. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки бо Раисии Президенти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гашт, ки дар он намояндаи вазорати энергетика ва саноати АМА доктор Матар Ҳомид Ан-Ниёдӣ суханронӣ карда, аз ин ташаббуси Тоҷикистон тарафдорӣ кардааст. Агентӣ ҳамчунин, дар гузориш аз кори конфронс ва иштирокчиён изҳори қаноатмандӣ карда, илова намудааст, ки ба ғайр аз Президенти Тоҷикистон, инчунин Президентони Туркманистон, Покистон, Афғонистон, намояндагони зиёда аз 100 давлат дар сатҳи намояндагони ҳукуматҳо, вазирон, масъулони баландпояи муассисаҳои СММ, ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, олимону мутахассисони соҳа ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳузур доштанд [3, 2018. – 22 июн]. АИА дар инъикоси масоили обу тағйирёбии иқлим нақши Тоҷикистонро ҳамчун ташаббускори байналмилалӣ ва нақши АМА-ро ҳамчун ҷонибдори ин ташаббусҳо арзёбӣ намудааст. Дар ин замина Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги об ва неруи «сабз» ва АМА ҳамчун шарики технологӣ ва сармоягузор баррасӣ мешавад.

Ҳамчунин, соли 2018 дар бораи имзои Ёддошти тафоҳум ҷиҳати ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба АМА ва ба имзо расидани шартномаи ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистон, хабару гузориш ба табъ расонидааст. Чунончи, дар матни «Аморот ва Тоҷикистон ёддошти тафоҳум дар соҳаи қуввахои кориро имзо мекунанд» мақсади имзои Ёддошти мазкур, ҷалби коргарони тоҷик ва густариши ҳамкориҳои ҳарду ҷониб ҷиҳати татбиқи беҳтарин раванди қарордодҳои муваққатӣ иттилоъ дода шудааст. Дар хабар, аз ҷумла зикр шудааст, ки Ёддошти тафоҳумро аз ҷониби Тоҷикистон Тағойзода Сумангул Саид – вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва аз ҷониби АМА Носир ибн Сонӣ Ал-Ҳомилӣ – вазири захираҳои башарӣ имзо кардаанд. Ҷониби Аморот имзо ва аҳаммияти шартномаро «комёбии ҳарду ҳукумат ҷиҳати пешрафти робитаҳои дӯстонаи байниҳамдигарӣ ва густариши

муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи ҷалби қуввахои корӣ» арзёбӣ кардааст» [3, 2018. – 16 апрел].

Дар маводди дигар тасдиқи шартнома оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистон аз тарафи Девони АМА шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Аз шарҳи мавод маълум мешавад, ки шартнома ҳанӯз 17-уми марти соли 2016 ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба АМА аз тарафи ҳар ду ҷониб бо мақсади густариши ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда ва адои ҷазо (ҳукм) дар кишварашон, ба имзо расида будааст [3, 2018. – 18 апрел].

Дар ағлаби ин матолиб ҳавасмандии ҳар ду ҷониб роҷеъ ба густариши муносибатҳои гуногунҷабҳа, истифодаи таҷрибаҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои тақвияти равобит зикр шудааст. Чунончи, АИА доир ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум бо мақсади густариши ҳамкориҳои муштарак, ки дар Идораи миллии ҳолатҳои изтирорӣ ва идоракунии офатҳои табиии АМА бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст, хабар додааст, ки Ёддошти тафоҳумро Алӣ Саид ан-Наёдӣ – раиси Идораи миллии изтирорӣ, буҳронӣ ва рафъи офатҳои табиии АМА ва Назарзода Рустам – раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон дар шаҳри Абу-Забӣ имзо карданд. Агентӣ ҳадафи онро густариши ҳамкориҳои ду ҷониба дар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак оид ба муқовимат ва вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ ва коҳиш додани хисороти ҳолатҳои фавқулодда тавассути табодули иттилоот ва таҷриба дониста, илова кардааст, ки ёддошти тафоҳум ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ дар бахшҳои фаннӣ ва гуманитарӣ, табодули таҷриба, банақшагирӣ ва таҳияи муштараки лоиҳаҳои таҳқиқоти илмӣ, табодули иттилоот, методология ва технологияҳои илмӣ дар соҳаи пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда равона шудааст [3, 2022. – 28 ноябр].

Дар сомонаи агентӣ роҷеъ ба ин ва дигар мавзуъҳо ҳамасола маводди зиёд ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар матлаби «Аморот ва Тоҷикистон созишномаи хизматрасонии ҳавоиро имзо мекунанд» аз ба имзо расонидани

Созишнома оид ба хизматрасонии ҳавоӣ ва Ёддошти тафоҳум оид ба лағви маҳдудиятҳо аз фаъолияти ҳамлу нақл барои ҳар ду кишвар миёни Идораи авиатсияи граждании Дубай ва Агентии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафтааст, ки ба афзоиши табодули тиҷорат байни Тоҷикистону АМА мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, мувофиқи иттилооти АИА тавофуқоти ҳосилшуда бо Тоҷикистон таҷассумгари равобит ва ҳамкориҳои созанда дар бахши авиатсияи ҳар ду ҷониб буда, барои вусъат додани хизматрасониҳои ҳавоӣ ва зиёд кардани имконияти савдо ва сайёҳат нафъи зиёде хоҳанд дошт [3, 2023. – 9 май]. Имзои созишномаи хизматрасонии ҳавоӣ байни ниҳодҳои авиатсионии ду кишвар аз тарафи АИА ҳамчун омили рушди тиҷорат ва сайёҳӣ дониста шудааст.

Дар умум, имзои ёддоштҳои тафоҳум дар барои ҷалби қувваи корӣ, интиқоли маҳкумшудагон, идоракунии ҳолатҳои фавқулодда ва хизматрасониҳои ҳавоӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА фарогири соҳаҳои мухталиф ва дар ҳоли рушд қарор доранд.

Дар солҳои охир масъалаҳои амнияти сарҳад ва мубориза бо терроризм низ аз мадди назари АИА дур намондааст. Инъикоси конфронсҳои байналмилалии Душанбе нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои ду кишвар танҳо ба иқтисод маҳдуд намешаванд. Аз ҷумла, доир ба иштироки Аморот дар кори Конфронси ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва маблағгузории он тавассути қочоқи маводди мухаддир ва ҷиноятҳои созмонёфта, ки рӯзҳои 17 ва 18-уми майи соли 2019 дар пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе баргузор шудааст. Хабар дар такя ба суханронии раиси ҳайати расмии АМА Убайд ал-Ҳирӣ Солим ал-Кутбӣ – ёвари вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои низомию амниятӣ дар иҷлосияи ифтитоҳии конфронс таҳия шудааст. Мавсуф мавқеи Амороти Муттаҳидаи Арабро дар мубориза бо терроризм дар ҳама шаклу зуҳуроташ, амалиёти маблағгузории он ва аҳаммияти таҳкими амалҳои дастаҷамъии бисёрҷонибаро таъкид карда, афзудааст, ки имсол АМА соли таҳаммулпазириро ҷашн мегирад, мавқеи кишварро ҳамчун пойтахти ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ, муътадилӣ ва гуногунандешии фарҳангӣ мустаҳкам

мекунад. Ҳамзамон, аз ин мавод дар хусуси чи гуна ташкил ва баргузор шудани конфронси мазкур маълумот пайдо мекунем. Хонанда огаҳӣ пайдо мекунад, ки он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ташкил карда шуда, ҳадафаш таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавии зидди терроризму экстремизм, мубодилаи ахбору таҷриба, муайян намудани усулҳои муассири мубориза бо падидаи маблағгузории терроризм будааст. Бино ба шарҳи АИА Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кушодашавии конфронс зимни суханронии худ аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ барои паҳн кардани ғояҳои ифротии худ ҳушдор додааст. Таъкид кардааст, ки маблағгузории терроризм шаклҳои нав пайдо кардааст, аз ҷумла, тариқи фурӯши маводди мухаддир ва ёдгориҳои таърихии аз минтақаҳои муноқиша дуздидашуда ва фурӯши ғайриқонунии онҳо [3, 2019. – 17 май]. Таъкиди иштироки ниҳодҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо дар хабари мазкур ба рӯйдодҳо хусусияти байналмилалӣ мебахшад ва Тоҷикистон дар мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ ҳамчун кишвари фаъол намудор мегардад.

Матолиби «Форуми соҳибкорони Шарқа-Тоҷикистон имконоти шарикӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузориро баррасӣ мекунанд» (3-уми августи соли 2021), «Федератсияи палатаҳо бо Тоҷикистон имконоти сармоягузориро муҳокима мекунад» [3, 2021. – 11 ноябр], «Тоҷикистон рӯзи миллии худро дар EXPO – 2020-Дубай таҷлил мекунад» [3, 2021. – 22 декабр], аз як тараф, ифодагари ҳолат ва имконоти ҳамкориҳои дуҷониба бошанд, аз ҷониби дигар, бозгӯкунандаи нақши АИА дар инъикоси воқеиятҳои марбут ба робитаҳои мутақобила буда метавонанд. Ҳамчунин, маводди мазкур нишон медиҳад, ки АИА ба рушди шарикии бахши хусусӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, имкониятҳои сармоягузорӣ, табодули молу хизматрасонӣ ва густариши соҳибкориро дар меҳвари матолиб қарор медиҳад.

Дар хабари «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА: ҳамкории Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон барои наҷоти пиряхҳо» (19-уми маи 2022) дар

истинод ба суханони вазир хабар тавзеҳ шудааст, ки Тоҷикистон дар доираи ташаббус ва талошҳои худ барои густариши устувори таъмини об ва наҷоти пиряхҳо бо АМА ҳамкорӣ дорад. Аз ҷумла, вазир дар мусоҳиба бо хабаргузори АИА чунин изҳор доштааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 %-и захираҳои оби Осиёи Миёнаро соҳиб аст ва яке аз кишварҳое мебошад, ки аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим солҳои охир бештар осеб дидааст (ҳазор пирях нобуд шудааст). Тоҷикистон дар соҳаи об ташаббусҳои зиёди ҷаҳонӣ ба роҳ мондааст ва дар ин замина моҳи июн конфронси байналмилалӣ оид ба «Нақшаи рушди захираҳои об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Душанбе барпо хоҳад кард. Илова кардааст, ки саҳми Тоҷикистон дар партовҳои ҷаҳонӣ хеле кам аст, зеро 95 %-и неруи барқ аз неруи обҳои камкарбон тавлид мешавад [3, 2022. – 19 май].

Бояд қайд кард, ки баргузории нишасту конфронсҳо ҳамчун рӯйдодҳои хабарсоз ва имиҷсоз барои Тоҷикистон истифода гардидааст. Чунончи, соли 2022 ду маводди АИА-ро баргузории конфронсияҳои илмӣ ва иштироки намояндагони ҷонибҳо ташкил медиҳад: «Аморот дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи амнияти марзҳо ва мубориза бо терроризм дар Душанбе ширкат мекунад» (الإمارات تشارك في مؤتمر دولي رفيع المستوى في دوشنبه عن أمن الحدود ومكافحة الإرهاب), «Аморот дар конфронси байналмилалии «Об барои рушд» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» (الإمارات تشارك في المؤتمر الدولي «الماء من أجل التنمية» بطاجيكستان) ва амсоли ин.

Муҳтавои матни аввалро баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон», ки дар шаҳри Душанбе ва иштироки Аморот ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар он ташкил медиҳад. Ҳайати вакилони АМА-ро Солим Муҳаммад аз-Заъобӣ – директори департаменти ҳамкориҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷӣ роҳбарӣ кардааст. Дар шарҳи агентии ҳадафи конфронсро таҳкими ҳамкориҳо ва шарикии минтақавӣ ва байналмилалӣ, табодули таҷриба оид ба густариш ва татбиқи равишҳои

зиддитеррористӣ, аз ҷумла тадбирҳои пешгирикунанда оид ба мубориза бо ифротгароӣ ва инчунин, дастгирии сиёсии ҷидду ҷаҳди СММ оид ба мубориза алайҳи терроризм арзёбӣ шудааст. Дар хотимаи матлаб дар такя ба суханронии намояндаи АМА таъкид гардидааст, ки кишвараш аз талошҳои байналмилалӣ дар ин самт пуштибонӣ мекунад [3, 2022. – 20 октябр].

Роҷеъ ба конференсияи мазкур дар ВАО-и ватанӣ, аз ҷумла, сомонаи Вазорати корҳои хориҷии кишвар низ ахбор нашр шудааст. Мувофиқи иттилои сомона дар ҷаласаи ифтитоҳии сатҳи баланд зиёда аз 900 иштирокчӣ, ба шумули вазирон ва дигар шахсони расмии кишварҳои аъзои СММ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, коршиносон ва рӯзноманигорон ширкат намудаанд. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии ифтитоҳии худ таъкид намудааст, ки «Ҳукумати Тоҷикистон бо назардошти вазъи мураккаби минтақа ба таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгирии интиқоли ҷангҷӯёни террорист, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад» [385]. Вазорати корҳои хориҷӣ хабар додааст, ки нишасти дурӯзаи конфронс аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид (UNOCT), Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи бездоранда барои Осиёи Миёна (UNRCCA), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Давлати Қатар ташкил гардид.

Дар матлаби дуюм, воқеаи асосӣ иштироки АМА бо намояндагии Вазорати энергетика ва инфрасохтор дар иҷлосияи дуюми Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Об барои рушди устувор 2018-2028», ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ аз 6-ум то 9 июн дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе баргузор гардидааст, мебошад. Ҳайати АМА-ро дар конфронси мазкур муҳандис Юсуф Оли Алӣ сарварӣ ва суханронӣ кардааст. Матлаб дар такя ба суханронии намояндаи АМА таҳия шуда, асосан доир ба Стратегияи миллии энергетикии Аморот иттилоъ медиҳад. Дар он аз ҷумла, зикр гардидааст, ки «АМА дар таъмини ояндаи об, энергетика ва амнияти озуқаворӣ пешвои

минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад ва яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони оби тозашуда дар ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, ба масъалаи тағйирёбии иқлим аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад» [3, 2022. – 7 июн]. АИ дар хотимаи гузориш баргузории чунин конфронсҳоро қобили қабул дониста, муносибатҳои энергетикиро ҳамчун ҳамкории стратегӣ дар соҳаи неруву об шарҳ додааст.

Хулоса, аз таҳлили маводди бахши ҳамкориҳои Тоҷикистону АМА маълум мешавад, ки Агентии иттилоотии Аморот ин ҳамкориҳоро дар доираи «шарикии созанда» инъикос намудааст. Аз матолиб маълум мешавад, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои табиӣ ва иқтидори транзитӣ ва Аморот ҳамчун шарики сармоягузору технологӣ нишон дода шудаанд.

В) Мавзуи дигаре, ки АИА ба он ҳамасола таваҷҷуҳ кардааст, кумакҳои хайриявии муассисаҳои Аморат, аз қабили «Дору-л-барр» (دار البر), «Набазот» (نبضات) ва «Сақя-л-иморот» (سقيا الإمارات) ба Тоҷикистон мебошад. Маводди «Иқдоми «Набазот» ташхисҳои ройгонро барои кӯдакони Тоҷикистон анҷом медиҳад» ва «Гурӯҳи «Набазот» 60 амалиёти ҷарроҳии дили кӯдаконро дар Тоҷикистон ба иҷро мерасонад» [3, 2017. – 13 ноябр], «Ҷамъияти «Дору-л-барр» беморхонаеро дар Тоҷикистон ба маблағи 54 ҳазор доллар барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ёрӣ мерасонад» [3, 2018. – 3 ноябр], «1,7 миллион долларро Зайд бин Султон Оли Наҳён барои корҳои хайрия дар Тоҷикистон сарф кардааст» [3, 2019. – 117 июл], «Аморот ба Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти талошҳояш дар мубориза бо паҳншавии «Ковид-19» кумакҳои тиббӣ мефиристад» [3, 2020. – 27 май], «Аморот ҳавопаймои дуввуми кумакҳои тиббиро ба Тоҷикистон барои дастгирӣ дар мубориза бо «Ковид-19» фиристод» [3, 2020. – 11 октябр], «Аморот ба Тоҷикистон кумаки ғизоӣ мефиристад» [3, 2021. – 28 апрел], «Ҷамъияти хайриявии Шарҷа ба 4 лоиҳаи нав дар Тоҷикистон санги асос мегузорад» [3, 2021. – 8 июл], «Ҳайати «Дору-л-барр» раванди 13 лоиҳаи рушдро дар Тоҷикистон санҷиш мекунад» [3, 2021. – 14 ноябр], «Фонди башардӯстонаи Зоид» густариши ҳамкориро бо Тоҷикистон баррасӣ мекунад» [3, 2021. – 14 декабр], «Ҳайати «Хайрияи Шарҷа» аз лоиҳаҳои донории ин ҷамъият дар

Тоҷикистон дидан мекунад» [3, 2023. – 14 март] ва ғайра аз ёрӣ ва кумакҳои АМА ба Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд.

Умуман, аксари матолиби фарогирандаи фаъолияти муассисаҳои хайриявии дар боло зикршуда собит месозад, ки АИА ин иқдомро ҳамчун идомаи сиёсати башардӯстонаи кишвараш пешниҳод мекунад.

Чунончи, дар матни «Иқдоми «Набазот» ташхисҳои ройгонро барои кӯдакони Тоҷикистон анҷом медиҳад» ва «Гурӯҳи «Набазот» 60 амалиёти ҷарроҳии дили кӯдаконро дар Тоҷикистон ба иҷро мерасонад» зикр гардидааст, бо ташаббуси муассисаи хайриявии Муҳаммад ибн Рошид Ал-Мактум амалиёти ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзод ройгон гузаронида мешавад. Ин маърака дар муддати панҷ рӯз давом карда, гурӯҳи мазкур дар Тоҷикистон зиёда аз 300 нафар кӯдакро аз ташхиси ройгони тиббӣ гузаронида, 60 амалиёти гуногуни ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзодро (аз се моҳа то 18 сола) ройгон ба сомон расонидааст [3, 2017. – 7 ноябр; – 11 ноябр]. Қайд кардан бамаврид аст, ки АИА ҳамасола корҳои башардӯстонаи Аморотро инъикос ва тарғибу ташвиқ мекунад.

Дар АИА таҳти номи «Ҷамъияти «Дору-л-барр» ба матолибе дучор мешавем, ки ин ҷамъият дар Тоҷикистон беморхонаеро ба маблағи 54 ҳазор доллар барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ёрӣ мерасонидааст. Сафири АМА Муҳаммад Аҳмад ибн Султон ал-Ҷобир ба беморхонаи Душанбе аз номи ҷамъияти хайриявии «Дору-л-барр» барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи 54 ҳазор доллар тақдим намудааст [3, 2018. – 3 ноябр].

Гузориши «1,7 миллион долларро «Зайд бин Султон Оли Наҳён» барои корҳои хайрия дар Тоҷикистон сарф кардааст» намунае аз иттилооти ифодакунандаи амалҳои хайрхоҳонаи АМА мебошад. Аз ин гузориш маълум мегардад, ки дар мулоқот роҳҳои ҳамкорӣ дар тарҳҳои нави башардӯстонаро, ки ба мардуми тоҷик дар пешрафти раванди рушд кумак мекунанд, баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, доктор Иброҳим изҳор доштааст, ки муассиса соли 2014 лоиҳаи бунёди неругоҳи барқи обии ноҳияи Ванҷро барои тавлиди 800 киловатт неруи барқ барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ ва

фарҳангӣ ба маблағи 1 миллиону 280 ҳазор доллари ИМА маблағгузорӣ кардааст. Минбаъд низ корҳои хайриявии гуногун ва кумакрасонӣ, махсусан, дар соҳаҳои тандурустӣ ва маорифро бо Тоҷикистон идома хоҳад дод [3, 2019. – 11 июл].

Дар соли 2020 доир ба ин мавзуъ ду мавод ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, «Аморот ба Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти талошҳояш дар мубориза бо паҳншавии «Ковид-19» кумакҳои тиббӣ мефиристад», «Аморот ҳавопаймои дуввуми кумакҳои тиббиро ба Тоҷикистон барои дастгирӣ дар мубориза бо «Ковид-19» фиристод».

Мувофиқи иттилооти ин матолиб Амороти Муттаҳидаи Араб дар чаҳорчӯбаи таҳкими равобити дуҷонибаи ду кишвар ва саҳмгузорӣ дар талоши ниҳодҳои дахлдори Тоҷикистон дар мубориза бо бемории «Ковид-19» рӯзи 27-уми май ҳавопаймои якум бо 10,5 т. кумаки тиббӣ ва 11-уми октябр ҳавопаймои дуюмро бо 12 т. лавозимоти тиббӣ ва таҷҳизоти озмоишӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристод, ки аз он беш аз 12 000 корманди соҳаи тиб истифода хоҳанд бурд [3, 2020. – 25 май; – 11 октябр].

АИА соли 2021 кумакҳои АМА ба Тоҷикистон [3, 2021. – 28 апрел], аз ҷониби Ҷамъияти хайриявии Шарҷа ба 4 лоиҳаи нав дар Тоҷикистон санги асос гузоштан [3, 2021. – 8 июл], боздиди ҳайати «Дору-л-барр» аз ҷараёни 13 лоиҳаи рушд дар Тоҷикистон [3, 2021. – 14 ноябр], баррасии густариши ҳамкориҳо бо Тоҷикистон аз ҷониби «Фонди башардӯстонаи Зоид» [3, 2021. – 14 декабр] ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 низ дар такя ба сафари корӣ ва суханони Раиси бахши лоиҳаҳо ва кумакҳои ин ҷамъият Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ ба матлабе вохӯрдем, ки аз оғози сафари корӣ ҳайат аз ифтитоҳи мактаб бо номи «Иқра» **(**Бихон! إقرأ**)** дар деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик ва дармонгоҳи тиббии «Ас-Саҳоба» дар деҳаи Гулрези ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дарак медиҳад. Сомона ёдовар шудааст, ки ин лоиҳа дар доираи барномаи «Биё меомӯзем» (هيا نتعلم) барои дастгирии барномаҳои таълимӣ амалӣ мешавад. Инчунин, тақсими сару либоси мактабӣ, сумка ва асбобу анҷоми мактабӣ барои 200 нафар кӯдакони

оилаҳои ниёзмандро дар бар мегирад. АИА хабар додааст, ки ҳайат дар ҷараёни сафар ҷиҳати муайян намудани талаботи ноҳияҳои дурдаст ва ҳаҷми хизматрасоние, ки сокинони ин ноҳияҳо ба таври таъҷилӣ эҳтиёҷ доранд, бо масъулини Кумитаи корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ намудаанд. Ҳамзамон, ҳайат эҳтиёҷоти Донишкадаи таълимии санъат ва ҳунарҳои мардумиро, ки барои кӯдакони ятим ва маъюбон пешбинӣ шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати оғоз намудани таъмини он ҷораҳо меандешад [3, 2022. – 21 сентябр].

АИА солҳои 2022-2023 ду мавод бо сарлавҳаҳои якхела «Ҳайати «Хайрияи Шарҷа» аз лоиҳаҳои донории ин ҷамъият дар Тоҷикистон дидан мекунад» чоп кардааст. Дар гузориши соли 2023 зикр шудааст, ки ҳайати корӣ таҳти сарварии Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ – Раиси бахши лоиҳаҳо ва кумакҳои ин иттиҳодия ба Тоҷикистон сафар карданд. АИ дар такя ба суханони Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ хабар додааст: «Дар ҷараёни сафар дар деҳаи Чорбоғи «шаҳри» Балхи вилояти Хатлон дар масоҳати 550 метри мураббаъ ба маблағи 650 ҳазор дирҳам мактаби «ал-Муҳсинун» (**المحسنون**) ифтитоҳ шуд. Мактаб ба ғайр аз биноҳои хидматрасонӣ, аз 8 синфхона, утоқҳои маъмурӣ ва китобхона иборат буда, метавонад 400 хонандаро дар ду баст фаро гирад. Ҳамчунин ин сафар 20 ҷарроҳии беморони чашм ва дар чаҳорчӯби маъракаи «Дилҳои хурдакак» 10 амалиёти катетеризатсияи дили кӯдаконро дар бар мегирад. Ҳайати ин иттиҳодия ҳамчунин, дар чаҳорчӯбаи маъракаи «Зимистони гарм» ба беш аз 400 оилаи ниёзманд маводди гармидиҳӣ, сарпӯшҳои вазнин ва сабади ғизоӣ тақсим кард» [3, 2023. – 14 март]. Агентӣ дар ин хабар ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро ба сифати «шаҳри Балх» унвон кардааст, ки хонандаро ба иштибоҳ мебарад. Зеро Балх ҳамчун шаҳр дар Афғонистон воқеъ аст.

АИА соли 2024 иттилоъ додааст, ки Муассисаи корҳои хайриявии «Ас-Сақр» (**مؤسسة صقر بن محمد القاسمي للأعمال الخيرية**) дар Тоҷикистон дар иҷрои тарҳҳои мухталиф, аз қабили сохтмони мактабҳо, кофтани чоҳҳо, таъмини хонаҳои истиқоматӣ барои бевазанону ятимон ва расонидани кумаки ғизоӣ ба оилаҳои

ниёзманд ба маблағи умумии тақрибан «3 773 000 дирҳам ҷудо намудааст» [3, 2024. – 3 сентябр].

Умуман, дар маводди алоқаманд ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, инфрасохтор, об ва кумакҳои изтирорӣ (COVID-19)-и агентии иттилоотӣ, Аморот ҳамчун давлати масъул дар ҷомеаи байналмилалӣ, ҷонибдори рушди босуботи Тоҷикистон ва шарики боэътимоди он инъикос гардидааст.

Мавзуи дигари мавриди таваҷҷуҳи ин Агентии иттилоотӣ қароргирифта инъикоси робитаҳои фарҳангии байни ҳар ду кишвар мебошад. Маводди ««Ҳафтаи мероси тоҷикӣ» дар Шарҷа» [3, 2018. – 22 январ], «Суханронӣ дар донишгоҳи Тоҷикистон перомуни зебоиҳои дипломатияи фарҳангии АМА ва Тоҷикистон» [3, 2018. – 6 май], «Ҳайати донишкадаи дипломатияи фарҳангӣ дар ҷашнҳои иди Наврӯзи Тоҷикистон иштирок мекунад» [3, 2022. – 29 март]-ро ҳамчун муште аз хирвор ин ҷо метавон зикр кард.

Дар маводди аввал ««Ҳафтаи мероси тоҷикӣ» дар Шарҷа» (انطلاق أسبوع التراث الطاجيكي في الشارقة) аз ташкилкунандаи намоиш – Донишкадаи мероси Шарҷа, иштироки Раиси донишкадаи мазкур доктор Абдулазиз ал-Муслим, Сафири Фавқулодда ва мухтори Тоҷикистон дар АМА Шарифӣ Баҳодур Маҳмудзода, намояндагони ҳайати Тоҷикистон, устодону мутахассисони донишкада ва ҳаводорони мероси фарҳангӣ таъкид шудааст. Агентӣ дар такя ба суханони доктор Абдулазиз ал-Муслим аз муносибатҳои ҳасанаи Тоҷикистону Аморот ёдовар шуда, қайд кардааст, ки Тоҷикистон соҳиби меросу тамаддуни қадима ва ғанӣ аст ва намоиши расму русум, санъати миллӣ, мусиқии халқӣ, либос ва хӯрокҳои мардумӣ имконият медиҳад, ки ҳаводорони фарҳанг ба мероси таърихии тоҷик аз наздик шинос шаванд. Ҳамчунин, дар гузориш дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар АМА зикр шуда, ки муносибатҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла, ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистону давлати Аморот дар ҳоли густариш аст. Хулосаи гузориш он аст, ки ҳар ду ҷониб аз ташкили намоиши фарҳангӣ ҷиҳати муаррифии тамаддунҳои ҳамдигарӣ изҳори қаноатмандӣ кардаанд.

Агентӣ соли 2018 доир ба воқеа ва робитаҳои фарҳангӣ чор мавод ба табъ расонидааст, ки аз робитаҳои хуби фарҳангии Тоҷикистону АМА шаҳодат медиҳад. Аз ин теъдод се мавод ба сафари ҳайати фарҳангии намояндагони АМА ба Тоҷикистон, ки аз 5-ум то 12 майи 2018 давом кардааст, иртибот дорад. Аз ҷумла, дар матлаби «Суханронӣ дар донишгоҳи Тоҷикистон перомуни зебоиҳои дипломатияи фарҳангии АМА ва Тоҷикистон» аз баромади Раиси донишкадаи байналмилалии дипломатияи фарҳангии Дубай – доктор Муҳаммад Комил ал-Муъайн дар ДМТ сухан меравад. Вохӯрӣ дар ҳошияи Намоиши фарҳанги араб дар Тоҷикистон баргузор гаштааст. Мавсуф аз сатҳи равобити муносибатҳои фарҳангии байни кишварҳоямон ситоиш карда, аз ҷумла, зикр мекунад: «Фарҳанг василаи барҷастаи наздикшавӣ ва гуфтугӯйи ҷомеаҳо ба ҳисоб меравад ва дар наздиккунонии нуқтаҳои назар, тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила саҳми босазо дорад» [3, 2018. – 12 май].

Дар маводди «Ҳайати донишкадаи дипломатияи фарҳангӣ дар ҷашнҳои иди Наврӯзи Тоҷикистон иштирок мекунад» (وفد معهد الدبلوماسية الثقافية يشارك طاجيكستان احتفالاتها بأعياد النوروز) омадааст, ки Донишкадаи байналмилалии дипломатияи фарҳангии Дубай таҳти сарварии Ректори донишкада – доктор Муҳаммад Комил ал-Муайнӣ дар таҷлили иди Наврӯзи имсолаи Тоҷикистон ширкат кард. Иттилоъ додааст, ки ҷашнвора дар ҷануби кишвар бо ҳузури Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки вай ба ҷаҳониён паёми сулҳ ирсол кард: «Давлати Тоҷикистон байни қишрҳои мухталифи мардум аз амнияту субот барҳӯрдор аст».

Ҳайат аз чанд манотиқи муҳимми таърихӣ ва сайёҳии Тоҷикистон, аз ҷумла, қалъаи Ҳисор, қасри Наврӯз ва Сафеддара дидан кардааст. Муҳаммад Комил ал-Муайнӣ дар хотимаи хабар ба ҳамкориҳои АМА ва Тоҷикистон баҳои баланд дода, тавзеҳ додааст, ки сафарҳои Донишкадаи байналмилалӣ ба манфиати таҳкими равобит дар бахшҳои фарҳангӣ мебошад [3, 2022. – 29 март].

Матолиби фарҳангӣ дар баланд гардидани нуфузи мусбати фарҳангии Тоҷикистон таъсир мегузорад. Дар чунин мавод Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои мероси куҳан, тамаддуни ғанӣ ва шарики фарҳангӣ шинохта мешавад.

АИА дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳо ба ҳаводису воқеаҳои Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Чунончи, хабар таҳти унвони «Сарвари давлат ва ду муовини ӯ ба Президенти Тоҷикистон барои қурбониёни сел изҳори ҳамдардӣ карданд». Дар ин мавод номаи тасаллияти Президенти АМА – Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳён, ноиби Президент ва Сарвазири Аморот – Шайх Муҳаммад бин Рашид Оли Мактум ва ноиби Президенти АМА, муовини Сарвазир ва Вазир девони Аморот – Шайх Мансур бин Зоид Оли Наҳён дар нисбати боришоти зиёд ва обхезие, ки боиси ҳалокату захмӣ шудани шумораи одамон дар Тоҷикистон гардид, ҷой дода шудааст [3, 2023. – 1 сентябр].

Ба ҳамин монанд, АИА моҳи феврали 2023 таҳти сарлавҳаи «Заминларзаи 6,8 дараҷа дар шарқи Тоҷикистон рух дод» хабари кӯтоҳ ба табъ расонида, дар такя ба хадамоти геологии ИМА иттилоъ додааст, ки субҳи имрӯз дар шарқи Тоҷикистон заминларза ба шиддати 6,8 дараҷаи ҷадвали Рихтер рух додааст. Маркази заминларзаро дар умқи 20,5 километри шарқи Тоҷикистон дар марз бо Афғонистон ва 65 километрии ғарби Мурғоб дар наздикии вилояти Шинҷони Чин арзёбӣ карда, таъкид намудааст, ки талафоти ҷонӣ нест [3, 2023. – 23 феврал]. Хабарҳо дар бораи заминларза ва сел услуби кӯтоҳ ва иттилоотӣ доранд.

АИ дар баробари воқеаҳои мудҳиши табиӣ, амсоли боришоти сахту обхезӣ, заминларза, инчунин, ба воқеаҳои таърихии Тоҷикистон низ, таваҷҷуҳ намудааст. Ба гунаи далел, он соли 2019 роҷеъ ба кушодашавии агрегати дуюми НБО-и ««Роғун»» таҳти сарлавҳаи «Президенти Тоҷикистон марҳилаи дуввуми тарҳи неругоҳи «Роғун»-ро ифтитоҳ мекунад» мавод интишор намуда, роҷеъ ба НБО-и ««Роғун»» маълумоти муфид пешниҳод кардааст. Аз ҷумла зикр кардааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи марҳилаи (агрегат) дуюми лоиҳаи НБО-и ««Роғун»» таъкид кардааст, ки неругоҳи барқӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва бехатарӣ бо истифода аз технологияҳои навтарин сохта мешавад. Ҳамчунин, изҳор доштааст, ки бунёди неругоҳҳои обӣ дар рӯдхонаҳои Тоҷикистон ба таъмини мувозинати тавлиди неруи барқ, масраф ва таъмини мудирияти устувори об ва коҳиши камбуди неруи барқ дар минтақа мусоидат мекунад. Агентӣ менависад: «Сохтмони сарбанд ва

НБО-и ««Роғун»» 29-уми октябри соли 2016 оғоз гардида, 16-уми ноябри соли 2018 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми неругоҳро ба истифода дод. НБО-и ««Роғун»» бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 млрд. киловатт-соат) бузургтарин неругоҳи барқи обии минтақа хоҳад буд ва феълан дар обанбори «Роғун» дар маҷмуъ 200 млн. метри мукааб об захира шудааст. «Роғун» дар болооби дарёи Вахш, дар 90-километраи пойтахти Тоҷикистон воқеъ аст». АИ ёдовар шудааст, ки ин лоиҳа бори нахуст дар авохири солҳои 70-уми асри гузашта оғоз шуда буд, аммо пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ соли 1991 қатъ шуд. Ҳоло як ширкати итолиёвӣ (номаш зикр нашудааст) ин тарҳро назорат мекунад, ки арзиши он 3,9 млрд. доллярро ташкил медиҳад. Ҳадафи неругоҳ ду баробар афзоиш додани тавлиди неруи барқ дар Тоҷикистон, рафъи норасоии неруи барқи маҳаллӣ ва содироти барқи изофӣ ба кишварҳои ҳамсоя мебошад. Ҳоли ҳозир дар сарбанд беш аз 60 ширкат аз Тоҷикистон, Итолиё ва Олмон кор мекунанд. Лоиҳа бояд то соли 2028 анҷом шавад. Дар назар аст, ки «бо баландии 335 метр баландтарин сарбанди НБО дар ҷаҳон хоҳад шуд ва то имрӯз 70 %-и лоиҳа иҷро шудааст» [3, 2019. – 9 сентябр].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки инъикоси бунёди Неругоҳи барқи обии ««Роғун»» Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, шарики фаъоли бозори минтақавии барқ ва субъекти боэътимод дар таъмини амнияти энергетикии минтақавӣ нишон додааст.

Ҳамчунин, номи Тоҷикистон дар 9 ахбори варзишӣ (ҳамчун узви мусобиқоти Ҷоми Осиё) ва 15 ахбори гуногун (ҳамчун узви созмонҳои байналмилалӣ, кумакҳои АМА ба давлатҳои ҷаҳон, ЭКСПО-2020, масоили Афғонистон, шарики Россия) ёдовар шудааст.

Таҳқиқи матолиби АИА аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам ба сатҳ ва раванди муносибатҳои ҳар ду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибат ва ҳамкориҳо бо Тоҷикистон хабару гузоришот нашр намудааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хос дорад. Маводди агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА дар сатҳи хуб қарор дорад. Агентии иттилоотии Аморот инъикоскунандаи сиёсати

хориҷии давлати АМА буда, аз тамоми вохӯрию мулоқотҳои ҳар ду кишвар ба мардуми худ иттилоъ додааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки АИА дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб нақши фаъол дошта, дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотӣ, симои Тоҷикистонро бештар дар заминаи ҳамкориҳои созанда ва рушди муштарак инъикос менамояд. Ин омил дар таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар аҳаммияти муҳим дорад. Дар маводди агентӣ Тоҷикистон асосан ҳамчун шарики дипломатӣ ва иқтисодӣ муаррифӣ шудааст. Бояд таъкид кард, ки инъикоси мунтазами робитаҳои дуҷониба ва афзалият додан ба мавзуъҳои ҳамкорӣ ба таҳкими симои (имиҷи) мусбати Тоҷикистон дар фазои иттилоотии АМА шароит фароҳам меорад. Дар маҷмуъ, АИА вазифаи таблиғотиро иҷро намуда, муносибатҳои дуҷонибаро дар заминаи хайрхоҳӣ, рушд ва ҳамкории устувор ба аудитория пешниҳод кардааст.

Вижагии хоси Агентии иттилоотии Аморот дар он аст, ки дар қиёс бо дигар агентиҳои арабӣ ҳамчун воситаи беғараз, нисбатан бетафовут, дур аз таҳрифи инъикоси воқеии муносибатҳо ба ҳисоб меравад. Ҳол он ки бархе агентиҳо дар инъикоси иттилоот ба таҳрифи ахбор ва манфиатҷӯйӣ майл доранд. АИА ҳамчун агентии расмӣ василаи ташаккулдиҳандаи симои мусбат ва ҳамоҳангсози фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ маҳсуб меёбад.

Ба ин манзур, ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус, агентиҳои иттилоотии Қатар, Арабистони Саудӣ ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар инъикоси робитаву ҳамкориҳои тарафайн ва воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон муносибати нисбатан холисона намуда, аз як тараф, дар муаррифии Тоҷикистон ба кишварҳои худ нақш гузошта бошанд, аз ҷониби дигар, дар таҳкими робитаҳои гуногунсамтаи давлатҳои араби Халиҷи Форс бо Тоҷикистон саҳм гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии мавриди таҳқиқ ҳамчун шарики стратегӣ ва иқтисодӣ, кишвари дорои робитаҳои устувори дипломатӣ ва ташаббускори ибтикороти байналмилалӣ, инчунин, иштирокчии фаъоли бозиҳои варзишии қитъаи Осиё ва байналмилалӣ дар фазои иттилоотии араб муаррифӣ

гардидааст. Имиҷи Тоҷикистон бештар мусбат, ҳамгиро ва рушдгаро ба назар мерасад. Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки ВАО дар равандҳои муносибатҳои байналмилалӣ нақши бисёрҷанба дошта, на танҳо воқеиятро инъикос мекунад, балки онро шакл медиҳад ва ба он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, баррасии фаъолияти ВАО дар чунин заминаҳо барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии муосир аҳаммияти муҳим дорад.

БОБИ III
МАВҚЕИ ВАО-И ТОҶИКИСТОН ДАР БОЗТОБИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБА БО КИШВАРҲОИ АРАБ

Ҷаҳони имрӯза дар ҳоли тағйирёбист ва кишварҳои абардқудрат як роҳи хеле осони амалӣ кардани нақшаҳои худро ёфтаанд, ки ба воситаи расонаҳои иттилоотӣ ноором кардани вазъияти сиёсии давлатҳо аст. Акнун қуввaҳои қудратхоҳ дигар ба тиру туфанг эҳтиёҷ надоранд, зеро ҷойи онҳоро ВАО гирифтааст, яъне кадом ҷонибе онро хуб истифода барад, зудтар ба ҳадафаш мерасад. Воситаҳои ахбори омма ба минбари фаврии таҳлилу баррасии мушкилоти рӯз табдил ёфтаанд. Президенти Тоҷикистон дар ҷашни 100-солагии матбуоти тоҷик дуруст қайд карданд, ки «Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хидмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад» [275, с. 6].

Дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон муносибату ҳамкориҳо ва ҳаводиси гуногуни дунё, аз ҷумла, кишварҳои араб низ, инъикос мегардад, ба рӯйдодҳо аз диди воқеияти замон ва макон баҳогузорӣ карда мешавад, самара, натиҷа ва таъсири онҳо аз нигоҳи коршиносон ва мутахассисони ватаниву хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ мегардад. Ин раванд дар ВАО-и муосир бозтоби ҳақиқати воқеаҳо аст, ки дар айни замон вобаста ба ҷаҳонишавии арзишҳо ба вуҷуд омадааст.

Инъикоси равобиту ҳамкориҳо ва воқеоти марбут ба кишварҳои араб дар ВАО-и Тоҷикистон ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо таъсири муассир мерасонад, зеро он ба чӣ гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО низ вобастагӣ дорад. Ба таъбири А. Саъдуллоев, «Ба пахши ахбор қишрҳои мухталифи ҷомеа ҷалбу ҷазб карда мешаванд ва ин боиси рангорангиҳо, афзудани таъсири мутақобила мегардад. Ба ҳар як ахбор одамон аз диди инфиродии хеш, мувофиқи завқу салиқа ва дараҷаи маърифати худ баҳо медиҳанд» [226, с. 5].

ВАО-и Тоҷикистон, аз ҷумла, АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва расонаи

иттилоотии «Pressa.tj« пайваста доир ба муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо ва рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб мавод интишор мекунанд. Аз омӯзиши маводди расонаҳо маълум гардид, ки тайи солҳои охир муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ба хусус, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб ба таври назаррас инкишоф меёбанд.

Агентиҳои мазкур дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи муҳим дошта, дар инъикоси воқеаҳои кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла араб фаъоланд. Раванди таҳқиқ муайян намуд, ки воқеан ҳам, ин расонаҳо дар истеҳсол ва пахши ахбори нави дохиливу хориҷӣ саҳми муносиб доранд.

3.1. Таҳлили мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар»

Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» (мухтасар бо тоҷикӣ: АМИТ «Ховар»; англисӣ: NIAT «Khovar» (National information agency of Tajikistan); арабӣ: وكالة أنباء طاجيكستان الوطنية) агентии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, қадимтарин агентии иттилоотӣ дар кишвар ба шумор меравад. Дафтари асосии агентӣ дар маркази Душанбе, дар хиёбони Рӯдакӣ ҷойгир буда, дар вилояту шаҳрҳои Тоҷикистон хабарнигорони минтақавӣ дорад. АМИТ «Ховар» ҳамчун манбаи иттилоот – паҳнкунандаи хабарҳои расмии давлатӣ ва байналмилалӣ ба шумор рафта, иттилооти дақиқу боэътимодро ба ҷомеа мерасонад. Ҳамзамон фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсати дохиливу хориҷии кишварро инъикос мекунад.

Нақши АМИТ «Ховар» дар ташаккули фазои иттилоотии Тоҷикистон ва муаррифии сиёсати хориҷии он ниҳоят муҳим аст. Зеро рӯйдодҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда, имиҷи байналмилалии Тоҷикистонро таҳким мебахшад. Ахбор дар сомонаи агентӣ бо панҷ забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, форсӣ ва арабӣ мавод интишор мегардад. Тибқи маълумоти муҳаққиқон АМИТ «Ховар» «сарчашмаи асосии хабарҳои расмӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад» [205, с. 4].

Дар сомонаи АМИТ «Ховар» роҷеъ ба кишварҳои арабии мавриди таҳқиқ, давоми солҳои 2014-2024 дар маҷмуъ 845 мавод [Расми №1] ба мушоҳида расид, ки дар шакли ҷадвал чунин аст:

Расми №1



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Ин нишондиҳанда баёнгари он аст, ки кишварҳои араб дар сиёсати иттилоотии агентӣ ҷойгоҳи муайян дорад. Метавон гуфт, ки АМИТ «Ховар» бо инъикоси пайвастаи чунин мавод муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабро барои аудитория аҳаммиятнок муаррифӣ менамояд.

Маводди агентиро аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

а) муносибат (сафар ва вохӯриҳои расмии мутақобилаи дуҷониба);

б) равобити ҳамкориҳо (иқтисодӣ, фарҳангӣ, амниятӣ);

в) рӯйдодҳои кишварҳои араб;

А) Инъикоси муносибатҳои дуҷониба. Аз омӯзиш маълум шуд, ки бештари маводди сомонаи АМИТ «Ховар»-ро муносибатҳои дуҷониба ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, аз 845 мавод 335-тои он ба мавзуи муносибатҳо рост меояд, ки 39,6 %-ро дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки АИ дар сиёсати иттилоотии худ ба

масъалаи робитаҳои дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон аҳаммияти зиёд медиҳад. Яъне, самти иттилоотии агентӣ бештар ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ равона гардидааст.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар муқоиса ба дигар кишварҳои араб ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст. Кишвари Арабистони Саудӣ дар сомонаи АМИТ «Ховар» бо номҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС), Мамлакати Арабистони Саудӣ (МАС) ва Подшоҳии Арабистони Саудӣ (ПАС) [4, 2014. – 27 октябр; 2016. – 6 январ; 2023. – 7 апрел; 2024. – 6 март] зикр шудааст.

Аз 393 маводде, ки дар онҳо сомонаи «Ховар» роҷеъ ба ШАС таваҷҷуҳ кардааст, 157 матлаби он ба баррасии муносибатҳои дуҷониба бахшида шудааст, ки 39, 9 %-ро ташкил медиҳад. Ин маълумот баёнгари он аст, ки Арабистони Саудӣ дар сомонаи АМИТ «Ховар» ҳамчун шарики муҳимми сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Аксари маводди агентӣ хусусияти расмӣ дошта, асосан мавзуъҳои зеринро дар бар мегирад:

- сафарҳои расмии сарони давлатҳо;
- мулоқоту музокироти байнидавлатӣ;
- машваратҳои сиёсӣ ва ҷаласаҳои комиссияҳои муштарак;
- форумҳои сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ.

Баррасии маводди сомонаи АМИТ «Ховар» аз он далолат мекунад, ки масъалаи муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар муҳити фазои иттилоотии он муҳим аст. Ағлаби иттилооти ин агентиро сафарҳои расмии мутақобила, мулоқоту вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳои араб ва мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ (вохӯрии сафирону вазирон, ҳайатҳои ҳукуматӣ) ташкил медиҳад.

Ба чунин далел, сомонаи «Ховар» танҳо дар бораи сафарҳои кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2023 ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (18-19-уми июл ҷиҳати иштирок дар ҳамоиши якуми сарони

давлатҳои арабии Халиҷ ва Осиёи Миёна ва 10-11-уми ноябр дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ) 8 мавод ба табъ расонида, аз рафти сафар, мулоқотҳо ва мавзуъҳои баррасишуда хабар додааст. Аз ҷумла, доир ба масъалаҳои баррасишуда дар мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Валиаҳд ва Раиси Шурои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ – шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд [4, 2023. – 19 июл] иттилоъ дода, ин сафарро барои таҳкими робитаҳо, ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ судманд арзёбӣ кардааст. Ин раванд дар муносибатҳои ду кишвар аҳаммиятнок аст.

Дар иттилооти интишоршуда муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ асосан дар қолаби ҳамкории мусбат ва рушди муносибатҳои созанда ироа гардидааст. Масалан, сафарҳои Президенти Тоҷикистон, мулоқотҳо бо роҳбарони Саудӣ ва ширкати ниҳодҳои сармоягузорӣ ҳамчун омилҳои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ дониста мешаванд. Чунин шеваи пешниҳоди иттилоъ дар ташаккули симои мусбати ҳамкории байнидавлатӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, АМИТ «Ховар» дар ҳошияи сафар ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ, ки дар шаҳри Ар-Риёз баргузор гашт ва мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо Вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ – Холид ал-Фолиҳ матлаб чоп карда, зикр намудааст, ки дар мулоқот масъалаҳои марбут ба иштирок ва мусоидати доираҳои соҳибкорию сармоягузории Арабистони Саудӣ дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Рушду тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорату иқтисод яке аз самтҳои асосии тадбирҳои муштараки Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ арзёбӣ гардидааст [4, 2023. – 11 ноябр].

Ҳамин тавр, ин сомона дар бораи видеоконференсия – нахустин даври машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Арабистони Саудӣ [4, 2021. – 27 май], брифинги Сафири Арабистони

Саудӣ дар Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон ар-Рашайдон (وليد بن عبد الرحمان الرشيدان) бахшида ба Рӯзи миллии Шоҳигарӣ таҳти унвони «Арабистони Саудӣ ба муносибатҳои худ бо Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд [4, 2022. – 21 сентябр], сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ – Файсал ибни Фарҳон Оли Сауд ба Тоҷикистон ва вохӯриҳои ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сироҷиддин Муҳриддин [4, 2022. – 3 октябр], 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ [4, 2022. – 25 ноябр], баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва Форуми сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар шаҳри Душанбе [4, 2022. – 24 декабр], баргузории даври навбатии машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ [4, 2023. – 3 октябр], дар шаҳри Ҷидда мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ баргузор гардид [4, 2024. – 6 март], ҷаласаи якуми Шурои муштараки соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ доир гардид [4, 2024. – 12 декабр] хабарҳо дарҷ намуда, моҳияти воқеаҳо ва аҳаммияти онҳоро шарҳ додааст. Масалан, дар АМИТ «Ховар» дар партави брифинги Сафири Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон ар-Рашайдон бахшида ба Рӯзи миллии Шоҳигарӣ таҳти унвони «Арабистони Саудӣ ба муносибатҳои худ бо Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд» дар такя ба суханони сафир матлаб интишор шудааст, ки дар он чунин маълумотро мехонем: «Арабистони Саудӣ аз аввалинҳо шуда, истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва моҳи феврали соли 1992 робитаҳои дипломатиро барқарор намуд. Имсол ба барқароршавии муносибатҳо, ки бо иродаи сиёсии қавии сарони ду давлат сол ба сол такони нав гирифта, рушду таҳким меёбанд, 30 сол пур мешавад. Ба гуфтаи сафир: «Фонди Саудии Рушд аз соли 2002 дар Тоҷикистон фаъолият карда, то имрӯз барои роҳандозии якчанд лоиҳаҳо дар бахшҳои тандурустӣ, маориф, нақлиёт ва системаҳои обёрӣ дар вилояти Хатлон ба маблағи 174 млн. доллар (1 млрд. 936 млн. сомонӣ) қарзи имтиёзнок ҷудо

намудааст. Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон аз соли 2015 то имрӯз дар Тоҷикистон 22 лоиҳаро бо арзиши умумии беш аз 13,9 млн. доллар ё худ 141,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ кардааст». Арабистони Саудӣ бо мақсади мубориза бар зидди пандемияи COVID-19 ба Тоҷикистон кумаки тиббӣ, аз қабили ниқобҳо, дастпӯшҳо, либосҳои тиббӣ ва ғайра ба маблағи умумии 500 ҳазор доллари ИМА расонидааст [4, 2022. – 21 сентябр].

Аз таҳлил маълум мешавад, ки «Ховар» дар баробари масъалаҳои сиёсӣ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва кумакҳои башардӯстона низ таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, фаъолияти Фонди саудии рушд ва Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон дар Тоҷикистон, инчунин, кумакҳо дар давраи пандемияи COVID-19 ҳамчун намунаи ҳамкориҳои амалӣ арзёбӣ гардидааст. Ин, аз як тараф, баёнгари аҳаммияти воқеии ҳамкориҳо бошад, аз ҷониби дигар, ба он далолат мекунад, ки дар АМИТ «Ховар» масъалаи рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки муносибатҳои ду кишвар инъикос мегардад.

Умуман, матолиби АМИТ «Ховар»-ро, ки тули солҳои 2014-2024 доир ба ШАС интишор намудааст [Расми №2], бо чунин шакл метавон нишон дод:

Расми №2



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз маводди АМИТ «Ховар» маълум мешавад, ки солҳои охир Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ кӯшиш менамоянд, ки барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Аз ҷумла, ташкили форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, ҷаласаҳои комиссияҳои байниҳукуматӣ ва дигар чорабиниҳои иқтисодӣ-сиёсӣ ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҳарду давлат метавонанд мусоидат намоянд.

Аз таҳқиқ ба назар мерасад, ки дар матолиби АМИТ «Ховар» нисбат ба баррасии муносибатҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ба муносибатҳои Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳи бештар зоҳир шудааст. Аз 270 маводди вобаста ба Қатар интишоршардида, 109-тои он (40,3 %) ба мавзуи муносибатҳои дуҷониба [Расми №3] бахшида шудааст.

Расми №3



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Қатар ягона кишвари арабиест, ки Амирони он дар давоми соҳибистиқлолӣ се маротиба ба Тоҷикистон ва Президенти Тоҷикистон ба Қатар чор маротиба сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додааст. Аз ин рӯ, АМИТ «Ховар» рисолати худро

иҷро карда, доир ба ҳамаи мулоқоту вохӯриҳои мазкури сарони кишварҳо мавод чоп кардааст.

Ҳамчун далел ин ҷо чанд матлаби ин сомонаро зикр намуда, баррасӣ менамоем. Қобили ёдоварист, ки давоми соли 2024 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои расмӣ ва корӣ худ чор маротиба бо Амири Давлати Қатар – Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ вохӯрию мулоқотҳо гузаронидааст [4, 2024. – 21-22 январ; 17 феврал; 29 сентябр; 3 октябр].

Аз ҷумла, 21-уми январ ҳангоми сафари давлатӣ бо намояндагон ва шахсиятҳои барҷастаи Давлати Қатар, аз қабили Раиси бахши сармоягузории Фонди давлатии сармоягузории Қатар Шайх Файсал ибн Сонӣ Оли Сонӣ, Мудири иҷроияи Фонди рушди Қатар Халифа бин Ҷосим ал-Куворӣ, Мудири бахши сармоягузории ширкати «Диёри Қатар» Аҳмад Муҳаммад Тайиб, Раиси Анҷумани соҳибкорони Қатар ва Раиси Шурои мудирони гурӯҳи ширкатҳои «Файсал Ҳолдинг» Шайх Файсал бин Қосим Оли Сонӣ, Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар Ҳасан ибн Абдуллоҳ ал-Ғоним [4, 2024. – 21 январ], Муассиси Бонки байналмилалии исломии Қатар Шайх Алӣ ибни Абдулло Оли Сонӣ, Вазири давлатии оид ба ҳамкории байналмилалии Давлати Қатар, муовини Раиси Фонди Қатар оид ба рушд хонум Луълуъ Ал-Хотир [4, 2024. – 2 октябр] мулоқотҳо анҷом додааст.

17-уми феврал Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ якрӯза ба Давлати Қатар ташриф оварданд, ки дар натиҷа бо имзои 9 санади нави ҳамкорӣ анҷом ёфт.

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон дар ҳошияи мубоҳисаҳои Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Ню-Ёрк ва нишасти сеюми Муколамаи ҳамкории Осиё таҳти унвони «Дипломатияи варзишӣ» дар шаҳри Давҳа бо Амири Давлати Қатар – Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ суҳбату вохӯриҳо гузаронидааст, ки аз ин хусус АМИТ «Ховар» хонандагони худро иттилоъ додааст [4, 2024. – 29 сентябр; 3 октябр]. Ҷонибҳо ҳангоми мулоқот масоили вобаста ба муносибатҳои дуҷониба ва ҳавасмандии худро ҷиҳати рушд ва

густариши ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Қатарро баён доштаанд. Худи ҳамон сол Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Вазири фарҳанги Давлати Қатар Шайх Абдураҳмон ибни Ҳамад ибни Ҷосим Оли Сониро ба ҳузур пазируфтанд [4, 2024. – 17 октябр].

Соли 2023 доир ба сафари давлатии Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 мавод дарҷ намуда, ки дар онҳо аз оғоз то анҷоми сафари расмӣ ҷараёни мулоқоту музокироти сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар, маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ва боздиди Амири Қатар аз қароргоҳи беруназшаҳрии Такоби ноҳияи Варзоб шарҳу тавзеҳ ёфтааст [4, 2023. – 7-8 июн].

Маводди дар боло зикршуда далели он аст, ки аз тарафи агентӣ сафарҳои мутақобилаи расмӣ ва мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ҳамчун рӯйдодҳои асосӣ инъикос карда шудааст. АМИТ «Ховар» бо инъикоси мунтазами чорабиниҳои дипломатӣ аҳаммияти муносибатҳои ду кишварро барои аудитория таъкид намуда, роҷеъ ба ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон барои ташаккули тасаввуроти мусбат замима фароҳам овардааст.

Дар баробари масъалаҳои сиёсӣ, сомонаи АМИТ «Ховар» ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ду кишвар низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Масалан, иттилоъ додааст, ки таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор шуд, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Агентӣ таъкид кардааст, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя 22 январи соли 2024 дар шаҳри Давҳа ба имзо расидааст ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Мақсад аз қабули

Созишнома «ин бартараф намудани андозбандии дукарата нисбат ба фаъолияти резидентҳои ду давлати аҳдкунанда, беҳтар намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ, афзун гардонидани гардиши савдои байнидавлатӣ, зиёдшавии сармояи хориҷӣ ва таъсисёбии корхонаҳои нави муштарак байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар мебошад» – менависад АМИТ «Ховар» [4, 2024. – 19 июн].

Имзои созишномаи мазкур байни Тоҷикистон ва Қатар ҳамчун омили муҳимми беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди тиҷорати байнидавлатӣ муаррифӣ гардидааст, ки бо ин роҳ агентӣ аҳаммияти амалӣ ва иқтисодии муносибатҳои ду кишварро ба хонандагон нишон медиҳад.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар баробари сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо, инчунин, ба машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар, мулоқоти вазирон ва фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ низ зоҳир намудааст. Чунончи, баргузории давраҳои машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар (дар Душанбе ва Давҳа)-ро инъикос намуда, мавзуи машваратҳо, ҳолат ва вазъ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, ҳуқуқӣ, фарҳанг, илму маориф ва тандурустӣ, инчунин, ҳамкории ду давлат дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалиро шарҳ додааст [4, 2023. – 6 май; 2020. – 27 январ].

Ин нишон медиҳад, ки инъикоси ахбор на танҳо ба рӯйдодҳои сатҳи олӣ, балки ба равандҳои доимии дипломатӣ низ равона шудааст. Масалан, сомонаи АМИТ «Ховар» дар соли 2023 роҷеъ ба баррасии муносибатҳо 14 мавод ба табъ расонидааст, ки мулоқоти Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо Вазири меҳнати Давлати Қатар доктор Алӣ ибни Самиҳ ал-Марӣ дар шаҳри Душанбе [4, 2023. – 7 феврал], мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо хабарнигорони Агентии иттилоотии Қатар [4, 2023. – 9 июн], сафари кории Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ба Душанбе ҷиҳати иштирок дар Саммити сарони давлатҳои аъзои Машварати

ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) ва мулоқоти ӯ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон [4, 2023. – 9 июн] ... намунае аз онҳоанд. Дар ин ва дигар матолиб рӯйдод ва масъалаҳои марбут ба робитаҳои Тоҷикистону Қатар инъикосу баррасӣ шудаанд. Чунончи, дар мусоҳибаи Президенти Тоҷикистон натиҷаҳои сафари давлатии Амири давлати Қатар, рушди муносибатҳо байни Давлати Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунӣ ва ояндаи ҳамкории дуҷониба, инчунин, соҳаҳои афзалиятноки ҳамкорӣ баррасӣ гардидааст. Ё дар мулоқоти Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо Вазири меҳнати Давлати Қатар доктор Алӣ ибни Самиҳ ал-Марӣ масъалаҳои муҳимми ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои саноат, сармоягузорӣ, бахши хусусӣ, иқтисоду тиҷорат ва сайёҳӣ мавриди баррасӣ шуданд.

АМИТ «Ховар» ҳамасола бо истинод ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вохӯриҳои Вазири корҳои хориҷии кишвар ва Сафири Тоҷикистон дар Қатар бо масъулони ин кишвар маводди зиёд [4, 2017. – 15 май; 2019. – 17 июл; 2020. – 14 январ; 1 март] ба табъ расонида, моҳияти робитаву ҳамкорӣ ва санадҳои қабулшударо шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ҳамаи матолиби ин сомона рағбати Сарони ҳар ду давлат ҷиҳати густариши муносибатҳои ҳасана дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи манфиатҳои муштарак таъкид шудааст.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии маводди сомонаи АМИТ «Ховар» мушаххас мегардад, ки он бештар ба ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ намуда, онро аз самтҳои муҳимми муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон донистааст. Чунин шеваи интишори иттилоъ ба таҳкими имиҷи мусбат, ҳамкории байнидавлатӣ, нишон додани дурнамои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Қатар замина ба вуҷуд меорад.

АМИТ «Ховар» дар баробари дигар кишварҳо роҷеъ ба муносибатҳои Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) низ таваҷҷуҳ карда, раванди ҳамкориву муносибатҳоро инъикос намудааст [Расми №4]. Чунончи:

Расми №4



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Мавод асосан фарогири равандҳои сиёсӣ ва дипломатии байни ду кишвар буда, дар он фаъолияти роҳбарияти олии кишвар ва мақомоти давлатӣ дар самти рушди ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардидааст.

Омили асосии муҳтавои маводди сомона сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМА маҳсуб меёбад. Чунон ки, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, солҳои 2016 ва 2023 нисбат ба солҳои дигар доир ба муносибатҳо зиёдтар мавод нашр гардидааст, зеро дар ин солҳо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба АМА сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додааст. Таҳлили сарлавҳа ва муҳтавои мавод нишон медиҳад, ки раванди сафарҳои расмӣ ба таври пайдарпай ва муфассал мавриди инъикос қарор гирифтааст. Аз ҷумла, сомонаи «Ховар» аз 30-юми ноябр то 2-юми декабри соли 2023 роҷеъ ба сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба АМА ҷиҳати иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим 6 (шаш) мавод ва сафари расмии соли 2016 ба АМА 10

(даҳ) хабару гузориш бо сарлавҳаҳои «Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Дубайи Аморотӣ Муттаҳидаи Араб», «Сафари кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Аморотӣ Муттаҳидаи Араб оғоз гардид», «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси 28-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим иштирок намуданд», «Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Дубайи Аморотӣ Муттаҳидаи Араб иштирок ва суханронӣ намуданд», «Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи Павилиони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Дубайи Аморотӣ Муттаҳидаи Араб иштирок намуданд» ва «Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири давлатии Аморотӣ Муттаҳидаи Араб Аҳмад Алӣ ал-Сайеғ мулоқот намуданд» нашр кардааст [4, 2023. – 30 ноябр, 1-2 декабр].

Ҳамин тавр, АМИТ «Ховар» роҷеъ ба сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба АМА 10 хабару ҳисобот» ба табъ расонидааст [4, 2016. – 16-17 март].

Аз баррасии маводди АМИТ «Ховар» маълум мешавад, ки агентӣ сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба АМА-ро пайгирӣ намуда, аз оғоз то анҷоми ҳар як сафарро бо тамоми ҷузъиёташ инъикос намудааст. Ин мавод манзараи пурраи рӯйдодро ба аудитория ироа кардааст, ки дар он доир ба нақши мулоқотҳои роҳбарияти кишвар, хусусан Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони мамолики араб ҳамчун омили асосӣ ва пешбарандаи рушди ҳамкориҳо ишораҳои таъкидӣ ба назар мерасад.

АМИТ «Ховар» дар баробари вохӯриҳои расмии Президенти Тоҷикистон, инчунин, доир ба мулоқоти масъулон ва вазирони кишвар бо намояндагони воломақоми АМА мавод ба табъ расонидааст. Масалан «Сафари расмии вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба Аморотӣ Муттаҳидаи Араб« (18-уми декабри 2015), «Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Аморотӣ Муттаҳидаи Араб Шайх Абдулло бин Зойид Оли Наҳён« (25-уми майи 2017), «Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири

иқтисоди Амороти Муттаҳидаи Араб Султон ибн Саид ал-Мансурӣ« (16-уми октябри 2017), «Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафири Амороти Муттаҳидаи Араб мулоқот кард« (23-юми ноябри 2017), «Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид бо намояндагони воломақоми АМА мулоқот намуд« (7-уми ноябри 2019), «Мулоқоти маҷозии Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо Вазири энергетика ва зерсохтори АМА баргузор гардид« (8 апрели 2021), «Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири энергетика ва зерсохтори Амороти Муттаҳидаи Араб Суҳайл Мазруӣ мулоқот карданд« (13-уми октябри 2022) «Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Шурои миллии Федералии Амороти Муттаҳидаи Араб Сақр Ғобаш мулоқот намуд« [4, 2023. – 8 декабр], «Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини якуми Раиси Шурои миллии федералии Амороти Муттаҳидаи Араб мулоқот намуд« [4, 2024. – 21 феврал].

Бо интишори ин мавод агентии иттилоотӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари инъикоси воқеоти сиёсӣ ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ низ эътибор диҳад.

Мавзуи дигаре, ки дар АМИТ «Ховар» таваҷҷуҳ шудааст, муносибатҳои дуҷониба дар партави Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва АМА оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ мебошад. Сомона аз баргузории ҳамаи ҷаласаҳои ин Комиссия иттилоъ додааст [4, 2014. – 13 май; 2016. – 22 апрел; 2017. – 14 декабр; 2021. – 13 июл]. Аз мазмуни матолиби интишоргардида бармеояд, ки Комиссияи мазкур дар муддати фаъолияти худ 4 маротиба ҷаласа доир намуда, ҳолати мавҷуда ва дурнамои густариши ҳамкории мутақобилан судманд миёни Тоҷикистон ва АМА-ро дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ, таҳкими пояи қарордодию ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилаливу минтақавиро баррасӣ кардааст.

Умуман, сомонаи АМИТ «Ховар» дар инъикоси муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб тавассути инъикоси сафарҳои расмӣ, мулоқотҳои дипломатӣ ва фаъолияти механизмҳои ҳамкории байниҳукуматӣ дар

муаррифии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими робитаҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс нақши созанда гузоштааст.

Б) Инъикоси ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс. Мавзуи дигаре, ки АМИТ «Ховар» ба он бештар мутаваҷҷеҳ шудааст, инъикоси ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс мебошад. Аз маводди ин расона бармеояд, ки солҳои охир таваҷҷуҳи се давлати араби Халиҷи Форс (Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб) ба минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон ба таври назаррас афзуда, ҳар яки он ҷудогона барои вуруд ба иқтисоди Тоҷикистон талошҳо кардаву мекунанд.

Дар давоми солҳои 2014-2024 дар маҷмуъ аз 845 маводди ба мушоҳида расида, 331-тои онро (39,1%) ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои арабии мавриди таҳқиқ (ШАС, Қатар, АМА) ташкил медиҳад. Ин гувоҳ бар он аст, ки масъалаи ҳамкорӣ бо кишварҳои араб дар барномаҳои иттилоотии давлатӣ аз аҳаммият бархӯрдор аст.

Мавриди зикр аст, ки миёни кишварҳои арабии мавриди таҳқиқ маводди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ зиёд аст. Дар сомонаи АМИТ «Ховар» роҷеъ ба ШАС дар маҷмуъ 393 мавод ба мушоҳида расид, ки 148-тои онро (37,6%) ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону ШАС ташкил медиҳад. Чунин ҳолат дар сиёсати иттилоотии агентӣ мавқеи муҳим доштани масъалаи мазкурро собит менамояд.

Рушди ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорату иқтисод яке аз самтҳои асосии тадбирҳои муштараки Тоҷикистон ва ШАС ба ҳисоб меравад. Махсусан, Тоҷикистон ба ҷалби сармояи Арабистони Саудӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллии худ ҳавасманд аст. Аз ин рӯ, АМИТ «Ховар» ба инъикоси масоили ҳамкорӣ бештар диққат додааст.

Аз матолиби АМИТ «Ховар» ба он далолат мекунад, ки солҳои охир ҳар ду давлат кӯшиш менамоянд, ки барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Аз ҷумла, ташкили форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, комиссияҳои байниҳукуматӣ ва дигар

чорабиниҳои иқтисодӣ-сиёсӣ ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҳарду давлат метавонанд мусоидат намоянд.

АМИТ «Ховар» соли 2024 роҷеъ ба ҳамкориҳо байни Агентии содироти Тоҷикистон ва Кумитаи рушди содироти Арабистони Саудӣ оид ба рушди содироти ғайринафтӣ, Вазорати кишоварзии Тоҷикистон ва Вазорати муҳити зист, об ва кишоварзии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Ёддошти тафоҳум дар бораи таъсиси Шурои кории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ, дар бахши сармоягузорӣ, оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон, дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ, байни Агентии авиатсияи граждании Тоҷикистон ва Идораи кулли авиатсияи граждании Арабистони Саудӣ, АМИТ «Ховар» бо Агентии давлатии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, дар бахши ҳукумати электронӣ, ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии исломии маблағгузории савдо (ITFC) ва Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ (ICD), ҳамкории байнипарлумонӣ, дар ҳалли масоили буҳрони вобаста ба об, дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат ва саноат, дар самти маориф ва илм, ҳамкории Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти касбии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ҳамкории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо муассисаҳои илмию технологии Арабистони Саудӣ, ҳамкорӣ дар бахшҳои энергияи «сабз» ва истихроҷи маъдан ба самъи хонандагонаш расонидааст [4]. Ин гуфтаҳо далели он аст, ки сиёсати иттилоотии АМИТ «Ховар» муаррифии имкониятҳои иқтисодии кишвар ва таҳкими робитаҳои иқтисодии байналмилалии Тоҷикистонро раҳномоӣ мекунад.

Соли 2023 дар сомонаи АМИТ «Ховар» доир ба ҳамкориҳо 21 мавод, аз ҷумла, дар бахшҳои маориф (5 мавод), сармоягузорӣ ба «Роғун» (3 мавод), ҳамкорӣ бо Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи Шоҳ Салмон (2 мавод), сайёҳӣ (2 мавод), содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба ШАС (2 мавод), муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи инсон, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, гумрук ва кишоварзӣ чоп шудааст.

Аз омӯзиш ва таҳқиқи мазмуну муҳтавои хабару гузоришот метавон хулоса кард, ки вобаста ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб, маҳз сафарҳои

Президенти кишвар ба давлатҳои араб имкон фароҳам овардааст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ вусъати тоза касб намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки вохӯриҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони воломақоми Арабистони Саудӣ на танҳо аҳаммияти сиёсӣ дорад, балки ҳамчун омили асосии ташаккули рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ хизмат мекунад.

Мувофиқи иттилооти АМИТ «Ховар» Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон се маротиба (24-уми декабри 2022 дар Душанбе, 11-уми ноябри 2023 ва 10-уми ноябри 2024 дар Ар-Риёз) бо Вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ Холид ал-Фолеҳ мулоқоту вохӯриҳо анҷом додааст [4, 2022. – 24 декабр; 2023. – 11 ноябр; 2024. – 10 ноябр].

Аз ҷумла, вохӯрии якум дар ҳошияи баргузории ҷаласаи навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва Форуми сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар шаҳри Душанбе доир гардида буд. Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо баррасӣ шудааст.

Вохӯрии дуюм бошад, дар партави Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ дар шаҳри Ар-Риёз баргузор гардидааст. Дар он ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба иштирок ва мусоидати доираҳои соҳибкорию сармоягузории Арабистони Саудӣ дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги иқтисодӣ дар Тоҷикистон, аз қабили саноати сабук, нассоҷӣ, саноати дорусозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, маъданҳо, энергетикаро муҳокима кардаанд [4, 2023. – 11 ноябр].

Паҳлуи дигари муҳиммияти ин мавод дар инъикоси фаъолияти ташкилотҳои молиявию рушди байналмилалӣ, аз ҷумла, Фонди Саудии Рушд, Бонки исломӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сохтмони НБО-и ««Роғун»», рушди инфрасохтори нақлиётӣ, маориф ва дигар бахшҳои иқтисодиёти Тоҷикистон саҳми муфид доштани ин ниҳодҳо аён мегардад. Аз муҳтавои мавод маълум мешавад, ки АМИТ «Ховар» Тоҷикистонро ҳамчун минтақаи ҷолиби сармоягузорӣ муаррифӣ намуда, ба ин васила

имкониятҳои ҳамкории иқтисодӣ ва сармоягузории байналмилалии Тоҷикистонро ба аудитория нишон додааст. Аз ҷумла, «108 миллион доллари Арабистони Саудӣ барои навсозии 2 қитъаи роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб» [4, 2016. – 3 январ], «50 млн. доллар ба Агентии захираҳои моддии давлатӣ ва беш аз 25 млн. доллар ба «Агроинвестбонк»» [4, 2016. – 6 январ], «Маркази барномаҳои байналмилалӣ: ҳуҷҷатсупорӣ барои бурсияҳои таҳсил дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оғоз гардид» [4, 2023. – 27 октябр], «Фонди Саудии Рушд барои сохтмони НБО-и ««Роғун»» 100 миллион доллари ИМА қарзи боимтиёз ҷудо менамояд» [4, 2023. – 2 ноябр], «Фонди Саудии Рушд созишномаро оид ба ҷудо намудани 100 миллион доллари амрикоӣ барои сохтмони НБО-и ««Роғун»» ба имзо мерасонад» [4, 2023. – 4 декабр], «Аз ҷониби Фонди рушди арабӣ барои татбиқи лоиҳаи сохтмони НБО-и ««Роғун»» 400 миллион доллар ҷудо мегардад» [4, 2024. – 10 июн] ва мисли инҳо.

Агар дар матлаби аввал доир ба имзои Созишнома оид ба маблағгузории Неругоҳи барқи обии ««Роғун»» дар ҳаҷми 100 млн. доллар сухан равад, дар матлаби дуюм, зикр шудааст, ки «Бонки исломии рушд давоми солҳои зиёд бо Тоҷикистон ҳамкории хеле зич ва судманд дорад. Маблағгузорӣ дар доираи ин ҳамкорӣ бештар аз 900 миллион доллари амрикоиро ташкил дода, зиёда аз 100 лоиҳаро дар бар мегирад. Мо аз сатҳи кунунии ҳамкорӣ қаноатманд мебошем. Яке аз лоиҳаҳое, ки имрӯзҳо мавриди баррасии тарафайн қарор дорад, дастгирии лоиҳаи сохтмони Неругоҳи барқи обии ««Роғун»» мебошад. Бонки исломии рушд тасмим гирифтааст, ки бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома ба имзо расонад. Инчунин, дар доираи ин ҳамкорӣ аз ҷониби Фонди рушди арабӣ 400 миллион доллари дигар низ барои ин лоиҳа ҷудо мешавад».

Муҳтавои ин ва монанди ин матолиб тасдиқ мекунад, ки дар ҳошияи ҳар сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ШАС ва намояндагони олимақоми ШАС ба Тоҷикистон ҷиҳати бунёд ва рушди ин ё он соҳаи хоҷагии халқи кишвари мо маблағгузорӣ мешудааст. Чунончи, Фонди Саудии Рушд аз соли 2002 то инҷониб (2023) 12 лоиҳаи рушди барои Тоҷикистон ҳаётан муҳимро маблағгузорӣ намудааст. Ҳаҷми умумии маблағгузории фонди мазкур дар

бахшҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз тақрибан 300 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад [4, 2023. – 4 декабр].

Бонки исломии рушд ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар Тоҷикистон то имрӯз дар ҳаҷми 916 млн. доллар доллар маблағгузорӣ намудааст. Ҳоло аз ҷониби Бонк дар ҳаҷми 237 млн. доллар 7 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, обёрӣ, маориф ва тандурустӣ маблағгузорӣ мешавад [4, 2024. – 10 июн]. Аз мазмуни маводди марбут ба сохтмони муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои бурсиявӣ, мубодилаи донишҷӯён ва ҳамкории муассисаҳои илмӣ аён аст, ки муносибатҳои ду кишвар танҳо ба соҳаи иқтисодӣ маҳдуд нестанд, балки соҳаҳои иҷтимоию фарҳангиро низ дар бар мегиранд.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар бахши маориф низ сол то сол тавсеа ёфта, инъикоси он дар АМИТ «Ховар» ба таври васеъ мушоҳида мешавад. Намунаи яке аз ин ҳамкориҳо Лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва Фонди рушди Саудӣ 17-уми августи соли 2013 ба имзо расидааст. Мувофиқи иттилооти АМИТ «Ховар» он аз сентябри соли 2014 мавриди амал қарор гирифта, имконияти бо ҷойи нишаст фаро гирифтани зиёда аз 15472 толибилм ва ҷалби 1500 омӯзгору ҳайати кормандони техникиро дар назар дорад [4, 2016. – 11 январ].

АМИТ «Ховар» ҳамчунин, доир ба бунёди мактаби нав дар Шурообод» [4, 2015. – 10 декабр], уфуқҳои нави ҳамкории Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон бо Вазорати таҳсилоти олии Арабистони Саудӣ [4, 2016. – 11 январ], тақвияти ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар соҳаи маориф [4, 2016. – 5 январ], бо сармояи Арабистони Саудӣ дар Душанбе сохта шудани Маркази омӯзишӣ [4, 2017. – 21 феврал], омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои ҷавони дипломатии Тоҷикистону Саудӣ [4, 2018. – 28 феврал], ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифтани донишҷӯёни Донишгоҳи сайёҳии Тоҷикистон дар Академияи сайёҳии Арабистони Саудӣ [4, 2022. – 16 июн], ба имзо расидани созишномаи маблағгузории марҳилаи панҷуми лоиҳаи «Сохтмон ва таҷҳизонидани мактабҳо

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4, 2023. – 6 октябр], тариқи бурсия таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар риштаҳои маориф, менеҷмент ва идоракунӣ, иқтисодиёт, IT-технологияҳо, аграрӣ, техникӣ ва муҳандисӣ, табиӣ ва Ар-Риёзӣ ва соҳаи фарҳанги ШАС [4, 2023. – 27 октябр], тақвияти ҳамкории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон бо муассисаҳои олии Арабистони Саудӣ [4, 2023. – 17 декабр], ба имзо расидани созишнома байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Академияи меҳмондорӣ ва менеҷменти сайёҳии Арабистони Саудӣ [4, 2023. – 25 май], ифтитоҳи намояндагии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ [4, 2023. – 5 апрел], баррасии рушди ҳамкорӣ дар бахши сармоягузорӣ бо Арабистони Саудӣ [4, 2024. – 11 ноябр], дар Ар-Риёз ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ баррасӣ гардид [4, 2024. – 10 июл] ва амсоли ин хабарҳо интишор намуда, хонадагонро аз ин рӯйдодҳои муҳимми фараҳбахш огоҳ намудааст.

Дар баробари ин, АМИТ «Ховар» ба самтҳои дигари ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, аз ҷумла, дар самтҳои сайёҳӣ, обу иқлим, алоқаи ҳавоӣ, содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ, муқовимат ба коррупсия, ҳуқуқи инсон, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароии хушунатомез, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои ҷавони дипломатии Тоҷикистону Саудӣ таваҷҷуҳ намуда, маводди зиёдеро ба нашр расонидааст, ки ин ҷо ба ҳайси намуна ва интихобан аз ҳар сол ду-се маводро зикр менамоем. «Дар Ҷидда масоили маблағгузорӣ ба навсозии қитъаи боқимондаи роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб муҳокима мешавад» [4, 2015. – 22 декабр], «Имзои панҷ санади нави ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» [4, 2016. – 3 январ], «Созишнома миёни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати МАС оид ба алоқаи ҳавоӣ ба имзо расид» [4, 2016. – 6 январ], «Тоҷикистон бо Саудӣ ҳамкориро дар мубориза бо ҷиноятқорӣ тақвият мебахшанд» [4, 2017. – 27 май], «Соҳибкорони Арабистони Саудӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд» [4, 2017. – 15 март], «Ҷалби ширкатҳои бузурги Арабистони Саудӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи энергетика

баррасӣ шуд» [4, 2017. – 16 март], «Арабистони Саудӣ барои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва ҷалби васеи сайёҳони кишварҳои арабӣ омода аст» [4, 2018. – 7 феврал], «Сармоягузорони Арабистони Саудӣ имкониятҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистонро меомӯзанд» [4, 2018. – 4 апрел], «Дар Душанбе масоили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистону Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ гардиданд» [4, 2018. – 2 ноябр], «Баррасии ҷалби сайёҳони араб ба Тоҷикистон дар Саудӣ» [4, 2019. – 14 феврал], «Масоили ҳамкории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ баррасӣ гардиданд» [4, 2020. – 13 феврал], «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ масъалаи ҳамкориро дар самти таъмини амнияту субот баррасӣ намуданд» [4, 2020. – 11 декабр], «Рушди ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ гардид» [4, 2021. – 11 октябр], «Рушди ҳамкории Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират баррасӣ гардид» [4, 2021. – 20 октябр], «Арабистони Саудӣ хостори таҳкими ҳамкории бонкӣ бо Тоҷикистон гардидааст» [4, 2021. – 26 ноябр], «Дар Форуми иқтисодии Арабистони Саудӣ зарфияти тиҷоратӣ ва иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон муаррифӣ шуданд» [4, 2022. – 17 феврал], «Ҳамкории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар соҳаи сайёҳӣ тақвият меёбад» [4, 2022. – 8 феврал], «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ тасмим гирифтаанд маркази логистикӣ таъсис диҳанд» [4, 2022. – 19 апрел], «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ ҳамкориро дар соҳаи сайёҳӣ тақвият мебахшанд» [4, 2022. – 2 май], «Тоҷикистон ҳамкориро дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо Русия ва Арабистони Саудӣ таҳким мебахшад» [4, 2023. – 15 март], «Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба обу иқлим дар Арабистони Саудӣ баррасӣ шуданд» [4, 2023. – 23 сентябр], «Ҳамкории Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти касбии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ шуд« [4, 2024. – 22 феврал], «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ масъалаи ҳамкорӣ дар соҳаи авиатсияи гражданиро баррасӣ намуданд« [4, 2024. – 13 феврал], «Дар

шаҳри Ар-Риёз ҳамоиши доираҳои тиҷоратию сармоягузории Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ баргузор гардид« [4, 2024. – 27 ноябр] ва ғайра.

Аз мазмуни ин сарлавҳаҳо ду ҷанба ошкор мегардад: аввалан, таносуби мавзуву масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ШАС ва баъдан, таносуби нашри мавод дар соманаи АМИТ «Ховар» вобаста ба соли нашр. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки миёни мавзуъҳо ва воқеиятҳои дар ин сомона инъикосгардида, масъалаи сайёҳӣ афзалият дорад. Сомона ба ин масъала, хусусан баъд аз соли 2018, ки дар Тоҷикистон «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, таваҷҷуҳи бештар намудааст. Аз нигоҳи теъдоди мавод соли 2022 дар ҷойи аввал аст. Дар ин сол зиёда аз 26 мавод оид ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои шарикии Тоҷикистон бо ШАС интишор гардидааст.

Умуман, баррасии муносибат ва ҳамкориҳои гуногунсамта аз мавзуъҳои муҳимми агентӣ буда, маводди он паҳлуҳои мухталифи ҳамкориҳои иқтисодиву ва тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, маориф, илм, сайёҳӣ, нақлиёт, авиатсияи граждани, ҳуқуқи инсон, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва терроризм, инчунин, масъалаҳои обу иқлимро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, агентӣ дар инъикоси фарогири муносибатҳои ду кишвар кӯшиш намудааст. Амсоли ин матолиб дар ҳавасмандии ҳар ду ҷониб роҷеъ ба густариши муносибатҳои гуногунҷабҳа, истифодаи таҷрибаҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои тақвияти ҳамкориҳо инъикос ёфтааст.

Ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар низ аз таваҷҷуҳи АМИТ «Ховар» дур набудааст. Мувофиқи мушоҳидаҳои мо аз 270 маводде, ки ба Қатар бахшида шудаст, 116-тои онро (42,9 %) масоили ҳамкориҳои дуҷониба ташкил медиҳад. Ин омор ба он далолат мекунад, ки сомона ба самтҳои гуногуни афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар дорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки тайи солҳои охир зимни сафарҳои расмии сатҳи олии дуҷониба ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ байни Тоҷикистон ва Қатар дар ҳамаи самтҳо тақвият ёфта, бо маром рушд карда истодааст. Қатар аввалин кишвари арабе, мебошад, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон мустақиман сармоягузорӣ кардааст. Мувофиқи ахбори АМИТ «Ховар» давоми солҳои 2012-

2023 аз ҷониби сармоягузорони Давлати Қатар ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 64,6 млн. доллар сармоягузории мустақим ворид гардидааст. Дар ҳошияи сафари шахсони воломақоми Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаи бунёди шаҳраки муосири «Диёри Душанбе» бо сармоягузории ширкати қатарии «Диёр» ба маблағи 300 млн доллар равона гардид, ки то ҳол ҷиҳати татбиқи марҳалаи аввали он ба миқдори 5 млн. доллар ворид шудааст [4, 2024, – 23 январ].

Маводди АМИТ «Ховар» доир ба ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар аслан самтҳои тиҷорат, иқтисод, илму техника, тавсеа бахшидани робитаҳои соҳибкорони Тоҷикистону Қатар ҷиҳати сармоягузорӣ ба зерсохтори саёҳатӣ [4, 2021, – 19 ноябр], маблағгузорӣ ба сохтмони НБО ««Роғун»», лоиҳаи сохтмони Фурудгоҳи байналмилалии мусофиркашонӣ дар ноҳияи Данғара, замонависозии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (ТАЛКО), идомаи сохтмони маҷмааи истиқоматии «Диёри Душанбе» ва инфрасохтори сайёҳӣ, кушодани хатсайрҳои мусофирбарии мустақим байни Душанбе ва Давҳа, инчунин, қабули 4 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ [4, 2023, – 29 сентябр], ҷалби сармояи Қатар дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон [4, 2023, – 19 октябр], таъсис додани Шурои соҳибкорон ва Фонди муштараки сармоягузорӣ [4, 2023, – 9 март], байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд [4, 2024, – 22 январ], байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи Лусейли Қатар созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид [4, 2024, – 24 январ], дар Давҳа масъалаи содироти меваю хушкмеваҳои Тоҷикистон ба Қатар баррасӣ гардид [4, 2024, – 21 сентябр] ва амсоли инро дар бар мегирад.

Аз ҷумла, дар матлаби «Дар Душанбе Форуми иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон ва Қатар доир гардид» [4, 2023, – 20 октябр] зикр гардидааст, ки «бо роҳбарии муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдо Ашурбой Солеҳзода ва Раиси шурои директорони ширкати «Ooredoo Group» – Шайх Файсал ибни Сонӣ Оли Сонӣ форуми иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон ва Қатар баргузор гардид. Дар ҷараёни форум имконоти сармоягузории Тоҷикистон, имконияти

минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рӯнамоҳои лоиҳаҳои афзалиятнок аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Саридораи геология, ҶДММ «Авесто Гурӯҳ», ҶСК «Ширкати алюминийи Тоҷикистон (ТАЛКО)» ва ҶДММ «Ғаюр Гурӯҳ» муаррифӣ гардид. Илова бар ин, «ҷиҳати ҷалби маблағҳои қатарӣ дар якчанд лоиҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла «Фурудгоҳи байналмилалии мусофирбарӣ ва боркашонии Данғара», модернизатсияи «Корхонаи алюминийи Тоҷикистон (ТАЛКО)», сармоягузорӣ барои сохтмони «Неругоҳи барқи обии «Роғун»», «Неругоҳи барқи обии Шӯроб» ва таъсиси Маркази логистикӣ барои коркард, бандубаст, нигоҳдорӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод гардид». Тибқи ахбори агентӣ, Шайх Файсал ибни Сонӣ Оли Сонӣ лоиҳаҳои аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳодшударо хуш пазируфта, омодагии худро барои боз ҳам густариш додани ҳамкории дуҷониба ва таъмини майдони муколамаи доимӣ баён намудааст [4, 2023. – 20 октябр].

АМИТ «Ховар» солҳои охир ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар, аз ҷумла дар самтҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, амният, муҳоҷират, маориф, фарҳанг ва кумакҳои башардӯстона таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Маводди ифодакунандаи татбиқи лоиҳаҳои калон, аз қабили «Диёри Душанбе», НБО-и «Роғун», фурудгоҳи байналмилалии Данғара ва ҶСК «ТАЛКО» гувоҳи он аст, ки Қатар ҷиҳати сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон кишвари муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, АМИТ «Ховар» ҳамасола густариши ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону Қатарро инъикос намуда, аҳаммият ва манфиати рӯйдодҳои навини марбут ба ҳамкориҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо давлати Қатар бештар дар самти иқтисод ҳамкориҳояшро тақвият бахшидааст.

Аз маводди дар боло зикршудаи АМИТ «Ховар» маълум мешавад, ки сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қатар дар ҳоли рушд ва густариш қарор дорад.

Бахшҳои дигари ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар**,** ки дар АМИТ «Ховар» инъикос гардидааст, соҳаи амният**,** мубориза бо ҷиноятқорӣ,

экстремизм ва терроризм мебошад. Роҷеъ ба ин мавзуъ дар сомона 7 мавод ба мушоҳида расид. Таҳқиқ нишон дод, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қатар дар ин самт таҳким ва тақвият ёфта истодааст. Чунончи, аз маводди АМИТ «Ховар» таҳти сарлавҳаи «Тоҷикистон ва Қатар ҳамкориро дар соҳаи амният, мубориза бо ҷиноятқорӣ ва терроризм тақвият мебахшанд» бармеояд, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров бо ҳамраъйии якдилона Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи амниятро тасдиқ ва амалигардии онро барои ҳамкории минбаъдаи ду мамлакат муҳим арзёбӣ кардааст. Нигорандаи матлаб дар такя ба суханони муовини Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Икром Умарзода муҳим ва зарур будани ин созишномаро чунин шарҳ додааст: «Созишномаи баррасишаванда барои рушди фаъолонаи ҳамкорӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар ҷодаи мубориза бо ҷиноятқорӣ, алалхусус терроризму экстремизм равона гардидааст». АМИТ «Ховар» ёдовар шудааст, ки созишномаи мазкур моҳи феврали соли 2017 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар дар шаҳри Давҳа ба имзо расида, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардидааст. Санади мазкур аз 17 модда иборат буда, ҷонибҳо дар оянда дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла, ҷиноятҳои вазнин ва муташаккил ҳамкорӣ хоҳанд кард [4, 2020. – 28 феврал].

Мувофиқи маводди АМИТ «Ховар» ҳамкориҳои соҳаи амнияти ин кишварҳоро сафари ҳайати ВКД ҶТ таҳти роҳбарии муовини Вазири корҳои дохилӣ, генерал-майори милитсия Саиднахш Раҳмонзода ба шаҳри Давҳаи пойтахти Қатар ҷиҳати иштирок дар Намоишгоҳи 14-уми байналмилалии бехатарӣ ва амният – «Милипол, Қатар-2022» [4, 2022. – 24 май], иштирок ва суханронии вакилони Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Толибхон Азимзода ва Баҳриддин Зиёӣ дар конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши вакилон дар татбиқи нақшҳои миллии амал оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароии хушунатомези барои терроризм заминасоз» дар

пойтахти давлати Қатар [4, 2021. – 14 декабр], тақвият бахшидани ҳамкории мақомоти корҳои дохилии ҳар ду давлатро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона, терроризм ва экстремизм [4, 2019. – 3 декабр], сафари расмии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон ва вохӯриҳои ӯ бо Прокурори генералии Давлати Қатар [4, 2024. – 19 феврал; 2019. – 9 октябр] ва амсоли инҳо собит месозанд. Ағлаби ин воқеаҳо дар заминаи ёддошти тафоҳум байни ду ниҳоди давлатӣ дар асоси тавофуқоти ҳосилшуда миёни Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ҷиҳати густариши минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими қонуният ва мубориза алайҳи ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ амалӣ шудаанд.

Мавзуи дигари ифодакунандаи ин ҳамкориҳо ҷалби қувваи кории муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ба Қатар аст. Матолиби ««Qatar Airways» шаҳрвандони Тоҷикистонро ба кор даъват мекунад» [4, 2016. – 25 март], «Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣ созишнома ба имзо расид« [4, 2019. – 4 феврал], «Дар Давҳа таъсиси гурӯҳи кории байнисоҳавӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба Қатар баррасӣ гардид» [4, 2019. – 4 феврал], «Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо Вазири меҳнати Давлати Қатар доктор Алӣ ибни Самиҳ ал-Марӣ мулоқот намуд» [4, 2023. – 7 феврал] аз инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дарак медиҳанд. Дар чунин матолиб на танҳо аз воқеиятҳои марбут ба масъалаи муҳоҷират хабар дода шудааст, балки моҳият ва хусусияти онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ба гунаи далел, дар матлаби ««Qatar Airways» шаҳрвандони Тоҷикистонро ба кор даъват мекунад» зикр гардидааст, ки «интихоби неруи корӣ тавассути озмун сурат мегирад, ки он се марҳиларо дар бар мегирад: марҳилаи аввал – тариқи системаи онлайн ва марҳилаи дуввум – тариқи суҳбати мустақим дар Душанбе (моҳи апрел) ва марҳилаи сеюм ва ё таҷрибавӣ дар Қатар (моҳи май) сурат мегирад. «Хароҷоти марҳилаи сеюмро ширкати «Qatar Airways» пурра бар дӯш мегирад. Шароити кор, иқомат ва музди меҳнат дар ин ширкат ба

тамоми меъёрҳои ширкатҳои байналмилалӣ мутобиқ аст» [4, 2016. – 25 март]. Ҷойи таъкид аст, ки ҳайати ширкати мазкур ҳанӯз ибтидои моҳи декабри соли 2015 барои баргузидани кормандони бахши меҳмондории ҳавопаймо (crew attendant) ба Тоҷикистон омада буд. Он вақт аз 96 нафар довталаби дар озмун иштироккарда, танҳо 1 нафар комилан ва 4 нафари дигар ҷузъан ба талаботи забониву касбӣ мутобиқат дониста шуданд. «Qatar Airways»-ширкати миллии ҳавоии Давлати Қатар буда, дафтари кории асосии он дар пойтахти ин кишвар – Давҳа ҷойгир аст ва дар 44 хатсайри байналмилалӣ фаъолият мекунад [4, 2015. – 28 ноябр]. Аз таҳқиқи ахбор метавон хулоса кард, ки масъулин бояд ба масъалаи омода кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори ҷаҳонӣ (махсусан аз ҷиҳати забондонӣ ва касбият) таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд.

Маводди марбут ба ҳамкориҳо дар бахши фарҳанг, маориф ва илмро, асосан, бурсияҳои таҳсилии Давлати Қатар ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои солҳои хониши 2021-22 ва 2022-23 [4, 2022. – 19 январ; 2021. – 16 март], бо қарори ҳайати доварони байналмилалӣ сазовори мақоми аввал шудани китоби «Фарҳанги арабию тоҷикӣ»-и сарходими маркази «Синошиносӣ»-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Саидраҳмон Сулаймонӣ дар бахши беҳтарин фаъолият дар соҳаи тарҷумонӣ ва фарҳангнигорӣ [4, 2018. – 13 декабр], иштироки намояндагони вазорати фарҳанг ва санъаткорони тоҷик дар Фестивалҳои байналмилалии фарҳангӣ дар Қатар [4, 2023. – 26 декабр] ва амсоли ин ташкил медиҳад. Хусусан, воқеаи охир – баргузории рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар дар АМИТ «Ховар» пурра ва ҳамаҷониба инъикос ёфтааст. Ин ва амсоли ин рӯйдодҳои фарҳангӣ ва илмии фараҳбахш аз ҷониби сомона бо рӯҳияи ифтихормандӣ инъикос шудааст. Чунончи: «Мактаби арабшиносии тоҷик, ки ҳамеша бо дастовардҳои илмию адабӣ ва фаъолиятҳои тарҷумонии худ дар кишварҳои пасошуравӣ ва хориҷ аз он мақоми пешсафӣ дорад, тайи солҳои истиқлолият бо дастгирӣ ва ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таълифоти нав хазинаи осори илмию маърифатии мардуми тоҷикро ғанитар

сохта, оину суннати фарҳангдӯстии миллати моро дар саросари ҷаҳон муаррифӣ мекунад» [4, 2018. – 13 декабр].

Масъалаи дигаре, ки АМИТ «Ховар» дар соли 2020 ба он таваҷҷуҳ намудааст, паҳншавии вируси COVID-19 аст, ки аслан аз кумакҳои башардӯстона иттилоъ медиҳад. Чунончи, «Давлати Қатар бо мақсади мубориза бар зидди COVID-19 ба Тоҷикистон дастгоҳҳои тиббӣ тақдим намуд». Дар ин хабар аз ҷумла омадааст, ки «кумакҳои башардӯстона бо мақсади мубориза бар зидди бемории COVID-19 равона шуда, аз дастгоҳҳои вокуниши занҷиравии полимеразӣ, ки маблағи умумиашон 250 ҳазор доллари ИМА-ро дар бар мегирад, иборат мебошанд. Зимни супоридани кумакҳо Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода ва Сафири Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳим Муҳаммад ал-Абдуллоҳ иштирок доштанд [4, 2020. – 4 сентябр].

Агентии АМИТ «Ховар» ҳамчунин дар бораи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қатар дар бахшҳои об ва тағйирёбии иқлим, сайёҳӣ, рушди савдои биржа ва тиҷорати электронӣ, низом ва хизматрасониҳои бонкӣ маводди зиёде ба табъ расонидааст, ки «Бонки Марказии Қатар омода аст, дар бахшҳои низоми бонкӣ бо Тоҷикистон ҳамкории судманд ба роҳ монад» [4, 2017. – 2 ноябр], «Сайёҳон ва сармоягузорони Қатар ба Тоҷикистон ҷалб карда мешаванд» [4, 2018. – 2 май], «Қатар муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро барои кор дар самти инфрасохтори сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ даъват менамояд» [4, 2020. – 3 декабр], «Роҳбарияти Сандуқи рушди Қатар ба Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба об дар Душанбе даъват гардид» [4, 2022. – 24 март], «Ҳайати Қатар ҷиҳати иштирок дар Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба об ба Душанбе омад» [4, 2022. – 6 июн], «Тоҷикистон ва Қатар ҳамкориро дар соҳаи сайёҳӣ ва чорабиниҳои тиҷоратӣ густариш медиҳанд» [4, 2023. – 12 июн], «Тоҷикистон ва Қатар ҷиҳати рушди савдои биржа ва тиҷорати электронӣ ҳамкорӣ менамоянд» [4, 2023. – 14 июн], «Тоҷикистон ва Қатар ҳамкориро дар самти тағйирёбии иқлим, ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ ва парвариши лочин тақвият мебахшанд» [4, 2023. – 11 декабр], Тоҷикистон ва Қатар дар самти мубодилаи иттилооти

кашшофии молиявӣ ҳамкории мутақобиларо тақвият медиҳанд [4, 2024. – 3 феврал], байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд [4, 2024. – 22 январ] намунае аз онҳоянд.

Чуноне ки аз унвони матнҳо бармеояд, дар аксарияти онҳо воқеиятҳое инъикос ёфтаанд, ки аз ҳамкориҳои Қатар бо Тоҷикистон дар бахшҳои гуногун иттилоъ медиҳанд. Воқеиятҳои мавриди инъикос хусусияти эҳтимолӣ доранд, яъне онҳо ҳоло рух надодаанд, аммо аз татбиқи ҳамкориҳо ишора мекунанд. Бинобар ин дар сарлавҳаҳо ибораҳои «омода аст ... ба роҳ монад», «ҳамкорӣ хоҳанд кард», «ҷалб карда мешаванд», «даъват менамояд», «тақвият мебахшанд» ва амсоли инҳо истифода шудааст, ки барои ифодаи воқеиятҳои эҳтимолӣ ва татбиқи минбаъда интихоб гардидаанд. Корбурди шеваи таъкид ва воситаҳои ифодаи эҳтимолӣ барои фароҳам овардани дарки возеҳ ва диққатҷалбкунанда муҳим мебошанд. Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи АМИТ «Ховар» ҳам пахши иттилоот ва ҳам тарбияи иттилоотӣ мебошад. Ба ин мазмун, агентӣ инъикоси боэътимоди ҳамкориҳоро ҳадафи асосӣ ҳисобида, аудиторияро аз имкониятҳои сармоягузорӣ, ҳамкорӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои афзалиятнок огоҳ кардааст.

Дар умум, тамоми самтҳои ҳамкории Тоҷикистону Қатар, аз қабили иқтисоду амният, маорифу фарҳанг, муҳоҷират, тандурустӣ, кумакҳои башардӯстона, обу иқлим ва сайёҳӣ дар АМИТ «Ховар» мавриди инъикос қарор гирифтааст. Дар ҳоли рушд ва густариш қарор доштани ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар аз матни хабарҳо возеҳ аён аст.

Масъалаи дигаре, ки дар АМИТ «Ховар» таваҷҷуҳ шудааст ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) аст. Мувофиқи омӯзиши мо, аз 182 маводди ба АМА бахшида шуда, 67-тои (36,8 %) онро мавзуи ҳамкориҳои гуногунсамти дуҷониба дар бар мегирад.

Мувофиқи маълумоти агентӣ иқтисоду тиҷорат аз муҳимтарин самтҳои ҳамкорӣ ба ҳисоб мераванд. Омӯзишу пажуҳиш маълум намуд, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Тоҷикистону АМА ба сатҳи баланд расида, имрӯз дар ҳамаи соҳаҳо рушд мекунад. Чунончи, Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ҳангоми вохӯрӣ бо Вазири давлатии тиҷорати хориҷии АМА

Сонӣ бин Аҳмад аз-Зиёдӣ дар шаҳри Абу-Забӣ иттилоъ додааст: «соли 2023 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб 84 % афзоиш ёфтааст» [4, 2024. – 26 феврал].

АМИТ «Ховар» ба раванди густариши равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону АМА бештар таваҷҷуҳ карда, матолиби зиёд ба нашр расонидааст. Дар матолиби нашргардида баргузории Форуми соҳибкорон ва сармоягузории Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар шаҳри Дубай ва ташрифи соҳибкорону сармоягузорони АМА дар ин форум [4, 2022. – 27 август], ба имзо расонидани 3 санади ҳамкорӣ байни ширкатҳои энергетикии Тоҷикистон бо ширкатҳои энергетикии Амороти Муттаҳидаи Араб [4, 2023. – 10 сентябр], масъалаҳои ҷалби маблағҳо барои лоиҳаи сохтмони НБО-и ««Роғун»» [4, 2024. – 28 феврал], иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО-2020» дар АМА, ба намоиш ва фурӯш гузоштани хушкмеваҳои Тоҷикистон: «Баракат Исфара», «Оро Исфара», «Исфара Фуд», «Субҳи ватан», «Висол» /шаҳри Исфара/, «Насим» /Хоруғ/, инчунин Ассотсиатсияи байналмилалии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар намоишгоҳи бонуфузи «Gulfood» дар шаҳри Дубайи АМА [4, 2024. – 20 феврал] ва амсоли ин инъикос ва шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Аз ҷумла, баргузории Форуми соҳибкорию сармоягузории Тоҷикистон ва АМА-ро чунин шарҳ ёфтааст: «Форумро аз ҷониби Тоҷикистон Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода ва аз ҷониби АМА котиби генералии Федератсияи палатаҳои савдо ва саноати ин кишвар Ҳумайд бин Салим роҳбарӣ карданд. Сомона зикр кардааст, ки зимни баргузории форум имконият, соҳаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шуда, аз доираҳои сармоягузории АМА барои иштирок дар лоиҳаҳои муштарак даъват ба амал оварда шудааст [4, 2021. – 28 декабр].

Дар маҷмуъ, АМИТ «Ховар» ташкили форумҳои байналмилалӣ ва ташрифи соҳибкоронро ба Тоҷикистон ҷиҳати пайгирии раванди татбиқшавии санадҳои ҳамкории баимзорасида байни ду давлат мусбат арзёбӣ карда, изҳори умед

намудааст, ки инъикоси он дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодию тиҷоратӣ такони нав мебахшад.

Дар бораи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО-2020» дар АМА хонанда огоҳ мешавад, ки намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО – 2020» 30-юми сентябр дар маҷмааи «Ал-Васл» ташкил шуда, муддати 6 моҳ — аз 1-уми октябри соли 2021 то 1-уми апрели соли 2022 дар шаҳри Дубайи АМА баргузор шудааст. Гӯшаи намоишии Тоҷикистон дар «ЭКСПО – 2020» дар асоси ташаббусҳои глобалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Об барои рушди устувор» ташкил карда шудааст. Дар гӯшаи намоишӣ дар такя ба санъати меъмории муосири миллӣ, табиати мафтункунанда, захираҳои об, иқтидори сайёҳӣ, намунаи кӯҳҳои баланд, ҳунарҳои мардумӣ ва боғҳои зебо муаррифӣ шудааст. Дар намоишгоҳ имконияти табииву истеҳсолӣ, иқтидори гидроэнергетикӣ, аз ҷумла, соҳаҳои саноату кишоварзӣ, инчунин, сайёҳӣ ва сармоягузории Тоҷикистон, саноати хӯрокворӣ, кӯҳкорӣ, роҳсозӣ, гиёҳҳои коркардшудаи шифобахш, ҳунарҳои мардумӣ, ҳайвонҳои нодир, аз қабили гӯсфанди Марко Поло, бузи кӯҳии Морхур, бабри барфӣ ва ғайраҳо дар шакли расмҳои калонҳаҷм, амсила, видеофилмҳо, маводди иттилоотии чопӣ ва электронӣ ба ҷаҳониён пешниҳод гардид [4, 2021. – 4 октябр; – 6 ноябр; – 15 декабр; – 23 декабр].

Ҳақиқатан инъикоси иштироки Тоҷикистон дар Намоишгоҳи байналмилалии «ЭКСПО-2020» дар ВАО на танҳо барои намоиши фарҳанги асили тоҷик, муаррифии таъриху тамаддун ва дастовардҳои илму техникаи Тоҷикистон, балки барои муаррифии дастовардҳои иктисодӣ ва имконияти маҳсулоти содиротӣ ҷиҳати тақвияти ҳамкории дуҷониба шароити хуб фароҳам меорад. Махсусан, барои корхонаҳои коркарди хушкмеваи тоҷик имкони хубе фароҳам овард, то маҳсулот ва имконияташонро муаррифӣ ва тарғиб намоянд. Чунончи, 17-уми феврали соли 2022 АМИТ «Ховар» дар такя ба суханони раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷумъахонзода иттилоъ додааст, ки бори нахуст маҳсулоти хушкмеваи ватанӣ, аз ҷумла, ширкати

содироткунандаи «Зардолу ва К» ва маҳсулоти аз санг коркардшудаи ширкати «Асрори санг» ба бозори Амороти Муттаҳидаи Араб роҳ ёфтанд [4, 2022. – 17 феврал]. Дар ин матолиб ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузории ду кишвар, иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ барои муаррифии маҳсулот ва ҷалби сармоя дар матолиби АМИТ «Ховар» ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ гардидааст.

Бахшҳои дигари ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА, ки қобили таваҷҷуҳанду АМИТ «Ховар» инъикос намудааст, робитаҳои парлумонӣ, низоми бонкӣ, гумрукӣ, амниятӣ ва ҷалби қувваи корӣ мебошад. Агар матолиби «Ҷаласаи якуми Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории парлумонии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб баргузор шуд» [4, 2021. – 25 феврал], «Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Шурои миллии Федералии Амороти Муттаҳидаи Араб Сақр Ғобаш мулоқот намуд» [4, 2023. – 8 декабр] ифодагари ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо АМА бошад, дар нигоштаҳои «Бонкҳои Амороти Муттаҳидаи Араб дар Тоҷикистон намояндагӣ ифтитоҳ менамоянд» [4, 2023. – 4 октябр], «Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб ҳамкории гумрукиро тавсеа мебахшад» [4, 2018. – 30 апрел] ва «Бонкҳои Амороти Муттаҳидаи Араб дар Тоҷикистон намояндагӣ ифтитоҳ менамоянд» [4, 2023. – 4 октябр] аз тавсеа ёфтани ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои бонк, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ дар фаъолияти гумрукӣ дарак медиҳанд. Дар матни охир ҳадафи созишнома «таҳкими ҳамкории дуҷониба, таъмини баҳисобгирии амиқ ва ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳою хироҷҳо ҳангоми воридоту содироти молҳо, баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ, пешгирии гардиши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» арёбӣ шудааст.

Ҳамин тавр, агар дар матнҳои «Маҳбусон аз Аморот ба Тоҷикистон оварда мешаванд» [4, 2016. – 5 октябр], «Тоҷикистон ва Аморот муборизаро бо ҷиноятҳои муташаккил дар 16 самт тақвият мебахшанд» [4, 2016. – 20 октябр], «Густариши ҳамкории дуҷонибаи Вазорати корҳои дохилӣ бо Амороти Муттаҳидаи Араб» [4, 2017. – 22 ноябр], «Мубодилаи тасдиқномаҳои Созишнома

байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб» [4, 2018. – 23 апрел] ва амсоли ин аз тақвияти ҳамкориҳо дар самти амнияти кишварҳо – мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, хусусан терроризм, ба имзо расонидани Протоколи мубодилаи тасдиқномаҳои Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АМА дар бораи супоридани маҳкумшудагон ишора шавад, дар нигоштаи «Миёни Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб оид ба ҷалби қувваи корӣ Ёддошти тафоҳум ба имзо расид» [4, 2018. – 18 апрел] ба имзои санади зикршуда аз ҷониби Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сумангул Тағойзода ва Вазири захираҳои инсонӣ ва аморотикунонии Амороти Муттаҳидаи Араб Носир бин Сонӣ ал-Ҳамелӣ ва роҳҳои ҷалби қувваи корӣ ташреҳ гардидааст. Зимнан, масъалаи ҳамкорӣ доир ба ҷалби қувваи корӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АМА соли 2016 зимни сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба АМА баррасӣ шуда буд. АМИТ «Ховар» меафзояд, ки тибқи муқаррароти Ёддошти тафоҳум, шаҳрвандони Ҷумуҳурии Тоҷикистон метавонанд дар АМА дар асоси шартномаи меҳнатии инфиродӣ байни коргар ва корфармо, ки тибқи қонунгузории Амороти Муттаҳидаи Араб оид ба меҳнат, аз ҷониби Вазорати захираҳои инсонӣ ва аморотикунонии АМА тасдиқ гардидааст, кору фаъолият намоянд. Аз муҳтавои ин мавод дарк мешавад, ки таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои амният ва муҳоҷирати меҳнатӣ низ ҷиддӣ ва муназзам будааст.

Мавзуи дигаре, ки аз ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон ва АМА дарак медиҳад, равобити фарҳангӣ миёни ин ду кишвар аст. АМИТ «Ховар» ба ин мавзуъ низ таваҷҷуҳ намуда, доир ба баргузор шудани чорабиниҳои фарҳангии Тоҷикистон дар АМА таҳти сарлавҳаҳои «Таҷлили Соли ҷавонон ва Рӯзи ваҳдати миллии Тоҷикистон дар Амороти Муттаҳидаи Араб» [4, 2017. – 23 май], «Дар Аморатҳои Муттаҳидаи Араб Ҳафтаи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт» [4, 2018. – 23 январ], «Дар Дубай ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон муаррифӣ гардиданд» [4, 2019. – 28 август], «Филмсози машҳури араб тасмим гирифт мавзеъҳои назаррабо ва сайёҳии Тоҷикистонро рӯи навор орад» [4, 2021.

– 26 март], «Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фестивали 18-уми мероси Шориқа иштирок менамояд» [4, 2021. – 26 март] мавод чоп кардаст. Ин ва амсоли ин матолиб, аксарият хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо чорабиниҳои расмии фарҳангии Тоҷикистон ва тарзи баргузор шудани онҳо дар Амороти Муттаҳидаи Араб инъикос ёфтааст. Баррасии матолиби агентӣ ишора аз он мекунад, ки инъикоси дастовардҳои фарҳанг ва илм дар «ЭКСПО-2020» барои муаррифии фарҳанг, таърих ва комёбиҳои илмию техникии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ муҳим мебошад.

Дар АМИТ «Ховар» баъзан доир ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб бар бахши маориф низ мавод ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, ин агентӣ 14-уми декабри соли 2021 бо истинод ба маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарлавҳаи «Амороти Муттаҳидаи Араб дар Тоҷикистон мактаб месозад» иттилоъ додааст, ки «айни замон лоиҳаи Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди хайриявӣ ва башардӯстонаи Зойид бин Султон ал-Наҳён оид ба сохтмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳияҳои Кӯшониён, Данғара ва Темурмалик ва инчунин, харитаи ҷойгиршавии муассисаҳои мазкур таҳия гардида, дар мувофиқа қарор дорад». Сомона афзудааст, ки дар назар аст, намояндагони Фонд дар фурсатҳои наздик ба Тоҷикистон омада, баъд аз имзои созишнома ба сохтмони мактабҳо дар ноҳияҳои номбаршуда санги асос гузоранд [4, 2021. – 14 декабр].

АМИТ «Ховар» на танҳо дар инъикоси воқеиятҳои марбут ба ҳамкорӣ ва муносибатҳои дӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб саҳм гирифтааст, балки бо ташкили гӯшаи махсус меҳмононро ба моҳият, равand ва аҳаммияти ҳамкориҳои кишварҳои мазкур шинос намудааст. Чунончи, агентӣ дар доираи Конгресси умумиҷаҳонии ВАО, ки аз 15-ум то 17-уми ноябр дар шаҳри Абу-Забии АМА, дар мавзуъҳои иртибототи рақамӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои пешрафта ва инноватсияҳо дар бахши ВАО, бо иштироки беш аз 192 агентиҳои иттилоотӣ аз 42 кишвар ва зиёда аз 1200 коршиносу мутахассисони соҳаи ВАО баргузор гардидааст, гӯшаи АМИТ «Ховар»-ро

ташкил намудааст, ки аз он меҳмонон, аз қабили коршиносони соҳаи ВАО ва масоили сиёсию иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ ва намояндагону роҳбарони агентиҳои иттилоотию ширкатҳои гуногун аз Амороти Муттаҳидаи Араб, Британияи Кабир, Италия, Олмон, Ҳиндустон, Туркия, Арабистони Саудӣ, Қазоқистон, Юнон, Босния ва Ҳерсеговина, Зеландияи Нав, Исроил, Филиппин, Урдун ва ғайраҳо боздид намудаанд. Дар хабари ин воқеа, аз ҷумла. зикр шудааст, ки «Директори генералии Агентии иттилооти Аморот (WAM) ва раиси Кумитаи олии тадорукоти Конгресс Муҳаммад Ҷалол ар-Райсӣ зимни боздид аз гӯшаи «Ховар» изҳори итминон намудаанд, ки баъди ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум ҳамкорӣ дар соҳаи табодули иттилоот ва таҷрибаи кормандон беш аз пеш таҳкиму тақвият меёбад» [4, 2022. – 23 ноябр].

Дар умум, афзоиши гардиши савдои молу маҳсулот ва иштироки фаъол дар намоишгоҳ ва форумҳо баёнгари идома ёфтани ҳамкории пурвусъат ва самаранок мебошад. Ҳамчун василаи муаррифии ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону АМА ва тарғибгари имкониятҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ АМИТ «Ховар» хеле фаъол аст.

Таҳқиқ ва таҳлили маводди АМИТ «Ховар» доир ба равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) ба он далолат мекунад, ки Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармояи мустақими сармоягузорон ва соҳибкорони кишварҳои араб дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҳавасманд аст. АМИТ «Ховар» руйдодҳои марбут ба ин бахши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабро бо ҳисси ифтихормандӣ ва некназарӣ ба оянда инъикос намудааст.

Маводди АМИТ «Ховар» бештар ба таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бахшида шудааст, ки аз ташаккули симои мусбати кишварҳои араб ҳамчун шарикони байналмилалии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Ҳамчунин дар агентӣ масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва фаъолияти дипломатии кишвар мавқеи муҳим доранд. Ин ҳолат гувоҳи он аст,

ки АМИТ «Ховар» ҳамчун расонаи давлатӣ ҳам вазифаи иттилоотрасонӣ ва ҳам муаррифии сиёсати расмии давлатро ба ҷо меорад.

Дар маҷмуъ, маводди сомонаи АМИТ «Ховар» дар инъикоси муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб нақши муҳим дошта, ба ташаккули фазои иттилоотӣ дар самти ҳамкориҳои байналмилалии кишвар мусоидат мекунад.

Аз таҳқиқ маълум мешавад, ки дар агентӣ аслан ба рӯйдодҳое таваҷҷуҳ шудааст, ки натиҷаи комёбиҳоянд, масъалаҳои баҳсталаб ва муносибати интиқодӣ ба мушоҳида намерасад. Ин шева хоси ин агентӣ аст.

Илова бар ин, таҳлили маводди ин агентӣ нишон медиҳад, ки робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс ҳанӯз ҷавобгӯйи хостаҳои роҳбариятҳои олии кишварҳо ва мардумони минтақа нест. Чунон ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи дувуми Форуми иқтисодӣ ва ҳамкории арабӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон таъкид намуданд: «Бо ин ҳама, зикр бояд кард, ки дар ҷодаи тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ то ҳол ҳамкориҳои мо ба таври муносиб ба роҳ монда нашудаанд. То ба имрӯз ниҳодҳои молиявии кишварҳои арабӣ, ба монанди бунёдҳои рушди Саудӣ, Кувайт, Абу Забӣ ва амсоли онҳо дар амалисозии як қатор лоиҳаҳои муҳимми зербиноӣ дар Тоҷикистон саҳм гузоштаанд. Вале ин дар муқоиса бо ҳаҷми сармоягузории дигар давлатҳо ночиз аст» [372].

Қобили қайд аст, ки Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон барои давлатҳои сарватманди араб минтақаи нисбатан нав буда, бо бойигариҳои табиию башарии худ иқтидори бузурги сармоягузории дарозмуддатро метавонанд фароҳам оранд. Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дорои имкониятҳои фарохи ҳамкории судовар дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ ва сайёҳӣ ҳастанд ва имрӯз доираҳои дахлдори кишварҳо ҷиҳати роҳандозии робитаҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда талош меварзанд.

В) Инъикоси рӯйдодҳои кишварҳои араб дар АМИТ «Ховар». АМИТ «Ховар» дар баробари пахши ахбори муносибатҳои расмӣ ва ҳамкориҳои

гуногунсамти мутақобила, инчунин, ба инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии КАХФ низ таваҷҷуҳ кардааст. Инъикоси рӯйдоду ҳаводиси сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои арабии мавриди таҳқиқ дар АМИТ «Ховар» асосан таҳти рубрикаи «Минтақа ва ҷаҳон» ба нашр расидааст. Мавриди зикр аст, ки ағлаби маводди зери ин рубрика хусусияти хабарӣ ва иттилоотӣ дорад. Мувофиқи пажуҳиши мо, зери ин рубрика маҷмуан 52 мавод ба ҳаводису рӯйдодҳои муҳим ва ҷолиби ҳаёти сиёсиву иҷтимоии КАХФ бахшида шудааст, ки аз он 38 мавод ба ШАС, 10-то ба АМА ва 4 мавод ба Қатар иртибот дорад. Ин нишон медиҳад, ки дар фаъолияти иттилоотии агентӣ бештар ба рӯйдодҳои марбут ба Арабистони Саудӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Интишори мавод низ дар давоми солҳо гуногун аст. Масалан, дар соли 2023 роҷеъ ба ҳаводиси ШАС се мавод ба мушоҳида расид, ки яке «Тағйирёбии иқлим. Дар Арабистони Саудӣ барф борид» [4, 2023. – 12 апрел], дигаре «Арабистони Саудӣ маҳдудиятҳои коронавирусро барои ҳаҷ лағв кард» [4, 2023. – 10 январ] ном дорад. Маводди якум аз боридани барфи зиёди ғайричашмдошт дар чанд минтақаи Арабистони Саудӣ ва дуюмӣ аз лағви маҳдудиятҳои ҳаҷ, ки ба далели пандемияи «COVID-19» Арабистони Саудӣ ҷорӣ карда буд, хабар медиҳад.

Ҳамин тавр, дар рубрикаи «Минтақа ва ҷаҳон» тули солҳои мавриди таҳқиқ роҷеъ ба ҳабс шудани беш аз 1 ҳазор аъзои Давлати Исломӣ (мамнуъ дар Тоҷикистон) дар Арабистони Саудӣ [4, 2015. – 30 июн], боздошти садҳо нафар бо гуноҳи узвият ба ДИИШ (мамнуъ дар Тоҷикистон) [4, 2015. – 20 июл], масъулияти таркиши масҷид дар Арабистони Саудиро бар уҳда гирифтани Давлати Исломӣ [4, 2015. – 7 август], иштироки таърихии занон дар интихобот [4, 2015. – 14 декабр], муносибатҳои дипломатии худро бо Ҷумҳурии Исломии Эрон қатъ намудани ШАС [4, 2016. – 4 январ], лоиҳаи нави ислоҳоти иқтисодии ШАС бо номи «Нигоҳи шоҳигарӣ 2030» [4, 2016. – 17 апрел], аз солшумории ҳичрӣ ба милодӣ гузаштани Арабистони Саудӣ [4, 2016. – 6 октябр], аз ҷониби Шурои уламои Арабистони Саудӣ эътироф шудани ҳаракати «Ихвону-л-муслимин» (мамнуъ дар Тоҷикистон) ва дигар созмонҳои ифротӣ, ки дар ҷомеаҳои мусулмонӣ ақидаҳои ҷанг, ошӯб ва нооромиро таблиғ мекунанд, дар

асоси фармудаву асосҳои динӣ ҳаракати зиддимардумӣ, зиддидинӣ ва террористӣ эълон менамоянд [4, 2020. – 16 ноябр], маҳдудиятҳои бо сабаби «Ковид-19» дар самти робитаҳои кишварҳо ба вуҷуд омада – дар моҳи Рамазон низ мамнуъ боқӣ мондани масҷидҳо [4, 2020. – 17 апрел], манъ шудани вуруди зоирон [4, 2020. – 27 феврал], мавқуф гузошта шудани иртиботи ҳавоии байналмилалӣ [4, 2020. – 21 декабр], иҷозати боздиди танҳо шахсони бо ваксинаҳои зидди коронавирус эмшуда аз марказҳои тиҷоратӣ [4, 2021. – 14 июл], фавти Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб Халифа бин Зоид Оли Наҳён [4, 2022. – 13 май], бартараф кардани пайомадҳои обхезии шадид дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ, ки бар асари он на кам аз ду нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо парвозҳо ба таъхир афтод ва мактабҳо баста шудаанд [4, 2022. – 26 ноябр], иҷозати тақлили мавлуди Исо дар Арабистони Саудӣ [4, 2022. – 28 декабр] ва амсоли ин мебошанд.

Ин ва амсоли ин маводди хабарии АМИТ «Ховар» бештар дар такя ба сомонаҳои иттилоотии «Financial Times», «Middle East Eye», www.skyarabia.com, рӯзномаи британиёвии «The Independent», агентии INTERFAX.RU, расонаи иттилоотии «Рейтерс» (Reuters), расонаи хабарии «Тулуъ-нюс», агентии иттилоотии Аморот (WAM) ва ғайра таҳия шуда, мавқеи агентӣ холисона аст. Масалан, лоиҳаи нави ислоҳоти иқтисодии ШАС бо номи «Нигоҳи Шоҳигарӣ – 2030» дар такя ба суханони валиаҳди ШАС, шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз – Раиси Шуро оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва рушди кишвар ташреҳ ёфта, сухани ӯ айнан чунин иқтибос шудааст: «Ҳадаф аз ислоҳоти иқтисодӣ бартараф намудани вобастагии иқтисодиёти Арабистони Саудӣ аз истихроҷ ва фурӯши нефт мебошад. Вобастагӣ ба нефту газ бар замми хатари ҷиддӣ доштан, ҳамчунин, намегузошт, ки дигар бахшҳои иқтисодии мамлакат рушд кунанд». Агентӣ меафзояд, ки ислоҳоти иқтисодӣ муддати 15 сол – то соли 2030 идома ёфта, дар доираи он саҳмияҳои ширкати давлатии нефтрасони «Арамко» (Saudi Aramco) ба фурӯш бароварда мешаванд. Аз фурӯши ҳамагӣ 5 %-и саҳмияҳои ин ширкати азими давлатӣ гирифтани даромади соф ба маблағи 2 трлн. доллар-и ИМА пешбинӣ шудааст. Дар хотимаи

матлаб ёдовар шудааст, ки бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳон, се-чор баробар поён рафтани арзиши нефту газ дар бозори ҷаҳонӣ кишварҳои истеҳсолкунандаи нефтро водор кардааст, ки роҳҳои алтернативии рушди минбаъдаи иқтисодиётро ҷустуҷӯ намоянд [4, 2016. – 27 апрел].

Воқеаву рӯйдодҳое, ки дар ҳудуд ва фазои КАХФ, махсусан Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар АМИТ «Ховар» ба нашр расидаанд, бо ду ҷиҳат аҳаммият доранд. Якум, ағлаби онҳо ҳаводиси нодир буда, аҳаммияти башарӣ доранд. Амсоли боридани барфи ногаҳонӣ, аз солшумории шамсӣ ба солшумории мелодӣ гузаштан, иштироки занон дар интихобот, қатъ гардидани муносибатҳои дипломатии ШАС бо Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) ва ғайра. Дуюм, баъзе аз воқеаҳо ба хонандаи тоҷикистонӣ аҳаммияти махсус доранд. Ба мисли боздошти садҳо нафар бо гуноҳи узвият ба ДИИШ (мамнуъ дар Тоҷикистон), аз ҷониби Шурои уламои Арабистони Саудӣ эътироф шудани ҳаракати «Ихвону-л-муслимин» (мамнуъ дар Тоҷикистон) ҳамчун созмонҳои ифротӣ ва ғайра.

Аксарияти матолиби марбут ба воқеаҳои кишварҳои араб, ки дар АМИТ «Ховар» ба табъ расидаанд, хусусияти ташреҳӣ доранд. Дар онҳо на танҳо рӯй додани воқеаҳо бо зикри сана ва факт инъикос гардидааст, балки моҳияти рӯйдод шарҳу тавзеҳ шудааст. Масалан, аз солшумории ҳиҷрӣ ба милодӣ гузаштани ШАС, ки дар такя ба ахбори рӯзномаи британиёвии «The Independent» таҳия шуда, чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст. «ШАС аз солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ, ки аз замони ҳиҷрати пайғамбари ислом оғоз мешавад, даст кашид ва ба ҷойи он солшумории милодиро қабул кард. Идораю муассисаҳои давлатии ШАС аз рӯзи 2-юми октябр нахустин бор баъд аз замони таъсиси ин кишвар (86 сол пеш) аз тақвими милодӣ истифода карданд. Агентӣ маълумот овардааст, ки солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ аз соли 622-рӯзи ҳиҷрати Паёмбар аз Макка ба Мадина ҳисоб мешавад ва солшумории милодӣ аз рӯзи таваллуди паёмбар Исо оғоз шудааст». Ё тибқи гузориши агентии INTERFAX.RU «мақсади гузаштан ба ин солшуморӣ сарфаҷӯйӣ дар шароити бухрони иқтисодӣ мебошад, зеро идомаи коҳиши нархи нефт ва хазинаҳои ҷанги низомӣ дар Яман ба буҷаи Арабистони Саудӣ фишор меоваранд. Қаблан кормандон дар ин кишвар соле 13 бор маош мегирифтанд.

Дар баробари ин ҳукумати ШАС бархе аз имтиёзи кормандони давлатиро, ки шумори онҳо ба 1 млн. 250 ҳ. нафар мерасад, кам кард ва қарорро оид ба бекор намудани бархе аз изофаи маошҳо ва ҷоизаҳои пулӣ низ ба тасвиб расонид. Агентӣ хотиррасон кардааст, ки «ШАС дар ҳоле аз солшумории ҳичрӣ даст мекашад, ки кишварҳои дигари мусалмонӣ, мисли Эрону Афғонистон ҳанӯз тариқи ин солшуморӣ коргузории худро анҷом медиҳанд» [4, 2016. – 6 октябр].

Вижагии дигари чунин матолибро ба қавл ё гуфтаи намояндагони масъул такя намудани хабарнигорон метавон нисбат дод. Дар пурра ва фаҳмо гардидани аксарияти воқеаҳои инъикосшуда, сухани қавл низ нақш гузоштааст, ки эътимодро ба иттилоот афзун мегардонад. Барои исботи фикр чанд намуна: «Тибқи маълумоти агентӣ 17 зан дар нахустин интихобот иштирок карда, чанд курсиро ба даст оварданд. Саҳар Ҳасан Насиф, фаъоли ҳуқуқи занон дар шаҳри Ҷидда гуфтааст: «Ҳатто агар як курсӣ ҳам ба даст оварда мешуд, он барои мо ифтихор буд. Ҳақиқатан мо ҳеҷ интизори баранда шудани занеро надоштем». Хизр ал-Муборак ғалабаи худро дар миёни дигарон тасдиқ карда, мегӯяд: «Бо ҷомеа, ба хусус занон дар тамос хоҳам шуд, то садо ва хостаҳои онҳоро дар шуро матраҳ созам» [4, 2015. – 14 декабр]. «Валид ибни Талол шоҳзодаи миллиардери Арабистони Саудӣ эълом доштааст, тамоми сарвати худро бо арзиши 32 млрд. доллар сарфи фаъолиятҳои хайрия мекунад. Шоҳзода дар баёнияи худ гуфтааст, ки «ин маблағ барои рушди ҷомеа, аз ҷумла, беҳбуди вазъияти занон дар ҷомеа, тарбияи ҷавонон, кумакрасонӣ ба манотиқи зарардида ва мардуми камбизоат» [4, 2015. – 2 июл] истифода мешавад. Дар анҷоми хабар омадааст, ки Валид ибни Талол 60-сола буда, фарзанди Талол ибни Абдулазизи 83-сола мебошад.

Аз омӯзиш ва таҳқиқи маводди АМИТ «Ховар» оид ба инъикоси воқеаҳои марбут ба КАХФ метавон натиҷа гирифт, ки он ба истиснои ШАС ба дигар кишварҳои араби Халиҷ камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Масалан, роҷеъ ба ҳаводиси АМА ҳамагӣ 9 мавод ба мушоҳида расид, ки аз ҳамкории ВКД бо субъектони хориҷӣ ҷиҳати ба Ҷумҳурии Тоҷикистон «истирдод гардидани шаҳрванд Хӯҷа Каримов аз шаҳри Дубайи АМА» [4, 2020. – 17 феврал], «бо дархости ИМА розӣ шудани Амороти Муттаҳидаи Араб барои муваққатан қабул

намудани 5000 (панҷ ҳазор) шаҳрванди Афғонистон» [4, 2021. – 28 август], «фавти Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб Халифа бин Зоид Оли Наҳён дар синни 73-солагӣ» [4, 2022. – 13 май], «аз ҷониби Шурои олии федералии АМА президент интихоб шудани валиаҳди Абу-Забӣ Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳён» [4, 2022. – 14 май], «оташ гирифтани бинои баландошёна дар Дубай» [4, 2022. – 8 ноябр] иттилоъ медиҳанд.

Маводди марбут ба АМА дар АМИТ «Ховар» низ дар заминаи маводди сомонаҳои дигар, хусусан агентии иттилоотии Аморот (WAM) таҳия шуда, хусусияти ташреҳӣ доранд. Масалан, ҳодисаи фавти Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб Халифа бин Зоид Оли Наҳён дар синни 73-солагӣ ин тавр шарҳ ёфтааст: «Дар кишвар мотами миллӣ эълон гардида, тибқи изҳороти ҳукумат он 40 рӯз идома меёбад. Ҳамчунин, ҳама вазоратҳо, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои бахши хусусӣ барои се рӯз баста мешаванд».

Тавре ишора рафт, АМИТ «Ховар» аслан, ҳодиса ё рӯйдодҳоеро барои интишор интихоб кардааст, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Чунончи, «аз 8-уми ноябри соли 2022 сода кардани қоидаҳои вуруди сайёҳони хориҷӣ ба аморатҳои Дубай ва Абу-Забӣ» [4, 2022. – 9 ноябр]. Дар ин хабар зикр шудааст, ки «барои ворид шудан ба Дубай, дигар зарур нест, ки сайёҳон шаҳодатномаи эмкунӣ ё санҷиши ПЦР пешниҳод кунанд. Як рӯз пеш, яъне 7-уми ноябр роҳбарияти АМА ҳама маҳдудияти коронавирусро лағв карданд. Ба сайёҳон ва сокинони маҳаллӣ, ба ҷуз аз муассисаҳои тиббӣ иҷозат дода шуд, ки ниқоб напӯшанд [4, 2022. – 9 ноябр].

Ҳамчунин, баъзе хабарҳо мутаносибан барои шаҳрвандони Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд. Чунончи, дар маводди «Хӯҷа Каримов аз Амороти Муттаҳидаи Араб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истирдод гардид» ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандони кишвар хоҳиш намудааст, ки «агар вобаста ба ҷиноятҳои содиркардаи шаҳрванд Каримов Хӯҷа Раҳимович маълумот, далел ва ё мавриди амалҳои ҷинояткоронаи ӯ қарор гирифтаанд, дошта бошанд, метавонанд тавассути телефони боварии ВКД 221-21-21 ё тариқи

рақамҳои 227-10-07, 93-992-01-96 ба Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД муроҷиат намоянд».

Агентӣ ҳамчунин, хотиррасон кардааст, ки «шаҳрванд Каримов Хӯҷа Раҳимович (Хуҷа-командир) 1-уми октябри соли 1960 дар деҳаи Қизил-қалъа, ҷамоати деҳоти Қизил-қалъаи ноҳияи Хуросон таваллуд шудааст. Номбурда «дар содир кардани ҷиноятҳои бандитизм, одамкушӣ, азобу уқубат, гаравгонгирӣ ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳи оташфишон дар кофтукови расмӣ қарор дошт» [4, 2020. – 17 феврал].

Дар ин матолиб рӯйдодҳои гуногун инъикос гардидаанд. Масалан, дар хабари «Қатар барои лоиҳаи Чемпионати ҷаҳон-2022 ҳар ҳафта 500 миллион доллар сарф мекунад», ки дар такя ба хабаргузории ТАСС таҳия шудааст, омодагии давлати Қатар ба Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол-2022 зикр гардидааст. Вазири молияи Қатар Алӣ Шариф ал-Имодӣ дар суханрониаш таъкид намудааст, ки кишвараш барои сохтани иншооти варзишӣ ҳар ҳафта тақрибан 500 млн. доллари амрикоӣ сарф мекунад. «Ин ҳолат 3-4 сол идома меёбад, то мо ба ҳадафҳои худ расида, ба гузаронидани Чемпионати ҷаҳони соли 2022 омода шавем». Тибқи иттилои вазир барои гузаронидани бозиҳои ниҳоии Ҷоми (Чемпионат) ҷаҳон-2022 маблағи 200 млрд. доллар сарф мешавад. Қисме аз ин маблағҳо барои беҳтар кардани инфрасохтори нақлиёт ва тиб равона хоҳанд шуд. Агентӣ дар хотимаи хабар ёдоварӣ намудааст, ки «давлати Қатар 10-уми декабри соли 2010 ҳуқуқи мизбонии бозиҳои Чемпионати ҷаҳон-2022 оид ба футболро ба даст овард. Мусобиқаҳо аз 21-уми ноябр то 18-уми декабр дар шаҳрҳои ин кишвар доир мегарданд» [4, 2017. – 8 феврал].

Дар маводди охир бошад, АМИТ «Ховар» дар такя ба маълумоти сомонаи расмии агентии сайёҳии ин кишвар «Visit Qatar» хабар додааст, ки давлати Қатар шаҳрвандони Тоҷикистонро ба рӯйхати шаҳрвандони давлатҳое дохил менамояд, ки метавонанд бе раводид ба ин кишвар ворид шаванд. Тибқи ин қарор, шаҳрвандони Тоҷикистон метавонанд бе раводид ба Қатар ворид шуда, то 30 рӯз дар қаламрави он боқӣ монанд. Агентӣ ёдовар шудааст, ки «низоми 30-

рӯзаи бе раводиди сафар барои шаҳрвандони давлати Қатар, ки хоҳиши дидани Тоҷикистонро доранд, низ амал менамояд» [4, 2024. – 15 феврал].

Аз омӯзиш ва таҳқиқи инъикоси ҳаводис ва рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, хосса ШАС, АМА ва Қатар дар АМИТ «Ховар» маълум гардид, ки ин агентӣ дар ҳеҷ кишвари араб намояндагии худро надорад ва ҳамчунин, ягон рӯзноманигори он ба хотири инъикоси ҳаёти ин кишварҳо сафар накардааст, ҳамаи маводди нашршуда дар такя ба ахбори сомонаҳои интернетӣ ва агентиҳои хабарии хориҷӣ нашр шудааст, ки баёнгари бевосита мавқеи агентӣ намебошад. Ин, албатта, ба дараҷаи инъикоси ҳодисаҳо бетаъсир буда наметавонад. Ин аст, ки дар матолиби АМИТ «Ховар» баъзан мавқеъпазирии кишвари рус, баъзан кишварҳои ғарб ва дар баъзе мавридҳо кишвари Эронро эҳсос мекунем. Бо вуҷуди ин, агентӣ то қадри имкон тавонистааст, ки воқеиятҳои муҳимми олами арабро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон пахш намуда, ба ин васила хонандаи тоҷикро ба ҳолати воқеаҳо ва моҳияти онҳо шинос намояд.

Дар маҷмуъ, омӯзиш ва таҳқиқи мавод моро мутмаин намуд, ки тайи солҳои охир доир ба муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб (ШАС, АМА ва Қатар) АМИТ «Ховар» таносубан ба чунин мавзуъҳо [Расми №5] бештар таваҷҷуҳ доштааст:

Расми №5



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Чунон чи маълумоти ин ҷадвал низ далолат медиҳад, равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар сатҳи баланд қарор дошта, дар ҳоли рушд ва густариш аст. Робитаҳои сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои фавқуззикр, махсусан, пас аз ифтитоҳи сафоратҳо ва сафарҳои чандинкаратаи Президенти Тоҷикистон ба ин давлатҳо вусъат ва таҳким ёфта, муносибатҳои дуҷониба ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст.

АМИТ «Ховар» тариқи инъикоси матолиби гуногун мавқеи худро нисбат ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти рӯҳияи дӯстию бародарӣ ва ҳусни эътимод миёни раҳбариятҳои олӣ нишон дода, кӯшиш намудааст, ки тамоми сафарҳо, мулоқоту вохӯриҳои сарони кишвар ва намояндагон олимақоми онро ба таври муфассал ва воқеӣ инъикос намуда, ба ин васила дар таҳкими робитаҳои миёни кишварҳои мавриди таҳқиқ саҳм гирад.

Ҳамин тавр, аз таҳлил ва таҳқиқи маводду матолиби АМИТ «Ховар» доир ба муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ба хусус Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб маълум мегардад, ки дар сиёсати иттилоотии АМИТ «Ховар» масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои мазкур аз мавқеи хос бархӯрдор аст. Сармоягузорӣ моҳияти асосии ҳамкории иқтисодиро ташкил медиҳад. Илова бар ин сафарҳои сатҳи олӣ ва форумҳои иқтисодӣ дар агентӣ ҳамчун муҳаррики асосии ҳамкориҳо инъикос шудааст. Агентӣ имконияти мусоиди муаррифӣ ҷиҳати дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон фароҳам оварда, дар арзёбии симои мусбати шарикони араб ва пешрафти ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Вазифаҳои муҳимми медиавӣ, ба монанди иттилоърасонӣ, тарғиби сиёсати давлат, имиҷсозӣ ва дипломатияи иттилоотӣ аз тарафи АМИТ «Ховар» хуб анҷом дода шудааст.

3.2. Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс»

«Азия-Плюс» (ASIA-Plus) гурӯҳи расонаҳои мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки ахбор, таҳлилҳо ва барномаҳои гуногунро пешниҳод мекунад

ва дар рушди журналистикаи мустақил дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Он аз се ширкати мустақил – Агентии иттилоотӣ, нашрия ва радио иборат аст, ки зери як тамға (бренд) фаъолият мекунанд.

Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» «соли 1995 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, моҳи апрели соли 1996 нахустин шумораи варақаи иттилоотию таҳлилии агентӣ нашр шуд» [5]. Агентии мазкур дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон шабакаи хабарнигорони худро дорад. Имрӯз аз хизматгузориҳои иттилоотии Агентии ASIA-Plus сохторҳои давлатии Тоҷикистон, парлумони кишвар, вазорату идораҳо, бонкҳо, сохторҳои бузурги тиҷоратӣ, ҳамаи сафоратхонаҳои хориҷии муқими Тоҷикистон ва аксари созмонҳои байналмилалии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта истифода мекунанд. Агентӣ бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ хизматгузориҳои иттилоотӣ пешниҳод мекунад ва аз рӯйи шумораи корбарон дар Интернет – паҳнои TJ портали иттилотии asiaplustj.info бидуни шубҳа пешсаф аст.

Агентии иттилоотии «ASIA-Plus» воқеиятҳои кишварҳои арабро зери рубрикаҳои «Ҷаҳон», «Тоҷикистон», «Иқтисод», «Сиёсат», «Ҷомеа», «Ҳокимият», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Варзиш» ва «Ҳаводис» ба табъ расонидааст. Матолиби сомонаи агентӣ тули солҳои 2014-2024 [Расми №6] роҷеъ ба кишварҳои мавриди таҳқиқ дар чунин шакл аст:

Расми №6



[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маводди ин рубрикаҳоро, ки инъикоскунандаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, АМА ва Қатар мебошад, аз рӯйи кишварҳо алоҳида баррасӣ менамоем.

А) Муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ШАС. АИ «Азия-Плюс» дар инъикос ва баррасии муносибат ва ҳамкориҳои ин ду кишвар ва воқеиятҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ШАС мавқеи хос дорад [Ҷадвали №1]. Натиҷаи таҳқиқ дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

Ҷадвали №1

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсат	6	4	4	1	2	-	1	4	-	5	2	29	26,6 %
Ҷомеа	2	-	2	-	2	1	2	-	6	7	1	23	21,1 %
Тоҷикистон	-	-	-	1	-	-	-	-	1	4	4	10	9, 1 %
Ҷаҳон	-	1	2	2	1	1	-	1	1	8	-	17	15,6 %
Иқтисод	1	-	-	1	3	-	-	1	2	3	-	11	10 %
Ҳокимият	1	-	3	-	-	-	-	1	-	-	1	6	5, 5 %
Амният	-	3	1	-	1	-	-	-	-	-	-	5	4,5 %
Варзиш	-	-	-	-	-	-	-	2	1	-	2	5	4,5 %
Қонун ва тартибот	-	-	-	-	-	-	-	-	-	1	1	2	1,8 %
Ҳаводис	-	-	-	-	1	-	-	-	-	-	-	1	0,9 %
Ҳамагӣ:	10	8	12	5	10	2	3	9	11	28	11	109	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Матолиби бахши «Сиёсат», асосан, аз сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати парлумонӣ бо роҳбарии Раиси Маҷлиси

намояндагон ба ШАС, мулоқоти вазирону сафирон ҷиҳати баррасии рушд ва таҳкими муносибату ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун, ташрифи ҳайатҳои мутақобила, баргузории Машваратҳои сиёсӣ, тасмими ШАС оид ба ҳамроҳшавӣ ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай, барқияҳои табрикотӣ, тасаллият ва амсоли ин таркиб ёфтааст. Чунончи, агентӣ дар ҳошияи сафари расмии нахустини Раиси Маҷлиси Шурои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Абдулло Муҳаммад ибни Иброҳим оли Шайх ба Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои 24-ум то 26-уми майи соли 2016 иттифоқ афтодааст, се мавод нашр намудааст. Ҳар се мавод хусусияти хабарӣ дошта, аз дидору гуфтушуниди раиси парлумони Арабистони Саудӣ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, раиси ҳар ду палатаҳои парлумони Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Шукурҷон Зуҳуров ва ҳамчунин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ва боздиди ҳайати мазкур аз шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Варзоб, ки дар доираи ин сафар ба анҷом расидааст, иттилоъ медиҳанд.

Ҳамин тавр, зери рубрикаи «Сиёсат» доир ба Машваратҳои сиёсии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ [5, 2014. – 1 апрел], сафари расмии раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба ШАС, мулоқоти ӯ бо Шоҳи ШАС Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд таҳти сарлавҳаи «Подшоҳи Арабистони Саудӣ сафари ҳайати парлумони Тоҷикистонро фоли нек номид» [5, 2017. – 23 феврал], мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ бо валиаҳд ва раиси Шурои вазирони ШАС шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд, «Эмомалӣ Раҳмон дар Арабистони Саудӣ се мулоқоти вижа анҷом дод» [5, 2023. – 19 июл], сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар нишасти изтирории саронии кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ – «Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ сафар кард» [5, 2023. – 10 ноябр] ва амсоли ин ба нашр расидааст.

Аз баррасӣ маълум мешавад, ки қисми зиёди мавод сафарҳои расмии роҳбарони ду кишвар, мулоқоту музокироти сиёсӣ, инчунин густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузориро дар бар мегиранд. Ҳамкориҳои

иқтисодӣ аз самтҳои муҳимми муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба шумор рафта, шеваи инъикоси мавзуъҳо ва муносибат ба масъалаҳои матраҳшаванда возеҳ аст.

Тавре ишора рафт, ин матолиб аксар хусусияти хабарӣ дошта, дар онҳо воқеиятҳои расмӣ, ки ба сафару мулоқотҳои сарони кишварҳо ва намояндагони олимақоми онҳо иртибот дорад, шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Чунончи, дар матлаби «Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ сафар кард» дар баробари зикри мавзуи нишасти ғайринавбатии роҳбарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои исломӣ, ки ба қазияи Ховари Наздик – даргирӣ миёни Исроил ва Фаластин бахшида шудааст, ҳамчунин, дар бораи СҲИ ёдовар шуда, афзудааст: «як созмони байниҳукуматӣ буда, 57 кишвари узв дорад ва дар чаҳор қитъа паҳн шудааст. Ин созмон садои дастаҷамъии ҷаҳони ислом ва кафолати ҳимоя ва пуштибонӣ аз манофеи ҷаҳони ислом дар рӯҳияи мусоидат ба сулҳу ваҳдати байналмилалӣ дар миёни мардуми мухталифи ҷаҳон аст».

Аммо, мутаассифона, ҳаводиси солҳои охири ҷаҳони ислом аз он шаҳодат медиҳад, ки ин созмон ба раванди ба эътидол овардани низоъҳои кишварҳои мусулмонӣ, нақши муҳим бозида натавонист, аз ҷумла, дар беҳбуди вазъи муташанниҷи сарзамини Фаластин.

Ба монанди ин, агентӣ тавзеҳ додааст, ки «Ҷонибҳо нишасти аввалинро дар қолаби «Осиёи Миёна-Халиҷ» рӯйдоди муҳим дар таърихи муосири робитаҳои машваратҳои ду минтақа арзёбӣ карда, изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои он ба тақвияти ришташои дӯстӣ ва пешбурди ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо мусоидати муассир хоҳанд кард».

АИ «Азия-Плюс» роҳандозӣ ва тақвияти муколамаи стратегӣ миёни давлатҳои Осиёи Миёна ва аъзои Шурои ҳамкории КАХФ-ро муҳим арзёбӣ намуда, дар хотимаи матлаб ёдовар шудааст, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори панҷум маросими ҳаҷҷи умраро адо кард.

Яке аз матлабҳое, ки зери рубрикаи «Сиёсат» ба нашр расонидааст, тасмими Арабистони Саудӣ барои ҳамроҳ шудан ба Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) аст. Бино ба иттилооти «Азия-Плюс» 30-юми марти соли 2023 Девони вазирони

Арабистони Саудӣ таҳти раёсати шоҳ Салмон бин Абдулазиз ас-Сауд дар бораи ба Шоҳигарӣ додани мақоми шарики муколамаи СҲШ ёддошт ба тасвиб расонд. Мақоми шарики муколама қадами аввалин дар созмон пеш аз пазируфтан ба узвияти комилҳуқуқ дар давраи миёнамуҳлат маҳсуб меёбад. Ин тасмим дар пайи эълони ширкати нефту гази «Saudi Aramco» дар бораи афзоиши сармоягузории бисёрмиллиардааш ба Чин гирифта шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки расонаи иттилоотии «Pressa.tj» низ худи ҳамон рӯз, яъне 30.03.2023 роҷеъ ба ин масъала бо сарлавҳаи «Арабистони Саудӣ узви СҲШ шуданист» дар бахши «Ҷаҳон» низ матлаб чоп кардааст. Мазмуну муҳтавои ҳар ду мавод як хел аст, фақат сарлавҳаҳо услубан фарқ мекунанд.

Маводди бахши «Ҷомеа» (23 мавод) асосан ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва ШАС дар самти фарҳангу маориф (рӯзҳои фарҳангӣ, масоили ҳаҷ, сохтмони мактабҳо …)-ро инъикос намудааст, ки матолиби «35 млн. доллар маблағи Фонди Саудии Рушд барои сохтмони мактабҳо дар Тоҷикистон» [5, 2017. – 18 май], «Фонди Саудӣ дар Тоҷикистон 66 мактаб месозад» [5, 2017. – 2 октябр], «Дар Шаҳринав аз ҷониби ФСР мактаби нав аз 36 синфхона барои 620 нафар хонанда бунёд ва ба истифода дода шуд» [5, 2023. – 6 октябр], «Бихон дар Саудия» [5, 2023. – 13 сентябр] намунае аз онҳост.

Чунон ки аз унвони матолиб бармеояд, мазмуни аксарияти матнҳоро воқеаҳое ташкил медиҳанд, ки рӯҳияи кумаку мадад ва хайру саховат доранд. Ба далели фикр, дар матни аввал, ки дар такя ба АМИТ «Ховар» таҳия шудааст, қайд гардидааст, ки «дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ маросими баимзорасии созишномаи қарзӣ миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд оид ба татбиқи лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳалаи 4» баргузор гардид. Тибқи созишнома ФСР ҷиҳати иҷрои лоиҳа дар ҳаҷми 131 250 000 риёл (баробар ба 35 млн. доллар) маблағи пулӣ ҷудо кард. Дар назар дошта шудааст, ки татбиқи лоиҳа соли 2023 ба анҷом расад. Дар матлаб номи ноҳияҳое, ки мактабҳо сохта мешавад, зикр гардидааст.

Дар маводди дуюм, дар хусуси тасдиқи созишномаи қарзӣ аз рӯйи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар кишвар

аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон иттилоъ дода шудааст. Аз ҷумла, агентӣ ёдовар шудааст, ки Созишнома нимаи моҳи май байни Фонди Саудӣ ва Тоҷикистон ба имзо расида буд.

Воқеан, аз маводди ВАО, аз ҷумла АИ «Азия-Плюс» бармеояд, ки ФСР ба Тоҷикистон дар самти бунёди мактабҳо кумаки зиёд намудааст. Дар ин агентӣ, танҳо дар соли 2023 доир ба сохтмони мактабҳо аз ҷониби Фонди мазкур (الصندوق السعودي للتنمية) 5 мавод интишор гардидааст, ки дар онҳо дар бораи сохта ва ба истифода додани мактаб дар ноҳияи Шаҳринав дар доираи 36 синфхона барои 620 нафар хонанда, таҳсили ройгон (квота) дар ШАС, таъсиси барномаи «Бихон дар Саудия» ва дигар маблағгузориҳои ФСР дар соҳаи маорифи Тоҷикистон иттилоъ дода шудааст.

Тибқи иттилои «Азия-Плюс», ки аз суханони ифтитоҳии Султон ибни Абдураҳмон ар-Муршад иқтибос шудааст: «Фонди саудии рушд бо назардошти аҳаммияти таълим тасмим гирифтааст, соҳаи маорифи Тоҷикистонро дастгирӣ кунад».

Ҳамкории ФСР бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи беш аз 20-соларо дорад. Тибқи иттилои агентӣ, мактаби Шаҳринав дар доираи лоиҳае сохта шудааст, ки марҳилаи чоруми он бунёди 34 мактабро барои истифодаи тақрибан 25 ҳазор талаба дар манотиқи гуногуни Тоҷикистон пешбинӣ кардааст. Ин мактабҳо бо маблағгузории ФСР тавассути ҷудо кардани қарзи имтиёзноки рушд ба маблағи 35 млн. доллар сохта мешаванд. Тибқи сухани муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Зиёдулло Абдуллозода ФСР чор лоиҳаи рушди соҳаи маорифро маблағгузорӣ кардааст, ки он 57 мактаби таҳсилоти умумиро дар чор марҳила ба маблағи умумии 75 млн. доллар дар бар мегирад.

Мувофиқи иттилооти агентӣ «маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳои рушд, ки ФСР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 ин ҷониб анҷом додааст, 12 қарзи имтиёзнок ба маблағи зиёда аз 193 млн. доллар барои иҷрои 12 лоиҳа ва барномаи рушд мебошад, ки он ба рушди зерсохтори соҳаҳои тандурустӣ, маориф, таъмини об, ҳамчунин дастгирии соҳаи нақлиёту коммуникатсия дар Тоҷикистон равона карда шудааст».

Дастгирии дигари ШАС дар соҳаи маорифи Тоҷикистон таҳсили ройгони шаҳрвандони тоҷик дар ин кишвар аст, ки тибқи барномаи «Бихон дар Саудия» амал мекунад. АИ «Азия-Плюс» ин иқдомро бо хушнудӣ пазируфта, дар матолиби худ афзудааст, ки «теъдоди зиёди донишгоҳҳои Саудӣ дар қатори 200 беҳтарин донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон қарор гирифтаанд. Донишгоҳҳо дорои марказҳои тадқиқотии пешрафта буда, ба донишҷӯёни хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд ва ҳоло дар ШАС намояндагони беш аз 170 давлати ҷаҳон дониш меомӯзанд».

Воқеиятҳои дигаре, ки дар «Азия-Плюс» ба таври пайваста инъикос гардидаанд, ба амали ҳаҷ ва масъалаҳои алоқаманд ба он иртибот доранд. Матлабҳои «Оғози омодагиҳо ба қабули зойирини тоҷик дар Арабистони Саудӣ» [5, 2016. – 19 август], «Фавти ду тоҷикистонӣ зимни адои маросими ҳаҷ дар Арабистони Саудӣ» [5, 2019. – 15 август], «Ҳаҷи имсола зери суол аст. Омодагӣ идома дошта, аз Арабистони Саудӣ огоҳиро интизоранд» [5, 2020. – 17 апрел], «Саудӣ ба шаҳрвандони Тоҷикистон иҷозаи Ҳаҷҷро дод» [5, 2020. – 29 октябр], «Танҳо воксиншудаҳо: Саудӣ аз шартҳои қабули зоирин ба Ҳаҷ хабар дод» [5, 2021. – 6 апрел], «Квота каму хоҳишмандон зиёд. Арабистони Саудӣ теъдоди квотаҳо барои зойирини тоҷикро муайян кард» [5, 2022. – 25 апрел], «Дар Тоҷикистон барои Ҳаҷ рафтан 5 ҳазор навбат гирифтаанд: мунтазири даъвати Арабистони Саудӣ» [5, 2022. – 11 апрел], «Сафорати Арабистони Саудӣ: «Мо дар Тоҷикистон визаи Ҳаҷ намефурӯшем, раводид ройгон аст» [5, 2022. – 14 феврал], «Ҳаҷ – 2023. Арабистони Саудӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон 7 ҳазор квота ҷудо кард» [5, 2023. – 16 январ], «Ҳаҷ. Аз 25 ҳазор квотаи ба Русия ҷудошуда шаҳрвандони Тоҷикистон истифода бурда метавонанд?» [5, 2023. – 11 январ] ва амсоли ин воқеиятҳоеро мунъакис намудаанд, ки ба масоили ҳаҷ, дастгирии Арабистони Саудӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва дигар ҳолатҳои барои анҷоми ҳаҷ сабукиоварандаро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, дар матни таҳти сарлавҳаи «Сафорати Арабистони Саудӣ: «Мо дар Тоҷикистон визаи Ҳаҷ намефурӯшем, раводид ройгон аст» зикр гардидааст, ки «Раводиди ҳаҷ ва умра барои ҳоҷиёну зоирини Маккаи мукаррама ройгон аст ва раводиди ҳаҷҷи умраро

аз сафорат ширкатҳои махсус, ки аз Кумитаи дини Тоҷикистон иҷозатнома доранд, бе ягон пардохт мегиранд» [5, 2022. – 14 феврал]. Густариши робитаҳои гуманитарии байни ду кишвар асосан дар самти барномаҳои фарҳангӣ, ташаббусҳо дар соҳаи маориф, аз ҷумла, омӯзиши забони арабӣ ва табодули донишҷӯён сурат гирифтааст. Илова бар ин, дар маводди агентӣ масъалаи ташкили мавсими ҳаҷ ва сафарҳои шаҳрвандони Тоҷикистон ба зиёрати шаҳрҳои муқаддаси Макка ва Мадина низ пайваста инъикос ёфтааст.

Чопи чунин матолиб муҳим ва саривақтӣ будааст, зеро тибқи баъзе расонаҳо гӯё дар Тоҷикистон барои сафари ҳаҷ монополия ва монеаҳои сурат мегирифтааст. АИ «Азия-Плюс» дар такя ба шарҳи Сафорати ШАС дар Тоҷикистон матолиб чоп намуда фаҳмонидааст, ки раводиди ҳаҷи умра аз Сафорат содир мешавад ва он чӣ дар хабарҳо омадааст, ҳеҷ асосе надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар рубрикаи «Ҷомеа» инъикоси кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон мавқеи намоён дорад. Аз таҳқиқи маводди вобаста ба ин мавзуъ интишорнамудаи АИ «Азия-Плюс» маълум мегардад, ки солҳои охир фонд ва марказҳои гуногуни ин кишвар, аз ҷумла Фонди Саудии Рушд ва Маркази кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон барои тарҳҳои гуногун, аз ҷумла, кумак ва дастгирии муҳтоҷон, зарардидагони офатҳои табиӣ, бунёди мактабҳо, соҳилбандиҳо дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, тақдими таҳҷизот барои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон маблағҳо ҷудо намудаанд. Ба далели фикр, ин ҷо чанд матлабро ёдовар мешавем, ки танҳо бо хондани сарлавҳаи онҳо аз амалҳои хайр ва ёриҳои башардӯстонаи Арабистони Саудӣ дарак меёбем. Аз ҷумла, «Кумаки техникии Арабистони Саудӣ ба мақомоти Тоҷикистон» [5, 2018. – 28 декабр], «Сафири Саудӣ ба хонандагони литсейи махсуси Душанбе сару либосу ҳадяҳо тақдим кард» [5, 2022. – 1 феврал], «Арабистони Саудӣ ба беш аз 9 ҳазор хонаводаи ниёзманди Тоҷикистон кумак мерасонад» [5, 2022. – 17 феврал], «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?» [5, 2022. – 31 март], «Арабистони Саудӣ ба осебдидагони ВМКБ 1,5 млн доллар кумак мефиристад» [5, 2023. – 23 феврал]. Чунонки, аз шакли сарлавҳаҳо бармеояд,

ҳаҷми маблағҳои ба сифати ёрӣ ҷудошуда бо факту рақам нишон дода шудааст. Бинобар ин, ин ҷо ба ҳукми муште аз хилвор баъзе порчаҳои матнҳоро, ки хусусияти ташреҳӣ доранд, иқтибос мекунем. Чунончи бо хондани сарлавҳаи матни «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?, мо дар бораи теъдоди ятимон ва маблағи ҳар моҳ ба онҳо медодашуда иттилоъ мегирем, аммо барои посух гирифтан ба қисми дуюми сарлавҳа – «ин пулро кӣ мегирад?» лозим меояд, ки матнро хонем. Ин савол дар матн чунин шарҳ ёфтааст: «Ин дастгириҳо тавассути Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон расонида мешаванд ва тарҳро дар Тоҷикистон Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон амалӣ месозад» [5, 2022. – 31 март].

Тибқи иттилои агентӣ сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон дар маросими имзои ин созишнома гуфтааст, ки лоиҳаи нав марҳилаи дуюми тарҳ буда, аз ин пештар ба 500 ятим ҳар моҳ 100 доллари амрикоӣ расонидани ёриҳоро оғоз кардаанд ва кунун бо илова шудани 600 ятими дигар, шумораи умумии гирандагони ин ёриҳо ба 1100 ятим расид. Сафир дар посух ба нигарониҳо дар робита ба тақсими шаффофу одилонаи ёриҳо гуфтааст, ки «Маркази имдоди Шоҳ Салмон таҷрибаи калони расонидани ёриҳоро дар сар то сари ҷаҳон дорад ва мо аз наздик пайгирӣ мекунем, ки ин кумакҳо дар воқеъ ба онҳое бирасад, ки фақиртаринанд ва ба ин ниёз доранд» [5, 2022. – 31 март].

Дабири кулли Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон – Баҳодур Қурбониён дар навбати худ изҳор доштааст, ки пулҳоро ба кӯдакони ятим тавассути кушодани корти бонкӣ ба онҳо мерасонанд. Ба гуфтаи ӯ онҳо ятимонеро, ки ин ёриҳоро мегиранд дар асоси пешниҳоди ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки аз ҷониби комиссияҳои босалоҳият баргузида шудаанд, интихоб мекунанд ва баъдан рӯйхати пешниҳодии ҳукуматҳои маҳаллиро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дигарбора месанҷанд.

Мавзуи дигаре, ки вобаста ба таҳқиқоти мо дар АИ «Азия-Плюс» инъикос гардидааст, воқеиятҳои фарҳангӣ мебошад. Аз ҷумлаи воқеиятҳои муҳимми фарҳангӣ метавон маросими расмии ифтитоҳ ва баргузории Рӯзҳои фарҳанги

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айниро ном бурд, ки соли 2018 баргузор шудааст. Мувофиқи иттилооти АИ «Азия Плюс» дар ифтитоҳи ин чорабинӣ ба сокинон ва меҳмонони пойтахт барномаи ҷолиби фарҳангӣ пешкаш гардида, намоишгоҳи ҳунарҳои мардумии ин кишвар, сарулибоси миллӣ, асарҳои рассомон ва таомҳои миллии арабӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст.

АИ «Азия Плюс» дар бахши «Ҷомеа» на танҳо воқеоти кишвари ШАС, балки ба рӯйдодҳои дохили Тоҷикистон, ки ба ҳамкориҳои кишварҳо иртибот доранд, низ таваҷҷуҳ намудааст. Намунаи ҷолиби чунин мавод амалу рафтори хайрхоҳона ва инсондӯстонаи сокини ноҳияи Айнӣ Асадулло Садриддинов аст, ки сафири Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон ва ҳамроҳони ӯро ҳангоми бозгашт аз ноҳияи Мастчоҳ, барои ифтор ба хонаашон даъват карда будааст. Чунин муносибати ин ҷавонмард сафир ва ҳамроҳонашро ба ҳайрат гузоштааст, ки баъдан барои ӯ ва оилааш раводиди ҳаҷи умра тақдим кардааст. Агентӣ дар таърихи 7-уми апрели 2023 навиштааст, ки «ҷавон Асадулло Садриддинов (сокини ноҳияи Айнӣ) сафир ва ҳамроҳони ӯро, ки баъди тақсими кумакҳо аз манотиқи аз заминларза зарардида (ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ) бармегаштанд, ба хонаи худ барои ифтор даъват кардааст. Тибқи иттилои манбаъ «Меҳмоннавозии ин ҷавон онҷунон ба меҳмонон аз Арабистони Саудӣ хуш омад, ки сафири Арабистони Саудӣ иброз дошт, ки омодааст барои рафтани ӯ ба ҳаҷи умра мусоидат кунад» [5, 2023. – 07 апрел]. Раҳбари маркази кумакҳои хайриявии шоҳ Салмон омодагии худро барои пардохти харҷи сафари ҳаҷи умраи Асадулло ва ҳамсараш баён доштааст.

Агар дар ин матлаб рафтору амали як нафар ҷавони тоҷик аз ҷониби Сафири ШАС таҳсин шуда бошад, дар матлаби «Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ: «Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати қатъӣ аст», сафорат таъкид намудааст, ки ҳукми содиршуда нисбати шаҳрванди Тоҷикистон мустақилии мақомоти судии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии давлатиро инъикос менамояд, бо вуҷуди он дар иттилоия номи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба гунае ёдовар гардидаст, ки ифодагари ҳақиқати ҳол дар Шоҳигарӣ намебошад.

Барои тасдиқи суханони худ сафорат ёдовар шудааст, ки дар қаламрави Шоҳигарӣ 13,4 млн. шаҳрвандони хориҷӣ кору фаъолият намуда, муҳоҷирони меҳнатӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва парасторӣ бархӯрдор мебошанд ва Ҳукумати Арабистони Саудӣ ҷиҳати кафолати ҳуқуқи онҳо ба Кодекси меҳнатӣ тағйироту иловаҳо ворид кардааст. Ширкатҳои дахлдор оид ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ дар Шоҳигарӣ танҳо тибқи иҷозатномаи расмӣ фаъолият карда, кафолати тамоми ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати қатъӣ гирифта шудааст. Теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ба ШАС сол ба сол афзуда, моҳона ба кишварҳояшон 3 млрд. доллар ва солона 36 млрд. доллар-ро интиқол медиҳанд.

Дар бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия Плюс», ки баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудиро фаро мегирад, 27 мавод мушоҳида шуд. Аз ҷумла, «Форуми муштараки сармоягузорӣ ва соҳибкорони ШАС ва вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд» [5, 2018. – 10 май], «Фонди ОПЕК барои беҳбуди идоракунии захираҳои обии Хатлон 10 млн. евро ҷудо мекунад» [5, 2019. – 19 сентябр], «Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон 25 тонна хурмо ҳадя кард» [5, 2022. – 16 май], «Зардолуи Ашт ба Эрону Дубай ва Арабистони Саудӣ фурӯхта мешавад» [5, 2023. – 8 июн], «Фонди саудии рушд ба Тоҷикистон 20 млн. доллар қарз медиҳад» ва «Арабистони Саудӣ барои идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» 100 млн. доллар медиҳад» [5, 2023. – 26 декабр] ва амсоли инҳо.

Барои мухтасар намудани баррасиҳо ду маводди охирро, ки ҳар ду ҳам сармоягузории ШАС дар иқтисоди Тоҷикистонро фаро гирифтааст, таҳлил мекунем.

Дар маводди якум омадааст, ки Тоҷикистон аз Фонди Саудии Рушд барои сохтмону муҷаҳҳазгардонии қариб 20 мактаб дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ 75 млн. риёли саудӣ ё 20 млн. доллари америкоӣ «бо шартҳои имтиёзии баланд» қарз мегирад. Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФСР-ро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри 2023 имзо кард ва 22-юми декабр парлумони Тоҷикистон

ба тасвиб расонд. АИ «Азия-Плюс» дар такя ба нашрияи расмии парлумони Тоҷикистон «Садои мардум» бо истинод ба суханони вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода хабар додааст, ки қарз «бо шартҳои имтиёзии баланд», яъне ба муддати 25 сол бо 1,5 фоизи солонаи хидматрасонӣ гирифта мешавад ва ҳадафи лоиҳа «сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии 19 мактаб, 2 бинои маъмурии соҳаи маориф дар 18 шаҳру ноҳияи вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад». Бино ба маълумоти агентӣ «лоиҳа аз 3 қисм иборат буда, аз соли 2024 оғоз ва то соли 2028 бояд амалӣ шавад.

Маводди дуюм дар такя ба дафтари матбуоти Вазорати молияи кишвар таҳия шуда, аз имзои расидани созишномаи қарзӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд иттилоъ медиҳад, ки дар он маблағгузорӣ ба идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» аз ҷониби ин фонд пешбинӣ шудааст. Созишнома аз ҷониби вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва раиси ФСР Султон Абдураҳмон ал-Маршад ба имзо расид. Ба қавли вазорат «Ҳадафи асосии созишнома иштирок дар маблағгузории сохтмони иншооти НБО-и ««Роғун»» ҷиҳати таъмини неруи барқи барқароршаванда барои афзоиши истеҳсол ва пешбурди «иқтисоди сабз» дар Тоҷикистон мебошад». Мувофиқи қарордод ФСР барои идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» дар ҳаҷми 100 млн. доллар қарз медиҳад. Дар мавод роҷеъ ба шартҳои додани қарз, аз ҷумла, меъёри фоизӣ, муҳлати пардохти қарз маълумот дода намешавад.

Воқеаи дигари фараҳбахше, ки АИ «Азия-Плюс» дар бораи он иттилоъ додааст, таъсиси корхонаи муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ аст. Агентӣ бо истинод ба шуъбаи матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ хабар додааст, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаи рушд қарор дошта бошанд ҳам, ҷиҳати тақвияти онҳо манфиати мутақобила, хоҳиши тарафайн ва иқтидори бузург мавҷуд аст. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар рӯзҳои наздик Созишнома ва Ёддошти тафоҳум байни Вазоратҳои кишоварзии давлатҳо доир ба ҳамкориҳо барои ташкил намудани корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили корхонаҳои истеҳсоли шарбати мева ва

хушконидани мева, ҷалби сармояи бахши хусусии Саудӣ ҷиҳати ташкил намудани гармхонаҳо, анбор ва сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот ва тақвият додани ҳамкориҳо дар соҳаи асалпарварӣ бо мақсади содироти минбаъда ба ШАС ё ба давлати сеюм ба имзо расонанд.

Умуман, аз таҳлили маводди бахши «иқтисод»-и АИ «Азия-Плюс» метавон ба чунин хулоса расид, ки дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ШАС ва Тоҷикистон, кишвари аввал бештар мақоми сармоягузорро дорад.

Таҳти бахши «Ҷаҳон» 17 мавод ба мушоҳида расид, ки аз рӯйдоду ҳаводиси муҳимми сиёсиву иҷтимоии ШАС иттилоъ медиҳад. Аксарияти матолиб дар такя ба сомона ва шабакаҳои хориҷӣ, хосса арабӣ таҳия гардида, дар шарҳу тавзеҳи воқеаҳо АИ «Азия-Плюс» саҳм гирифтааст. Масалан, хабари «Дар Арабистони Саудӣ ҳукми қатли шоҳзода ба иҷро расид» [5, 2016. – 19 октябр] дар такя ба ахбори шабакаи телевизионии моҳворагии «Ал-Арабия» навишта шуда, дар бораи эълон кардани ҳукми қатл нисбати намояндаи оилаи шоҳигарӣ – шоҳзода Турки бин Сауд ал-Кабир, ки дар таърихи ШАС нахустин бор будааст, иттилоъ медиҳад. Ба ин монанд, АИ «Азия-Плюс» дар истинод ба сомонаи «Бахши хабарии Осиёи Миёна» дар бораи «боздошти беш аз 200 нафар ба гумони фасодкорӣ дар ШАС» [5, 2017. – 10 ноябр] хабар додааст. Тибқи иттилои додситони кулли Арабистони Саудӣ, ки дар ин хабар омадааст «нақшаҳои коррупсионӣ тайи чанд даҳсолаи ахир ба ин кишвар беш аз 100 миллиард доллари амрикоӣ хисорот расондааст. Дар шоҳигарӣ дороии беш аз 1,5 ҳазор ҳисоби бонкӣ ҳабс шуда, тафтишот то ба хориҷ аз кишвар расидааст. Агентӣ зикр кардааст, ки 5-уми ноябр 11 шоҳзода, 4 вазир ва даҳҳо вазири пешинро боздошт карданд. Парвандаи онҳоро Кумитаи мубориза бо фасоди ин кишвар тафтиш дорад, ки чанде қабл аз ҷониби валиаҳд Муҳаммад ибни Салмон таъсис дода шуд.

АИ «Азия-Плюс» дар такя ба иттилои сомонаи мазкур ва бо истинод ба нашрияи «ArabNews» мавод интишор намудааст, ки дар он дар хусуси аз ҷониби мақомоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ додани раводид (виза) ба «занҳои аз 25-сола боло, ки бидуни роҳбаладии мардҳо ба ин кишвар меоянд» [5, 2018. – 12

январ] ва шарту шароити гирифтани виза шарҳ дода шудааст. Ин воқеа аз он ҷиҳат муҳим аст, ки қаблан занҳои ҷавон ҳақ надоштаанд бе роҳбаладии шавҳар ё бародар ба Арабистони Саудӣ сафар кунанд.

Ҳамин тавр, дар маводди бахши «Ҷаҳон»-и АИ «Азия-Плюс» воқеаҳои муҳимми ШАС амсоли «Ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ доир ба васеъ шудани ҳуқуқҳои занони Арабистони Саудӣ» [5, 2019. – 21 август] дар такя ба расонаи «Сауди Газет» (Saudi Gazette), қазияи «куштори Ҷамол Хошуққӣ – рӯзноманигори мунаққиди сиёсати ҳукумати саудӣ» [5, 2018. – 20 ноябр] бо истинод ба АИ «Рейтерз», масъулияташро дар қатли рӯзноманигор Ҷамол Хошуққӣ дар шаҳри Истамбули Туркия эътироф кардани Муҳаммад бин Салмон – валиаҳди Арабистони Саудӣ [5, 2019. – 27 сентябр], «Пас аз ҳафт сол дубора боз шудани Сафорати Эрон дар Арабистони Саудӣ» [5, 2023. – 7 июн], «Эълони таъсиси Созмони умумиҷаҳонии об дар шаҳри Ар-Риёз» [5, 2023. – 8 сентябр] ва ғайра мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Ин воқеиятҳо ҳарчанд дар дохили ШАС рух додаанд, аммо аз нигоҳи арзиш ва дараҷа аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд. Чунончи, дар маводди охир иттилоъ дода шудааст, ки «Шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз оли Сауд – Валиаҳди Арабистони Саудӣ таъсиси Созмони умумиҷаҳонии обро дар шаҳри Ар-Риёз эълон кард, ки ҳадаф аз он таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли ҳамаҷонибаи чолишҳои об тавассути табодули таҷриба ва навовариҳои технологӣ, тадқиқот ва мусоидат ба маблағгузории бунёди тарҳҳои сифатан баланд ҷиҳати таъмини устувории захираҳои об ва дастрасии умум ба он мебошад». Мувофиқи иттилооти агентӣ то ҳол зиёда аз 6 млрд. доллар барои кишварҳои 4 қитъаи ҷаҳон ҷиҳати иҷрои тарҳҳои обу корезӣ ҷудо карда шудааст [5, 2023. – 8 сентябр]. Ин воқеа дар ҳақиқат аҳаммияти байналмилалӣ дорад ва муҳиммияти ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон нисбат ба обро тақвият мебахшад. Бинобар ин дар ин бахш чоп намудани чунин матолиб тақозои фазои иттилооти ҷаҳони муосир аст.

Дар бахши «Тоҷикистон» низ доир ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ШАС маводди зиёд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, «Талаби аз Қатар ба ҷойи дигар

гузаронидани Ҷоми ҷаҳонии футбол-2022» [5, 2017. – 17 июл], «Ташрифи вазири корҳои хориҷии Подшоҳии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон» [5, 2022. – 3 декабр], «Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ» [5, 2023. – 20 апрел], «Ҳаҷҷи бидуни иҷоза: Арабистони Саудӣ беш аз 17 ҳазор нафарро ҳабс кардааст» [5, 2023. – 3 июл], «Раисиҷумҳури Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ рафт» [5, 2023. – 18 июл], «Арабистони Саудӣ барои бунёди НБО «Роғун» қариб 100 млн доллар қарз медиҳад» [5, 2023. – 2 ноябр], «Таҷлили рӯзи истиқлоли Арабистони Саудӣ дар Душанбе« [5, 2024. – 24 сентябр], «Кӯмаки башардӯстонаи Маркази имдоди Арабистони Саудӣ ва шоҳ Салмон ба мардуми Тоҷикистон« [5, 2024. – 19 март], «Дар Душанбе рӯзи таъсисёбии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ таҷлил гардид« [5, 2024. – 23 феврал] ва ғайра. Тавре аз унвони маводҳо бармеояд, дар чунин матолиб аз ҳамкориҳои Тоҷикистону ШАС дар самтҳои гидроэнергетика – ёрӣ ба бунёди НБО ««Роғун»», рушди имкониятҳои сайёҳӣ ва амсоли ин иттилоъ дода шудааст.

Дар бахши «Қонун ва тартибот» се мавод ба мушоҳида расид, ки дар онҳо ҳолатҳои фиреб хӯрдану ба ғуломӣ гирифтор шудани шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои араб, аз ҷумла дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар бахши «Ҳаводис» ҳамагӣ як мавод таҳти унвони «Марги мармуз: Арабистони Саудӣ ба ташхиси ҷасадҳои оилаи Додохоновҳо розигӣ мехоҳад» [5, 2018. – 9 март] ба мушоҳида расид, ки оид ба марги соҳибкори ҷавони тоҷик Бахтиёр Додохонов ва ҳамсару ду фарзанди худсолаш дар яке аз меҳмонхонаҳои шаҳри Мадинаи Арабистони Саудӣ иттилоъ дода шудааст.

Мутолиаи бахши «Ҳокимият» моро ба чунин мавод ошно намуд: «Арабистони Саудӣ ба сохтмони маҷмааи парлумонии Тоҷикистон маблағ медиҳад» [5, 2016. – 26 май], «Ташрифи раиси парлумони Арабистони Саудӣ ба Душанбе» [5, 2016. – 24 май], «Директори «Ховар» сафир дар Арабистони Саудӣ таъин шуд» [5, 2016. – 29 март], «Тоҷикистон ба эътилофи исломӣ таҳти раҳбарии Арабистони Саудӣ пайвастанист» [5, 2015. – 21 декабр], «Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи муносибату ҳамкориҳои мутақобилан судманд

бо Арабистони Саудӣ изҳори омодагӣ кард» [5, 2009. – 20 май]. Азбаски баъзе аз ин мавод дар бахшҳои дигар баррасӣ шуд, такрори таҳлилро ин ҷо зарур намедонем. Танҳо ҳамин нуқтаро зикр намуданием, ки ҳангоми инъикоси чунин мавзуъҳо агар, аз як тараф, огоҳ намудани ҷомеаи Тоҷикистон аз раванди ҳамкориҳои ду кишвар дар мадди назар бошад, аз ҷониби дигар, саҳми муайян гузоштан ба таҳкими муносибатҳои гуногунсамти Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба ҳисоб меравад

Ҳамин тавр, агентии иттилоотии «Азия-Плюс» воқеаву рӯйдод ва ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии марбут ба муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону ШАС-ро ба таври нисбатан васеъ ва пурра инъикос намуда, ба ин васила, аз як тараф хонандаи тоҷикро аз моҳияти ҳамкорӣ ва раванди тадбиру чорабиниҳои судманд огоҳ намудааст, аз ҷониби дигар, дар оммавӣ гардонидан ва тақвият бахшидани робитаҳои гуногунсамти ин ду кишвар саҳм гузоштааст. Гуфтан мумкин аст, ки саҳми агентии иттилоотии «Asia-Plus» дар инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ниҳоят муҳим аст. Матолиби агентӣ дар баланд гардидани сатҳи огоҳии ҷомеа доир ба ҳамкории ду кишвар, ҳамзамон, таҳлили равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни онҳо ҳамчун манбаи муҳимми иттилоотӣ аҳаммиятнок аст.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки АИ «Азия-Плюс» бештар ба иҷрои вазифаи иттилоърасонӣ ва ташаккули образи мусбати ҳамкориҳои байналмилалӣ мутаваҷҷеҳ шуда, дар ин замина нақши муҳим дар шаклгирии дискурси ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ мебозад.

Б) Инъикоси воқеоти марбут ба Давлати Қатар дар сомонаи «Азия-Плюс». Мувофиқи омӯзиши ҳаводиси марбут ба Давлати Қатар дар агентии иттилоотии «Азия-Плюс» номи ин давлат тули солҳои 2014-2024 434 маротиба зикр шудааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки дар ин агентӣ Қатар ҳамчун яке аз кишварҳои нисбатан фаъоли минтақаи Халиҷи Форс буда, мавқеи намоён дорад. Агентӣ ба ин кишвари араб бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки тавсеаи робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар; доир гардидани чорабиниҳои бузурги варзишӣ, аз ҷумла, Чемпионати

ҷаҳон оид ба футбол-2022 (World Cup 2022) ва Чемпионати Осиё оид ба футбол-2023 (AFC Asian Cup 2023); дар масъалаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, дар музокироти марбут ба муноқишаҳои Шарқи Наздик нақши миёнарав доштани Қатар намунае аз мавзуъҳои маводди ин агентӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар баробари ин, АИ «Азия-Плюс» ба раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар ва воқеаву рӯйдодҳои давлати Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [Ҷадвали №2], ки натиҷаи таҳқиқро ба тариқи зайл пешниҳод менамоем:

Ҷадвали №2

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсат	7	4	1	7	5	7	7	9	1	7	3	58	**13,3 %**
Ҷомеа	2	3	-	4	7	12	10	10	5	8	12	73	**16,8 %**
Тоҷикис-тон	-	-	-	1	-	1	3	3	4	4	5	21	**4,8 %**
Ҷаҳон	-	1	2	3	-	3	2	17	16	16	11	71	**16,3%**
Иқтисод	8	1	2	3	4	2	2	-	-	3	4	29	**6,6 %**
Ҳокимият	-	2	-	2	-	1	-	-	-	1	3	9	**2 %**
Амният	3	8	2	-	1	1	-	2	-	1	-	18	**4,1 %**
Варзиш	-	12	15	7	1	18	6	4	18	32	33	146	**33,6 %**
Қонун ва тартибот	-	-	-	-	-	2	-	-	-	3	-	5	**1,1 %**

Осиёи Марказӣ	-	-	-	-	-	-	-	1	-	1	2	4	**0,9 %**
Ҳамагӣ:	**20**	**31**	**22**	**27**	**18**	**47**	**30**	**46**	**44**	**76**	**73**	**434**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маълумоти ҷадвал баёнгари он аст, АИ «Азия-Плюс» на танҳо ба воқеаҳои сиёсии Қатар, балки ба рӯйдодҳои варзишӣ ва фарҳангӣ низ таваҷҷуҳ намудааст.

Маводди рубрикаи «Сиёсат»-ро асосан сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар [5, 2017. – 20 май; 2024. – 21 январ], эъломи Миср, Баҳрайн ва АМА дар бораи қатъ намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Қатар [5, 2017. – 23 июн], сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои 140-уми Ассамблеяи Иттиҳоди Байнипарламентӣ ба давлати Қатар [5, 2019. – 4 апрел], изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро роҷеъ ба қатъи муҳосираи дипломатии Қатар аз ҷониби кишварҳои Халиҷи Форс ва Миср [5, 2021. – 8 январ], сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [5, 2023. – 8 июн] ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

Аксарияти воқеаҳои сиёсие, ки дар «Азия-Плюс» инъикос гардидаанд, ба сафари сарварони кишварҳо иртибот доранд. Масалан, дар бораи сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар чунин матолибро интишор намудааст: «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» [5, 2017. – 6 феврал], «Миёни Тоҷикистону Қатар 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид» [5, 2024. – 22 январ], «Эмомалӣ Раҳмон дар Қатар бо футболбозони тоҷик мулоқот кард. Ӯ боз бо кӣ вохӯрд ва чӣ гуфт?» [5, 2024. – 22 январ], «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» [5, 2024. – 23 январ]. Ин ва амсоли ин ағлаб хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо воқеаҳои дар раванди сафари кории Президенти Тоҷикистон ба Давлати Қатар инъикос гардидааст.

Ҳамин тавр, доир ба сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон се мавод таҳти сарлавҳаҳои «Амири

Қатар вориди Душанбе шуд», «Калонтарин масҷиди Тоҷикистон ифтитоҳ шуд» ва «Эмомалӣ Раҳмон ба амири Қатар қароргоҳи беруназшаҳрии Такобро нишон дод» [5, 2023. – 8 июн] ба табъ расидааст. Дар ин матолиб пешвози меҳмони олиқадр – Амири давлати Қатар, мулоқоти ӯ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ифтитоҳи бузургтарин масҷиди Тоҷикистон, қабули санадҳои нави ҳамкорӣ ва амсоли ин мунъакис гардидааст.

Дар байни маводди рубрикаи «Сиёсат» ба матнҳое низ дучор мешавем, ки муносибати дипломатии Давлати Қатарро бо кишварҳои дигар ифода кардаанд. Чунончи, дар матлаби «Аз Қатар қатъи равобити дипломатӣ бо Эрон тақозо шуд» талаби КАХФ барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз Қатар ҷиҳати қатъ намудани муносибатҳои дипломатии он бо Эрон, хотима бахшидан ба пойгоҳи низомии Туркия ва фаъолияти шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира» маънидод шудааст. Ҳамчунин, кишварҳои араб аз Давҳа талаб кардаанд, ки ҳамаи шахсоне, ки онҳо ба иттиҳоми терроризм ҷустуҷӯ доранд, истирдод шаванд. Ғайр аз ин, Қатар бояд ҷубронпулӣ пардохт намояд, ки ҳаҷми он зикр нашудааст. Барои иҷрои ҳамаи талабҳо 10 рӯз муҳлат дода шудааст.

Вазорати корҳои хориҷии Қатар аз қарори КАХФ изҳори таассуф карда, гуфтааст, баҳонаҳои чунин амали онҳо «сохта ва беасос буда, ҳадафи аслӣ ба итоати худ даровардани Давҳа аст» [5, 2017. – 23 июн].

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз сабабҳои бештар мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и тоҷик, аз ҷумла агентии «Азия-Плюс» қарор гирифтани Қатар, ин сармоягузорӣ намудани он дар сохтмони бузургтарин масҷиди Осиёи Миёна дар шаҳри Душанбе аст. Маводди ин мавзуъ бештар таҳти рубрикаи «Ҷомеа» ба нашр расидааст. АИ «Азия-Плюс» дар маҷмуъ аз соли 2009 то ифтитоҳи расмии масҷиди калонтарини ҷомеи минтақа дар такя ба сарчашмаҳои гуногун 18 (ҳаждаҳ) мавод ба нашр расонидааст, ки аз таваҷҷуҳи махсуси он шаҳодат медиҳад.

Ҷойи ёдоварӣ аст, ки 5-уми октябри соли 2009 дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби ҳанафӣ – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва олимону

сиёсатмадорони воломақоми кишварҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд. 5-уми октябри соли 2011 корҳои сохтмонии масҷиди ҷомеъ оғоз гардид, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита ширкат варзид.

Аммо ифтитоҳи он нисбатан тул кашид ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ овозаҳо пайдо шуданд, ки гӯё сохтмони масҷид тибқи лоиҳа сурат нагирифтааст ва ба ҳамин далел ҷониби Қатар то замоне, ки он тибқи лоиҳа нашавад, дар маросими кушодашавияш ширкат намекунад. АИ «Азия-Плюс» ин қазияро пайгирӣ намуда, аввал роҷеъ ба қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи тасдиқи санади комиссияи давлатӣ оид ба мавриди истифода қабул гардидани Масҷиди марказии ҷомеи Душанбе хабар нашр карда [5, 2020. – 27 май], арзиши умумии лоиҳа ва чӣ гуна тақсим шудани онро шарҳ додааст. Баъдан дар такя ба нишасти хабарии раиси Кумитаи дини назди ҳукумати Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода таҳти сарлавҳаи «Раиси Кумитаи дин: Сабаби боз нашудани масҷиди нав коронавирус аст, сару садоҳои дигар беасосанд» [5, 2021. – 19 феврал] маводди таҳлилӣ интишор намуда, дар заминаи гуфтаҳои С. Давлатзода беасос будани овозаҳоро собит сохтааст. Тибқи иттилои Сулаймон Давлатзода далели ба таъхир афтодани масҷид хуруҷи вируси «Ковид-19» дар соли гузашта будааст, ки ҳоло ҳам ба далели ин вирус маълум нест ин масҷид кай кушода мешавад. Ниҳоятан, агентӣ дар такя ба Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон таҳти унвони «Расман: калонтарин масҷиди Тоҷикистон ифтитоҳ шуд» ба ин мавзуъ хотима гузоштааст. Агентӣ афзудааст, ки баъди шиносоӣ саронии давлатҳо барои таҳияи масҷид ду ракаат намоз хонда, ба сифати корҳои анҷомдодашуда, ки бо риояи суннатҳо ва нозукиҳои меъмории миллӣ иҷро шуда, таҷассумгари омезиши моҳиронаи арзишҳои миллӣ ва суннатҳои динӣ мебошанд, баҳои баланд доданд. Эмомалӣ Раҳмон ба Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ барои саҳмгузорӣ дар бунёди ин шоҳкорӣ изҳори сипос намуда, татбиқи лоиҳаро намунаи олии ҳамкории ду давлат арзёбӣ кардааст. «Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри

Душанбе ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит гузошта шавад» [5, 2023. – 8 июн].

Дар ин мавод ҳамчунин, ҳудуди масҷид (12 гектар), бинои масҷид (3 гектар), даромадгоҳҳои калон (3), имконияти ғунҷоиши намозгузорон дар як вақт (133 ҳазор), аз ҷумла дар дохили масҷид (43 ҳазор), қолинпӯш шудан бо қолини истеҳсоли ватанӣ (14000 метри мураббаъ) ва амсоли ин зикр ва шарҳ дода шудааст. Мавриди таъкид аст, ки бунёду ба истифода додани Масҷиди марказии Душанбе ҳамчун намунаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва динии Тоҷикистон бо Қатар дониста шудааст.

Мавзуи дигаре, ки АИ «Азия-Плюс» дар бахши «Ҷомеа» мавриди инъикос қарор додааст, омодагии Қатар ҷиҳати қабули муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба ин кишвар мебошад. Дар инъикоси ин мавзуъ доир ба воқеиятҳои имзои созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи танзими қувваи корӣ байни Вазири вақтинаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Сумангул Тағойзода ва Вазири рушди идорӣ, шуғл ва умури иҷтимоии Қатар Юсуф бин Муҳаммад ал – Усмон Фахру дар шаҳри Давҳа, ҷалби муҳоҷирони кории тоҷик ба Қатар ва шароитҳои кору зиндагии онҳо дар такя ба нишасти хабарии вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон [5, 2019. – 25 июл], бо ҷойи корӣ таъмин кардани муҳоҷирони тоҷик, таъсиси гурӯҳи кории байнисоҳавӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба Қатар, имкони танзими даврaҳои омӯзиши муҳоҷирони меҳнатӣ ва ихтисосҳои мавриди ниёзи бозори меҳнати Қатар [5, 2019. – 24 сентябр] сабабҳои то ба ҳол иҷро нашудани Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ ба Қатар [5, 2021. – 29 июл] маълумот дода шудааст.

Як хусусияти чунин матолиб он аст, ки гуфтаи шахсони масъул ҳамчун факт иқтибос шудааст. Чунончи, Вазири вақтинаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Ширин Амонзода дар нишасти матбуотӣ дар мавриди сабабҳои то ба ҳол иҷро нашудани Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ ба Қатар (савол: Чаро тоҷикон то ҳол барои кор ба Қатар намераванд?) чунин гуфтааст:

«Воқеан, созишнома ба имзо расонида шудааст, аммо баъзе пешниҳоди кишвари Қатар дар масъалаи кор ба талабот ҷавобгӯ нест. Масалан, маоше ки ҷониби Қатар ба муҳоҷирони мо пешниҳод мекунад, кам аст. Надонистани забони давлатии корфармо – Қатар ҳам мушкилии дигарест, ки пеши роҳи сафари муҳоҷирони тоҷикро ба ин кишвар мебандад» [5, 2021. – 29 июл].

Муттаассифона, созишномаи мазкур баъди расмиёти дохилидавлатии тарафҳо мавриди амал қарор гирифтааст, аммо то ҳол бо гузашти солҳо он ба таври зарурӣ амалӣ нагардид. Воқеан, иқтисоди кишварҳои араби Халиҷи Форс ба неруи кории хориҷӣ ниёз дорад, аммо то ба ҳол тамоми талошҳо барои роҳандозии муҳоҷирати оммавии корӣ ба кишварҳои Халиҷи Форс на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар минтақаи Осиёи Миёна натиҷаи дуруст надоданд. Сабаби ин пеш аз ҳама, рақобати қувваҳои кории арзон аз Осиёи Ҷанубӣ (Бангладеш, Малайзия, Филиппин) ва мушкилоти дигар надонистани забон аст.

Сарфи назар аз ин, масоили ҷалби сармояи Қатар ба иқтисоди Тоҷикистон, фаъолияти ширкатҳои ин давлат ва имконияти сафарбарии муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлати Қатар метавон хулоса кард, ки дар маводди «Азия-Плюс» Қатар ҳамчун шарики эҳтимолии сармоягузорӣ муаррифӣ гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки зери рубрикаи «Ҷомеа» мунъакис гардидааст, равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар аст. Чунончи, бори аввал баргузор шудани рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар [5, 2018. – 19 ноябр] ва рӯзҳои фарҳанги Қатар дар Тоҷикистон [5, 2024. – 15 октябр], ба ҷоизаи Амири Қатар (ҷоизаи Шайх Ҳамад) сазовори мақоми аввал дониста шудани Сарходими маркази «Синошиносӣ»-и Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидраҳмон Сулаймонӣ дар номинатсияи беҳтарин фаъолият дар соҳаи тарҷумонӣ ва фарҳангнигорӣ барои таълифи «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» [5, 2018. – 14 декабр], симои намоиши мӯди маҷмуаи нахустини тарроҳи либос аз Арабистони Саудӣ – Нури Сулаймон шудани фотомодели тоҷик Карина Комил [5, 2020. – 21 декабр] ва амсоли ин. Чи тавре дар фасли аввали ин боб огоҳ шудем, ин матолиб дар АМИТ «Ховар» низ ба нашр расидааст. Матнҳо ҳарчанд аз нигоҳи сарлавҳа ва шакл аз ҳамдигар фарқ

мекунанд, аммо мазмунан ба ҳам наздиканд. Бинобар ин ҳарчи дар фасли аввал гуфта шуд, ба ин мутун низ метавон нисбат дод.

Дар муқоиса ба бахшҳои дигар, бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия-Плюс» ғанитар аст, зеро дар он доир ба ҷараёни ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба маводди зиёд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, «Таваҷҷуҳи Қатар ба асалу меваи Тоҷикистон» [5, 2014. – 23 январ], «Боздиди сафири Қатар аз Палатаи савдо ва саноати ҶТ» [5, 2014. – 14 феврал], «Диёри Душанбе ба сокинони пойтахт ҳаёти бошукӯҳ пешкаш мекунад» [5, 2014. – 18 июн], «Пешниҳоди дар Тоҷикистон ифтитоҳ шудани намояндагиҳои ниҳодҳои молии Қатар» [5, 2015. – 3 ноябр], «Qatar Airways аз Тоҷикистон коргар меҷӯяд» [5, 2016. – 29 март], «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» [5, 2017. – 21 декабр; 2024. – 23 январ], «Пешниҳоди бунёди неругоҳҳои барқи обӣ ба сармоягузорони Қатар» [5, 2017. – 8 феврал], «Алоқамандии соҳибкорони Қатар ба рушди ҳамкориҳо бо Тоҷикистон» [5, 2017. – 6 декабр], «Qatari Diar дар дигар лоиҳаҳо дар Тоҷикистон саҳм гузоштанист» [5, 2018. – 7 ноябр], «Эмомалӣ Раҳмон дар Қатар бо футболбозони тоҷик мулоқот кард. Ӯ боз бо кӣ вохӯрд ва чӣ гуфт? [5, 2020. – 22 январ] (23-юми январ 2024)», «Кор дар Қатар. Музди кор чанд аст ва барои сафар ба куҷо муроҷиат бояд кард?» [5, 2024. – 24 декабр] ва ғайра.

Ағлаби ин мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, аз воқеиятҳое мужда медиҳанд, ки ба робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Қатар иртибот доранд.

Маводди бахши «Ҷаҳон» нисбатан камтар буда, дар онҳо парвози 16-соатаи бидуни таваққуфи ҳавопаймои Qatar Airways» [5, 2017. – 6 феврал], фурӯши ҳавопаймоҳои қиркунандаи F-15-и ИМА ба Қатар ба маблағи 12 млрд. доллар» [5, 2017. – 16 июн], дар таърихи Қатар бори нахуст баргузор шудани интихоботи парлумонӣ [5, 2020. – 17 декабр], мизбони «Ҷоми Осиё-2023» оид ба футбол интихоб шудани Қатар [5, 2022. – 17 октябр], иштироки ҳайати Тоҷикистон дар нишасти Давҳа оид ба Афғонистон [5, 2023. – 1 май], баргузор шудани аввалин намоишгоҳи боғдорӣ дар Қатар [5, 2023. – 25 сентябр], ««Ҳамос» ва Исроил барои оташбаси 30-рӯза созиш кардаанд» [5, 2024. – 25 январ] ва амсоли ин

инъикос шудааст. Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар матолиби АИ «Азия-Плюс» Қатар ҳамчун маркази баргузории нишастҳои байналмилалӣ, музокироти сулҳи Афғонистон, миёнарав дар муноқишаҳои минтақавӣ ва ҳамчун маркази дипломатияи минтақавӣ нишон дода шудааст.

Дар бахши «Қонун ва тартибот» ду матлаб ба мушоҳида расид, ки матлаби якум дар бораи байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Давлати Қатар ба имзо расонида шудани се шартномаи байналмилалӣ дар бораи истирдоди ҷиноятқорон, расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо [5, 2023. – 23 октябр] ва дар матлаби дуюм ба тасвиб расонидани се созишнома оид ба истирдод, бозпас додани маҳкумшудагон ва ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Тоҷикистон ва Қатар аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон таҳти раёсати Маҳмадтоир Зокирзода – раиси Маҷлиси намояндагон иттилоъ дода шудааст. Инчунин, дар ин иҷлосия аз ҷониби вакилони парлумон Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «НБО «Роғун»» байни Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд ба тасвиб расидааст [5, 2024. – 24 январ].

Дар бахши «Амният» дар маҷмуъ 18 мавод нашр шудааст, ки аз ҷараёни ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистону Қатар иттилоъ медиҳанд. Аз ҷумла, дар 3 мавод, ки дар такя ба иттилои дафтари матбуоти ВКД-и Тоҷикистон таҳия шудааст, вохӯриҳои Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо сафири давлати Қатар дар Тоҷикистон Алӣ ибн Муборак ал-Муҳаннадӣ [5, 2016. – 22 август; 2014. – 24 январ] ва вазири корҳои дохилии Давлати Қатар Шайх Абдулло Насир ас-Сонӣ [5, 2012. – 27 декабр] инъикос шудааст. Мавзуи мулоқотҳо ҳамкориҳо дар соҳаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ, алайҳи экстремизму терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона будааст. Ҷонибҳо изҳори умедворӣ намудаанд, ки ҳарчи зудтар ба имзо расонидани лоиҳаи Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар барои ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва амният ба густариши ҳамкориҳои судманд мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мундариҷаи АИ «Азия-Плюс» ба натиҷае расидан мумкин аст, ки дар он самтҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтааст. Махсусан, сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо ва имзои созишномаҳои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати иҷро шудани онҳо Қатар метавонад ба яке аз шарикони рушд ва давлатҳои муҳимми сармоягузор дар иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардад.

В) Амороти Муттаҳидаи Араб дар АИ «Азия-Плюс». Ҷараёни муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва АМА низ аз таваҷҷуҳи АИ «Азия-Плюс» берун намонда бошад ҳам, аммо дар муқоиса ба Қатар матолиби марбут ба ин кишвари араб камтар аст [Ҷадвали №3]. Матолиби АИ роҷеъ ба АМА аз рӯйи рубрикаҳо чунин аст:

Ҷадвали №3

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсат	3	4	7	3	-	1	1	2	3	3	3	30	11,7%
Ҷомеа	-	-	4	2	5	9	12	10	11	11	13	77	30,1%
Тоҷикистон	-	-	-	1	-	2	1	-	1	2	1	8	3,1 %
Ҷаҳон	-	-	-	-	-	-	1	1	3	4	1	10	3,9 %
Иқтисод	2	-	3	5	2	2	1	1	2	4	3	25	9,8 %
Ҳокимият	-	-	1	-	-	1	1	-	1	-	1	5	1,9 %
Амният	-	2	2	-	-	-	-	-	-	-	1	5	1,9 %
Варзиш	-	2	2	5	3	10	11	11	14	10	16	84	33 %

Идомаи ҷадвали №3

Қонун ва тарти-бот	-	-	1	-	-	3	1	1	2	1	-	9	3,5 %
Осиёи Марказӣ	-	-	-	-	-	-	-	1	-	-	1	2	0,7 %
Ҳамагӣ:	**5**	**8**	**20**	**16**	**10**	**28**	**29**	**27**	**37**	**35**	**40**	**255**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Ҳарчанд ин миқдор (255 мавод) дар муқоиса ба матолиби марбут ба ШАС ва Қатар камтар аст, аммо таҳлил нишон медиҳад, ки АМА дар фазои иттилоотии агентӣ чун шарики муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон муаррифӣ гардидааст. Мувофиқи нишондоди ҷадвал бештар ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва варзишӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардани агентӣ маълум мешавад.

Маводди бахши «Сиёсат»-ро сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон ва вазири корҳои хориҷӣ ба АМА ташкил медиҳад.

Дар давоми марҳилаи таҳқиқи мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба ба АМА сафар кардааст. Сафари аввал мақоми расмӣ дошта соли 2016 ба вуқуъ пайвастааст. Дар АИ «Азия-Плюс» аз рафти ин сафари расмӣ 5 мавод ба табъ расидааст, ки дар онҳо истиқболи меҳмони олиқадр, вохӯрию мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти АМА, ифтитоҳи сафорати Тоҷикистон дар АМА ва имзои созишномаҳо инъикос гардидааст [5, 2016. – 16-18 март].

Сафари дуюм рӯзи 30-юми ноябри соли 2023 иттифоқ афтодааст, ки мақоми корӣ дошта, ба мақсади иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб будааст [5, 2023. – 30 ноябр].

АИ «Азия-Плюс» ёдовар шудааст, ки «Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим 21-уми марти соли 1994 барои пешгирии дахолати хатарноки инсон ба низоми иқлими Замин эътибор пайдо кард. То имрӯз ин санадро 198 кишвари ҷаҳон ба тасвиб расонидааст. Созишномаи Париж, ки соли 2015 қабул

шудааст, идомаи ин конвенсия мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ оид ба тағирёбии иқлимро соли 1998 ва Созишномаи Парижро соли 2017 ба тасвиб расондааст».

Маводди дигари ин бахш хусусияти хабарӣ дошта, аз таваҷҷуҳи АМА ба рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Тоҷикистон [5, 2014. – 28 ноябр], сафари Сироҷиддин Муҳриддин ба Амороти Муттаҳидаи Араб [5, 2015. – 18 декабр], гуфтушунидҳои вазири корҳои хориҷӣ дар Абу-Забӣ [5, 2015. – 21 декабр], ташрифи Вазири корҳои хориҷии АМА ба Душанбе [5, 2017. – 23 май], Боз 10 кишвар мехоҳанд, ки ба узвияти Созмони ҳамкории Шанхай пазируфта шаванд (4-уми августи 2022) иттилоъ медиҳанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар инъикоси мавзуъҳои вобаста ба АМА бахши «Ҷомеа» фаъолтарин (30 %) ба шумор рафта, нисбат ба дигар бахшҳо маводди зиёдро дар бар мегирад. Ин ҷо баъзе аз маводро аз қабили «Ба ҳайати АМА табиат, мева ва… кӯрпачаҳои Тоҷикистон хуш омад» [5, 2018. – 8 май], «Дар «ЭКСПО-2020» дар Дубай гӯшаи Тоҷикистон боз шуд» [5, 2021. – 4 октябр], «Аз 23 октябр то 2 ноябр. Табибони араб кӯдакони нуқсони дилро ройгон ҷарроҳӣ мекунанд» [5, 2021. – 25 октябр], «Дар Дубай Ҳафтаи сайёҳии Тоҷикистон ҷараён дорад» [5, 2022. – 18 январ], «Талаботи нав барои мусофирони Тоҷикистон, ки ба Дубай сафар мекунанд» [5, 2022. – 18 январ], «Тоҷикистону АМА ҳамкориҳоро дар бахши кор баррасӣ карданд» [5, 2022. – 19 январ], «Ясмина Алидодова – тоҷикдухтаре, ки дар Дубай ҳакамони озмуни «XFactor»-ро ба ҳайрат овард» [5, 2023. – 14 ноябр] зикр менамоем.

Дар маводди аввал иттилоъ дода шудааст, ки бо даъвати Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон ва сафорати Тоҷикистон дар АМА ҳайати сайёҳони ин кишвар ба Душанбе ташриф оварда, аз минтақаҳои сайёҳии кишвар, аз қабили дараҳои Варзобу Ромит, Қалъаи Ҳисор, бозори «Меҳргон»-и Душанбе ва Осорхонаи миллии кишвар боздид намуданд.

АИ «Азия-Плюс» дар такя ба маълумоти Кумитаи рушди сайёҳӣ илова намудааст, дар семоҳаи аввали соли 2018 беш аз 600 нафар сайёҳон аз АМА ба

Тоҷикистон ташриф овардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 баробар зиёдтар аст.

Дар матлаби охир фаъолияти ҳунарӣ ва комёбиҳои овозхони ҷавони тоҷик – Ясмина Алидодоваи 20-сола, ки дар шаҳри Дубайи АМА зиндагӣ мекунад, тавсиф шудааст. Бино ба иттилооти агентӣ, ин овозхони ҷавон иштирокчии озмунҳои сершумори байналмилалӣ буда, ахиран дар озмуни «X Factor», ки дар он ҳунармандони ҷавони боистеъдод аз тамоми ҷаҳон иштирок мекунанд, ширкат варзида, бо иҷрои таронаи «Nasini Donya» – «Ragheb Alama» ҳакамонро тасхир кардааст.

«Азия-Плюс» дар такя ба суханони худи Ясмина хабар додааст, ки ӯ аз синни 6-солагӣ ба овозхонӣ машғул аст, аммо озмуни мусиқии «Х Фактор» нахустин баромади бузурги ӯ пас аз танаффуси сесолаи эҷодӣ буд. Ясмина гуфтааст: «Сурудхонӣ ҳамеша шавқи ман буд ва вақте ки ба саҳна баромадам, дарк намудам, ки сароидан дар саҳна бароям хеле муҳим аст ва то охири умр бояд сароям». Ясмина Алидодова бо забонҳои англисӣ, арабӣ ва ҳиндӣ таронаҳо мехонад. «Ман сароянда, ҳунарпеша, модел ва раққоса ҳастам. Маҳорати худро дар ҳама самтҳо такмил медиҳам ва ман мехоҳам, ки оилаи ман бо ман ифтихор кунанд» [5, 2023. – 14 ноябр].

Тибқи иттилои агентӣ Ясмина дар оянда мехоҳад оҳангсоз шавад ва мусиқиҳои худро нависад. Падари Ясмина Умед Алидодов соҳибкор буда, модараш ҳамеша дар паҳлуи ӯ аст ва бародараш футболбози тими «ан-Наср»-и Арабистони Саудӣ мебошад. Дар хотимаи мавод Ясмина мегӯяд: «Ман ҳар сол ба Тоҷикистон меоям, то бо пайвандонам мулоқот кунам. Аз Тоҷикистон хеле зиёд хотираҳои аҷиб дорам, дӯстони хеле хуб дорам ва хеле Тоҷикистонро дӯст медорам» [5, 2023. – 14 ноябр]. Фаъолияти ҳунарии овозхони ҷавон Ясмина Алидодова дар озмуни «The X Factor» ҳамчун намунаи комёбии ҷавонони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардидааст.

Ду маводди бахши «Ҷомеа» ба назари мо нисбатан ҷолиб аст. Мавзуи матолиб ҷарроҳии ройгони кӯдакони дорои нуқсони дил дар Тоҷикистон аз ҷониби табибони АМА аст.

Дар матлаби якум рӯзҳои гузаронидани ҷарроҳӣ (рӯзи 23-юми октябр оғоз гардида, то 2 ноябр идома хоҳад кард), теъдоди табибони АМА (30 нафар), «дар маҷмааи тандурустии «Истиқлол»-и Душанбе кӯдакони дорои нуқсони дилро ройгон ҷарроҳӣ намудан, шартҳои ба ҷарроҳӣ ҳуқуқ пайдо кардан» [5, 2021. – 25 октябр] инъикос гардидааст.

Тибқи иттилои агентӣ мақсад аз роҳандозӣ намудани иқдоми мазкур дастгирӣ ва кӯмак намудан ба оилаҳои камбизоате будааст, ки кӯдакони гирифтори бемориҳои нуқсони дили модарзодӣ доранд. Кӯдакон қаблан бояд дар Вазорати тандурустӣ ба қайд гирифта шуда, рӯйхати онҳо ба табибон супорида шавад. Агентӣ дар истинод ба Вазорати тандурустӣ илова намудааст, ки дар амалиёти ҷарроҳӣ мутахассисони варзидаи тоҷик низ иштирок менамоянд.

Маводди дуюм рӯзи 31-уми майи соли 2019 дар такя ба расонаи «khaleejtimes» бо номи «Миннатдории пурэҳсоси духтарчаи тоҷик ба амири Дубай барои ҷарроҳии дилаш» чоп шудааст. Ин духтар Маҳина Ғаниеваи 9-сола аст, ки зимни суханрониаш дар толор ҳангоми ҳисоботи солона дар бораи ташаббусҳои глобалии Муҳаммад бин Рошид, аз ҷумла, гуфтааст: «Ман ба Шайх ва фонди ӯ миннатдорӣ изҳор мекунам. Ҳозир худамро хеле хуб ҳис мекунам ва хушбахтам» [5, 2019. – 31 май]. Дар матлаб қайд мешавад, ки лаҳзаи ҳаяҷонӣ дар ин маросим он буд, ки духтарчаи тоҷик амирро сахт дар оғӯш гирифту бӯсид, ки хеле саҳнаи пурэҳсос буд. Маводди мавриди назар чун намунаи ҳамкории гуманитарӣ арзёбӣ шуда, дар инъикоси симои мусбати АМА, ҳамчун шарики иҷтимоӣ ва башардӯстонаи Тоҷикистон нақш гузоштааст.

Дар бахши «Иқтисод» 25 мавод ба назар расид, ки нисбатан муҳимтарини онҳо баргузоршавии се ҷаласаи Комиссияи муштарак оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ байни Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб мебошад. АИ «Азия-Плюс» матолибро дар такя ба маълумоти хадамоти матбуоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст. Аз таҳлили мавод маълум шуд, ки дар ҷаласаҳои якум [5, 2014. – 14 май] ва дуюми [5, 2016. – 22 апрел] Комиссияи мазкур раёсати ҳайати Тоҷикистонро Қодири Қосим – раиси вақтинаи Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда доштааст. Дар ҷаласаи якум масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкориҳои байни ду кишвар дар соҳаҳои тиҷорат ва иқтисодиёт, сармоягузорӣ, бонкдорӣ, энергетика, саноат, тандурустӣ, маориф ва илм, сайёҳӣ, фарҳанг ва нақлиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҷаласаи дуюм изҳор шудааст, ки дар ояндаи наздик як силсила иқдомҳои ҳадафманд дар бахшҳои гидроэнергетика, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, содироти хушкмева, сабзавоти тару тоза, бунёди инфрасохтору рушди соҳаи сайёҳӣ, истифодаи пурсамари имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, баҳрабардорӣ аз захираҳои бузурги сангҳои қиматбаҳо, металлҳои ранга ва дигар неъматҳои моддии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

АИ рӯзи 14-уми декабри соли 2017 дар ҳошияи ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ бо сарлавҳаи «Тоҷикистону АМА Бунёди муштараки сармоягузорӣ таъсис доданианд» мавод нашр намуда, иттилоъ додааст, ки ҷаласа дар шаҳри Абу-Забии АМА баргузор гардида, ҳайати Тоҷикистонро Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор – раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон ва ҳайати АМА-ро Муҳаммад Шараф ас-Саид – муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии ин кишвар раисӣ намуданд. Дар матн ҳавасмандии ҷонибҳо ҷиҳати масъалаи ташкили Фонди (Бунёд) муштараки сармоягузорӣ ва Шурои соҳибкории Тоҷикистону АМА таъкид шудааст.

Ҳамзамон, агентӣ дар такя ба дафтари матбуоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода ва суханони сафири АМА дар Тоҷикистон (қароргоҳ дар шаҳри Остона) Муҳаммад Аҳмад ал-Ҷобир таҳти сарлавҳаи «Пешниҳоди оби ошомидании Тоҷикистон ба Аморот» [5, 2018. – 5 ноябр] матлаб чоп шудааст. Агентӣ дар такя ба дафтари матбуоти кумита аз мулоқоти Раиси Кумита Фаррух Ҳамрализода бо сафири АМА дар Тоҷикистон Муҳаммад Аҳмад ал-Ҷобир иттилоъ дода, қайд намудааст, ки зимни мулоқот маҷмуи масъалаҳои марбут ба дурнамо ва тақвият бахшидани рушди ҳамкорӣ бо АМА дар соҳаҳои иқтисод, сармоягузорӣ, тиҷорат, илму

маориф, фарҳанг, саноат, энергетика, алоқаи ҳавоӣ ва кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Мавзуи асосӣ дар ин мулоқот интиқоли оби ошомиданӣ аз Тоҷикистон ба АМА будааст, ки аз ҷониби АМА пешниҳод гардидааст.

Тибқи иттилои агентӣ ҷониби АМА дар шахсияти сафир Муҳаммад Аҳмад ал-Ҷобир ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ширкатҳои АМА, аз қабили ширкатҳои «Заҳир» дар самти коркарди меваю сабзавот ва интиқоли минбаъдаи он ба АМА, «Масдар» дар самти неруи барқароршавандаи энергия ва «Футейм» дар самти сохтмон ва истифодабарии марказҳои тиҷоратиро пешниҳод кардааст.

Воқеаи дигаре, ки АИ «Азия-Плюс» ба он бештар таваҷҷуҳ намудааст, бозгашт ва истирдоди «Хӯҷакомандир» аз Дубай ба Тоҷикистон мебошад, ки дар бахши «Қонун ва тартибот» ба нашр расидааст. Дар бораи ин воқеа аксарияти расона ва сомонаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб мавод чоп намудаанд. Аз ҷумла, АИ «Азия-Плюс» дар бораи ин ҳодиса дар бахши «Қонун ва тартибот» 5 мавод ба табъ расонида, воқеаро аз аввал (бозгашт) то ба охир (зиндон) пайгирӣ намудааст [5, 2019. – 14 август, 23 август; 2020. – 17 феврал; 2022. – 7 феврал, 18 феврал].

Ҳамин тавр, сомонаи АИ «Азия-Плюс» раванди муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистонро бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА пайваста ба мушоҳида гирифта, дар такя ба манбаъҳои гуногун воқеаҳои муҳимму аҳаммияти иҷтимоидоштаро инъикос намудааст.

Воқеа ва рӯйдодҳои дар сомонаи ин агентӣ интишоргардида, ба бахшҳои гуногун тасниф шудааст, ки аз як тараф, кори хонандаро дар интихоби матолиб, аз ҷониби дигар, кори моро дар интихобу таҳлили мавод осон намуд. Матолиби марбут ба мавзуи пажуҳиш аз нигоҳи мавзуъ рангоранг буда, аз воқеаҳои расмии сиёсӣ то рӯйдодҳои фарҳангиву варзиширо фаро мегиранд. Ҳарчанд ағлаби маводди марбут ба ҳамкориву робитаҳои Тоҷикистон бо се кишвари араби Халиҷи Форс хусусияти хабарӣ доранд, аммо дар онҳо на танҳо доир ба воқеаву рӯйдод иттилооти мушаххас дода шудааст, балки пасманзараи мавзуъҳо ва масъалаҳои алоқаманд ба онҳо ба таври васеъ ташреҳу таҳлил шудааст. Ин усулро метавон аз вижагиҳои АИ «Азия-Плюс» дар инъикоси воқеаҳои сиёсиву

иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ номид, ки нисбат ба расонаҳои дигар бартарӣ дорад.

Вижагии дигари ин агентӣ дар тарзи инъикоси воқеоти муҳимми рӯз, аз ҷумла, рӯйдодҳо ва қазияҳои марбут ба робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ба кишварҳои араб аст. Ин муносибатро дар интихоби мавзуъ (воқеаву рӯйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бо далел ва мунсифона, мавқеъгириҳои устувор ва натиҷагириҳои умедворкунанда нисбат дода метавонем. Ин ва амсоли ин ҷиҳатҳо моро дар саҳм доштани агентии «Азия-Плюс» дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА мутмаин месозад.

Умуман, АИ «Азия-Плюс» бо интишори маводди фаровон доир ба мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар огаҳӣ ва маърифати ҷомеа нақши муҳим гузошта, ба таҳкими муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс заминаи хуби иттилоотиро фароҳам сохтааст.

3.3. Таҳлили таносубии маводди сомонаи «Pressa.tj»

«Pressa.tj» – расонаи иттилоотии нашрияи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» «дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шуда, аз соли 1992 инҷониб чоп мешавад) аз соли 2008 инҷониб бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ фаъолият менамояд» [6]. Мавзуъҳои асосии расонаи иттилоотиро шарҳу тавзеҳ ва таҳлили воқеа, масоили мубрами сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон ташкил медиҳад. Дар баробари дигар расонаҳои давлатӣ (мисли АМИТ «Ховар») «Pressa.tj» манбаи нисбатан мустақили ахбор буда, ба шаклгирии плюрализми (гуногунандешӣ) иттилоотӣ мусоидат менамояд. Ин сомона дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи намоён дорад.

«Pressa.tj» на танҳо сомонаи иттилоотӣ, балки дар шабакаҳо (махсусан Telegram) низ фаъол аст, ки ҳазорон муштарӣ дорад. Ин ба паҳншавии босуръати

хабар мусоидат мекунад. Дар як шабонарӯз аз 5000 то 7000 хонанда вориди сомона шуда, муштариёни доимии расона 50 000 нафар мебошанд.

Сомонаи иттилоотии»Pressa.tj« низ мисли расонаҳои дигар, хосса АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» ба раванди муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо КАХФ ва воқеоти муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои араб таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Маводди бахшҳои «Сиёсат», «Тоҷикистон», «Ҷаҳон», «Фарҳанг«, «Иқтисод», «Иҷтимоиёт» ва «Варзиш»-и ин сомона далели гуфтаҳои мо мебошад. Дар муқоиса ба АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» дар ин сомона бахшҳои «Тоҷикистон» ва «Варзиш» фаъолтаранд. Аз таҳлили матолиби бахшҳо метавон хулоса кард, ки муносибатҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон бо кишварҳои ШАС, Қатар ва АМА дар фазои иттилоотии агентӣ ҳамчун раванди бисёрсамтаи ҳамкориҳо муаррифӣ мегарданд. Аз ин ҷиҳат, маводди сомонаи «Pressa.tj»-ро мувофиқи мавзуъҳои асосии марбут ба муносибатҳо чунин тақсимбандӣ намудан мумкин аст:

- муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ;
- ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоя;
- равобити фарҳангӣ;
- масоили иҷтимоӣ;
- кумакҳои башардӯстона;
- ҳаводиси ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои араб.

А) Инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону ШАС дар «Pressa.tj». Мавриди зикр аст, ки дар таърихи равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиболи кишварҳои Шарқи Наздик Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) аз нахустин кишваре аст, ки барои рушду пешрафти Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои душвори соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда гузошта, ҳамвора дар ҳамоишҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, ҳам дар меҳвари СҲИ ва ҳам СММ аз ташаббус ва иқдомҳои Тоҷикистон пуштибонӣ намудааст. Ин аст, ки сомонаи «Pressa.tj« ба ҷараёни муносибатҳои Тоҷикистону ШАС бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар бахши «Сиёсат» чун расонаҳои дигар ҷараёни сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ШАС, боздиди намояндагони

олимақоми ШАС аз Тоҷикистон – ташрифи воломақомони ШАС, аз қабили муовини вазири корҳои хориҷӣ (2013), вазири корҳои дохилӣ (2018), вазири варзиш (2020), Прокурори генералӣ, раиси Маҷлиси Шуро, директори Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон, муовини вазири муҳити зист, об ва кишоварзӣ ва дигар соҳибкорон, мулоқоту вохӯриҳои мутақобилаи сафирону воломақомони ҷонибҳо ва амсоли ин инъикос шудааст.

Аз ҷумла, сомонаи «Pressa.tj» соли 2024 дар бахши мазкур ду мавод доир ба «Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири сармоягузории Арабистони Саудӣ» [6, 2024. – 11 ноябр] ва «Рӯзи миллии Арабистони Саудӣ. Таърих ва таҷлил» [6, 2024. – 20 сентябр] ба табъ расонидааст. Дар хабари якум дар ҳошияи Саммити муштараки ғайринавбатии арабию исломӣ аз вохӯрии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири сармоягузории Арабистони Саудӣ Холид Ал-Фолиҳ иттилоъ додааст. Гуфта мешавад, ки рушду тавсеаи робитаҳо дар соҳаи тиҷорату иқтисод яке аз самтҳои асосии ҳамкорӣ мебошад. Махсусан баргузории мунтазами нишастҳои Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ва анҷуманҳои соҳибкорӣ, намоишгоҳҳои маҳсулот ва таъсиси Фонди муштараки Тоҷикистону Арабистони Саудӣ оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусбат арзёбӣ шудааст. Мавод дар такя ба маркази матбуоти Сарвари давлат таҳия гардидааст

Сомона дар матлаби дуюм дар баробари хабар додан аз баргузоршавии рӯзи миллии Саудӣ, инчунин, роҷеъ ба нақш ва нуфузи Арабистони Саудӣ дар раванди сиёсии минтақаву ҷаҳон ва барномаҳои нави ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоии ин кишвар маълумоти мухтасар барои хонанда пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, иттилоъ додааст, ки ҳамасола 23-юми сентябр Рӯзи миллии Арабистони Саудӣ таҷлил карда мешавад. Маҳз дар ҳамин рӯзи соли 1932 Шоҳ Абдулазиз ибни Абдураҳмон ибни Файсал Оли Сауд – бунёдгузори Арабистони Саудии муосир мамлакатро муттаҳид карда, онро ба қаламрави ягона табдил дод. Сомона менависад, ки Шоҳ Абдулазиз тавонист Арабистони Саудиро ҳамчун давлати мустақил дар саҳнаи байналмилалӣ муаррифӣ кунад. Ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки насли ҷавон бо таърихи миллати худ ва аҳаммияти истиқлолияти

кишвар шинос шаванд. Рӯзи миллӣ дар ин раванд нақши муҳим мебозад, зеро он нишон медиҳад, ки чӣ гуна таърих ва анъанаҳо метавонанд дар шаклгирии ояндаи кишвар нақши калидӣ бозанд.

Роҷеъ ба сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ, ки ба рӯзҳои 17-ум ва 18-уми майи 2023 рост омадааст, ду матлаб интишор кардааст, ки яке «Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ меравад» [6, 2023. – 17 июл] ва дигари «Сафари корӣ Президенти Тоҷикистон ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ» [6, 2023. – 18 июл] ном дорад. Манбаи таҳияи ҳар ду мавод дафтари матбуоти Сарвари давлат, ба хусус иттилои сухангӯйи Президенти Тоҷикистон Абдуфаттоҳ Шарифзода ба ҳисоб меравад. Чунонки аз унвони мавод бармеояд, агар маводди аввал хонандаро аз азми сафари корӣ дурӯзаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ ва мақсади сафар – иштирок дар Саммити нахустини Сарони давлатҳои узви Шурои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ ва Осиёи Миёна огоҳ намуда бошад, дар матлаби дуюм гусели Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ва ҳайати ҳамроҳони ӯ – Вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва масъалаҳои иқтисодӣ, Вазири молия, Раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ва дигар шахсони расмӣ мунъакис гардидааст.

Чунонки дидем, дар хабари якум, азми сафар ва мақсади он ва дар матни дуюм, амалӣ гардидани сафар ба сифати асоси хабар ва факти асосӣ ба ҳисоб меравад. Инҳо воқеияти асланд, ки бидуни шарҳ иншо гардидаанд. Сомонаи Pressa.tj барои тавзеҳи факти матни аввал дар истинод ба «Радиои Озодӣ» иттилои «Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати ҳукумат ба шаҳри Макка ҳам сафар карда, маносики ҳаҷҷи умраро адо мекунанд»-ро пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, сомона 4 маротиба адо кардани ҳаҷҷи умраву ду маротиба дохили хонаи Каъба

даромадани Президенти Тоҷикистонро ёдоварӣ кардааст. Ин порчаи иловашуда хусусияти ташреҳӣ дошта, мазмуни матнро пурра гардондааст.

Мавзуи матни «Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Фонди Саудии Рушд» [6, 2023. – 4 декабр] низ воқеаи сиёсӣ буда, мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар Қасри миллат бо Раиси Фонди Саудии Рушд Султон Абдураҳмон ал-Маршад бозгӯ менамояд, ки дар он масоили тавсеаи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва молиявию сармоягузории Тоҷикистон ва ШАС, аз ҷумла, ҳамкорӣ бо Фонди Саудии Рушд баррасӣ шудааст.

Инъикоси ҳамкориҳои сиёсӣ ва дипломатӣ асосан дар хабар ва гузоришҳои марбут ба фаъолияти роҳбарияти сиёсӣ, аз қабили мулоқотҳои сатҳи олӣ, сафарҳои расмӣ, иштирок дар нишастҳои байналмилалӣ ба назар мерасад. Дар сомонаи «Pressa.tj» фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими ҳамкориҳо бо ШАС ҳамчун омили асосии дипломатияи дуҷониба арзёбӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, дар матлаби «Шукурҷон Зуҳуров ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ меравад» [6, 2017. – 20 январ] дар такя ба суханони котиби матбуотии Маҷлиси намояндагон Муҳамадато Султонов воқеаи сафари ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки рӯзи 21-уми январ иттифоқ меафтодааст, на танҳо хабар, балки шарҳ ёфтааст. Мувофиқи шарҳи «Pressa.tj« ин сафари расмӣ бо даъвати Раиси Маҷлиси Шурои ШАС сурат гирифта, то санаи 27-уми январ идома меёбад. Дар назар аст, ки Шукурҷон Зуҳуров бо Раиси Маҷлиси Шурои ШАС, муовини якуми Раиси Шурои вазирони ин кишвар, Раиси Фонди Саудии Рушд ва дигар шахсони воломақоми Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мулоқот менамояд. Ҳамчунин, дар фарҷоми матн боздиди Шукурҷон Зуҳуров ва ҳамроҳони ӯ (Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон О. Салимзода, А. Холиқзода, Ҷ. Маҷидзода ва вакилон О. Сафаров ва Д. Исматуллоев) аз минтақаҳои фарҳангӣ ва таърихии ШАС ҷой дода шудаст, ки ба назари мо чандон зарурат надошт. Ин усули нигориш ишора аз он

мекунад, ки сомона дар таҳияи ин матни хабарӣ ба барномаи сафар такя намудааст.

Маводди дигаре, ки воқеаи мунъакиси он сафару боздид аст, мулоқоти Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ШАС Акрам Каримӣ ва намояндаи Академияи сайёҳии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Халид ас-Сувалайҳ аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад, ки бо сарлавҳаи «Халид ал-Сувалайҳ Асрорзодаро ба Арабистони Саудӣ даъват кард» [6, 2022. – 16 июн] ба табъ расидааст.

Бино бар иттилои сомона, Халид ас-Сувалайҳ зимни дидору суҳбат бо ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода иброз доштааст, ки Академияи сайёҳии ШАС тибқи шартномаи ҳамкорӣ ҳамасола имкон дорад, ки чор бурсия барои донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҷудо намуда, ҳудуди 30 нафар муҳассилинро ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирад.

Бахши дигари ахбори сиёсии сомонаи «Pressa.tj»-ро воқеаҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита ба ҳамкориҳои амалии Тоҷикистону ШАС марбут мебошанд. Чунончи, сомона 2-юми феврали 2024 дар такя ба Сафорати ШАС дар Тоҷикистон таҳти унвони «Бунёди Саудии Рушд роҳи Кӯлобро азнавсозӣ мекунад» [6, 2024. – 2 феврал] хабар додааст, ки ҳайати Фонди Саудии Рушд ба Тоҷикистон омад. Тибқи иттилои манбаъ ҳадаф аз ин сафар роҳандозии оғози арзёбии лоиҳаи роҳи Кӯлоб ҷиҳати омӯзиши имконияти маблағгузории он дар ҳаҷми 32 млн. доллар мебошад. Ҳамчунин, тавзеҳ шудааст, ки ҳайат бо ҷараёни корҳо дар лоиҳаи роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб, ки барои иҷрои он Фонди мазкур бо маблағи 30 млн. доллар саҳмгузор аст, шинос шуд.

Дар бахши «Иқтисод» низ кам бошад ҳам, мавод ба мушоҳида расид. «Тармиму навсозӣ шудани мактабҳои Тоҷикистон аз ҷониби Арабистони Саудӣ» ва «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ татбиқи лоиҳаҳои муштаракро таҳия хоҳанд кард» аз намунаи матолиби ин бахш мебошанд. Дар маводди аввал дар такя ба Вазорати молия хабар дода шудааст, ки Фонди Саудии Рушд барои тармиму навсозӣ ва муҷаҳҳаз кардани даҳҳо мактаб дар Тоҷикистон 35 млн. доллар кумак мекунад. Дар истинод ба Вазорати молия иттилоъ додааст, ки

қарордод дар ин заминаро рӯзи 16-уми май дар шаҳри Ар-Риёз вазири молияи Тоҷикистон Абдусалом Қурбониён ва Юсуф Иброҳим ал-Бассом раиси Фонди Саудии Рушд ба имзо расониданд. Ба гуфтаи вазорат, ин маблағ (35 млн. доллар) барои навсозӣ ва муҷаҳҳаз кардани мактабҳои вилояти Хатлон, чанд ноҳия дар вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ харҷ мешавад [6, 2017. – 21 май].

Дар маводди дигари ин бахш дар бораи таҳияи харитаи роҳ ва таъсиси гуруҳи корӣ ҷиҳати рушди ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва саноат ба мувофиқа расидани Вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир ва мудири ширкати «Engineering Dimension International Investment»-и Арабистони Саудӣ Муҳаммад Ҳичӣ иттилоъ пайдо мекунем. Ҳикмати ба мувофиқа расидан он будааст, ки «Тарафҳо ҳамкориҳои эҳтимолиро дар бахшҳои бунёди неругоҳҳои нави бузурги барқӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сохтмони хатҳои баландшиддати барқ, нефту кимиё ва саноати коркард, инчунин ҳамкорӣ дар соҳаи нассоҷӣ баррасӣ карданд» [6, 2022. – 20 апрел].

Матлаби дигаре, ки ҷанбаи иқтисодӣ дорад, аммо дар бахши «Тоҷикистон» интишор гардидааст, мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур – муассиси ҶДММ (Медиа-холдинг)-и «Оила» бо Сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон ар-Рашайдон аст, ки дар идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» сурат гифтааст, зеро дар суҳбати онҳо баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ афзалият дорад. Сомонаи «Pressa.tj« оид ба ташрифи Сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон ар-Рашайдон иттилоъ дода, матни пурраи мусоҳибаи ӯро таҳти сарлавҳаи «Аз густариши ҳамкорӣ то шикасти девори хурофот» нашр кардааст. Мусоҳиб Шариф Ҳамдампур дар бораи ҳамкориҳо миёни ду кишвар, роҳҳои пешгирии падидаи номатлуби ҷалби ҷавонони мусалмон ба амалҳои террористӣ, ҳаҷи фарзӣ ва умра, ки як идда мушкилот ба дарки тафовути онҳо мекашанд ва масъалаҳои марбут ба моҳияти моҳи Рамазон пурсон шудааст. Саволу посухҳо ба ҳам алоқамандӣ дошта, дар дараҷаи касбӣ ва дипломатӣ ироа гардидаанд. Чунончи, ба саволи «Кадом лоиҳаҳои муҳимро Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон пеш мебарад?» сафир чунин посух додааст: «Ду лоиҳаи муҳимро, ки ба тозагӣ маблағгузорӣ шудаанд, мехоҳам муаррифӣ кунам.

Аввалин лоиҳа маблағгузории НБО-и ««Роғун»» мебошад, ки маблағи он 100 млн. доллар-ро ташкил медиҳад. Мо бо ифтихор эълон медорем, ки ШАС нахустин кишваре аст, ки ба ин лоиҳаи стратегии зери диққати роҳбарияти олии Тоҷикистон сармоягузорӣ намудааст».

Ба гуфтаи Сафир лоиҳаи дигар ин оғози марҳилаи панҷуми сохтмони мактабҳоро дар бар мегирад, бо маблағи 20 млн. доллар таъмин шудааст. Дар умум Фонди Саудии Рушд дар соҳаи маориф тақрибан 300 млн. доллар маблағгузорӣ кардааст.

Ҳамзамон, сафири Саудӣ аз лоиҳаҳои башардӯстонаи Маркази имдоди шоҳ Салмон, аз қабили тақсими сабадҳои озуқаворӣ (7427) дар моҳи Рамазон ба маблағи 400 000 доллар ба шаҳрвандони Тоҷикистон ва тақсими маводди имдодӣ ба осебдидагони заминларза ва офатҳои табиӣ ёдовар шудаст.

Аз посухҳои сафир маълум мешавад, ки ташаббусҳои сармоягузорӣ миёни ду кишвар дар чаҳорчӯбаи Форуми сармоягузории Душанбе ва таъсиси Шурои соҳибкорон, ҳамчунин, сафарҳои мутақобил байни ду кишвар сурат гирифта, дар марҳалаи омодасозӣ аст. «Ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ моҳи декабри соли 2022 дар пойтахти Тоҷикистон баргузор шуд. Ҳоло омодагӣ барои баргузории давраи чаҳоруми ин Комиссияи байниҳукуматии муштарак дар шаҳри Ар-Риёз ҷараён дорад. Лоиҳаи созишномаҳои зиёде дар самтҳои гуногун барои имзо омода шудаанд. Баъзеи дигар мавриди омӯзиш қарор доранд».

Аз муҳтавои мусоҳиба маълум мегардад, ки тақрибан 400-500 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ муҳоҷир будаанд. Ҷониби Арабистони Саудӣ тавассути ҷаласаҳои байниҳукуматии дуҷониба кӯшиш дорад, ки бо ташкили давраҳои омӯзишӣ шароити кории шаҳрвандони Тоҷикистонро фароҳам орад. «Вақтҳои охир ширкатҳои бузурги Саудӣ барои бастани қарордоди меҳнатӣ бо Тоҷикистони бародар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, хусусан дар соҳаи сохтмон. Дар оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ афзоиш хоҳад ёфт» [6, 2024. – 14 март; 27 март].

Ба ҳамин мазмун, дар матни «Бунёди Саудии Рушд дар Шаҳринав мактаб сохт» [6, 2023. – 9 октябр] дастгирии Фонди мазкур ҷиҳати бунёди мактаби замонавӣ дар ноҳияи Шаҳринав бо 36 синфхона барои 620 ҷой инъикос ва тарғиб гардидааст. Тибқи иттилои расона дар ифтитоҳи расмии он раиси иҷроияи ФСР – Султон ибни Абдураҳмон ал-Маршад, муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Абдулзода Зиёдулло ва Сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид ибн Абдураҳмон ар-Рашайдон иштирок карданд.

Дар хотимаи матлаб гуфта мешавад, ки ин кохи таълимӣ дар заминаи марҳилаи чоруми тарҳи бунёди 34 мактаби миёна дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон бо маблағгузории қарзи имтиёзноки ФСР ба маблағи 35 млн. доллар барои тақрибан 25 ҳазор хонандагон сохта шудааст [6, 2023. – 9 октябр].

Маводди ин бахш ба масъалаҳои ҷалби сармоя ба инфрасохтор, бунёди мактабҳо, дастгирии лоиҳаҳои энергетикӣ, аз ҷумла, ҷалби сармояи Саудӣ ба лоиҳаи НБО-и «Роғун» ва рушди ҳамкориҳои дар соҳаи тиҷорат бахшида шудаанд. Дар матолиб нақши Фонди Саудии Рушд дар маблағгузории лоиҳаҳои иқтисодии кишвар таъкид гардида, ҳамчун шарики муҳимми иқтисодӣ дар рушди Тоҷикистон ташреҳ ёфтааст.

Яке аз бахшҳои ҷолиби сомонаи «Pressa.tj» «Фарҳанг« аст. Аз ҷумла, матлаби ««Қалъаи тоҷик» дар Макка»-ро метавон аз намунаи воқеаҳои ҷолиб маҳсуб донист. Дар ин матлаб омада, ки «бо ташаббуси соҳибкори тоҷик Абдураззоқ Саидов дар шаҳри Маккаи Саудӣ маркази фарҳангиву хизматрасонӣ (тарабхона) бо номи «Қалъаи тоҷик» ифтитоҳ ёфт» [6, 2018. – 5 март]. Мувофиқи иттилои сомона ин марказ бо сабку усули меъмории тоҷикӣ бо истифода аз нақшу нигор ва усули кандакории тоҷикона бунёд шуда, ба сокинони шаҳри Макка ва зоирон аз кишварҳои гуногуни дунё таомҳои тоҷикиро пешкаш мекунад. Дар он то 60 нафар ҳамватанони тоҷик ба кор таъмин гардиданд. Дар ифтитоҳ сафири Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ Заробиддин Қосимӣ низ иштирок кардааст.

Матлаби дигари ҷолиби ин бахши расона «Садо аз Арабистони Саудӣ: Зиндагии ҷолиби Карина Комил« [6, 2022. – 3 март] аст, ки дар бораи ҳаёт ва

фаъолияти модел ва блогнависи зодаи Тоҷикистон Карина Комил (Шарипова), ки дар пойтахти ШАС – шаҳри Ар-Риёз кору зиндагӣ мекардааст, нақл мекунад. Аз мундариҷаи ин матн, ки хусусияти лавҳаро дорад, хонанда иттилоъ мегирад, ки Карина дар шаҳри Душанбе дар оилаи варзишгар, аниқтараш хоккейбози рус ба дунё омадааст. Ӯ ҳамеша ба корҳои гуногуни эҷодӣ дилбастагӣ доштааст. Ба қавли худаш «дар кӯдакӣ ман ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ будам: рақс, сурудхонӣ, навохтани скрипка мекардам. Ёд дорам, ки ҳатто дар синфи 4 дар хона барои волидон намоиши мӯд ташкил мекардем».

Расона илова мекунад, ки сарфи назар аз он, ки Карина Комил дар синни 20-солагӣ ба бизнеси моделсозӣ омад, вай дар як муддати кӯтоҳ тавонист аз санҷишҳо дар озмунҳо зуд гузарад, тамоми нозукиҳои ин соҳаро дарк кунад ва бисёр чизҳоро ҳал намояд. Ин духтараки зебо тавонист якбора дар чанд кишвар – Тоҷикистон, Россия, Узбекистон Қазоқистон, Украина ва Аморот зиндагӣ кунад.

«Pressa.tj« ҳамчунин аз муваффақиятҳои бузурги модели тоҷик Карина Комил дар озмунҳои гуногуни зебоӣ аз қабили «World Next Top Model 2016», «Miss Union 2016», «Miss СССР — 2016», «Miss HP Company» ситоиш карда, онро муаррифии Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар арзёбӣ намудааст. Комёбии дигари ӯ – ҷой гирифтан дар муқоваи нашрияҳои машҳури ҷаҳони мӯд – «Vogue Arabia», маҷаллаҳои «Hia», «Arab News» ва «Zahrat Khaleeji» ва ҳатто соли 2020 чеҳраи коллексияи дебютии тарроҳи араб Нура Сулаймон шудан аз доираи матн берун намондааст [6, 2022. – 3 март].

Дар бахши «Фарҳанг» на танҳо ба воқеаҳои фарҳангии рӯйдода, балки рӯйдодҳои дохили кишвар, ки ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ алоқаманданд, низ таваҷҷуҳ шудааст. Матлаби «Таҷлили Рӯзи Арабистони Саудӣ дар Осорхонаи миллӣ» [6, 2024. – 23 феврал] аз ҷумлаи чунин воқеаҳои фараҳбахш аст, ки бо иштироки Сафири Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон ар-Рушайдон, намояндаҳои корпусҳои дипломатӣ, вазорату идораҳо ва аҳли зиёи кишвар баргузор гардидааст. «Сомона ба ин воқеа бо назари фарох нигариста, онро шарҳ дода, илова намудааст, ки саудиён

ҳамасола солгарди таъсиси нахустин давлати худро, ки аз ҷониби Имом Муҳаммад ибни Сауд 22-юми феврали 1927 (1139 ҳ.) бунёдгузорӣ шудааст, таҷлил мекунанд. Ин рӯз таҷассуми ифтихор аз решаҳои устувори ШАС, меҳру муҳаббати шаҳрвандон ба роҳбарон ва ваҳдату амният аст. Ин рӯзест, ки рӯҳияи ватандӯстиро дар миёни саудиҳо боло мебарад. Муаррифии таърихи давлати Саудӣ ташкил карда мешавад ва мардум дар театру марказҳои фарҳангӣ ҷамъ омада, намоишҳои гуногунро тамошо мекунанд [6, 2024. – 23 феврал]. Ин гуна мавод баёнгари муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи дипломатияи фарҳангӣ мебошад.

Бояд тазаккур намуд, ки дар расонаи «Pressa.tj» дар баробари дигар масъалаҳо ба мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои араб низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ҷумла фаъолияти намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар Ар-Риёз дар ҳалли ин масъала муҳим арзёбӣ гардидааст. Чунонки ҳангоми баррасии маводди агентии «Азия-Плюс» маълум намудем, яке аз мавзуъҳое, ки шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба он таваҷҷуҳи бештар намудаанд, ҳолатҳои ба ғуломӣ гирифтор шудани шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои араб, аз ҷумла, дар Арабистони Саудӣ ва Аморoти Муттаҳидаи Араб мебошад. Инъикоси воқеият ва ҳолатҳои марбут ба ин мавзуъ дар нашрияҳои расмӣ мушоҳида нашуд, аммо расонаҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла «Pressa.tj» ба ин мавзуъ эътибор додаанд. «Зани тоҷикро аз асорати шайхи араб озод карданд» ва «28 зан ва 7 марди тоҷикро аз асорати арабҳо раҳо карданд» аз ҷумлаи матолиби сомонаи «Pressa.tj» нисбат ба ҳолатҳои мазкур аст.

Дар маводди аввал бо кумаки намояндаи сафорати Тоҷикистон дар Саудӣ аз асорати корфармояш раҳо шудани Нурбибӣ Мансурова – як зани тоҷики серфарзанд аз ноҳияи Восеъ инъикос гардида, роҳу тариқаи фиреб хӯрдани ӯ аз ҷониби ширкати «Имкон-2015» шарҳу тафсил ёфтааст. Чунонки ишора рафт, дар бораи ин воқеа агентии «Азия-Плюс» низ дар бахши «Қонун ва тартибот» мавод интишор намудааст. Воқеа ва фактҳо дар маводди ҳар ду расона як хел бошанд ҳам, доманаи тафсилу таҳлилҳо аз ҳам фарқ мекунад. Агентии «Азия-Плюс» на

танҳо дар бораи ин воқеа хабар додааст, балки раванди онро дар се матолиб пайгирӣ намудааст. Дар сомонаи «Pressa.tj» доир ба ин воқеа ду матлаб ба назар расид, ки моҳиятан иттилооти агентии «Азия-Плюс»-ро ифода кунанд ҳам, тафсилоташон фарқ дорад. Чунончи, дар матлаби аввал қайд шудааст, ки «ҷабрдида Нурбибӣ 24 фарзанд таваллуд кардааст, ки аз онҳо 15 нафараш дар қайди ҳаёт будаанд. Зарурати таъмини рӯзгор ӯро маҷбур кардааст, ки роҳи муҳоҷират ба Саудиро пеш гирад, аммо ба доми фиреб афтодааст» [6, 2017. – 5 октябр].

Дар маводди дуюм, ки ба ҳамин қазия иртибот дорад, дар бораи мусоидати мақомоти дипломатии Тоҷикистон ҷиҳати аз аввали соли 2017 то 23-юми моҳи октябр ба ватан баргардонидани 35 нафар шаҳрванд, аз ҷумла 28 зан ва 7 мардро, ки дар Саудӣ дар шароити ғуломона кору зиндагӣ доштанд, маълумот дода шудааст. Мувофиқи иттилооти ин сомона занон асосан кори хидматгориву парасторӣ ва мардон ба ронандагӣ ва боғбонӣ машғул будаанд. Бино ба гуфтаҳои халосшудагон Холида Раҷабова (34 сола), Шамсия Асаналишоева (46 сола) ва Нурбибӣ Мансурова дар ШАС дар шароити вазнин ва азобу ранҷ мекашидаанд [6, 2017. – 23 октябр].

Матолиби дигаре, ки ба ҳаёти занон алоқамандӣ дорад, «Занҳои араб низ аз либоси сиёҳ даст мекашанд» аст, ки дар такя ба қавли Валиаҳди Арабистони Саудӣ интишор гардидааст, гуфтааст: «Занон бар асоси қонунҳои шариат бояд либоси муносиб ва муҳтарамона бипӯшанд. Аммо қонунҳо ба таври мушаххас зикр накардаанд, ки ҳатман бояд чодар ё рӯсарии сиёҳ ба бар кунанд. Чунин тасмим куллан ба худи занон марбут мешавад». Дар идомаи хабар омадааст, ки «Валиаҳд қаблан мамнуъияти ронандагии занон ва ба синамо рафтани онҳоро бекор кард» [6, 2018. – 26 март].

Бояд тазаккур дод, ки чанд сол қабл роҳбарияти Тоҷикистон низ қазияи мазкурро моли бегона барои занони кишвар дониста, хост, ки ба либосҳои миллӣ рӯй биоваранд. Масъулони давлати Тоҷикистон ин маъракаро танҳо ҳифзи фарҳанги миллии либоспӯшии тоҷикона шарҳ додаанд. Хотиррасон мекунем, ки пӯшидани ҳиҷоб ё рӯсарии сиёҳ дар аввали солҳои 2000-ум «мӯд» шуда буд.

Мавзуи дигари ин бахш воқеаҳои марбут ба COVID-19 – «Ҷарима ситондан барои пинҳон кардани гирифтори короновирус» [6, 2020. – 10 март], «Боз шудани масҷидҳо барои адои намоз» [6, 2021. – 1 июл], «Боз шудани марзҳои Арабистони Саудӣ» [6, 2021. – 3 январ], «Иҷозати ҳаҷҷи умра барои шахсоне, ки бар зидди COVID-19 эм карда шудаанд» ва амсоли ин аст, ки дар агентиҳои АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» низ бозтоб шудаанд. Бинобар ин баррасии такрории онҳоро ин ҷо зарур намедонем.

Мавзуъҳои дигаре, ки аз ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва ШАС дарак медиҳанд, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, ҳаҷ, кумаки камбизоатон мебошанд, ки дар бахши «Иҷтимоиёт» мунъакис гардидаанд. «Арабистони Саудӣ соли нави мелодиро ҷашн мегирад» [6, 2019. – 26 декабр], «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?» [6, 2022. – 10 апрел], «Халид ал-Сувалайҳ Асрорзодаро ба Арабистони Саудӣ даъват кард» [6, 2022. – 16 июн], «Мулоқоти Муҳсинзода бо ҳайати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» [6, 2023. – 23 феврал], «Парвозҳои нави «Сомон Эйр» ба Маскав ва Арабистони Саудӣ» [6, 2023. – 9 август] ва ғайра аз ҷумлаи маводде мебошанд, ки дар ин бахш ба табъ расидаанд. Дар маркази таваҷҷуҳи ин матолиб асосан фаъолияти Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон ба Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Дар ин матолиб Арабистони Саудӣ ҳамчун кишвари башардӯст намоён мегардад.

Бояд қайд намуд, ки бархе аз ин матолиб дар расонаҳои дигар, аз ҷумла агентии «Азия-Плюс» айнан ба табъ расидаанд. Ба гунаи далел «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?», ки дар агентии «Азия-Плюс» ҳанӯз 31-уми марти соли 2022 интишор гардидааст. Ин ишора ба он мекунад, ки агентии «Азия-Плюс» дар муқоиса бо расонаҳои дигар, аз ҷумла сомонаи «Pressa.tj» аз ҷиҳати сареъияти пахши ахбор бартарӣ дорад.

Бо назардошти гурез аз такрор мо ин ҷо танҳо ба матолибе таваҷҷуҳ менамоем, ки дар расонаҳои дигари мавриди пажуҳиш ба мушоҳида нарасиданд.

Бахши «Ҷаҳон»-и сомона низ аз нигоҳи теъдоди мавод чашмрас аст. Маводди ин бахш ҳаводису воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои араб, аз ҷумла, ШАС-ро фаро гирифта, дар такя ба ахбори агентиҳои иттилоотии хориҷӣ таҳия гардидааст. Яке аз аввалин маводде, ки дар ин сомона ба назар расид «Таркиш дар назди консулгарии Амрико дар Ҷиддаи Арабистони Саудӣ» аст. Ин мавод хусусияти хабарӣ дошта, аз таркиши назди консулгарии Амрико ва маҷруҳ шудани даҳ нафар иттилоъ медиҳад. Шахси интиҳорӣ (худкуш) худро таркондааст. Дар пасманзари ин воқеа сомона илова менамояд, ки «консулгарии Амрико дар Ҷидда соли 2004 низ мавриди ҳамла қарор гирифта буд, ки дар натиҷаи он 9 нафар ба ҳалокат расиданд» [6, 2016. – 4 июл]. Маводди дигар «Валиаҳди саудиҳо Амрикоро таҳдид кард» [6, 2023. – 9 июн] аст, ки сомона дар такя ба рӯзномаи «Washington Post» таҳия ва нашр намудааст. Қазияи асосӣ дар ин матлаб фишори Вашингтон ба Арабистони Саудӣ дар мавриди истихроҷи нефт аст. «Валиаҳд ва нахуствазири ин кишвар Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд ба ИМА таҳдид кардааст, ки равобитро қатъ мекунад ва ин паёмадҳои вазнини иқтисодӣ дорад». «Pressa.tj« дар истинод ба нашрия ёдовар шудааст, ки тирамоҳи соли 2022 Арабистони Саудӣ бо вуҷуди гаронии қимати сӯзишворӣ дар Амрико якҷоя бо кишварҳои дигари ОПЕК+ тасмим гирифт, ки истихроҷи нефтро коҳиш диҳад. Президенти Амрико Ҷо Байден барои ин амал ба Ар-Риёз ваъда додааст, ки алайҳи ӯ таҳримот ҷорӣ мекунад. Ибни Салмон дар як суҳбати хусусӣ гуфааст, ки агар Вашингтон ин иқдомро рӯйи даст гирад, равобит бо ин кишварро қатъ карда, аз муомила бо ҳукумати Амрико худдорӣ мекунад ва Амрикоро ба «дарди ҷиддии иқтисодӣ гирифтор месозад». Сомона навиштааст, ки рӯзноманигори «Washington Post» Ҷон Ҳутсон қайд кардааст, ки «ҳашт моҳ гузашт ва Байден бо вуҷуди ваъдаҳо, алайҳи Арабистони Саудӣ ҳеҷ гуна таҳримот ҷорӣ накардааст» [6, 2023. – 9 июн].

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва пажуҳиши маводди «Pressa.tj« метавон натиҷа ҳосил намуд, ки ин сомона доир ба муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону ШАС, татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги муштарак дар самти мубориза бо тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ дар

шаҳру навоҳии Тоҷикистон, роҳҳо ва иншооти саноативу дорои аҳаммияти иҷтимоидошта, кумакҳои башардӯстонаи Маркази шоҳ Салмон таваҷҷуҳ кардааст, ки аз як тараф, нақши боризи ШАС дар рушд ва таҳкими равобити ҳасанаи ду кишвар нишон дода, аз ҷониби дигар, аз саҳми «Pressa.tj« дар оммавикунонии раванди ҳамкориҳои ду ҷониба ва ташаккули тасаввуроти ҷомеа дар бораи аҳаммияти ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстонаи Тоҷикистону ШАС шаҳодат медиҳад.

Б) Инъикоси муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Қатар

Сомонаи «Pressa.tj« дар фаъолияти худ ба воқеаву рӯйдод ва ҳодисаву қазияҳои марбут ба таҳкими муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Қатар низ таваҷҷуҳ намуда, мавод интишор намудааст. Маводди марбут ба ин мавзуъ дар муқоиса бо ШАС нисбатан камтар буда, дар бахшҳои «Сиёсат», «Иқтисод» ва «Тоҷикистон» ҷой дода шудааст.

Маводди бахши «Сиёсат»-ро чун анъана сафарҳои расмии мутақобилаи Президенти Тоҷикистон ва Амири Қатар, имзои санадҳои нави ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Қатар, «Пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон ба шайх Файсал Ибн Сонӣ Оли Сонӣ дар Қатар ҷиҳати иштироки ҷониби Қатар дар татбиқи чанде аз тарҳҳои афзалиятнок ба манфиати ҳар ду ҷониб ва ҳамкориҳои минбаъда» [6, 2024. – 22 январ], «Сафари давлатии Амири Қатар ба Тоҷикистон» [6, 2023. – 8 июн], «Супоридани эътимоднома аз ҷониби Сафири Қатар дар Тоҷикистон» [6, 2023. – 1 феврал] ва амсоли ин ташкил медиҳад.

Дар рафти ин сафарҳо тули солҳои 2023 ва 2024 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар дар маҷмуъ «24 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расидааст» [6, 2024. – 22 январ; 2023. – 9 июн]. Дар ҳошияи сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар таъсиси марказҳои тақсимоти яклухт ва логистикӣ ҷиҳати коркард, бандубаст ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба Қатар барои ду ҷониб судманд арзёбӣ гардида, пешниҳод шудааст, ки бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон ««Фонди муштараки иқтисодӣ ва сармоягузорӣ» таъсис дода шавад» [6, 2024. – 21 январ].

Дар ин замина муносибатҳои Тоҷикистону Қатар ҳамчун ҳамкории сиёсӣ ва мутақобилан судманд нишон дода шудааст.

Дар бахши «Иқтисод» аслан, ба масъалаҳои ҷалби сармоя, ҳамкориҳои бонкӣ, ташкили шуроҳои соҳибкорон, амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак ва имкониятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ таваҷҷуҳ шудааст. Чунончи, матнҳои «Бонки марказии Қатар ба мо кумак мекунад» [6, 2017. – 2 ноябр], «Анҷуману нишастҳои соҳибкорон дар Тоҷикистону Қатар танзим мешаванд« [6, 2023. – 24 январ], «Тоҷикистону Қатар Шурои муштараки соҳибкорон таъсис медиҳанд« [6, 2023. – 30 июн], «Баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ бо Тоҷикистон дар Қатар« [6, 2023. – 25 июл], «Қатар дар Душанбе шаҳраки нав месозад» [6, 2024. – 22 январ] ва амсоли ин аз ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қатар дарак медиҳанд. Аз ҷумла, дар матлаби «Қатар дар Душанбе шаҳраки нав месозад» баррасии масъалаи бунёди шаҳраки нав дар Душанбе зимни мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва мудири бахши сармоягузории ширкати «Диёри Қатар» Аҳмад Муҳаммад Тайиб инъикос гардидааст. Аз шарҳи сомона хонанда дарк менамояд, ки маҷмааи «Диёри Душанбе» ва калонтарин масҷиди ҷомеи Душанбе, аз ҷумлаи лоиҳаҳои амалишавандаи Тоҷикистону Қатар мебошад ва муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Қатар аз 13-уми декабри соли 1994 барқарор шудаанд. Мавод инчунин, барои ба даст овардани маълумот дар бораи ифтитоҳи сафорати Қатар дар Душанбе (ноябри соли 2012) ва сафорати Тоҷикистон дар Давҳа (моҳи майи соли 2013) ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тавр, дар матлаби «Бонки Марказии Қатар ба мо кумак мекунад» рӯйдоди ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории бонкӣ дар вохӯрии Раиси бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати бонки марказии Қатар таҳти роҳбарии Раиси бонки марказии ин кишвар Шайх Абдулло ибни Сауд оли Сонӣ, ки дар натиҷаи сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қатар ба вуқуъ пайвастааст, баррасӣ шудааст [6, 2017. – 05 феврал]. Шарҳи ин воқеаи судманд ишора ба он мекунад, ки низоми бонкии исломӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи намоён дошта, доираи васеи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкиро ба

худ ҷалб кардааст. «Тоҷикистон дар Осиёи Миёна якумин ва ягона кишваре аст, ки қонуни алоҳидаи соҳавиро соли 2014 оид ба фаъолияти бонкии исломӣ қабул кардааст. Бонки Исломии Рушд ва мушовирони байналмилалӣ дар самти таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқии роҳандозии принсипҳои маблағгузории исломӣ ва кушодани институтҳои қарзии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ҳамкорӣ дорад» [6, 2017. – 05 феврал].

Дар матлаби «Баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ бо Тоҷикистон дар Қатар» музокираи масъалаҳои дурнамои тавсеаи ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузориҳо, гидроэнергетика, ҳамлу нақл ва саноат дар рафти мулоқоти кории Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон Хисрав Соҳибзода бо Мудири раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии Вазорати савдо ва саноати Давлати Қатар Солеҳ Абдуллоҳ ал-Монеъ ва рӯзномаи ҷаласаи навбатии Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар ва лоиҳаи протоколи ҷаласа инъикос гардидааст.

Мавзуи дигари ин бахш ба имзо расидани Созишнома байни Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷумахонзода ва муовини якуми раиси Палатаи савдо ва саноати Давлати Қатар Муҳаммад ибни Аҳмад Тавор ал-Куворӣ дар бораи таъсиси Шурои муштараки соҳибкорон аст, ки дар шаҳри Давҳа рух додааст.

Масъалаи дигаре, ки дар бахши «Иқтисод»-и сомонаи расонаи Pressa.tj инъикос гардидааст, омодагии Қатар ҷиҳати қабули муҳоҷирони кории тоҷик ба ин кишвар мебошад. Аз ҷумла, дар матлаби «Акнун ба Қатар ба муҳоҷират меравем» [6, 2017. – 19 октябр] ба мувофиқа расидани ҷонибҳои Тоҷикистон ва Қатар дар масъалаи интиқоли шаҳрвандони Тоҷикистон барои кор ба ин кишвари араб мавриди инъикос қарор гирифтааст. Сомона дар такя ба иттилои Раёсати муҳоҷирати Вазорати меҳнат афзудааст, ки ба имзо расидани лоиҳаи кор барои муҳоҷирони тоҷик дар Қатар аз ҷониби вазирони меҳнати ду кишвар дар назар аст. Вазорати меҳнат ҳадафи асосӣ аз тасвиби созишномаро пешгирии шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҳолатҳои ба ғуломӣ афтидан дар кишварҳои араб маънидод намудааст.

Сомона ин воқеаро пайгирӣ намуда, баъди ду сол иттилоъ додааст, ки Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи танзими неруи корӣ байни ҳар ду кишварро вазири вақтинаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Сумангул Тағойзода ва вазири рушди идорӣ, шуғл ва умури иҷтимоии Қатар Юсуф бин Муҳаммад ал-Усмон Фахру дар шаҳри Давҳа имзо намуданд [6, 2019. – 5 феврал].

Аз омӯзиш ва баррасии маводди сомонаи нашрияи «Тоҷикистон» – «Pressa.tj« баръало дида мешавад, ки аз масъалаҳои нисбатан муҳим дар робита бо кишварҳои араб, аз ҷумла, давлати Қатар ҳамкориҳои иқтисодӣ будааст, ки муҳтавои онро ба имзо расонидани созишномаҳо дар соҳаи бонкӣ, бунёди иншоотҳо, сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон, кумакпулиҳо ва амсоли ин ташкил медиҳанд. Манфиатҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, муносибатҳои ду кишвар дар расонаи «Pressa.tj« мавқеи муҳим дорад.

Матолиби бахши «Тоҷикистон» аз нигоҳи мундариҷа гуногун буда, фарогирандаи бисёр самтҳо, аз ҷумла хабарҳои муҳимми сиёсӣ, рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва варзиш мебошад. Масалан, аз баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол дар Қатар (2022) ва сафари намояндаи ҷавонони Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ [6, 2023. – 20 ноябр], ҳам аз бидуни раводид дар Тоҷикистон 30 рӯз мондани шаҳрвандони Қатар [6, 2024. – 23 январ], ҳам дар бораи мулоқоти Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон ва Прокурори генералии Қатар Исса бин Саад ал-Ҷуфарӣ ан-Нуаймӣ [6, 2024. – 20 феврал] ва амсоли инҳо иттилоот дода шудааст. Аксарияти чунин матолиб ҷанбаи хабарӣ дошта, хонандаро аз рух додани воқеаҳои хуш мужда медиҳанд. Масалан, дар такя ба суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо тоҷирон, сармоягузорон ва ширкатҳои Қатар хабар додааст, ки шаҳрвандони Қатар аз ин ба баъд метавонанд 30 рӯз бидуни раводид дар Тоҷикистон бимонанд. Расона ёдовар мешавад, ки ин тасмим якҷониба гирифта шудааст.

Ё ин ки дар бораи мулоқоти Прокуророни генералии Тоҷикистон ва Қатар иттилоъ додааст, ки зимни мулоқот тақвияти ҳамкории дуҷониба оид ба татбиқи амалии шартномаҳои байналмилалӣ дар бораи истирдоди ҷиноятқорон, расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва бозпас додани

маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо, ки соли 2023 ба имзо расида буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамкории мақомоти прокуратураи давлатҳо дар муқовимат ба терроризми байналмилалӣ, тундгароӣ ва экстремизм, қочоқи инсон, муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ муҳим арзёбӣ гардидааст.

Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки соли 2022 дар ВАО-и ҷаҳон роҷеъ ба баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол дар Қатар овозаву ҳангомаҳои зиёд нашр мешуд. Аз ҷумла, сомонаи «Pressa.tj« 18-уми ноябри 2022 дар такя расонаҳои хориҷӣ бо истинод ба суханони раиси минтақавии Маркази омӯзиши Ховари Миёнаи Англия Амҷад Таҳ хабар додааст, ки Қатар ба ҳашт бозингари тими миллии Эквадор 7,4 млн. доллар ришва додааст, то тими миллии онҳо дар бозии ифтитоҳии Ҷоми ҷаҳон-2022 мағлуб шавад. Амҷад Таҳ навиштааст: «мо умедворем, ки паҳн шудани ин маълумот ба натиҷа таъсир мерасонад. Ҷаҳон бояд бо фасод дар ФИФА муқовимат кунад» [6, 2022. – 18 ноябр]. «Pressa.tj« дар хотимаи матлаб ёдовар шудааст, ки чемпионати Ҷоми ҷаҳон-2022 оид а футбол аз 20-уми ноябр то 18-уми декабр баргузор мешавад. Мунтахаби Эквадор дар бозии ифтитоҳии Ҷоми ҷаҳонии футбол, ки қарор аст 20-уми ноябр баргузор шавад, бо тими Қатар вомехӯрад [6, 2022. – 18 ноябр]. Баъдан маълум шуд, ки ҳамаи ахбор ва овозаву ҳангомаҳо бардурӯғанд, чунки 20-уми ноябр дар рӯзи аввал давлати мизбон (Қатар) дар варзишгоҳи «ал-Байт»-и шаҳри ал-Ҳавр аз тими миллии Эквадор бо ҳисоби 0:2 мағлуб шуд. Тибқи иттилои расона бо бохти давлати Қатар анъанаи 92-солаи Ҷоми ҷаҳон шикаста шуд, ки дар маросими ифтитоҳӣ мизбон мағлуб шавад. Дар матлаб таъкид шудааст, ки «аввалин маротиба Ҷоми ҷаҳон дар Машриқзамин, ба хусус дар давлатҳои арабӣ баргузор мегардад ва маросими ифтитоҳӣ бо хондани оёти «Қуръон» оғоз гардид» [6, 2022. – 21 ноябр]. Зикр кардан бамаврид аст, ки хабари паҳн шудани овозаҳо дар бораи бозии Қатар ва Эквадор нишон медиҳад, ки баъзан маълумот бе таҳлили амиқ аз манбаъҳои хориҷӣ интишор шудааст.

Дар бахши «Варзиш» таҳти сарлавҳаи «Шайхи Қатар «Манчестер Юнайтед»-ро хариданист» бо истинод ба рӯзномаи «The Guardian» иттилоъ

додааст, ки Шайх Ҷосим бин Ҳамад Оли Сонӣ мехоҳад бошишгоҳи футболи Англия «Манчестер Юнайтед»-ро ба маблағи 7,5 млрд. доллар бихарад. Ба гуфтаи манбаъ, шайх барои 100 % саҳмияҳои даста 6 млрд. фунт стерлинг **(7,53** млрд. доллар**)** пешниҳод кардааст. Тибқи иттилои расона моҳи апрел шайх барои даста **6,3** млрд. доллар пешниҳод карда буд. Скай News навиштааст, ки «ширкати сармоягузории амрикоии «Карлайл» низ мақсади харидани «Манчестер Юнайтед» дорад» [6, 2023. – 9 июн].

Ҳамин тавр, дар сомонаи «Pressa.tj» муносибатҳои Тоҷикистону Қатарро асосан дар шакли ахбори расмӣ мавриди инъикос қарор гирифта, ба мавзуъҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла, сармоягузорӣ, бунёди лоиҳаҳои муштарак ва рушди робитаҳои иқтисодӣ афзалият дода шудааст. Аксарияти хабарҳо дар такя ба сарчашмаҳои расмӣ, аз қабили мақомоти давлатии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, намояндагони дипломатӣ ва ширкатҳои сармоягузорӣ таҳия гардидаааст, ки ин эътимоднокии маводро афзун мегардонад. Агентӣ ба андешаи коршиносону таҳлилгарон камтар эътибор додааст, ки боиси маҳдуд гардидани гуногунандешӣ шудааст.

В) Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи хос дорад. Аз ин рӯ, сомонаи «Pressa.tj« ба воқеаҳои гуногуни ин кишвар низ таваҷҷуҳ карда, ҷараён ва раванди муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону АМА-ро дар бахшҳои «Сиёсат», «Тоҷикистон» ва «Иқтисод» инъикос намудааст.

Дар бахши «Сиёсат» бештар вохӯриҳо ва музокироти расмӣ, сафарҳои давлатӣ ва иштироки Президенти Тоҷикистон дар конфронсҳои байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Фаъолияти Президент Эмомалӣ Раҳмон ва робитаҳои дипломатии Тоҷикистон бо роҳбарияти АМА Муҳаммад ибн Зоид ан-Наҳён дар маркази ин ахбор қарор дорад. Аз ҷумла, дар мавриди ба ҳузур пазируфтани Вазири энергетикаи Амороти Муттаҳидаи Араб Суҳайл ал-Мазруӣ [6, 2016. – 21 октябр] ва Вазири савдои АМА Султон бин Саид ал-Мансурӣ [6, 2017. – 16 октябр] аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, баргузории машваратҳои

консулӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб таҳти роҳбарии сардори Сарраёсати консулии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳром Холназаров ва муовини Вазир – Сарпарасти Хадамоти консулии Вазорати корҳои хориҷии АМА Аҳмад Саид Алҳам аз-Зоҳирӣ [6, 2017. – 20 октябр], тақдими даъватномаи расмии Президенти АМА Шайх Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳён ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Нишасти 28-уми СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28), ки аз 30-юми ноябр то 12-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Дубай баргузор хоҳад шуд, аз ҷониби ал-Ариқӣ [6, 2023. – 27 июл], сафари кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамроҳонашон – Вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои хориҷӣ, вазирони энергетика ва захираҳои об, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав ва дигар шахсони расмӣ ба АМА барои ширкат дар конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим [6, 2023. – 30 ноябр] ва амсоли инҳо инъикосу баррасӣ шудааст.

Аз муҳтавои ин ва ин қабил мавод метавон хулоса кард, ки сомонаи «Pressa.tj» дар такя ба манобеи гуногун раванди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА-ро пайваста пайгирӣ намуда, дар бораи воқеаҳои сиёсии марбут ба ин кишвар на танҳо иттилоъ додааст, балки бо шарҳу тавзеҳ ва зикру ёддошт, сабаб ва ҳолатҳои рӯй додани амалҳоро нисбатан пурратар намо додааст. Масалан, аз мутолиаи матни «Эмомалӣ Раҳмон барои ширкат дар конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим ба АМА рафт» [6, 2023. – 30 ноябр] хонанда на танҳо аз мақсади сафар огоҳ мешавад, балки дар бораи фосилаи баргузории Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи чаҳорчӯбаи СММ оид ба тағирёбии иқлим (COP-28) (30-юми ноябр то 12-уми декабр) дар кучо баргузор шудани он (Дубай), теъдоди иштироки вакилон (беш аз 70 000), тадбирҳои сиёсӣ ва иқтисодии баррасишаванда ва амсоли ин низ маълумот ба даст меорад.

Дар бахши «Тоҷикистон» низ ба матлабҳое дучор мешавем, ки ба воқеа ва рӯйдодҳои сиёсӣ рабт доранд. Бахши мазкур асосан фарогири иттилооти марбут

ба иштирок ва фаъолияти намояндагони Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва робитаҳои байнидавлатӣ мебошад. Чунончи, барқияи тасаллияти Президент Эмомалӣ Раҳмон ба раисиҷумҳури АМА Шайх Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳён дар робита ба даргузашти бародараш Шайх Саид бин Зоид Оли Наҳён [6, 2023. – 31 июл] ё иштироки Намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Ҷонибек Ҳикмат дар нишасти навбатии «Гурӯҳи дӯстони об» [6, 2023. – 10 ноябр], ки дар қароргоҳи СММ доир гардидааст. Дар маводди ахир сухан дар бораи баромади Намояндаи Тоҷикистон доир ба омодагӣ ба Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (Душанбе моҳи июни соли 2024) меравад.

Яке аз мавзуъҳои муҳим ва қобили мулоҳиза робитаҳои иқтисодӣ аст. Сомонаи «Pressa.tj» маводди марбут ба ин самти ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА-ро дар бахши «Иқтисод» ҷой медиҳад. Маводҳои «Абу-Дабӣ (Забӣ) ба Тоҷикистон 15 млн. доллар қарз медиҳад» [6, 2010. – 24 июн], «Тоҷикистон ва АМА ҳамкориҳои иқтисодии худро рушд мебахшанд» [6, 2017. – 14 декабр], «Тоҷикистон соҳиби корхонаи мошинҳои ҳарбӣ шуд» [6, 2023. – 24 май] аз ҷумлаи нигоштаҳое мебошанд, ки дар расонаҳои дигар ба назар нарасид.

Агар дар маводди аввал аз 15 млн. доллар қарзи барои сохтмони роҳҳо ба Тоҷикистон додаи Хазинаи рушди Абу-Забӣ ва шартҳои баргардонидани қарзи 15-сола сухан равад, дар матлаби дуюм баррасии дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар бахшҳои мухталиф дар ҷаласаҳои Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба равобити иқтисодию тиҷоратӣ ва техникӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АМА инъикос гардидааст. Маводди сеюм, дар бораи бунёди корхонаи «Сипар гурӯҳ» дар шаҳри Турсунзода маълумот дода аст. Корхонаи мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таъсис ёфта, самти фаъолияти асосии он ҷамъу васлсозии мошинҳои махсуси ҳарбӣ ва граждани аст. Қисмҳои алоҳида аз ширкати «Streit Group»-и АМА дастрас мегардад ва корхона дар марҳилаи аввал бо истифодаи қисмҳои алоҳидаи аз хориҷа дастрасшуда, ба ҷамъу васли 17 намуд нақлиёти махсус машғул мешавад. «Мошинҳои омодашаванда дар ин корхона барои таъмини ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи

Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» [6, 2023. – 24 май]. Ин матолиб ба масъалаҳои рушди саноат ва ҳамкориҳои технологии ду кишвар аҳаммияти махсус додани расонаи иттилоотиро баён менамояд.

Мавзуи дигаре, ки дар сомона нисбатан мавқеъ дорад, фарҳанг аст. Яке аз маводди марбут ба фарҳанг сафари вазири фарҳанги Тоҷикистон Зулфия Давлатзода барои иштирок дар Фестивали 18-уми мероси Шориқа ба АМА аст. Тибқи иттилои сомона, ин фестивал аз 27-уми март то 4-уми апрел дар шаҳри Шориқа баргузор гардида, зимни он масъалаҳои ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дар самти ҳифзу нигоҳдории мероси моддию ғайримоддӣ, мутахассисони соҳавӣ, ташкили семинару конфронсҳо ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос баррасӣ мешудааст [6, 2021. – 26 март]. Дар ин матн ёдоварӣ шудааст, ки соли 2019 низ ҳайати фарҳангии Тоҷикистон дар Фестивали 17-уми мероси Шориқа иштирок намуда будааст.

Муҳтавои матолиб нишон медиҳанд, ки ҳамкориҳои фарҳангӣ низ ҳамчун як ҷузъи муҳимми муносибатҳои ду кишвар муаррифӣ мешаванд. Ин мавод барои муаррифии фарҳанги миллӣ ва таҳкими робитаҳои дуҷониба шароити мусоид фароҳам меорад.

Сомонаи «Pressa.tj» дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳои дуҷониба, инчунин, ба рӯйдоду воқеаҳои мудҳиши дар АМА ба амаломада низ таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, «Сӯхтор дар Дубай 16 кушта ва 9 захмӣ бар ҷой гузошт» [6, 2023. – 17 апрел]. Ин мавод дар такя ба иттилои хабаргузории «IRNA» бо истинод ба рӯзномаи «Khaleej Times» таҳия шуда, шарҳи он ифодагари сарлавҳаи матн аст. Бино ба зикри сомона, солҳои охир дар биноҳои Дубай сӯхторҳои зиёде ба амал меомадаанд, ки муҳимтарини онҳо сӯхтор дар баландтарин бурҷи ҷаҳон – «Бурҷи Халифа» будааст. Ин ҷанба нишон медиҳад, ки сомона на танҳо ҳамкориҳои мусбат, балки вазъи воқеии кишварҳоро низ пайгирӣ мекунад.

Дар умум, сомонаи «Pressa.tj« воқеоти марбут ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус, ШАС, АМА ва Қатарро пайгирӣ ва дар шакли фарогир инъикос намуда,

масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст. Расона ба равобити иқтисодӣ ва дипломатӣ бартарӣ дода, рӯйдодҳоро дар шакли кӯтоҳу мушаххас инъикос намудааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқ ва баррасии маводди агентиҳои АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва расонаи «Pressa.tj« ба сифати намунаи ВАО-и Тоҷикистон ба мо имкон дод, ки дар фарҷоми боб чунин нуқтаҳоро ба сифати хулоса ҳосил намоем:

– агентиҳои мазкур дар баробари дигар ВАО нисбат ба воқеаҳои муҳимми рӯз, аз ҷумла, муносибатҳои дипломатӣ, робита ва ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, АМА ва Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз рӯйи имкон раванди ин мавзуъро инъикос намудаанд;

– дар инъикоси воқеа ва рӯйдоду ҳаводиси марбут ба ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар агентиҳои мавриди таҳқиқ мавқеи ягона надоранд. Дар ин самт АМИТ «Ховар» ба мавқеи ҳукумати кишвар мувофиқ аст. Дар агентии «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj« ҳарчанд чунин мавқеъ бартарӣ дорад, аммо дар баъзе мавод, ки дар такя ба расонаҳои хориҷӣ таҳия шудааст, мавқеи расона норавшан аст;

– мундариҷа ва муҳтавои маводди сомонаҳои АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Pressa.tj« аз вижагиҳои умумӣ ва хосса бархӯрдор аст. Аз як тараф, як будани объект ва предмети омӯзиш ва инъикос, аз ҷониби дигар, манобеи иттилоотӣ боис гардида, ки як воқеа ё рӯйдоди муҳим дар ҳамаи ин расонаҳо инъикос ёбад. Ҳамчунин, истифодаи бахш ва ё рубрикаҳои якхела умумияти онҳоро таъмин намудааст;

– вижагиҳои хоси мундариҷаи ин агентиҳоро метавон дар таносуби интихоби мавзуъҳои гуногун, тарзи инъикос, истифодаи манобеъ ва дараҷаи мавқеъгириҳо нисбат дод. Дар интихоби мавзуъ ва фарохии он АМИТ «Ховар» бартарӣ дорад;

– таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки омили аз ҳама муҳим ва таҳрикбахши робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби ШАС, АМА ва Қатар рағбати сарварони кишварҳо, сафарҳои дуҷонибаи онҳо ва имзои санаду созишномаҳо будааст.

БОБИ IV

ВИЖАГИҲОИ ЖАНРИИ МАВОДДИ ВАО МАРБУТ БА МУНОСИБАТҲОИ ДУТАРАФАИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ АРАБИ ХАЛИҶИ ФОРС

Дар хусуси жанрҳои журналистика ва зарурати омӯхтани онҳо байни баъзе муҳаққиқони назариядон ва рӯзноманигорони амалӣ ихтилофоти назар вуҷуд дорад. Аз ҷумла, баъзе рӯзноманигорон дар такя ба мактабҳои амалии рӯзноманигории ВАО-и хориҷӣ андешаеро талқин мекунанд, ки дар фаъолияти рӯзноманигорӣ на донистани қонунмандиҳои жанр, балки маҳорати навишта тавонистан муҳим аст. Ин фаҳмиш чандон дуруст набошад ҳам, қобили мулоҳиза аст. Воқеан, дар олами журналистикаи амалӣ қобилияту маҳорат нақши муҳим дорад, аммо ғановати донишҳои назариявӣ, аз ҷумла, донистани қонунмандиҳои жанрии матолиби навишташуда ё таҳиягардида, ба қобилияту маҳорат неруи касбӣ бахшида, онро ба низом медарорад, муассир мегардонад.

Ба ин маънӣ, фаъолияти эҷодии рӯзноманигориро, ки маҳсули он тавассути васоити ахбори омма, ба хусус, агентиҳои иттилоотии даврӣ, дастраси омма мегардад, бидуни жанр тасаввур кардан душвор аст. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик А. Саъдуллоев қайд намудааст: «Жанр на танҳо рангорангию хонданбобии ахбор, балки як воситаи хуби ташаккули шаклҳои дохилии газетаҳо мебошад. Аз тариқи жанр муаллифон ғоя, фикр ва гапҳои гуфтаниашонро дар шакли марғуб пешниҳоди хонанда мегардонанд» [225, с. 34].

Ҳамин тавр, дар бораи жанрҳои публисистика аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ асарҳои зиёде дар шакли монография, китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ ба нашр расидааст, ки аз масъалаи бебаҳс будани тавъмандии фаъолияти эҷодии рӯзноманигорӣ бо аносири шакливу мундариҷавӣ дарак медиҳад. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус Э. Полетаев жанрро «восита ва шакли ба вуҷуд овардани асари чопии рӯзноманигор» донистааст» [183, с. 34].

Табиист, ки ҳар рӯз ва ҳатто ҳар лаҳза дар олам ҳазорон ҳодисаву рӯйдод ва воқеаҳои гуногуну мухталиф ба вуқуъ мепайванданд. Албатта, тамоми ин

воқеаҳо таваҷҷуҳи рӯзноманигоронро ба худ ҷалб намекунанд ва дар контексти васоити ахбори омма ҷой дода намешаванд. Журналистон, пеш аз ҳама, ба он воқеаву рӯйдодҳое таваҷҷуҳ менамоянд, ки нисбатан муҳим, мубрам, арзишнок ва ё ба ибораи журналистӣ дорои аҳаммияти иҷтимоӣ мебошанд. Маҳз чунин воқеаву рӯйдод аз ҷониби рӯзноманигорон интихоб шуда, коркард мегардад ва тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн карда мешавад. Бо вуҷуди он ки интихоби ҳар гуна воқеа ва ё мавзуъ, коркард ва тасмимгириҳо аз он дар заминаи воқеияти иҷтимоӣ, рӯҳи замон ва мантиқи баён сурат мегиранд, дар ин ҷараён журналистон бештар ба меъёрҳои маъмул ва тачрибашуда такя мекунанд. Яке аз чунин омил дар журналистикаи амалӣ шакл ва ё қолаб аст. Ба ин мазмун, муҳаққиқони соҳаи журналистикаи тоҷик дуруст дарёфтаанд, ки: «ҷараёни маҳдудсозии фаъолияти фикрӣ аз фаъолияти баёни он бо сухан шартӣ мебошад. Дар ҳақиқати ҳол ҳар дуи ин фаъолият ба ҷустуҷӯҳои маънавӣ, услубӣ, васоити тасвир ва забон марбут аст. Ба ибораи дигар, «дар ҷараёни эҷод ҳамбастагии шакл ва мазмун сахт алоқаманд мегарданд» [225, с. 109].

Аз ин мавқеъ, меъёрҳои истифодаи жанрҳо дар фаъолияти эҷодӣ, хосса рӯзноманигорӣ, ба авомили гуногун иртибот дорад. Он чи ба унвони жанр корбурд мешавад, натиҷаи тасмимгириҳои мушаххаси рӯзноманигор аз воқеиятҳои иҷтимоӣ ва иттилооти ироа ва инъикосшаванда аст. Ҳақиқати бебаҳс ин аст, ки воқеаҳои олам, чи табиӣ ва чи иҷтимоӣ, объективӣ ва тағйирнопазиранд. Аз ин рӯ, ҳар гуна тасмимгирӣ ва интихобҳо дар мавриди шаклу қолиб аз таъсир ва фароянди воқеиятҳо дар канор буда наметавонад.

Ба ин мазмун, муаллифони китоби «Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ» навиштаанд: «Фаъолияти эҷодии рӯзноманигориро бе жанр тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф, ба шакл медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар, ҷамъбаст мегардад» [157, с. 110].

Ҳарчанд доир ба жанрҳои публитсистика андешаву назарҳо гуногун ва баъзан мухталиф аст, аммо аксарияти муҳаққиқон онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ: хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ ҷудо намудаанд. Аксари муҳаққиқон, аз

ҷумла, А. А. Тертичный се омили асосии жанрсозро муайян кардааст, ки инҳоянд: «предмети инъикос, мақсади инъикос ва усули инъикос» [241, с. 23]. Ин таснифот дар таҳқиқи мо ҳамчун меъёр ба асос гирифта шуд.

Таҳлили маводди марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ки дар матбуоти даврӣ, ба хусус агентиҳои иттилоотии ин кишварҳо ба табъ расидааст, нишон медиҳад, ки ҳарчанд онҳо аз аносир ва вижагиҳои умумии жанрӣ бархӯрдоранд, аммо таносубан ҳар як расона вижагиҳои хоси худро доштааст. Воситаҳои ахбори оммаи мавриди пажуҳиш дар инъикоси ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс аз навъҳои гуногуни жанрҳои публитсистика кор гирифтаанд. Ин усул ба мо имкон медиҳад, ки дар заминаи маводди расонаҳои гуногун, вижагиҳои баъзе аз жанрҳои публитсистиро ба таври мушаххас ва бо муқоиса ба баррасии илмӣ кашем.

4.1. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ

Муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва жанрии воқеиятҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс аз чанд ҷиҳат муҳим аст. Аввалан, маводди ифодакунандаи ҳамкориҳои байни кишварҳо дар шаклу сохтори журналистӣ муайян мегардад. Баъдан, корбурди имкониятҳои жанрӣ, ба хусус жанрҳои ахборӣ, дар воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои гуногун равшан мешавад. Солисан, вижагиҳои умумӣ ва хоссаи расонаҳои алоҳида дар бозтоби хабарии воқеиятҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс мушаххас мегардад.

Ба ин маънӣ, ҳангоми таҳқиқ ва арзёбии масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон андешаи мо сари нуктаҳое, монанди хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва вижагиҳои таҳияи онҳо, авомили гузиниши хабар, тафовути хабарнависӣ дар расонаҳои гуногун, усулҳои ҷолибсозии хабар, ҳисобот ва мусоҳиба ва тарзу тариқаи

таҳияи онҳо тамаркуз шуд. Бинобар ин ҳам, лозим донистем, ки вобаста ба ҳамин масоил ҷойгоҳи жанрҳои ахборӣ ва усули таҳияи онҳоро марбут ба мавзуъ дар агентиҳои иттилоотии мавриди назар муайян намоем. Барои мушаххасгардонии раванди таҳқиқ мавзуи ин фаслро ба хабар, ҳисобот, репортаж ва мусоҳиба тасниф менамоем.

А) Хабар. Нуктаи тавзеҳпазир дар ин фароянд, қабл аз ҳама, посух гуфтан ба суоли «хабар чист?» мебошад. Дар бораи жанри хабар таъорифи гуногун ва мухталифе сурат гирифтааст. Муҳаққиқи тоҷик И. Усмонов хабарро аз ҷумлаи «жанрҳои сареъи рӯзноманигорӣ дониста, навигариро омили бавуҷудорандаи он медонад» [250, с. 13]. Ин муҳаққиқ хабарро жанри публитсистика дониста менависад: «хабар воқеаеро, ки аҳаммияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба «саволҳои чӣ рӯй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд» [250, с. 13-14]. И. Усмонов навигарӣ, факт ва воқеаро аз унсурҳои асосии созандаи хабар маҳсуб медонад.

Муҳаққиқи эронӣ Муътамадинажод хабарро ин тавр таъриф кардааст: «хабар эълом ва баёни вақоеи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ ва нақл ва ақоид ва афкори умумӣ аст» [169, с. 18].

Назари муҳаққиқи дигари эронӣ Ю. Шукрхоҳ дар бораи хабар чунин аст: «хабар гузориши воқеиятҳост, аммо ҳар воқеаеро наметавон хабар номид; хабар паёме аст, ки эҳтимоли сидқ ва кизб дар он вуҷуд дорад; хабар рӯйдоде аст, ки қарор аст иттифоқ биафтад; хабар иттилооти марбут ба чизе аст, ки рух додааст; хабар маҷмуае аз луғот ва иборот аст, ки вуқуи он анҷоми кореро иттилоъ медиҳад; хабар ҳар мавзуи ҷории рӯз аст, ки ба иллати ҷолиб будан ва тарафи таваҷҷуҳ қарор гирифтани он аз ҷониби хонандагон дар матбуот мунташир мешавад; хабар нақли воқеӣ ва айнии ҳаводиси ҷории муҳимме аст, ки дар рӯзнома чоп мешавад ва мавриди таваҷҷуҳи хонандагон қарор мегирад; хабар нақли сода ва холиси воқеи ҷорӣ аст» [282, с. 77].

Зимнан, ҳарчанд дар илми рӯзноманигории араб доир ба жанрҳои публитсистика таҳқиқоти жарф камтар ба мушоҳида расид, аммо дар баъзе

асарҳо ба ин масъала таваҷҷуҳ шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки шинохти муҳаққиқони араб низ доир ба жанри хабар ва хабарнависӣ ба таърифоти муҳаққиқони дигар монанд аст. Чунончи, олими араб Абдулҷавод Саъид Рабиъ «ахборро ҳамчун чизи наве медонад, ки хонандагон баробари нашри рӯзнома донистан ва фаҳмидан мехоҳанд» [303, с. 163]. Солеҳ Шокир Ватут бошад ба он назар аст, ки «Хабар чизест, ки мо қаблан намедонистем, чизеро, ки шумо фаромӯш кардаед ё нафаҳмидаед» [300, с. 344].

Аз баррасии таърифҳои фавқ маълум мегардад, ки мабнои асосии хабарро нав ва ҷолиб будани воқеаву рӯйдод, барои аудитория муҳим аҳаммиятнок будани он ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, на ҳама воқеаву рӯйдодҳои баамаломада ҷанбаи хабарӣ доранд ва он чӣ арзиши хабарӣ пайдо мекунонад, аҳаммият ва эътиборе аст, ки ҷомеа барои он қоил аст. Бинобар ин, тозагии рӯйдод ва ҷолиб будани он барои омма муҳимтарин меъёри арзёбии хабар ба шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба таърифи боло метавон гуфт, ки агентиҳои даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс, ҳамчунин, Тоҷикистон тавонистаанд дар заминаи воқеиятҳои ҷолиби иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳамкориҳои байниҳамдигарии Тоҷикистон ва кишварҳои арабро дар қолаби хабарҳои ҷолиб ва пурмуҳтаво таҳия кунанд.

Албатта, тамоми хабарҳои объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро таҳлил намудан аз имкон берун аст, зеро миёни жанрҳое, ки воситаҳои ахбори оммаи чопии кишварҳои араби Халиҷи Форс истифода намудаанд, хабар маъмултару серистеъмолтар аст. Бинобар ин мо усули интихобро сармашқи кор қарор дода, аз агентиҳо ва расонаҳои мавриди таҳқиқ бо намунаҳо иктифо намудем.

Аз таҳлили хабарҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои Саудӣ, Қатар ва Аморот ба чунин натиҷа расидем, ки пеш аз ҳама, аносири муҳимми хабарӣ матолиби ин нашрияҳоро ба шакл даровардаанд.

Хабарҳои Агентии иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс доир ба воқеаву рӯйдодҳои марбут ба Тоҷикистон, асосан зери рубрикаҳои «Сиёсӣ» (**سياسي**), «Иқтисодӣ» (اقتصادي), «Иҷтимоӣ» (**اجتماعي**), «Фарҳангӣ» (ثقافي), «Варзишӣ» (**رياضي**) ва «Умумӣ» (عامٌ) интишор гардидаанд.

Хабарҳои зери рубрикаҳои фавқуззикр бо вуҷуди рангорангии предмети инъикос ва замону макони мутафарриқ, аз нигоҳи сохт ва усули таҳия вижагиҳои умумӣ доранд. Аз ин лиҳоз, хабарҳои мавриди интихобро метавон ба се навъ ҷудо кард:

1. Хабарҳое, ки иттилоот дар шакли матни мустақил ва бидуни сарлавҳа ироа шудааст. Амсоли:

«– 1992 Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Сан-Марино, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбакистон ба Созмони Милали Муттаҳид шомил шуданд» [467].

«Шурои олимпии Осиё дар иҷлосия пас аз натоиҷи муоинаи бозингари тими миллии футболи Тоҷикистон Хуршед Бекназаров, ки аз ширкат дар ин ҳамоиш хориҷ карда шуд, нахустин мавриди истифодаи допингро эълон кард» [421].

Намунаҳои овардашуда аз нигоҳи мавзуъ хабарҳои сиёсӣ ва варзишӣ буда, аз назари шакли жанрӣ ба навъи хроника мансуб мебошанд. Дар ҳар ду хабар яктои факт истифода шуда бошад ҳам, факти хабари дуюм ташреҳ ёфтааст. Агар дар хабари аввал факт шомил шудани ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон ба Созмони Милали Муттаҳид бошад, дар хабари дуюм аз ширкат дар ҳамоиш хориҷ гардидани бозингари тими миллии футболи Тоҷикистон Хуршед Бекназаров ба сифати факт истифода шудааст.

Хабари аввал бо вуҷуди кӯтоҳӣ – дар як ҷумла сурат гирифтанаш мушаххас ва фаҳмо аст, зеро факт равшан ва мушаххас ифода гардидааст. Факти хабари дуюм бо вуҷуди андаке шарҳ ёфтан, ҳанӯз норавшан боқӣ мемонад. Ин норавшанӣ танҳо дар маълум набудани санаи баргузории шурои олимпӣ, балки аз кадом ҳамоиш маҳрум шудани бозингари тими миллии футболи Тоҷикистон аст.

Агар аз нигоҳи пуррагии иттилоот ин хабарҳоро таҳлил намоем танҳо ба саволи чӣ посух пайдо мекунем. Ба саволҳои маъмули дигари хабарсоз – кай?, дар куҷо» аз ин хабарҳо посух гирифтан ғайриимкон аст.

2. Хабарҳое, ки дар таҳияи онҳо аз усули анъанавии хабарнигории агентиҳои хабарӣ истифода шуда, воқеаи мунъакисгардида хусусияти расмӣ дорад. Дар ин навъи хабарҳо тарзи маъмулии хабарнависӣ риоя шуда, мавҷудияти сарлавҳа, зикри макони рух додани воқеа ва ташреҳи он мустақилият ва пуррагии матни хабарро таъмин намудааст. Чунончи:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар ба Урдунро оғоз мекунад

Аммон, 9 декабр. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имрӯз бо як сафари расмӣ ба Урдун, ки якчанд рӯз давом мекунад, оғоз кард.

АИС гуфтааст, ки раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Абдуллоҳи дуввум – подшоҳи Урдун дар баробари таҳаввулоти минтақаӣ ва байналмилалӣ роҷеъ ба равобити дуҷонибаи ҳар ду кишвар дидору гуфтугӯ хоҳад кард [1, 2017. – 09 декабр].

Чунин навъи инъикоси воқеа дар фаъолияти рӯзноманигории кишварҳои гуногун роиҷ будааст. Ин намуна, ки аз Агентии иттилоотии Саудӣ иқтибос шуд, аз нигоҳи сохтор шомили ду қисм аст. Қисми аввал посух ба саволи маъмули чӣ? аст. Яъне, аз сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари Урдун хабар медиҳад, ки рӯзи 9 декабр сурат гирифтааст.

Қисми дуюми хабар ба мақсади сафар – баргузории мулоқот ва гуфтугӯйи Абдуллоҳи дуввум – подшоҳи Урдун бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба равобити дуҷонибаи ду кишвар равшанӣ меандозад.

Чунонки баррасӣ шуд, дар ин хабар тафсилоти муфассал вуҷуд надорад. Дар он танҳо доир ба сафари расмии шахси олимақоми як кишвар ба кишвари дигар иттилоот дода шудааст. Ба ин мазмун, онро аз нигоҳи шакл ва услуби баёни воқеа ба навъи хабари хроника метавон нисбат дод. Аломатҳои онро дар чунин ҷиҳатҳо: кӯтоҳ будани матн (дар ду ҷумла баён шудани воқеа), оҳанги расмӣ доштани рӯйдод, бо услуби маъмуриву идоравӣ баён шудани воқеа метавон муайян кард. Маълумоти дар ин хабар зикр шуда тоза аст, факт ва воқеаи он «нав ба вуқуъ омадааст ё акнун ба амал омаданаш мумкин аст» [252, с. 14]. Маҳз қисми дуюми хабари мазкур аз ба амал омадани воқеа – мулоқот дарак медиҳад.

Қисми аввали хабари мавриди назар бо вуҷуди мустақилияти иттилоотӣ як навъ ташреҳи сарлавҳаи матн шудааст. Унвони матн – «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар ба Урдунро оғоз мекунад» аллакай аз оғози сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Урдун мужда медиҳад. Ин усул бо вуҷуди чандон дуруст набудан дар хабаргузорӣ ва хабарнигории ВАО ва ба хусус агентиҳои иттилоотии аксарияти кишварҳо, аз ҷумла расонаҳои хабарии Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс маъмул шудааст. Ба далели фикр чанд хабарҳоеро ин ҷо зикр менамоем, ки дар онҳо такрори факт дар сарлавҳа ва матни хабар ба мушоҳида мерасад.

«Шоҳи Арабистони Саудӣ Раиси парлумони Тоҷикистонро ба ҳузур пазируфт

Ар-Риёз, 22 январ. Ходими ду масҷиди муқаддас, шоҳ Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд – подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, имрӯз, якшанбе дар Ар-Риёз, раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуровро ба ҳузур пазируфт.

Зимни зиёфат равобит ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба, ба хусус миёни шуроҳо ва шуроҳои намояндагони ду кишвар баррасӣ шуд» [1, 2017. – 22 январ].

Нахустин гурӯҳи зоирони тоҷик барои адои Ҳаҷ ба Арабистони Саудӣ сафар намуд

ДУШАНБЕ, 20.06.2022. Субҳи имрӯз нахустин гурӯҳи зоирони тоҷик барои адои маносики ҳаҷ ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сафарбар гардиданд. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Сироҷиддин Муҳриддин бо Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ суҳбати телефонӣ анҷом дод

ДУШАНБЕ, 12.08.2021 /АМИТ «Ховар»/. 11 август бо ташаббуси ҷониби саудӣ суҳбати телефонии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо Вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Подшоҳии Арабистони Саудӣ Одил ал-Ҷубайр баргузор гардид. Дар ин бора АМИТ «Ховар» бо истинод..... хабар медиҳад».

Тавре аз намунаҳои овардашуда бармеояд, дар таҳияи чунин навъи хабарҳо баръакси оҷонсиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс АМИТ «Ховар» ба паҳлуи дигар – зикри манобеи хабар низ аҳаммият медиҳад. Хусусияти хабарҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс дар он аст, ки дар аксарияти хабарҳо манбаи хабар ва номи муаллиф зикр нашудааст. Рӯзноманигорон ба ин талаботи хабарнависӣ камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Ба назари мо, таваҷҷуҳ намудан ба манобеи хабар ва зикри он дар матн, аз як тараф, масъулияти саҳеҳии иттилоотро ба дӯши манобеъ мегузорад, аз ҷониби дигар, таъсирнокӣ ва боэътимоднокии факту арқоми дар хабар истифодашударо баланд мебардорад.

Табиист, ки ин ё он жанр дар баробари қолаби муайян ва мушаххас доштан ҳамеша дар таҳаррик аст. Яъне, он тағйир меёбад, ғанӣ мегардад, вобаста ба марҳилаҳои инкишофи журналистикаи амалӣ, аз ҷумла ВАО кам ё зиёд мешавад. Ин қонуният дар муқоиса ба ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар фаъолияти рӯзноманигорони тоҷик бештар ба назар мерасад.

Шакли дигари хабарҳое, ки дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс истифода шудааст, хабари кӯтоҳ аст. Хабарҳои кӯтоҳ бо хабарҳои расмӣ як вижагии умумӣ доранд, ки онро мавзуи онҳо таъйин мекунад. Аксарияти хабарҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс воқеаву рӯйдодҳои сиёсиро фаро гирифтаанд, ки аз муносибат ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо онҳо дарак медиҳанд. Албатта, миёни воқеиятҳои бозгӯкунандаи ҳамкориҳои миёни кишварҳо рӯйдодҳои фарҳангӣ низ кам бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад. Барои он ки суханамон асос пайдо кунад, иктифо мекунем ба як намуна:

Омадани нахустин гурӯҳи сайёҳӣ аз Тоҷикистон ба Шарм-уш-Шайх

Нахустин гурӯҳи 187-нафарии сайёҳони тоҷик субҳи рӯзи шанбе бо ҳавопаймои «Сомон Эйр», яке аз ширкатҳои хусусии Тоҷикистон, аз пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе ба фурудгоҳи Шарм-уш-Шайх расиданд.

Хусрав Нозирӣ, сафири Тоҷикистон дар Қоҳира гуфт, ки ширкат то баҳори соли 2019 парвозҳои ҳафтаина анҷом хоҳад дод ва изҳори умед кардааст, ки

парвозҳо вобаста ба тақозои сайёҳони тоҷик, ки мехоҳанд, дар оянда сафар кунанд, истироҳат дар Шарм аш-Шайх идома ва афзоиш ёбад.

Сафир таъкид кард, ки бар асоси ҳисобҳои мисрӣ имсол ҳудуди ҳазор сайёҳи тоҷик тавассути ҳавопаймои Қазоқистон аз Миср дидан кардаанд [465].

Тавре аз мазмуни ин матн бармеояд, дар он ҷанбаи фарҳангӣ афзалият дорад. Дар хабар воқеаи муайян ва факти мушаххас истифода шудааст. Факти он тоза ва хушҳолкунанда аст, ки аз расидани нахустин гурӯҳи сайёҳони тоҷик ба фурудгоҳи Шарм-уш-Шайх дарак медиҳад. Аз нигоҳи сохтор ин хабар нисбатан пурра ва саҳеҳ аст. Ҷузъиёти онро зикри вақт, навъи ҳавопаймо, умедворӣ аз рушди сайёҳӣ ва теъдоди сайёҳони тоҷик, ки аз Миср дидан карданд, ташкил медиҳад. Ба таъбири муҳаққиқи тоҷик А. Нуралиев, «хабар инъикоси як ё якчанд факт аст. Маълумоти маъмулӣ ҷойи хабарро гирифта наметавонад» [176, с. 25].

Муҳаққиқон дар шинохти жанрҳо навъи васеи хабарро, ки дар он ҳолат ва воқеаҳои бо факт иртиботдошта нисбатан муфассал шарҳ дода мешаванд, имконпазир донистаанд. Ин навъи хабар воқеаи дорои аҳаммияти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ ва ғайраро фаро гирифта, имкони возеҳу равшан сохтани предмети инъикосро дорад. Ин навъи хабар, чунончи муҳаққиқ Ҷовид Муқим қайд намудааст, «бояд ба саволҳои чӣ рӯй дод?, кай?, дар куҷо?, бо кадом сабаб? дар кадом шароит ба амал омад? ва чӣ натиҷа дод? посух гӯяд». Ба назари ин муҳаққиқ, «мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ хабар бояд ба чунин саволҳо ҷавобгӯ бошад: «ширкаткунандагони воқеа кистанд?», «чӣ ҳодиса рӯй дод?», «дар куҷо?», «кай?», «чӣ гуна?» ва «дар он чӣ навигарие ҳаст?» [150, с. 11].

Чи агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва чи агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон аз ин навъи хабар ба таври фаровон истифода кардаанд. Барои тақвияти фикр рӯ меорем ба баъзе намунаҳо.

Тафоҳум байни АМА ва Тоҷикистон дар соҳаи неруи корӣ

Амороти Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби коргарони тоҷик ва густариши ҳамкориҳои онҳо дар самти татбиқи таҷрибаи пешқадам дар идоракунии давраи кори муваққатии шартномавӣ дар соҳаи неруи корӣ як ёддошти тафоҳум ба имзо расониданд.

Ёддошти тафоҳумро Носир бин Сонӣ Ал-Ҳомилӣ (ناصر بن ثاني الهاملي) – вазири захираҳои инсонии Аморот ва Сумангул Тағойзода – вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон имрӯз дар дафтари вазорат дар Абу-Забӣ бо ҳузури як иддае шахсони расмии ҳар ду тараф, имзо карданд.

Ал-Ҳомилӣ гуфт: «имзои меморандум дар ҳолест, ки ҳукуматҳои ду кишвар равобити мавҷудаи дӯстонаи байни онҳо ва хоҳиши онҳо барои таҳкими ин равобит тавассути тавсеъаи ҳамкориҳои дуҷониба дар заминаи нерӯи корӣ аст».

Тағойзода аз имзои ёддошти ҳусни тафоҳум, ки равобит ва ҳамкории ду кишвари дӯстро дар арсаи кор густариш хоҳад дод, изҳори хушнудӣ кард.

Аз сӯйи дигар, вазири меҳнати Тоҷикистон бо ҳамроҳии доктор Умар ан-Нуаймӣ, ёвари муовини вазири умури хориҷа дар умури иртиботот ва равобити байнулмилалӣ аз манзили коргарон дар Дубай дидан кард.

Вай ба дараҷаи манзили меҳнатӣ, ки тамоми шароит ва бехатариро муҳайё кардааст, баҳои баланд дод [3, 2018. – 16 апрел].

Вижагиҳои жанрии матни мавриди интихобро дар заминаи посух ҷустан ба чунин саволҳои хабарсоз муайян мекунем.

Чӣ? – ба имзо расидани як ёддошти тафоҳум байни Амороти Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Кай? – имрӯз.

Дар куҷо? – дар дафтари вазорат дар Абу Забӣ бо ҳузури як иддае шахсони расмии хар ду тараф.

Аз ҷониби кӣ? (киҳо) – Носир бин Сонӣ Ал-Ҳомилӣ – вазири захираҳои инсонии Аморот ва Тағойзода Сумангул – вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон.

Барои чӣ? – барои таҳкими ин равобит тавассути тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба дар заминаи нерӯи корӣ.

Дар кадом шароит? – дар ҳолест, ки ҳукуматҳои ҳар ду кишвар равобити мавҷудаи дӯстонаи байни онҳо ва хоҳиши онҳо барои таҳкими ин равобит тавассути тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба дар заминаи неруи корӣ аст.

Натиҷааш чӣ? – имзои ёддошти ҳусни тафоҳум равобит ва ҳамкории ду кишвари дӯстро дар арсаи кор густариш хоҳад дод.

Тафсилоти иловагӣ – Аз сӯйи дигар, вазири меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон бо ҳамроҳии доктор Умар ан-Нуаймӣ, ёвари муовини вазири умури хориҷа дар умури иртиботот ва равобити байнулмилалӣ аз манзили коргарон дар Дубай дидан кард.

Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар таҳияи хабар, асосан, аз усули анъанавӣ истифода намоянд ҳам, баъзан матнҳое ба назар мерасанд, ки бо шеваи нигориши ҳарами воруна навишта шудаанд. Аз ҷумла, дар чунин хабарҳо факти асосӣ ва ҷолиб дар қисмати аввали матн дар шакли лид ҷой дода шудааст, ки аз аносири сабки ҳарами воруна мебошад. «Дар журналистика ҳамин ҷумлаи аввалро, ки тамоми муҳтавои хабар ба он алоқамандӣ пайдо мекунад, лид меноманд» [157, с. 96]. Муҳаққиқ Суҳроби Мирзоалӣ бошад роҷеъ ба лид менависад, ки «Лид ин қисматест, ки дар он асос ё факти муҳимми рӯйдодро дарбар мегирад» [239, с. 118].

Истифодаи лид дар хабар чунин бартариҳоро ба миён оварда метавонад:

– ҷузъиёти нисбатан муҳимтарини матлаб ҷудо карда мешавад;

– хонанда барои дарёфти паёми хабарӣ камтар вақт сарф мекунад;

– мутолиаи матн хонандаро хаста намекунад;

– ҳисси кунҷковии хонанда ба мутолиаи матн фавран бедор мешавад;

– матни хабар бар пояи арзиши матолиб танзим мегардад;

– хонандаро ба мутолиаи хабар беҳтар тарғиб мекунад.

Маншаи ин тарзи хабарнигорӣ аз Ғарб аст, ки тадриҷан ба рӯзноманигории аксарияти кишварҳо роиҷ гардидааст.

Лид шарҳи содаву равшанест, ки аз як ё ду ҷумла иборат буда, асоси воқеии хабар, ҷавҳари маъноӣ ва сохтори матнро муайян мекунад. Муаллиф моҳияти фактро шарҳ дода, баъдан майдони иттилоотии рӯйдодро тавсеа мебахшад, онро бо иттилооти нав – рақамҳо, иқтибосҳо, истинодҳо ба манбаъҳои иттилооти дастрасшуда пурра мекунад. Вазифаи асосии лид диққати хонандаро ба матни асосӣ ҷалб кардан ва ӯро барои хондани хабар водор намудан аст. Лид одатан

пас аз сарлавҳа омада, аз матни асосӣ ба ранги ҳуруф фарқ кунонида мешавад. Дар муқоиса ба агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс дар агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон истифода аз усули лид маъмултар аст. Дар аксари хабарҳо навъи васеъ, ки дар ин агентӣ нашр гардидаанд, ғояи асосӣ ё хулосаи муҳим дар ибтидои мавод зикр гардида, ҷумлаи аввал муҳтаво, шакл ва имтиёзи хабарро муайян мекунад. Барои пайванди назарияву амал намунае аз хабари васеъро ин ҷо ба баррасӣ мекашем.

Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Қатар дар Давҳа

ДУШАНБЕ, 15.05.2017 /АМИТ «Ховар»/. Дар шаҳри Давҳа дар доираи сафари корӣ ба Давлати Қатар 13 май мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷидин Аслов (Муҳриддин) бо Вазири корҳои хориҷии Давлати Қатар Шайх Муҳаммад ибни Абдурраҳмон Оли Сонӣ баргузор гардид.

Тавре аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо ҳолат ва дурнамои густариши муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қатарро дар арсаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба роҳҳо ва механизмҳои татбиқи тавофуқоте, ки миёни роҳбарияти олии ду кишвар дар ҷараёни сафари расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қатар дар соли ҷорӣ ҳосил шуда буд, табодули назар карданд. Инчунин, дар робита ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

14-уми май Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи Форуми байналмилалии Давҳа ширкат намуд».

Дар ин намуна, ки бо сабки ҳарами воруна навишта шудааст, сархати аввал – баргузор шудани мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷидин Муҳриддин бо Вазири корҳои хориҷии Давлати Қатар Шайх Муҳаммад ибни Абдурраҳмон Оли Сонӣ воқеаи асосӣ буда, ба сифати лид хидмат кардааст. Сарлавҳа нисбатан гӯё ва мушаххас аст, ки моҳияти матнро ифода мекунад. Воқеа дар ду сархат бар асоси услуби ҳарами воруна ташреҳ

шудааст. Сархатҳои матн вазифаи ташреҳӣ ва асоснокгардониро ба дӯш доранд ва барои воқиф шудани хонанда аз раванди сафари вазири тоҷик ёрӣ мерасонанд.

Омӯзиш ва шиносоии маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс нишон медиҳад, ки наздики 90 %-и матолиби марбут ба муносибат ва ҳамкориҳои байни кишварҳо дар жанри хабар таҳия шудааст. Ин ба он маъно аст, ки агентиҳои иттилоотии мазкур ба жанри хабар бештар таваҷҷуҳ намудаанд, ҳарчанд, ки ахбори онҳо баъзан аз аносири ривоят бархӯрдоранд. Агар истифода аз сабки ҳарами ворунаро дар танзими иттилоот ҳамчун сабки муносиб дар рӯзноманигории ҳирфаӣ бипазирем, метавон гуфт, ки ВАО, ба хусус агентиҳои Тоҷикистон аз ин ҷиҳат бартарӣ доранд. Аксарияти хабарҳои марбут ба воқеоти ифодакунандаи муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ки дар ВАО-и Тоҷикистон ба табъ расидаанд, дар сабки ҳарами воруна таҳия шудаанд. Ағлаби воқеаҳои хабарсоз ба унсури хабарии кӣ? иртибот доранд. Аносири хабарсози чӣ?, чӣ гуна?, чӣ тавр? нисбатан камтар аст. Хабарҳое, ки дар онҳо унсури хабарии кӣ? бартарӣ дорад, аслан, нақли бавосита мебошанд, ки ағлаб аз забони ашхоси давлатӣ гирифта шудаанд. Дар сарлавҳаи аксари хабарҳое, ки дастраси мо гардид, ин арзиш марбут шудааст ба «ашхоси ҳақиқӣ ё ҳуқуқӣ, ки ба хотири фаъолиятҳояшон дар ҷомеа шинохта» шудаанд. Дар замина ба номи онҳое истинод шудааст, ки дар мақомоти баландпоя фаъолият намуда, шуҳрат ва эътибори мусбат доранд. Дар ин маврид аксаран хабарнигорон ба воқеаҳои марбут ба фаъолияти шахсиятҳои расмӣ такя намудаанд, ки корҳо ё хадамоташон ифодагари мақом ва манзалаташон аст. «Подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ телефонӣ бо Президенти Тоҷикистон таҳаввулоти минтақаро баррасӣ мекунад» (خادم الحرمين الشريفين يبحث هاتفيًّا مع رئيس طاجيكستان تطورات الأحداث في المنطقة. 2017/07/22), «Подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Раиси порлумони Тоҷикистонро ба ҳузур пазируфт» (خادم الحرمين الشريفين يستقبل رئيس مجلس النواب في طاجيكستان. 2017/01/22), «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Урдун меояд» (2017/12/09 .رئيس جمهورية طاجيكستان يصل الاردن), «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди Кувайт шуд» (.رئيس جمهورية طاجيكستان يصل الكويت23 يونيو 2013), «Президенти Тоҷикистон бо сардори ситоди артиши Покистон

таҳаввулоти минтақавиро баррасӣ мекунад» (رئيس طاجيكستان يبحث مع رئيس أركان الجيش 01 2016 مارس), «Сарвазири Қатар бо сарвазири Тоҷикистон масоили минтақаӣ ва байналмилалиро баррасӣ кардааст» (رئيس الوزراء القطري يبحث القضايا الاقليمية والدولية مع رئيس الوزراء الطاجيكي. 2015/09/20), «Раҳбарият Президенти Тоҷикистонро бо рӯзи истиқлоли кишвараш табрик гуфтааст» (القيادة تهنئ رئيس طاجيكستان بذكرى استقلال بلاده. 2019/09/08), «Президенти Тоҷикистон ва Дабири кулли Созмони ҳамкориҳои исломӣ ҳамкорӣ ва чолишҳое, миллати исломӣ бо он рӯ ба рӯ аст, баррасӣ карданд» (رئيس طاجيكستان وأمين عام منظمة التعاون الإسلامي يبحثان التعاون والتحديات التي تواجه الأمة الإسلامية. 2016/01/05) ва ғайра аз намунаи сарлавҳаҳое мебошанд, ки арзиши шуҳрат дошта, аз эътибори хосса доштани Президенти Тоҷикистон дар умури корҳои давлатдории кишварҳои араби Халиҷи Форс дарак медиҳанд.

Ҳар гуна хабар, бо вуҷуди кӯтоҳ ва муъҷаз будан, матлаби хушк ва берӯҳ нест, балки он навиштаест, ки сохтори муайян дошта, то ҳади имкон таваҷҷуҳи хонандаро ба дарки моҳияти рӯйдодҳо фурӯ мебарад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби донишманди тоҷик И. Усмонов аст, ки навиштааст: «Сохтори матни хабар аз ҳадафи жанр бармеояд. Яъне, тез хабар додан, тарзе хабар додан, ки бо як хондан ё шунидан фаҳмида шавад. Воқеаро бе орову пардоз гуфтан ва сухани аслиро бурро баён кардан. Ҳамин мақсад талаб мекунад, ки матн бо забони адабии оммафаҳм баён шавад, калимаву ибораҳо набояд духӯра бошанд, воситаҳои эҳсосии баёни фикр истифода нашаванд. Матн ва унвон пурра мувофиқат намоянд. Оғози матни хабар бояд ҷаззоб бошад. Албатта, ҷозиб буданро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад. Масалан, матбуоти булварӣ ҷозиб буданро бо валвала ҳамсон медонад. Ҳол он ки ҷозиб будан танҳо маънои бо худ ҷазб карданро дорад. Ин корро ба воситаи дар ҷойи аввал овардани факти асосӣ низ иҷро кардан мумкин аст. Дар хабар бе мақсад овардани унвонҳо, вазифаҳо ва насабҳо, пайвастани факти асосӣ ба кадом як воқеаи дуюмдараҷа зарурат надорад, зеро ҳусни хабарро мекоҳонад» [250, с. 21-22].

Аз таҳлили вижагиҳои хабарии маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва ҳамчунин АМИТ «Ховар» ба чунин натиҷа расидем, ки

хабар дар кулли онҳо дар муқоиса бо жанрҳои дигари публитсистика серистеъмол будааст. Тарзи таҳияи хабарҳо дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон фарқ мекунад. Агар дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс усули анъанавӣ ва баъзан номунназами таҳияи хабар маъмул бошад, дар агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон сабки ҳарами воруна нисбатан бартарӣ дорад.

Б) Ҳисобот. Ҳисобот аз жанри ахборӣ буда, дар радио бо истилоҳи ҷараёнот ва дар телевизион бо номи гузориш шинохта мешавад. Аз ин рӯ, дар журналистикаи амалӣ, хосса журналистикаи телевизионӣ гоҳо ҳисоботро бо репортаж омехта карда, ҳар ду ин жанрро гузориш мегӯянд. Ин аз нигоҳи касбӣ дуруст набуда, пеш аз ҳама, ба табиат ва хусусияти кори телевизион вобаста аст. Азбаски тамоми жанрҳои телевизионӣ, аз ҷумла, ҳисобот хусусияти намоишӣ доранд ва аз ҷойи воқеа пахш карда мешаванд, хоҳу нохоҳ, ҷанбаи гузоришӣ пайдо мекунанд. Инро ба назар гирифта, муҳаққиқ И. Усмонов фарқи байни ҳисобот ва репортажро нишон дода таъкид мекунад, ки «ҳисобот ҳамчун яке аз жанрҳои хабарӣ дар бораи воқеаҳое навишта мешавад, ки онҳо дар сухан ифода ёфтаанд» [250, с. 42].

Воқеан ҳам, ҳисобот ва репортаж ва ҳамчунин хабар аз вижагиҳои умумӣ бархӯрдоранд, зеро ҳамаи онҳо намояндагони гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ маҳсуб меёбанд. Дар муқоиса ба репортаж ҳисобот бо хабар наздикӣ дорад, аммо чунончи М. Муродӣ навиштааст: «Предмети инъикоси ҳисобот нисбат ба предмети хабар маҳдудтар аст. Агар тамоми навгониҳои олам предмети инъикоси хабар интихоб шаванд, ҳисобот асосан, аз конференсияву анҷуманҳо, вохӯриву ҷамъомадҳо, мурофиаҳои судӣ ва ғайра навишта мешавад. Ба ибораи дигар, ҳисобот дар бораи воқеаҳое навишта мешавад, ки амалӣ шудани онҳо пешакӣ маълум аст. Яъне, воқеае, ки баргузор шудааст, идома дорад ва ё баргузориаш дар назар аст» [157, с. 130].

Дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва ҳамчунин воситаҳои ахбори оммаи тоҷик дар контексти қолабҳои жанрие, ки дар онҳо воқеиятҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби

Халиҷи Форс инъикос ёфтаанд, ба матнҳое дучор мешавем, ки аз нигоҳи шаклу сохтор ба талаботи жанри ҳисобот ҷавобгӯ мебошанд. Азбаски чунин матолиб дар аксарияти агентиҳо қолаби умумӣ доранд, ба сифати муште аз хилвор бо баррасии намунаҳо қаноат мекунем.

Матни «Кумитаи корҳои динӣ дар Тоҷикистон талошҳои Шоҳигариро дар паҳн намудани миёнаравӣ ва мубориза бо терроризм қадр мекунад», ки дар АИС ба табъ расидааст, аз нигоҳи жанр ҳисобот аст. Предмети инъикоси ин ҳисобот ҷаласаи нахустини Кумитаи муштараки ҳамоҳангсози лоиҳаи тафоҳумномаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои исломии Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои муштараки ду ҷониб дар самти мусоидат ба эътидол ва даст кашидан аз мухолифатҳои экстремизм, зӯроварӣ, ифротгароӣ ва терроризм доир гардидааст.

Сархати аввали ҳисобот намои хабар аст, ки аз воқеа иттилоъ медиҳад. Ин воқеа ба сухан иртибот мегирад, ки он баргузории ҷаласаи нахустин аст. Аммо дар ин сархат кай ва дар куҷо баргузор шудани ҷаласа мушаххасан нишон дода нашудааст.

Пас аз сархати фабулӣ (мундариҷавӣ) иштироки ҳайатҳо, раисикунандаи мулоқот, сухангӯён ва мазмуни суханрониҳо мухтасаран баён шудааст. Аз ҷумла, «Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дини Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати худ изҳори умед кард, ки ин нишаст ибтидои пешрафтҳои наве хоҳад буд, ки ба мусулмонони тамоми ҷаҳон барои таъкиди эътидоли ислом ва мубориза бо ифротгароӣ манфиат меорад, ки симои мусулмононро таҳриф карда, нишон медиҳад» [1, 2019. – 07 феврал].

Як вижагии ҳисобот дар он аст, ки мавзуи он муайян буда, вазифаи мухбир мушаххас аст. Мавзуъ таҳкими ҳамкориҳо аст, ки дар ҳошияи он ҷаласаи сатҳи баланд бо иштироки ҳайати Арабистони Саъудӣ бо роҳбарии муовини вазири умури исломӣ доктор Абдулло Ал-Самил ва Тоҷикистон таҳти сарварии раиси Кумитаи дин доктор Сулаймон Давлатзода баргузор гардидааст. Мақсад аз таҳияи ҳисобот аз ин воқеа иттилоъ додан, дар бораи он муфассал нақл кардан аст. Нақли воқеа дар ин ҳисобот бо фарогирии ҳаҷму андоза, моҳият ва натиҷа

сурат гирифтааст. Дар матни ҳисобот ба аносири жанрӣ эътибори хосса дода шудааст. Хонанда на танҳо доир ба баргузории ҷаласа иттилоъ мегирад, чунончи хоси жанри хабар аст, балки аз рафти баргузории ҷаласа ва мавзуъҳои матраҳшуда низ огаҳӣ пайдо мекунад. Ба таъбири А. Нуралиев «ҳисобот нисбатан пурра ҳикоя намудани воқеаи мушаххаси ҷудогонае мебошад, ки муаллиф мушоҳида кардааст. Ҳикояи воқеа дар чорчӯбаи фазову вақти фарогирандаи факти инъикосшаванда то андозае маҳдуд карда мешавад. Дар он баёни ботафсили воқеа, ҳикояи тамоми ҷузъиёти он ба назар мерасад» [176, с. 49]. Ба ин мазмун, дар ин ҳисобот на танҳо дар бораи ҳодиса хабар дода шудааст, балки хусусияти он нисбатан муфассал ва бо ҷузъиёташ нақл карда шудааст.

Аз нигоҳи сохт ҳисоботи мавриди баррасиро ба навъи ҳисоботи умумӣ нисбат додан дуруст аст, зеро дар он воқеа (ҷаласа) бо тамоми ҷузъиёташ ба таври умумӣ ва мухтасар инъикос шудааст. Ҳарчанд матни он ҳаҷман калон буда, аз доираи хабари васеъ берун аст, аммо аз аносири таҳлилӣ низ орӣ аст.

Ҳамин тавр, матнҳои «Подшоҳӣ ва Тоҷикистон дар дидоре ҳамкориҳои дуҷонибаро дар арсаи исломӣ баррасӣ мекунанд», «Муҳаммад бин Зоид ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Чолишҳои зиёд ба суботи минтақа таҳдид мекунанд» [458], «Кумитаи машваратии консулгарии Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон нахустин ҷаласаи худро баргузор мекунад» [454], «Бо вазири хориҷии Тоҷикистон дидор ва аз масҷиди ҳазрати Имом ва Қасри фарҳангии Наврӯз дидан кард» [429] ва амсоли ин матнҳое мебошанд, ки дар қолаби жанри ҳисобот шакл гирифтаанд.

